ISSN 2790-7198

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES

# ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# АЗИЯ И ЕВРОПА

**(научный журнал)**

# ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

№ 1 (17), 2024

Душанбе - 2024

**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;
**Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ** – муовини сармуҳаррир;
**Ҳабибов Абдураҳмон** – котиби масъул.

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

**Хушвахтзода Қобилҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, президенти АМИТ;
**Фарҳод Раҳимӣ** – академики АМИТ;
**Муҳаммад Абдурраҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ;
**Акбар Турсон** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Ҳабибулло Раҷабов** – доктори илмҳои филологӣ;
**Тоҷиддин Мардонӣ** – доктори илмҳои филологӣ;
**Санавбар Воҳидова** – доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо Искандаров** – доктори илмҳои таърих;
**Турсунмурод Турсунов** – доктори илмҳои таърих;
**Шамсиддин Каримов** – доктори илмҳои сиёсӣ;
**Раҳмон Улмасов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҳисайн Исайнов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Баҳовиддин Ҷумъаев** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Фирдавс Муқаддасзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ғиёсиддин Қодиров -** номзади илмҳои филологӣ;
**Субҳиддин Зиёев -** номзади илмҳои филологӣ.

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати берунӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, забон ва адабиёти кишварҳои хориҷа ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 305/МҶ – 97 санаи 26 июли соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

**Индекси обунавӣ: 77731**

Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 270/м аз 29 ноябри соли 2022 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Маҷалла дар Индекси русии иқтибосоварии илмӣ (РИНЦ) ба қайд гирифта шудааст.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72.
Сомонаи мо: **https://www.osiyoavrupo.tj/majalla.**
E-mail: **kotibi_ilmi.amit.ioa@mail.ru**

Осиё ва Аврупо/Маҷаллаи илмӣ. – 2024 – № 1 (17). ISSN 2790-7198.

**Хайдарзода Рустам Джура** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;
**Рахмонзода Азимджони Шерали** – заместитель главного редактора;
**Хабибов Абдурахмон** – ответственный секретарь.

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

**Хушвахтзода Кобилджон** – доктор экономических наук, президент НАНТ;
**Фарход Рахими** – академик НАНТ;
**Мухаммад Абдуррахмон** – доктор политических наук, член-корреспондент НАНТ;
**Акбар Турсон** – доктор философских наук, академик НАНТ;
**Хабибулло Раджабов** – доктор филологических наук;
**Тоджиддин Мардони** – доктор филологических наук;
**Санавбар Вохидова** – доктор исторических наук;
**Косимшо Искандаров** – доктор исторических наук;
**Турсунмурод Турсунов -** доктор исторических наук;
**Шамсиддин Каримов**– доктор политических наук;
**Рахмон Ульмасов** – доктор экономических наук;
**Хисайн Исайнов** – доктор экономических наук;
**Баховиддин Джумъаев** – доктор экономических наук;
**Фирдавс Мукаддасзода** – доктор экономических наук;
**Гиёсиддин Кодиров** – кандидат филологических наук;
**Субхиддин Зиёев -** кандидат филологических наук.

**Haidarzoda Rustam Jura** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;
**Rahmonzoda Azimjoni Sherali** – Deputy of Chief Editor;
**Habibov Abdurahmon** – Executive Secretary.

## EDITORIAL TEAM

**Khushvakhtzoda Kobiljon** – doctor of economic sciences, President of NAST;
**Farhod Rahimi** – Academician of the NAST;
**Muhammad Abdurahmon** – doctor of political sciences;
**Akbar Turson** – Academician of the NAST, doctor of philosophy sciences;
**Habibullo Rajabov** – doctor of philology sciences;
**Tojiddin Mardoni**– doctor of philology sciences;
**Sanavbar Vohidova** – doctor of historical sciences;
**Qosimsho Iskandarov** – doctor of historical sciences;
**Tursunmurod Tursunov** – doctor of historical sciences;
**Shamsiddin Karimov -** doctor of political sciences;
**Rahmon Ulmasov** – doctor of economic sciences;
**Hisain Isainov** – doctor of economic sciences;
**Bahoviddin Jumaev** – doctor of economic sciences;
**Firdavs Muqaddaszoda** – doctor of economic sciences;
**Giyosiddin Qodirov** – candidate of philology sciences;
**Ziyoev Subhiddin** - candidate of philology sciences.

# МУНДАРИҶА

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ҳайдарзода Р.Ҷ., Файзуллаев Х.Ҳ.** Моҳияти «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон: таҳлили фалсафӣ **7**
**Искандаров Қ., Назаров У.Қ.** Оид ба масъалаи ҳамгироии Осиёи Марказӣ дар даҳаи дуюми асри XXI: векторҳои геосиёсӣ ва механизмҳои хамкорӣ **15**
**Воҳидова С., Гулбердиев Ш.** Сиёсати Олмон дар самти мутобиқсозии иҷтимоии муҳоҷирон **25**
**Саидов Н.Ш.** Мақоми Шурои ҷамъиятӣ дар муаррифӣ ва таҳкими сиёсати хориҷии Тоҷикистон **31**
**Раҳмонзода А.Ш., Алиева Ш.** Тағйирёбии муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар шароити ҷаҳонишавӣ **39**
**Мирзоев Ҳ.Т., Мирзоев Н.М.** Марҳилаи нави ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой **49**
**Зиёев С.Н.** Нақши ташкилоти террористии «Ихвон-ул-муслимин» дар бесуботии вазъи Сурия **55**
**Давлиёрова С.Т., Иматова Р.Д.** Ҷойгоҳи равобити фарҳангӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ **62**
**Ашуров А., Қурбонова Ш.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо дар ибтидои асри XXI **70**
**Маликов К.К.** Вижагиҳои иттиҳодияҳои ҳамгирой дар арсаи байналмилалӣ **75**
**Ходжаев М.П., Мирзоев Х.Т** Муносибатҳои тиҷоратӣ ва сафоратии Мовароуннаҳр ва Хуросон дар асрҳои **XIV-XV** **81**
**Раҳмонов М.** Ҷойгоҳи геополитикӣ ва иқтисодии Осиёи Ҷанубӣ **90**
**Салимов А.Ҳ.** Туркия ва Иттиҳоди Аврупо: мушкилот ва дурнамо дар раванди ҳамгирой **96**
**Давлатова Ф.Г.** Нақши Абумуслими Хуросонӣ дар таъсиси давлати Аббосиҳо **104**
**Нарзиев Ҷ.Б.** Ташаббусҳои стратегии Япония дар Осиёи Марказӣ **111**
**Абдусаломов М.М.** Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО: дастовард, мушкилот ва дурнамо **117**
**Қудратзода К.А.** Таъсири вазъи низомиву сиёсии Афғонистон ба шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1991-1997) **126**

## ШАРҚШИНОСӢ

**Шаҳлохон М.** Адаб чун сарчашмаи осори ахлоқии Абулҳасани Мовардӣ **142**
**Гулова Г.** Нақши Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр дар таҳаввули шеъри муосири Эрон **148**
**Ғафуров М.** Аввалин маҷмуаҳои зарбулмасалу мақолҳои арабӣ **156**
**Салимов Ю.** Рақамикунонӣ ва нақши он дар таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон **163**
**Раҳмонзода А.Ш., Раимзода М.Н.** Пешвои миллат – асосгузори Неругоҳи барқи обии Роғун **170**

## ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

**Ҳабибов А., Раҳмонов У.** Модели муосири рушди кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ **177**
**Баротов Л.** Индикаторҳои муҳити сармоягузорӣ ва ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар онҳо **181**
**Қурбонзода Ф.** Дедолларизатсия. Асъори рақамӣ- ояндаи иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ **192**
**Раҳмонзода М.Б.** Заминаҳои пайдоиши равобити иқтисодӣ-сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон **199**
**Раҷабов Д., Ҳабибов А.** Ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ **206**

# СОДЕРЖАНИЕ

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

**Хайдарзода Р.Дж., Файзуллаев Х.Х.** Философский анализ объявления «Года правового просвещения» в Таджикистане **7**

**Искандаров К., Назаров У.К.** К вопросу об интеграции Центральной Азии во втором десятилетии XXI века: геополитические векторы и механизмы сотрудничества **15**

**Вохидова С., Гулбердиев Ш.** Политика Германии в сфере социальной адаптации мигрантов **25**

**Саидов Н.Ш.** Роль общественного совета в представлении и укреплении внешней политики Таджикистана **31**

**Рахмонзода А.Ш., Алиева Ш.** Трансформация международных отношений Республики Таджикистан с Европейским Союзом в условиях глобализации **39**

**Мирзоев Х.Т., Мирзоев Н.М.** Новый этап сотрудничества Таджикистана и Китая **49**

**Зиёев С.Н.** Вклад террористической организации «Ихван-ул-муслимин» в нестабильности ситуации в Сирии **55**

**Давлиёрова С.Т., Иматова Р.Д.** Место культурных связей в системе международных отношений **62**

**Ашуров А., Курбонова Ш.** Республика Таджикистан в оси внешней политики Европейского Союза в начале XXI века **70**

**Маликов К.К.** Особенности интеграционных объединений на международной арене **75**

**Ходжаев М.П., Мирзоев Х.Т.** Посольские и торговые связи Мавераннахра и Хорасана в XIV-XV вв. **81**

**Рахмонов М.** Геополитика и экономика Южной Азии **90**

**Салимов А.Х.** Турция и Европейский Союз: проблемы и перспективы в интеграционном процессе **96**

**Давлатова Ф.Г.** Роль Абу Муслима Хурасани в создании государства Аббасидов **104**

**Нарзиев Дж.Б.** Стратегические инициативы Японии в Центральной Азии **111**

**Абдусаломов М.М.** Культурное сотрудничество Республики Таджикистан с ЮНЕСКО: достижения, проблемы и перспективы **117**

**Кудратзода К.А.** Влияние военно-политической ситуации в Афганистане на эскалацию гражданской войны в Таджикистане (1991-1997 гг.) **126**

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

**Шахлохон М.** Литература как источник нравственных творений Абулхасана Моварди **142**

**Гулова Г.** Роль Мухаммадхоссана Шахрияра в развитии современной иранской поэзии **148**

**Гафуров М.** Первые коллекции арабских пословиц и поговорок **156**

**Салимов Ю.** Цифровизация и ее роль в обеспечении информационной безопасности Таджикистана **163**

**Рахмонзода А.Ш., Раимзода М.Н.** Лидер нации – основатель Рогунской ГЭС **170**

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

**Хабибов А., Рахмонов У.** Современная модель развития стран Юго-Восточной Азии **177**

**Баротов Л.** Индикаторы инвестиционной среды и место стран Восточной Азии в них **181**

**Курбонзода Ф.** Дедолларизация. Цифровая валюта – будущее мировой цифровой экономики **192**

**Рахмонзода М.Б.** Основы экономико-инвестиционных отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Индия **199**

**Раджабов Д., Хабибов А.** Формирование цифровой экономики в странах Центральной Азии **206**

# CONTENTS

## INTERNATIONAL RELATIONS

**Haidarzoda R.J. Faizullaev Kh.H.** Philosophical analysis of the announcement of the "Year of legal education" in Tajikistan **7**
**Iskandarov K., Nazarov U.K.** On the issue of integration Central Asia in the second decade of the XXI century: geopolitical vectors and mechanisms of cooperation **15**
**Vohidova S., Gulberdiev Sh.** German policy in the field of social adaptation of migrants **25**
**Saidov N.Sh.** The authority of the Public council in the presentation and determination of the foreign policy of Tajikistan **31**
**Rahmonzoda A.Sh., Alieva Sh.** Transformation of international relations of the Republic of Tajikistan with the European Union in the conditions of globalization **39**
**Mirzoev H.T., Mirzoev N.** New stage of cooperation between Tajikistan and China **49**
**Ziyoev S.N.** The role of the terrorist organization "Ikhwan-ul-muslimin" in destabilizing of Syria **55**
**Davliyorova S.T., Imatova R.D.** The place of cultural in the system of international relations **62**
**Ashurov A.*M.*, Kurbanova Sh.** The Republic of Tajikistan in the axis of foreign policy of the European Union at the beginning of the XXI century **70**
**Malikov K.K.** Features of integration associations in the international arena **75**
**Khojaev M.P., Mirzoev H.T.** Embassy and trade relations of Maverannahr and Khorasan in XIV-XV centuries **81**
**Rahmonov M.** The geopolitic and economy of South Asia **90**
**Salimov A.H.** Turkey and European Union: problems and prospects in the integration process **96**
**Davlatova F.G.** The role of Abu Muslim Khurasani in the creation of the Abbasid state **104**
**Narziev J.B.** Japan's Strategic Initiatives in Central Asia **111**
**Abdusalomov M.M.** Cultural cooperation of the Republic of Tajikistan with UNESCO: achievements, problems and prospects **117**
**Kudratzoda K.A.** Influence of the military-political situation in Afghanistan on the escalation of the civil war in Tajikistan (1991-1997) **126**

## ORIENTAL STUDIES

**Shahlokhan M.** Literature as a source of the moral works of Abulhasan Movardi **142**
**Gulova G.** The role of Muhammad Hossain Shahriyar in the development of modern Iranian poetry **148**
**Gafurov M.** The first collections of Arabic proverbs and sayings **156**
**Salimov Y.** Digitalization and its role in ensuring information security of Tajikistan **163**
**Rakhmonzoda A.Sh., Raimzoda M.N.** The leader of the nation is the founder of the Rogun hydropower plant **170**

## WORLD ECONOMY

**Habibov A., Rahmonov U.** Modern model of development of South-East Asia **177**
**Barotov L.** The investment climate indicators and the place of East Asian countries in their rankings **181**
**Kurbonzoda F.** Dedollarization. digital currency is the future of the global digital economy **192**
**Rahmonzoda M.B.** The foundations of economic-investment relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of India **199**
**Rajabov D., Habibov A.** Formation of digital economy in Central Asian countries **206**

***МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

# МОҲИЯТИ «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ» ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ

**ҲАЙДАРЗОДА Р. Ҷ.**
директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа
Тел.:(+992) 937-30-87-87. E-mail: rustam86@hotmail.com

**ФАЙЗУЛЛАЕВ Х.Ҳ.**
докторанти PhD-и кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Тел.:(+992) 985-86-32-08. E-mail: donomkafal@mail.ru

*Эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон бахшида ба 30-юмин солгарди қабули Конститутсия дар манзараи иҷтимоию сиёсии кишвар марҳалаи муҳимро ифода мекунад. Ҳадафи ин мақола омӯхтани асосҳои фалсафии ин эъломия ва таҳқиқи паёмадҳои он аз дидгоҳҳои гуногуни фалсафӣ мебошад. Дар мақола, аз нигоҳи фалсафӣ якчанд ҷанбаҳои асосии ин эълон баррасӣ шудааст: 1) Заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ки шароити қабули ин эъломияро шакл додаанд. 2) Тибқи нигоҳи онтологӣ ин эълон мавҷудияти таълими ҳуқуқиро ҳамчун як ҷанбаи объективии ҷомеа таъкид менамояд. 3) Аз нигоҳи гносеологӣ эълони мазкур таҳлилу баррасиҳоро вобаста ба сарчашмаҳо, шаклҳо ва усулҳои азхудкунии дониши ҳуқуқӣ дар бар мегирад. 4) Тибқи нигоҳи аксиологӣ эълон арзиши воқеии таълимоти ҳуқуқӣ, арзиши ахлоқии маърифати ҳуқуқӣ, арзиши инструменталӣ дар пешбурди ҳадафҳо, ормонҳо ва эҳтиёҷоти инфиродӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. 5) Аз нигоҳи фалсафаи ҳуқуқ масъалаҳое, монанди меъёри ҳуқуқӣ, адолатпарварӣ, ӯҳдадориҳои қонунӣ, плюрализми ҳуқуқӣ ва этикаи ҳуқуқӣ перомуни эълони мазкур матраҳ мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *соли маърифати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ, меъёри ҳуқуқӣ, фалсафа, фалсафаи ҳуқуқ, заминаи таърихӣ-иҷтимоӣ, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, арзишшиносӣ.*

Соли 2024 тибқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар санаи 28.12.2023 ироа гашт[2] ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №668 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид [3]. Ин тасмим ҳам ба муносибати 30-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуд, зеро он 6-уми ноябри 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ ҳамчун Сарқонун қабул гардид ва ҳам бо мақсади «баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бардоштани мақоми қонун ва тарғиби арзишҳои демократӣ» [15]. Албатта масъалаи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз солҳо пеш мавриди таваҷҷуҳ ва таъкиди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта буд. Дар ин самт фармонҳо ва қарорҳои гуногун содир шудаанд [11, с.10], [4]. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсия давлати ҳуқуқбунёд мебошад [1]. Яъне ҳуқуқ бо давлат дар робитаи ногусастанӣ қарор

дорад. Аз ин рӯ, эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар пасманзари таҷлил аз 30-умин солгарди Конститутсия, на танҳо як марҳалаи муҳими таърихи конститутсионии Тоҷикистонро таҷлил мекунад, балки содиқ будани ҳукуматро барои баланд бардоштани дониш ва огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон бори дигар тасдиқ мекунад.

Эълони мазкурро аз ҷиҳатҳои гуногун метавон таҳлилу баррасӣ кард. Ҳадафи ин мақола таҳқиқи ҷиҳатҳои фалсафии ин эъломия ва равшанӣ андохтан ба натиҷаҳои пурсамари он мебошад. Аз нигоҳи фалсафӣ эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» якчанд ҷанбаҳои асосиро дар бар мегирад:

● Заминаи таърихӣ-иҷтимоӣ. Ҳангоми таҳлили падидаҳои иҷтимоӣ, файласуфон аксар вақт заминаи таърихӣ ва иҷтимоии онро баррасӣ мекунанд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки омилҳои сохторӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ)-ро, ки ба падидаҳо таъсир расонида, паёмадҳои эҳтимолиро барои ҷомеа бавуҷуд меоваранд, дарк кунанд. Масалан тибқи фалсафаи Карл Маркс, ки ба материализми таърихӣ таъкид мекунад, контексти таърихӣ дар дарки дурусти падидаҳои иҷтимоӣ, форматсияҳои ҷамъиятӣ, муборизаҳои синфӣ, тараққиёти иктисодӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад [6]. Ҳамчунин таҳқиқоти фалсафии Мишел Фуко бо усули генеалогӣ (насабшиносӣ) аксар вақт таҳлили таърихиро ҳамчун воситаи ошкор кардани ҳолатҳо ва муносибатҳои қудратие, ки институтҳо, гуфтугӯҳо ва амалияҳои иҷтимоиро ташаккул медиҳанд, дар бар мегирад [8]. Файласуфони дигар, монанди Фридрих Нитше, Ҳанна Арендт ва Волтер Бенёмин [16] низ тарафдори равише мебошанд, ки таҳлили таърихиро бо таҳқиқоти фалсафӣ барои ба даст овардани дарки амиқтари падидаҳои иҷтимоӣ пайваст мекунад. Заминаи таърихӣ-иҷтимоиро баъзан «назарияи сабабияти иҷтимоӣ-таърихӣ» низ номидаанд [9, с.28-29].

Бинобар ин, барои фаҳмидани ҷанбаҳои фалсафии эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» зарур аст, ки ба заминаи таърихӣ ва мантиқи ин тасмим таваҷҷуҳ кунем. Аз ин назар, баррасии заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии эълони мазкур рӯйдодҳои таърихӣ, шароити иҷтимоӣ ва омилҳои сиёсиро дар бар мегирад, ки шароити қабули ин эъломияро шакл додаанд. Файласуфон метавонанд таҳқиқ кунанд, ки чӣ гуна рӯйдодҳои гузашта, ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва тағйироти сиёсӣ ба рушди маорифи ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон таъсир расонидаанд. Илова бар ин, баррасии заминаи таърихӣ-иҷтимоӣ ба файласуфҳо кӯмак мекунад, ки самаранокӣ ва афзалиятнок будани эъломияи ҳукумат ва таъсири он ба гурӯҳҳо ва ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ дар дохили кишварро арзёбӣ кунанд. Дар ҳар сурат, аз нигоҳи фалсафӣ, таъкид ба 30-солагии Конститутсия масири таърихии рушди ҳуқуқӣ ва сиёсии Тоҷикистонро пас аз истиқлолият муҳим ва барҷаста нишон медиҳад. Эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» таҳаввулоти системаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии кишварро дар се даҳсолаи охир эътироф намуда, марҳалаҳо, ислоҳот ва мушкилоти дар ин роҳ дучоршударо таъкид мекунад. Он на танҳо ҳамчун як шиори тантанавӣ, балки як фурсат барои таҳлилу андешаронии фалсафӣ дар бораи ҳаракати Тоҷикистон ба сӯи идоракунии демократӣ ва пешрафти ҷомеа, эътирофи дастовардҳо, муқовимат бо чолишҳо ва тасдиқи ӯҳдадориҳо барои бунёди давлати одилона ва шукуфон мебошад.

● Ҷанбаи ҳастишиносии эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Ҳастишиносӣ ё худ онтология таълимот дар бораи ҳастӣ буда, як бахши муҳими фалсафаро ташкил медиҳад ва принсипҳои бунёдии ҳастӣ, моҳияти умумитарин ва мақулаҳои ҳастиро меомӯзад. Мақулаи ҳастӣ ҳангоми эҷоди тасвири фалсафии олам ба ҳайси мафҳуми бунёдӣ, асосӣ

амал мекунад. Дар мазмуни он на танҳо баёни худи далели вуҷудият, балки инчунин асоснок кардани чизе, ки сарфи назар аз муносибати мо ба он дар асл вуҷуд дорад, ҷой дода шудааст [10, с.315-316].

Аз нигоҳи онтологӣ эълон шудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон, ҳам эътирофи робитаи ҳуқуқ ва инсонро ифода мекунад ва ҳам мавҷудияти таълими ҳуқуқиро ҳамчун як ҷанбаи объективии ҷомеа таъкид намуда, дурнамои дигаргунсозандаи онтологиро оид ба табиати ҳуқуқ, қонуният, идоракунӣ ва ташкили ҷомеа инъикос менамояд. Бо авлавият додан ба саводнокии ҳуқуқӣ, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аҳамияти ҳастии қонунро дар ташаккули шахсият, арзишҳо ва меъёрҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ эътироф карда, ӯҳдадориро барои таҳкими ҷомеае, ки ба принсипҳои онтологии адолат, баробарӣ ва волоияти қонун асос ёфтааст, таҷассум мекунад. Аз нуқтаи назари онтологӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ҳамчун воқеияти мушаххас ва низоми расмишудаи таълим эътироф карда мешавад, ки дар ташаккули шуури фардӣ ва коллективӣ оид ба меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Ҳукумат бо муайян кардани як соли мушаххас барои пешбурди маърифати ҳуқуқӣ аҳамияти онтологии дониш ва саводнокии ҳуқуқиро дар ташаккули ҷомеаи одилона ва ботартиб эътироф мекунад. Дар навбати худ, ин эътироф маърифати ҳуқуқиро ҳамчун ҷузъи муҳими сохтори ҷамъиятию сиёсӣ, ки ба принсипҳои онтологии адолат ва волоияти қонун асос ёфтааст, инъикос мекунад.

Албатта, аз нигоҳи ҳастишиносӣ воқеиятҳои субъективӣ ва объективии масъала низ бояд мадди назар қарор гирад. Таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ҳам воқеиятҳои субъективӣ ва ҳам объективиро фаро мегирад. Аз ҷиҳати субъективӣ, он аз худ намудани дониш, малака ва арзишҳои марбут ба ҳуқуқ ва адолат иборат буда, тасаввурот ва муносибати шахсонро нисбат ба низомҳои ҳуқуқӣ ташаккул медиҳад. Аз ҷиҳати объективӣ, таълими ҳуқуқӣ дар чаҳорчӯби институтсионалӣ ва сохторҳои иҷтимоӣ ҷойгир шуда, меъёрҳо ва арзишҳои васеътари ҷамъиятиро инъикос мекунад. Аз нуқтаи назари онтологӣ, таълими ҳуқуқӣ ҳамчун таъсири мутақобилаи динамикии фаҳмиши субъективии ҳуқуқ ва институтҳои ҳуқуқии объективӣ вуҷуд дорад.

- Ҷанбаи маърифатшиносии эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Дигар бахши муҳим ва мураккаби фалсафа маърифатшиносӣ, ё худ гносеология мебошад. «Маърифат», яъне шинохтан вазифаи асосии фалсафа буда, ҳамчун «раванди фаъолонаю мақсадноки инъикоси воқеият дар майнаи инсон таъйиноташ дастрас кардани донишҳои мувофиқ дар бораи олам мебошад. Инчунин худи субъекти ҳамин фаъолият, яъне инсон ва ҷомеа аз ҷониби инсон омӯхта мешавад» [13, с.210]. Болотар аз ин, падидаи маърифат ҳамчун объект, мавриди шинохт қарор мегирад ва ба ин хотир, он истилоҳан «маърифатшиносӣ ё шинохтшиносӣ» ном гирифтааст. «Таъиноти гносеология, ҳамчун қисми фалсафа, аз таҳқиқи сарчашмаҳо, шаклҳо ва методҳои маърифат, аз муайян кардани шарти эътимодбахшӣ ва ҳаққонияти донишҳо иборат мебошад» [13, с.211].

Аз нигоҳи гносеологӣ эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон таҳлилу баррасиҳоро вобаста ба сарчашмаҳо, шаклҳо ва усулҳои азхудкунии донишҳо дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ дар бар мегирад:

А) Сарчашмаҳои донишҳои ҳуқуқӣ. Омӯзиши ҳуқуқӣ ба сарчашмаҳои гуногуни дониш, аз ҷумла матнҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ такя мекунад. Аз нуқтаи назари гносеологӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳии ин манбаъҳо муҳим аст. Масалан, матнҳои ҳуқуқӣ маъмулан ҳамчун сарчашмаҳои бонуфузи донишҳои ҳуқуқӣ ҳисобида

мешаванд, аммо тафсир ва татбиқи онҳо метавонанд мавриди баҳсу баррасӣ қарор гиранд. Эълони мазкур аз ҷиҳати гносеологӣ ба таҳқиқи эътимоднокӣ ва саҳеҳии ин манбаъҳо водор мекунад. Баррасии вазъи маърифатии сарчашмаҳои донишҳои ҳуқуқӣ метавонад эътимоднокии манбаъҳои ҳуқуқӣ ва дурустии ташаббусҳои таълими ҳуқуқиро равшан кунад.

Б) Шаклҳои донишҳои ҳуқуқӣ. Донишҳои ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо ба мақсадҳои алоҳида хизмат мекунанд ва ҷанбаҳои гуногуни низоми ҳуқуқро ҳал мекунанд. Онҳо ҳуқуқшиносии таҳлилӣ, тафсири қонун, муқоисаи системаҳои ҳуқуқӣ ё ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, донишҳои байнисоҳавӣ, омӯзиши рушди таърихии низомҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои ахлоқии ҳуқуқро дар бар мегиранд. Эълони мазкур аз ҷиҳати гносеологӣ боис мешавад то дар мавриди вазъияти маърифатии шаклҳои гуногуни дониши ҳуқуқӣ таҳқиқот сурат гирад. Шаклҳои гуногуни донишҳои ҳуқуқӣ ба фаҳмиши мо дар бораи ҳуқуқ, қонун, адолат ва маҳдудиятҳои хосси дар ин замина вуҷуд дошта мусоидат мекунанд. Таҳлили асосҳои гносеологии шаклҳои донишҳои ҳуқуқӣ метавонад баҳодиҳии моро дар бораи мураккабии таълими ҳуқуқӣ зиёд кунад.

В) Усулҳои таълими ҳуқуқӣ. Омӯзиши ҳуқуқ усулҳо ва равишҳои педагогии гуногунро барои осон кардани азхудкунӣ ва дарки дониш истифода мебарад. Аз ҷиҳати гносеологӣ баҳодиҳии интиқодӣ ба самаранокӣ ва мувофиқ будани ин усулҳо муҳим аст. Бинобар ин, эълони мазкур аз ҷиҳати гносеологӣ андешаро дар бораи коромадӣ, самаранокӣ ва мувофиқ будани усулҳои гуногуни таълими ҳуқуқ фаро мегирад. Оё методи анъанавии ба лексия асосёфта эҳтиёҷоти гуногуни омӯзишии хонандагону донишҷӯёнро ба таври кофӣ қонеъ мекунанд ё бояд ба равишҳои омӯзиши интерактивӣ ва таҷрибавӣ диққати махсус дода шавад? Арзёбии усулҳои гуногуни таълим ва таҳлилу баррасии гносеологӣ метавонад ба мубоҳисаю муколамаи ҷонибҳои манфиатдор оид ба интихоби беҳтарин методи таълими ҳуқуқ ва таҳияи стандартҳои қатъии арзёбии сифат ва эътимоднокии омӯзишҳои ҳуқуқӣ кӯмак кунад ва дар ниҳоят ба тарбияи шаҳрвандони бештар огоҳ ва тавонманд мусоидат намояд.

● Ҷанбаи арзишшиносии эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Арзишшиносӣ ё худ аксиология мавзуи баҳси адабиёт, илми ахлоқ, зебоишиносӣ, педагогика, ҳунар, таърих ва ғайра низ мебошад, вале пеш аз ҳама он бахши муҳими таҳқиқоти фалсафӣ ба шумор меравад. «Мафҳуми арзиш дар фалсафа аз мавқеи фоидаву зарар, некию бадӣ, ростию дурӯғ, зебоию зиштӣ, имконияту ғайриимконият, адолату беадолатӣ баҳо дода мешавад. Арзиш, аз фаъолияти ҳаррӯзаи одамон барои қонеъ гардонидани талаботҳои моддию маънавии онҳо бармеояд. Дар муҳити воқеӣ ашё, чиз, ҳодисае нест, ки инсон нисбати он муносибатҳои арзишӣ зоҳир накунад» [14, с.258 ва 260-261].

Эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон аз дидгоҳи арзишшиносӣ/аксиология аҳамияти назаррас дошта, як чанд таҳлилу баррасиҳоро дар бар мегирад:

А) Арзиши воқеии таълимоти ҳуқуқӣ. Эълони мазкур эътирофи арзиши аслии донишҳои ҳуқуқӣ ва саводнокии ҷомеаро инъикос мекунад. Омӯзиши ҳуқуқӣ на танҳо бо манфиатҳои муҳимаш дар ташаккули таҷрибаи ҳуқуқӣ ва касбӣ, балки барои арзиши хоси он дар пешбурди адолат ва волоияти қонун қадр карда мешавад. Аз нуқтаи назари аксиологӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи қонеъ кардани ниёзҳои зеҳнӣ ва ахлоқии шахс тавассути додани дониш ва малакаҳои зарурӣ барои паймоиш дар системаҳои

ҳуқуқӣ, татбиқи арзишҳои бунёдӣ, аз қабили дастрасӣ ба адолат, баробарӣ дар назди қонун, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва иштироки пурмазмун дар ҳаёти шаҳрвандӣ баррасӣ мешавад.

Б) Арзиши ахлоқии маърифати ҳуқуқӣ. Омӯзиши ҳуқуқӣ бо арзишҳои ахлоқӣ фаро гирифта шудааст, зеро он дар шахс ҳисси масъулият, поквиҷдонӣ ва рафтори ахлоқиро дар доираи касби ҳуқуқшиносӣ ва умуман дар кулли ҷомеа ба вуҷуд меорад. Таълими ҳуқуқӣ тавассути тарғиби огоҳии ахлоқӣ ва риояи этикаи касбӣ ва ҳуқуқӣ принсипҳои ахлоқӣ, аз қабили ростқавлӣ, адолат, инсоф, эҳтироми ҳуқуқи дигарон ва тартиботи ҷамъиятиро дастгирӣ мекунад. Ин меъёрҳо рафтори коршиносони ҳуқуқро роҳнамоӣ мекунанд ва муносибатҳои онҳоро бо мизоҷон, ҳамкорон ва низоми ҳуқуқӣ ташаккул медиҳанд. Ҳамин тавр, аз нигоҳи аксиологӣ эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» арзиши ахлоқиро ҳамчун воситаи тарбияи шаҳрвандони поквиҷдон ва тарғиби рафтори ахлоқӣ дар доираи касби ҳуқуқшиносӣ таъкид менамояд.

В) Арзиши абзорӣ дар пешбурди ҳадафҳо ва ормонҳо. Аз нуқтаи назари аксиологӣ, эълони мазкур эътирофи арзиши абзорӣ-инструменталии таълими ҳуқуқро дар ноил шудан ба ҳадафҳо ва ормонҳои васеътари ҷомеа инъикос мекунад. Ҳадафҳое, аз қабили мусоидат ба дастрасии адолат, риояи волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳадафҳои асосии таълими ҳуқуқӣ арзёбӣ мешаванд. Бо сармоягузорӣ ба ташаббусҳои маърифати ҳуқуқӣ давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳадаф дорад, ки тавонмандии шаҳрвандони худро барои иштироки пурмазмун дар ҳаёти шаҳрвандӣ, риояи волоияти қонун, мусоидат ба ваҳдату ҳамбастагӣ ва суботу пешрафт ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеаи одилона ва демократӣ тақвият диҳад. Ормонҳо аз қабили баробарӣ дар назди қонун, адолати мурофиавӣ ва ҷустуҷӯи ҳақиқат ва адолат ҳамчун арзишҳои идеалӣ, ки таҳсилоти ҳуқуқӣ барои ҳимояи онҳо саъй мекунад, гиромӣ дошта мешавад.

Г) Эҳтиёҷоти инфиродӣ ва иҷтимоӣ. Омӯзиши ҳуқуқӣ ҳам ниёзҳои инфиродӣ ва ҳам иҷтимоиро барои дониш, малака ва роҳнамоии ахлоқӣ баррасӣ мекунад. Омӯзиши ҳуқуқӣ ба таври инфиродӣ ба эҳтиёҷоти зеҳнӣ, касбӣ ва рушди шахсии донишҷӯён ва таҷрибаомӯзон ҷавобгӯ мебошад. Ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба фаъолияти низомҳои ҳуқуқӣ, татбиқи адолати судӣ ва баланд бардоштани эътимод ва боварии мардум ба касбу ҳирфаи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Таълими ҳуқуқӣ бо қонеъ кардани ин ниёзҳо арзиши худро ҳамчун воситаи баланд бардоштани некӯаҳволии шахс ва пешбурди манфиатҳои умумӣ иҷро мекунад ва ҳамчун пояи асосии ҷомеаи одилона ва демократӣ ҳисобида мешавад.

● Фалсафаи ҳуқуқ ва эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ». Фалсафаи ҳуқуқ як соҳаи таҳқиқоти фалсафӣ мебошад, ки ба дарки маъно ва моҳияти ҳуқуқ, муайян кардани хусусияти куллии он, кашфи қонунҳои умумитарини ҳуқуқ, шаклҳои зуҳури берунии моҳияти ҳуқуқ ё падидаҳои ҳуқуқӣ, арзиш ва аҳамияти ҳуқуқ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа, мавқеи он дар ҷаҳон ва робитаи ҳуқуқ бо дигар низомҳои меъёрӣ бахшида шудааст. Фалсафаи ҳуқуқ хислати байнифаннӣ дорад ва он ба сифати ҳам фанни мустақили ҳуқуқшиносӣ ва ҳам қисми фалсафа омӯхта мешавад, чунки бидуни мафҳумҳои фалсафӣ ва умуман бе маърифати фалсафӣ ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ғайриимкон аст [17, с.11-25], [7, с.8-11].

Аз дидгоҳи фалсафаи ҳуқуқ эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба таҳлили принсипҳо, арзишҳо ва ҳадафҳои таълими ҳуқуқӣ рабт дорад. Ин аст баррасии ин масъала аз нуқтаи назари фалсафаи ҳуқуқ:

А) Меъёри ҳуқуқӣ. Эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» пеш аз ҳама нишондиҳандаи таahҳуди Ҳукумати Тоҷикистон ба ҷанбаи меъёрии ҳуқуқ аст, ки дар фалсафаи ҳуқуқ мавқеи муҳим дорад. Он ҳуқуқро ҳамчун ҷанбаи асосии ҳаёти инсон, ҷомеа ва давлат эътироф намуда, нақши онро дар ташаккули рафтори шахс, ҳалли баҳсҳо ва нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Омӯзиши ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ироаи дониш дар бораи меъёрҳо, принсипҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад ва ба ин васила дарки асосҳои меъёрии ҳуқуқ ва идоракуниро инкишоф медиҳад. Эъломия аз нуқтаи назари фалсафаи ҳуқуқ аҳамияти таълими ҳуқуқиро дар пешбурди эҳтиром ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ташаккули фарҳанги қонуният дар ҷомеа таъкид мекунад ва арзёбии меъёрҳои баҳодиҳии муваффақият ва самаранокии талошҳои омӯзиши ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои он барои дарки мо дар бораи моҳияти ҳуқуқро дар бар мегирад.

Б) Адолатпарварӣ. Фалсафаи ҳуқуқ бо принсипҳои адолат, ки системаҳои ҳуқуқиро асоснок мекунанд ва ҷузъи зарурии ҳар як ҷомеаи демократӣ мебошанд, алоқаманд аст. Эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аз тарафи Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон ин маъноро таъкид мекунад, ки нақши таълими ҳуқуқ ва саводнокии ҳуқуқӣ дар таъмини ҷомеаи одилона, пешбурди принсипҳои адолат, садоқат ва инсоф дар ҷомеа зарурӣ мебошанд. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, ин ибтикор бо принсипҳое мувофиқат мекунад, ки назарияшиносони сиёсӣ ба мисли Ҷон Роулс бартарии адолатро ҳамчун инсоф, росткирдорӣ ва садоқат дар сохтори ниҳодҳои ҷамъиятӣ баҳсу баррасӣ кардаанд [5]. Дастрасӣ ба донишҳои ҳуқуқӣ ба шахсони алоҳида имкон медиҳад, ки дар мураккабии низоми ҳуқуқӣ паймоиш кунанд ва ба ин васила ҷомеаи одилонатареро таҳким бахшанд.

В) Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунӣ. Фалсафаи ҳуқуқ табиат ва доираи ҳуқуқ ва масъулиятҳои қонуниро дар дохили ҷомеа баррасӣ мекунад. Дар эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» бар аҳамияти тарбияи ҳуқуқии афрод ва таълими вазифаҳои қонунии онҳо ҳамчун шаҳрванд таъкид мешавад. Омӯзиши ҳуқуқӣ шахсонро бо донишҳо ва воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз месозад, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ, иҷрои ӯҳдадориҳои худ ва саҳмгузорӣ дар фаъолияти системаҳои ҳуқуқӣ заруранд. Эъломия аз нуқтаи назари фалсафаи ҳуқуқ аҳамияти таълими ҳуқуқиро дар фароҳам овардани имкониятҳои шахс барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ва иҷрои ӯҳдадориҳои шаҳрвандии худ таъкид мекунад.

Г) Этикаи ҳуқуқӣ ва ахлоқи касбӣ. Фалсафаи ҳуқуқ эътироф дорад, ки амалияи қонун табиатан бо мулоҳизаҳои ахлоқӣ фаро гирифта шудааст. Он баррасӣ мекунад, ки то чӣ андоза меъёрҳои ҳуқуқӣ принсипҳои ахлоқиро инъикос мекунанд [17, с.149]. Дар ҷомеаи Тоҷикистон шуури ахлоқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад, зеро одамон ба қонун, қонуният, адолати судӣ ва дигар падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ бо истифода аз категориҳои ахлоқии адолат ва беадолатӣ, виҷдон ва бевиҷдонӣ баҳо медиҳанд [13, с.471]. Аз ин нигоҳ, эълони «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аҳамияти ахлоқи ҳуқуқӣ ва касбӣ дар таълими ҳуқуқ ва таҷрибаҳои ҳуқуқиро таъкид карда, водор месозад, ки ҷанбаҳои ахлоқии таълими ҳуқуқӣ ва нақши он дар ташаккули арзишҳо ва рафтори ахлоқӣ андешаронӣ ва бозандешӣ шаванд. Омӯзиши ҳуқуқӣ на танҳо дар бораи принсипҳои ҳуқуқӣ дониш мебахшад, балки инчунин арзишҳои ахлоқӣ ва стандартҳои касбиро ба мутахассисони ҳуқуқшиноси оянда меомӯзад. Омӯзиши ҳуқуқӣ бояд фарҳанги огоҳии ахлоқӣ ва масъулиятро тарбия намуда, ба шаҳрвандон имкон диҳад, ки дар мураккабии амалияи ҳуқуқӣ бо поквиҷдонӣ ва этикаи касбӣ паймоиш кунанд.

Ҳамин тавр, таъкид ва таваҷҷуҳ ба маърифати ҳуқуқӣ ӯҳдадориро дар бораи тавонмандсозии шаҳрвандон бо дониш ва малакаҳои зарурӣ барои иштироки фаъолона дар раванди демократӣ инъикос мекунад. Ин бо назарияи демократӣ, ки дар он шаҳрвандони огоҳ ва масъулиятнок барои фаъолият ва инкишофи як низоми демократии устувор муҳим аст, мувофиқат мекунад [12, с.17]. Бо муҷаҳҳаз кардани афроди ҷомеа бо фаҳмиши ҳуқуқӣ ва ӯҳдадориҳои худ, маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун муҳаррик барои мушорикати шаҳрвандӣ, муваффақияти ниҳодҳои иҷтимоӣ ва пешрафти ҷомеа хидмат мекунад. Бо таваҷҷуҳ ва таъкид ба маърифати ҳуқуқӣ, Тоҷикистон бори дигар содиқ будани худро ба принсипҳои демократӣ ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ қувват мебахшад.

**АДАБИЁТ:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 06.11.1994, охирин тағйиру илова 22.05.2016. - Душанбе, моддаи 1.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», санаи 28.12.2023, http://www.president.tj/node/32191, таърихи муроҷиат: 26.01.2024.
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 аз 30 декабри соли 2023, №668, сомонаи http://www.president.tj/node/32202, таърихи муроҷиат: 26.01.2024.
4. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, сомонаи https://mmk.tj/content/консепсияи-сиёсати-ҳуқуқии-ҷумҳурии-тоҷикистон-барои-солҳои-2018-2028?page=13&calendar_block_month=4&calendar_block_year=2020, санаи интишор: 07.04.2020, таърихи муроҷиат: 07.02.2024 .
5. Джон Ролз, Теория справедливости, перевод с англ. В. В. Целищева. - Москва: Издательство ЛКИ, 2010. - 536 с. Джон Ролз, Справедливость как честность (PDF) // Логос. - 2006. - № 1. - с. 35-60. https://www.ruthenia.ru/logos/number/52/03.pdf
6. Карл Маркс, Капитал - критика политической экономии, перевод Степанова-Скворцова И.И., - Москва: Госполитиздат, 1952. - 794с. К. Маркс, Ф. Энгельс, Манифест коммунистической партии, - Москва: Госполитиздат, 1950. - 72с.
7. Марченко М. Н., Философия права: учебное пособие в 2 томах, - Москва: РГ-Пресс, 2020 - 552с.
8. Мишел Фуко, Надзирать и наказывать. Рождение тюрьмы, перевод с французского Владимира Наумова, -Москва: Ad Marginem, 1999. -480с.
9. Муртазоев С., Сотсиология, - Хуҷанд: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2009, - 84с.
10. Назариев Р.З., Фалсафа, - Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023, -508с.
11. Нодиров Ф.М., Ҳуқуқ, - Душанбе, Эр-граф, 2019, -648с.
12. Раянов Ф.М., Минниахметов Р.Г., Пономарев Д.А., Право и законность в демократическом обществе (монография), - Москва: Право и государство, 2004. - 200с.
13. Саидов Н.С. ва ҳайати муаллифон, Фалсафа (китоби дарсӣ), - Душанбе: Собириён, 2011.-528с.
14. Салимов Н., Фалсафа: китоби дарсӣ, иборат аз 2 ҷилд, - Душанбе: Ирфон, 1997, ҷ. 2, - 320с.
15. Тавзеҳот ба фармони Президенти ҶТ «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30.12.2023, № 668, https://jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba-

farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html, таърихи муроҷиат: 26.01.2024.

**16.** Фридрих Ницше, Генеалогия морали, перевод: Свасьян Карен Араевич, - Санкт-Петербург: Азбука, 2014. Ханна Арендт, Истоки тоталитаризма, перевод: Борисова И.В. и дрг., - Москва: Скрипториум, 2020, - 672с. Беньямин Вальтер, Историко-философские тезисы, перевод с немецкого: В. Биленкина, Левая Россия. - № 7 (20). - 19 марта 2001. http://www.left.ru/2001/7/benjamin.html

**17.** Черногор Н.Н., Рыбаков О.Ю., Философия права: учебное пособие, - Москва: Статут, 2018. – 224 с. http://dot.kostacademy.kz/bible/files/639459672.pdf.

## ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ ОБЪЯВЛЕНИЯ «ГОДА ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ» В ТАДЖИКИСТАНЕ

**ХАЙДАРЗОДА Р.Дж.**
Директор Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, доктор философских наук
Телефон: (+992) 937-30-87-87. E-mail: Rustam86@hotmail.com

**ФАЙЗУЛЛАЕВ Х.Х.**
докторант PhD кафедры философии и культурологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айны.
Телефон: (+992) 985-86-32-08. E-mail: donomkafal@mail.ru.

*Объявление «Года правового просвещения» в Таджикистане, посвященного 30-летию принятия Конституции, представляет собой важную веху в общественно-политическом ландшафте страны. Цель данной статьи изучить философские основы этой декларации и исследовать ее последствия с разных философских точек зрения. В статье рассматриваются несколько основных аспектов этого объявления с философской точки зрения: 1) С социально-исторической точки зрения внимание к объявлению «Года юридического образования» включает в себя события, определяющие условия утверждения этого объявления. 2) С онтологической точки зрения, в декларации подчеркивается существование правового образования как реального и объективного аспекта жизни общества. 3) С гносеологической точки зрения данное объявление включает в себя анализ и обзоры, связанные с источниками, формами и методами приобретения правовиx знаний. 4) С аксиологической точки зрения в заявлении заложены реальная ценность правового образования, нравственная ценность правового знания, инструментальную ценность в продвижении личных и общественных целей, мечтаний и потребностей. 5) С точки зрения философии права объявления «Года правового просвещения» содержит в себя такие вопросы, как правовые нормы, справедливость, правовые обязательства, правовой плюрализм и правовая этика.*

***Ключевые слова:*** *год правового просвещения, право, правовое образование, правовая норма, философия, философия права, историко-социальная подоплека, онтология, гносеология, аксиолоя.*

## PHILOSOPHICAL ANALYSIS OF THE ANNOUNCEMENT OF THE “YEAR OF LEGAL EDUCATION” IN TAJIKISTAN

**HAIDARZODA R.J.**
Director of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Philosophy
Phone: (+992) 937-30-87-87. E-mail: rustam86@hotmail.com

**FAIZULLAEV Kh.H.**
PhD student of the Department of Philosophy and Cultural Studies of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ainy.
Phone: (+992) 985-86-32-08. E-mail: donomkafal@mail.ru

*The announcement of the "Year of Legal Education" in Tajikistan, dedicated to the 30th anniversary of the adoption of the Constitution, represents an important milestone in the socio-political landscape of the country. The purpose of this article is to examine the philosophical foundations of this declaration and explore its implications from different philosophical perspectives. The article examines several main aspects of this announcement from a philosophical point of view: 1) From a socio-historical point of view, attention to the announcement of the "Year of Legal Education" includes events that determine the conditions for the approval of this announcement. 2) From an ontological point of view, the declaration emphasizes the existence of legal education as a real and objective aspect of social life. 3) From an epistemological point of view, this announcement includes analysis and reviews related to the sources, forms and methods of acquiring legal knowledge. 4) From an axiological point of view, the statement contains the real value of legal education, the moral value of legal knowledge, the instrumental value in promoting personal and social goals, dreams and needs. 5) From the point of view of legal philosophy, the declaration of the "Year of Legal Education" includes issues such as legal norms, justice, legal obligations, legal pluralism and legal ethics.*

***Keywords:*** *year of legal education, law, legal education, legal norm, philosophy, philosophy of law, historical and social background, ontology, gnoseology, axiology.*

## К ВОПРОСУ ОБ ИНТЕГРАЦИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ВО ВТОРОМ ДЕСЯТИЛЕТИИ XXI ВЕКА: ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ВЕКТОРЫ И МЕХАНИЗМЫ СОТРУДНИЧЕСТВА

**ИСКАНДАРОВ К.**
доктор исторических наук

**НАЗАРОВ У.К.**
соискатель Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В данной статье подвергается анализу весь спектр геополитических проектов, которые так или иначе затрагивают интересы Центральной Азии, в частности, Таджикистана в контексте усиления дестабилизирующего фактора традиционных и нетрадиционных вызовов и угроз.*

*На фоне развития общей ситуации в регионе повысилось требование к всеобщему изучению истории, политики, экономики, культуры, языковых предпочтений его народов среди научно-аналитического сообщества ЦА, в том числе и Таджикистана, где исторически сложилась научно-аналитическая среда, чьими принципами признаны непредвзятое изучение процессов, актуальность выбранных научных тем, фундаментальность изучения современных процессов, приближённых к реальным условиям.*

*Безусловно, все эти факторы в совокупности способствуют поиску путей обеспечения стабильности и безопасности, создают научно-аналитическую базу, вырисовывают общую картину обустройства будущего Центральной Азии, ориентированного на сотрудничество с соседями.*

*На стадии наращивания внешней политики ЦА и неоднозначности перспектив развития ситуации, было важно проанализировать основные парадигмы и контуры состояния геополитических процессов в Центральной и Южной Азии, их направленности на обеспечение безопасности и социально-экономического развития региона.*

*Именно из этих соображений, дан анализ места и роли ЦА в системе межгосударственных отношений. Исторический экскурс в статье рассматривается в контексте его доминирующего значения для обеспечения региональной безопасности и стабильности, решения ключевых вопросов национальной идентичности народов Центральной Азии.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, Таджикистан, сотрудничество, геополитика, модели интеграции, граница, региональная безопасность, трансграничные угрозы, инклюзивность.*

Модели интеграции в контексте реализации геополитических концепций внешних акторов («Новый Средний Восток», «Большая Центральная Азия – Новый шёлковый путь», Экономический пояс Нового шёлкового пути, Организация тюркских государств) с той или иной степени тональности влияют на общее развитие обстановки в ЦА, признаются непосредственным элементом исторической реалии.

В период геополитической турбулентности, завершения биполярного мира, формирования традиционных и нетрадиционных угроз, современные устремления Таджикистана, как и стран Центральной Азии сопряжены с цивилизованным контентом, представлявшим уникальную возможность для социокультурного и экономического взаимопроникновения, вносящий позитивный импульс для развития. В настоящее время идёт переориентация всего спектра отношений, меняется структура региональной экономики и структура транспортных коммуникаций, расширяется промышленная кооперация между странами региона, с опорой на собственные ресурсы. Преференций и дивиденды двусторонних и многосторонних связей рассчитаны на реализацию географического аспекта[1], определяющего Центральную Азию в качестве самостоятельного субъекта не только региональной, но и мировой политики.

Между тем, талибовский Афганистан вносит брешь в налаживании этих связей, наращивает уязвимость не только в вопросах охраны границ, нарушения инвестиционного климата, установления новых логистических структур, появившихся на этом фоне признаков «гибридной войны». В Афганистане всё развивается по негативному сценарию, практически все обещания, которые давали талибы до прихода к власти (борьба с международными террористическими организациями, создание инклюзивного правительства, борьба с производством и контрабандой наркотиков) не выполнены.

В статье используются три научных термина, определяющие название региона: 1) Средняя Азия (бывшие советские и нынешние независимые государства; 2)Центральная Азия (с включением территории Монголии, Афганистана и Синьцзяна Китая) и 3) Центральная Евразия (сравнительно новый термин подразумевает привлечение

[1] Принцип, оглашённый Шарль Де Голлем. прим.авторов

экспертов к регулярному обсуждению ключевых вопросов развития Центральной Азии, взаимодействия России, Китая, Европейского Союза, США и других акторов) [10.С.266].

В Таджикистане, как показывают социологические исследования, остро чувствуется стремление к интеграции, в СМИ ощущается дух созидательности и доброжелательности к соседям. РТ субсидирует транспортные коммуникации, ГЭС Рогун, КАСА-1000, цифровую экономику, электронное правительство, большие инвестиции вложены в критические инфраструктурные проекты. Этот тренд будет закреплён и в дальнейшем, в обновленной форме отношений со странами Центральной Азии.

Центральная Азия играла ключевую роль в соединении Востока и Запада с античных времён. Особенно значителен был её вклад в развитие Великого Шёлкового пути, когда торговые караваны, нагружённые шёлком, фарфором и другими предметами роскоши, выходя из средневековой столицы Китая Чаньани, через Центральную Азию устремлялись на Запад. Центральная Азия ещё в глубокие древности на магистралях Великого шёлкового пути стала мостом, соединяющим народы и страны Востока и Запада.

На территории Центральной Азии проживают более 70 млн. человек. Регион обладает огромными природными ресурсами. С учётом исторических уроков страны Центральной Азии имеют возможность стать сильным и независимым регионом, так как впервые за 500 лет этот регион становится важным геополитическим и геоэкономическим центром мировой политики и экономики [7.С.51].

Через призму интеграционных проектов в регионе хотелось бы акцентировать внимание о китайско-афганских отношениях, представляющих в этом контексте существенное значение. Китайская Народная Республика установила дипломатические отношения с Афганистаном во времена шаха, в 1950 году, уровень этих исторических отношений развивался в зависимости от геополитической конкуренции и обострения ситуации в Китайской Народной Республике и мире. В этот период соображения безопасности были в списке приоритетов КНР при установлении отношений с Афганистаном. Влияние Китая на мировоззрение просвещенной части Афганистана в 60-е годы возросло до такой степени, что прокитайские партии и организации) получили значительное присутствие на политической арене.

В настоящее время в государства Центральной Азии заинтересованы в интеграции для реализации своих национальных интересов и для выхода к мировым торговым путям. Для новых акторов Центральной Азии, не имеющих доступа к южным морским коммуникациям, крайне важен транзитный потенциал Афганистана и стабильное развитие этой страны. Перед новыми государствами Центральной Азии открываются новые возможности более тесного взаимодействия при реализации коммуникационных проектов в южном векторе, открывающих для них афгано-пакистанский, афгано-иранский-южноазиатский, каспийско-иранско-южноазиатский коридоры, которые могут стать «коридорами экономического и гуманитарного развития» В конечном итоге восстановление геополитической целостности региона и модернизация стран Центральной Азии будет способствовать формированию нового важного полюса развития в полицентричном мире.

Глобальные изменения, происходящие в начале третьей декады ХХ1 века, внесли коррективы на реализацию национальный стратегий развития и на геополитические процессы в Центральной Азии. В 2016 году в Таджикистане была принята Национальная стратегия развития на период до 2030 года в соответствии с долгосрочными целями и

приоритетами развития страны. Конечной целью в результате реализации национальной стратегии Таджикистан к 2030 году должен стать индустриально-аграрной страной [8.С.3].

Таджикистан является единственной страной Центральной Азии[2], государственным языком которого является таджикский язык, относящийся к индоевропейской группе языков. На протяжении истории таджикский народ тесно взаимосвязан со всеми странами Центральной Азии особенно в культурной и экономической сферах.

В современной Центральной Азии идет процесс восстановления геополитической целостности региона, с опорой на исторически сложившиеся экономические и культурные связи. В интеграционных процессах в регионе главной мотивацией выступает заинтересованность в реализации национальных интересов, обеспечении региональной безопасности, взаимовыгодного сотрудничества с учетом интересов внешних партнеров. С другой стороны, существующие в регионе геополитические факторы усиливают неопределенность перспектив реализации интеграционных проектов.

Геополитическая неопределенность в центрально-евразийском регионе усиливается в связи с острыми внутристрановыми проблемами, связанными с экономическими, политическими, культурными факторами. В этих условиях усиливается в регионе соперничество внешних акторов – России, США, Китая, которые в настоящее время играют ключевую роль в геополитическом структурировании Центральной Евразии. Разновекторны у государств региона и приоритеты внешнеполитических интересов, которые, тем не менее способствуют конструированию общих региональных институтов.

Каждый из внешних акторов имеют свои концепции интеграции новых государств Центральной Евразии (у России – проекты Евразийского союза и Нового Среднего Востока, США- проект Большой Центральной Азии и Нового Шелкового пути, Китая – экономический пояс Нового Шелкового пути). Но практическая реализация сходной доктрины началась не со стороны США и их партнеров по евро-атлантическому сообществу, а с формирования новыми государствами Центральной Азии, Россией и Китаем с 1996 года «Шанхайской пятерки», а затем- Шанхайской Организации Сотрудничества (ШОС), которая включает в качестве членов и наблюдателей все страны, являвшихся составными элементами геоконцепта "Большой Центральной Азии". Для новых государств Центральной Азии, не имеющих доступа к южным морским коммуникациям, крайне важны транзитный потенциал Афганистана и стабильное развитие этого государства. Модели интеграции, предлагаемые внешними игроками, включают соразвитие новых государств вместе с Афганистаном и другими соседними государствами. В предлагаемых американских, российских, китайских геоконцептах общее одно – должна быть восстановлена геополитическая целостность центральноазиатского региона и в регионе должны быть созданы условия для свободного перемещения товаров, услуг, усилены экономическое и культурное взаимодействие.

В августе 2002 года в США появился аналитический материал "Реструктурируя Внутреннюю Азию" американского эксперта в области азиатской геополитики Ст.

[2] Термин «Центральная Азия» был введен бывшим президентом Казахстана Нурсултаном Назарбаевым, который включал в это объединение Таджикистан, Казахстан, Кыргызстан, Узбекистан и Туркменистан. прим. авторов

Блэнка, в котором он основное внимание уделил проблеме магистрализации геопространств постсоветской Средней Азии и приграничных с ней территорий, видя в этом единственную возможность преобразований, способных ликвидировать географическую замкнутость, способствующую сохранению здесь социально-экономической отсталости. Концептуализация географического пространства Центральной Азии была продолжена в работе Ф.Старра в специальном аналитическом материале ""Партнерство Большой Центральной Азии" для Афганистана и его соседей" в марте 2005 года. В 2005 и 2006 гг. профессор Ф.Старр сформулировал концепцию «Большой Центральной Азии» и «Нового Шелкового пути», которые были поддержаны администрацией США. Эти концепции предлагают рассматривать пять постсоветских центральноазиатских государств, а также Афганистан, Иран, Пакистан и Индию в качестве единого региона, создать единую транспортную и торговую инфраструктуру в обозначенном большом регионе, ключевым звеном которой должен стать Афганистан. В концепции Нового Шелкового пути заложена идея интеграции Центральной и Южной Азии через создание энергетических рынков региона, торговых и транспортных коммуникаций, улучшения работы таможенной и пограничной служб, интенсификацию взаимодействия в области экономики и культуры, установления связей между населением и представителями бизнеса.

Проект «Большая Центральная Азия» охватывает в её идеальном сочетании возможности улучшения экономического положения Центральной Азии за счёт получения выхода на емкий рынок стран Южной Азии путём создания афганский территории под контролем США транспортной инфраструктуры[2.С.620]. Следует подчеркнуть, что с выводом из Афганистана войск США в 2021 г. кардинального изменения в реализации данного проекта со стороны администрации США не произошло. США по-прежнему являются основным спонсором движения «Талибан», еженедельно направляют 40 млн. долларов для его финансирования, вовлекают в различные проекты, контролируют воздушное пространство, используя политику «кнута и пряника», что позволяет утверждать, что де-факто талибовский Афганистан находится под контролем указанной страны.

В США появляются также альтернативные концепции, где преобладают идеи перекройки границ в регионе, опираясь на этнические группы [5.С.73].

В этой связи эксперты предлагали идею создания "пояса безопасности" ("санитарного кордона") в северных провинциях Афганистана, которая должна была стать зоной стабильности и буфером на пути распространения последствий внутриафганского конфликта на соседние государства. Для создания «мягкого» пояса безопасности уже существуют исторические, культурные и экономические предпосылки [5.С.6]. Однако, данная концепция не долго задержалось в пространстве экспертной дискуссии.

Важным инструментом для взаимодействия в афганском направлении являются ШОС и ОДКБ. Исламская Республика Афганистан с 2012 года являлся наблюдателем в ШОС и данный фактор мог сыграть позитивную роль для сближения позиций по важным векторам взаимодействия государств Центральной Евразии. Афганистан мог бы способствовать по координации взаимодействия и создания пояса безопасности в Северном Афганистане.

Центральная Азия, куда входят Таджикистан, Кыргызстан, Казахстан, Туркменистан и Узбекистан на протяжение древней истории входила в единую систему географических, политико-экономических и культурных образований и исторический

Хорасан вплотную входил с разной степенью причастности и соучастия в орбиту интересов династии и ханств Центральной Азии. Все вышеуказанные шаги важны для переосмысления общего цивилизационного наследия народов постсоветского пространства и его потенциала для углубления международного сотрудничества в афганском направлении.

Хотелось бы подчеркнуть, что в настоящее время государства региона проходят этап реанимации своих цивилизационных основ, творчески адаптируясь с современной системой ценностей. Формирование трендов в общественном сознании в регионе происходит на основе существующих кодов этнической культуры, которые определяют специфику культурного и политического опыта. Богатейшее духовное наследие народов Центральной Азии и сейчас дает огромный импульс для развития современной культуры, а опыт политической культуры и механизмы интеграции древних и средневековых обществ все еще остается не реализованным ресурсом для развития в XX1 веке [4.С.6].

С возвращением «Талибана» (запрещённая террористическая организация в РТ и РФ) во власть глобальная геополитическая система в регионе изменилась, и отдельные страны и бывшие союзники оказались на противоборствующих сторонах. Предоставление геоэкономических выгод (продажа оружия, реализация транспортных проектов, транспортировка нефти и газа, добыча полезных ископаемых) и продвижение лояльных лиц и групп в новом правительстве положило начало новым отношениям.

Стоит выделить три ключевых геополитических проекта, которые так или иначе затрагивают интересы Центральной Азии, в частности, Таджикистана в контексте усиления дестабилизирующего фактора политического правления радикального ДТ в Афганистане.

Следует иметь в виду, что все три проекта: Новый Ближний Восток, Большая Центральная Азия и проект «Экономический пояс Нового Шелкового пути» отражают основных участников этих проектов: Россию, США и Китай. Конечно, каждый из них преследует свои собственные цели, поскольку готов вкладывать в них как экономические, политические, так и человеческие ресурсы. В связи с этим Таджикистан в этих конфигурациях и социально-экономических и политических моделях должен иметь четкие инструменты и критерии, по которым он должен участвовать в этих проектах.

В качестве научной методологии, позволяющей нам правильно выстраивать эти отношения, принимая во внимание экзистенциальные угрозы, с одной стороны, и основные геополитические движения внешних акторов (России, США и Китая), независимые от нашей политической воли, с другой стороны, стоит выделить следующие подходы:

1. Основанный на ценностях, включая культуру и историю.

2. Ситуационный подход, основанный на методе рационального инструментализма и выбора.

3. Конструктивистский подход, основанный на институциональных решениях и законах.

Для Таджикистана, с точки зрения ценностного подхода (1), важно иметь общую региональную систему ценностей, которая является культурно и исторически понятной, и близкой. Проект должен косвенно защищать светские основы государства, основанные на соблюдении закона и принятой Конституции, при уважении прав граждан. Безопасность играет важную роль в этом подходе. (3). И, наконец, ситуационный подход (2) относителен по отношению к первым двум пунктам, поскольку он прагматичен и

экономичен по своей природе. При таком подходе важную роль играют риски и инновации, связанные в большей степени с транснациональными корпорациями.

Можно сказать, что российский проект очень близок к Таджикистану, защищает безопасность и фокусируется на следовании светскому характеру ценностей, но ограниченные инструменты влияния на Афганистан через экономику, учитывая вовлечение её основных ресурсов в других направлениях не дают пока ощутимых успехов на нынешнем этапе.

Проект "Большая Центральная Азия" (США) обладал потенциалом до прихода к власти в Афганистане ДТ. Сегодня этот проект больше опирается на ситуационный подход, имея чисто прагматические политические интересы, а именно отключение России от ресурсов Центральной Азии в направлении более экономически выгодного проекта, а именно доступа Центральной Азии к морским портам Гвадар и Карачи через Афганистан. В этом проекте нет места институциональным изменениям и системе ценностей в Афганистане. У него чистая геополитика и прагматичная экономика. Здесь есть ресурсы, но нет никакой ориентации на то, чтобы что-либо изменить в политической структуре Афганистана.

Наиболее оптимальным проектом для Таджикистана является китайский проект экономического пояса Нового Шелкового пути. Здесь существует общая система ценностей – это философия семьи (конфуцианство), умеренная и сбалансированная экономика, основанная на системе ценностей и соблюдении государственных законов. Китай располагает финансовыми и людскими ресурсами для реализации этого проекта, может позволить Китаю занять сбалансированную позицию в отношении Таджикистана.

У Китая есть философия для всех трех подходов: конфуцианства (1), даосизма (2) и легизм (3), что придает стабильность его проекту для игроков, вовлеченных в этот проект в это неспокойное время.

В связи с этим Таджикистан может участвовать во всех трех проектах, но с большей опорой на китайский проект, который обеспечивает ему стабильность, развитие и безопасность в стратегической перспективе, тем более что другие страны ЦА, вероятно, также будет двигаться в том же направлении.

Страны Центральной Азии уже сейчас являются объектом угроз, связанных с высокой террористической активностью на территории Афганистана. Кроме того, существуют риски дестабилизации ситуации, что может привести, как минимум, к временному повышению активности экстремистских группировок, ориентированных на экспансию на постсоветском пространстве [6.С.3]. Наблюдается целенаправленные попытки вмешательства во внутренние дела суверенных государств, сдерживания интеграционных процессов.

Обстановка в мире стремительно меняется, обостряется противостояние глобальных акторов, идёт трансформация существующего нового миропорядка, войны переместились в другие формы и парадигмы. Четвёртая Промышленная Революция, война технологий, изменение климата, Digital War — вот новые парадигмы, которые зародились в начале нулевых, а сейчас пошли в глобальный рост, и афганская война не вписывается в эти парадигмы [11.С.2].

Страны Центральной Азии уже сейчас являются объектом угроз, связанных с высокой террористической активностью на территории Пакистана и Афганистана. Кроме того, существуют риски дестабилизации ситуации в период после вывода Международных сил содействия безопасности из Афганистана в 2021 году, что может

привести, как минимум, к временному повышению активности экстремистских группировок, ориентированных на экспансию на постсоветском пространстве [6.С.5]. Наблюдается целенаправленные попытки вмешательства во внутренние дела суверенных государств, сдерживания интеграционных процессов.

Территория Афганистана в течение многих веков сохраняла и продолжает сохранять, по сей день, своё геополитическое значение. Историки и географы называли эту страну «воротами Индии», «восточными воротами исламского мира», «перекрёстком цивилизаций», «стратегическим коридором», «сердцем Азии» и т.д. После распада СССР и образования новых независимых стран в Центральной Азии, Афганистан стал и воротами этого богатого своим природными ресурсами региона, важным транзитным коридором для прокладки нефтепровода и газопровода [3.С.5]. В период так называемой «Большой игры» Афганистан служил «буферной зоной» между колониальными владениями Великобритании в Индии и Россией в Центральной Азии. Статус «буферной территории» Афганистан сохранял до ухода англичан из Индии в 1947г. Однако для СССР эта страна продолжала служить буфером, ограждающим советскую Центральную Азию от внешнего влияния. Несмотря на доминирование Советского Союза в Афганистане, эта страна, нуждающаяся в большой зарубежной помощи для модернизации различных сфер общества, начала вовлекать в свою орбиту другие страны. Эти страны для защиты своих интересов в Афганистане опирались на различные политические силы и содействовали формированию политических партий и группировок, которые могли быть им полезными [3.С.6].

Анализ ситуации в регионе позволяет заключить, что стремления геополитических игроков по распространению своего влияния на территории государств-членов Центральной Азии возрастут. Усиливается гибридная война, нацеленная на повышение протестного потенциала населения и дестабилизацию социально-политической ситуации в конкретных государствах. В целях публикации и продвижения тенденциозного нарратива, формирующего у населения искажённое восприятие политических и экономических событий, активно задействуются использование управляемого хаоса на южных рубежах СНГ, а также замены традиционных культурных и духовно-нравственных ценностей народов на чуждые путём оказания деструктивного информационного воздействия.

Первостепенную возможность роль в этой деятельности играют возможности «либерального порядка», посредством СМИ и иностранных и международных организаций, а также иных структур, инспирируя деструктивные кампании и отдельные акции, направленные на подрыв международного и внутриполитического авторитета органов государственной власти и его институтов. На примере региона явно высвечивается деятельность организаций, которые используя религиозные симпатии и особенности отдельной части населения, занимаются вмешательства во внутренние дела государств.

На этом фоне угрозы, исходящие из талибовского Афганистана, имеют признаки отрицания не только участия в структурах власти, но и конкретные факты по ущемлению политических, языковых прав непуштун, реализации гендерного апартеида. Афганистан, по своему географическому расположению, геополитической позиции и экономическим интересам входит в несколько политических субрегионов [9.С.198].

Также есть опасение того, что географически Таджикистан не имеет доступа к морским портам Гвадара и Карачи, выхода к морю, и так как в Афганистане находится у власти радикальный режим, это не позволяет Таджикистану развивать перспективные

экономические отношения в южном направлении. В тоже время северные маршруты соприкасаются с вновь формирующейся современной версией внерегиональной идеологии.

Региональное значение Афганистана, как источника реальной угрозы странам Центральной Азии и как окно открывшихся возможностей, необходимо рассматривать в фокусе географического расположения и соблюдения прав всех этносов, имеющих общее происхождение с народами региона. Процесс восстановления мира и стабильности в Афганистане на нынешнем этапе особо нуждается в развитии человеческого фактора [1.С.4].

Подытоживая результаты исследования стоит подчеркнуть, что жёсткая геополитическая конкуренция традиционных/аграрных и индустриальных/информационных сообществ, развернутая на пространстве Среднего Востока, в частности ЦА требует стратегического видения с тем, чтобы на основе научно обоснованного прогноза и консенсуса создать механизм решения проблем внутреннего и внешнего порядка.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Багабан Э. Таджикистан – Иран – Афганистан. Персоязычный союз в действии //Электронный ресурс: http: // www.centrasia.ru newsA.php?st = 1333472460
2. Евсеев В.В. Концепция «Большой Ближний Восток» под углом национальной безопасности. /Национальная безопасность 4 (27), 2013. DOI: 10.7256/2073-8560.2013.4.7727
3. Искандаров К. Общественно-политические движения в Афганистане: 1945-2001гг. Душанбе-2004.
4. Майтдинова Г.М. Особенности интеграционных процессов в Центральной Азии в условиях геополитических перемен: новые форматы взаимодействия, гуманизация межгосударственных отношений и идеология развития. -Душанбе, - 2019
5. Майтдинова Г.М. Проекты интеграции Центральной Азии и экономический пояс Шелкового пути: инструменты реализации и перспективы, - Дущанбе, – 2020.
6. Мендекович Н.А. Постсоветские союзники талибов, \\Электронный ресурс: www. afghanistan.ru. дата публикации: 16.02.2013г.
7. Мирзоев Н.М., Ниёзи Ё.Б. Интеграция стран Центральной Азии: проблемы и перспективы /Сборник научных статьей. Стратегические ориентиры политики государств Центральной Евразии в условиях глобализации и регионализации). - Душанбе, 2019.
8. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. \\Электронный ресурс: http://www.gki.tj/nsr2030_ru.pdf.
9. Саидов Х.С. Стратегические внешнеполитические ориентиры правительства национального единства (ПНЕ) Афганистана: целы, подходы, векторы //Сборник научных статьей. Стратегические ориентиры политики государств Центральной Евразии Азии в условиях глобализации и регионализации.- Душанбе – 2019.
10. Тешебаева А.А. Культурное развитие народов Центральной Евразии: ислам и советские принципы светского государства. // /Сборник научных статьей. Стратегические ориентиры политики государств Центральной Евразии в условиях глобализации и регионализации). – Душанбе, -2019.
11. Талибы не смогут построить государство. \\Электронный ресурс: htpp: www.stanradar.com. \\дата обращения 23.08.2021г.

# ON THE ISSUE OF INTEGRATION CENTRAL ASIA IN THE SECOND DECADE OF THE XXI CENTURY: GEOPOLITICAL VECTORS AND MECHANISMS OF COOPERATION

**ISKANDAROV KOSIMSHO**
doctor of historical sciences, chief scientific secretary NAS Tajikistan

**NAZAROV UMED KOSIMOVICH**
applicant for degree of Institute of studying problem of Asia and Europe NAS Tajikistan

*This article analyzes the entire range of geopolitical projects that in one way or another affect the interests of Central Asia, in particular Tajikistan, in the context of strengthening the destabilizing factor of traditional and non-traditional challenges and threats.*

*Against the backdrop of the development of the general situation in the region, the demand for a universal study of history, politics, economics, culture, and language preferences of its peoples has increased among the scientific and analytical community of Central Asia, including Tajikistan, where a scientific and analytical environment has historically developed, whose principles are recognized as unbiased study processes, the relevance of the selected scientific topics, the fundamental nature of the study of modern processes close to real conditions. Of course, all these factors together contribute to the search for ways to ensure stability and security, create a scientific and analytical base, and paint a general picture of the future of Central Asia, focused on cooperation with its neighbors.*

*At the stage of building up the foreign policy of Central Asia and the ambiguity of the prospects for the development of the situation, it was important to analyze the main paradigms and contours of the state of geopolitical processes in Central and South Asia, their focus on ensuring the security and socio-economic development of the region.*

*It is from these considerations that an analysis of the place and role of Central Asia in the system of interstate relations is given. The historical excursion in the article is considered in the context of its dominant significance for ensuring regional security and stability, resolving key issues of the national identity of the peoples of Central Asia.*

***Keywords**: Central Asia, Tajikistan, cooperation, geopolitics, integration models, border, regional security, cross-border threats, inclusivity.*

# ОИД БА МАСЪАЛАИ ҲАМГИРОИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДАҲАИ ДУЮМИ АСРИ XXI: ВЕКТОРҲОИ ГЕОСИЁСӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ХАМКОРӢ

**ИСКАНДАРОВ ҚОСИМШО**
доктори илми таърих, саркотиби илмии АМИТ

**НАЗАРОВ УМЕД ҚОСИМОВИЧ**
унвонҷӯи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар ин мақола тамоми маҷмӯи лоиҳаҳои геополитикӣ, ки ба ин ё он роҳ ба манфиатҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, дар заминаи таҳкими омили ноороомкунандаи чолишҳо ва таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ таъсир мерасонанд, таҳлил шудааст.*

*Дар пасманзари рушди вазъи умумии минтақа тақозо ба омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих, сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва афзалиятҳои забони халқҳои он дар миёни ҷомеаи илмӣ ва таҳлилии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, афзоиш ёфтааст, ки дар он муҳити илмию таҳлилӣ таърихан ташаккул ёфтааст. Принципҳои он ҷараёнҳои омӯзиши беғаразона эътироф карда шудаанд, мутобиқ будани мавзуъҳои интихобшудаи илмӣ, характери фундаменталии омӯзиши равандҳои муосир ба шароити воқеӣ наздик мебошад. Албатта, ҳамаи ин омилҳо дар якҷоягӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои таъмини суботу амният, фароҳам овардани заминаи илмӣ-таҳлилӣ ва тасвири умумии ояндаи Осиёи Марказӣ, ки ба ҳамкорӣ бо ҳамсоягони он нигаронида шудааст, мусоидат мекунанд.*

*Дар марҳилаи ташаккули сиёсати хориҷии Осиёи Марказӣ ва номуайянии дурнамои рушди вазъият таҳлили парадигмаҳо ва контурҳои асосии вазъи равандҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, тамаркузи онҳо ба таъмини амният ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа амалӣ мегардад.*

*Маҳз аз ҳамин мулоҳизаҳо таҳлили мавқеъ ва нақши Осиёи Марказӣ дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ оварда шудааст. Саёҳати таърихӣ дар мақола дар заминаи аҳамияти бартаридоштааш барои таъмини амнияту суботи минтақа, ҳалли масъалаҳои асосии ҳувияти миллии халқҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ шудааст.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, ҳамкорӣ, геополитика, моделҳои ҳамгироӣ, сарҳад, амнияти минтақавӣ, таҳдидҳои фаромарзӣ, фарогирӣ.*

## СИЁСАТИ ОЛМОН ДАР САМТИ МУТОБИҚСОЗИИ ИҶТИМОИИ МУҲОҶИРОН

**ВОҲИДОВА САНАВБАРБОНУ**
доктори илмхои таърих, профессор, сарходими илмии ИОМДОА АМИТ.
Сурога:734025, ш. Душанбе, х. Рудаки 33, тел: +992 93-500-87-32

**ГУЛБЕРДИЕВ ШОДӢ**
магистранти курси 2-и ИОМДОА АМИТ. Сурога:734025, ш. Душанбе, х. Рудаки 33,
тел: +992+992501610440; mail: Shodigulberdiev1989@gmail. com

*Муаллифон сиёсати муҳоҷирати Федеративии Олмон дар соҳаи мутобиқсозии муҳоҷиронро таҳлилу барраси намудаанд. Дар он марҳилаҳои асосии ташаккулёбии сиёсати муҳоҷирати Олмон бори нахуст ба афзалиятҳо ва камбудиҳои асосии сиёсати мутобиқсозии ин кишвар дар соҳаи муҳоҷират ба таври возеҳ таҳлил карда шудааст. Ба андешаи муаллифон мавзуи мазкур барои муҳоҷирони Тоҷикистон хеле мубрам буда, ҳамчун дастурамал пешниҳод мегардад, зеро шаҳрвандони Тоҷикистон дар шароити имрӯза барои таҳсилу фаъолияти меҳнатӣ ба Олмон ва дигар кишварҳои аврупоӣ сафар менамоянд.*

***Калидвожаҳо:** Олмон, сиёсат, мутобиқсозӣ, иҷтимоӣ, муҳоҷират, ҳамгироӣ, Тоҷикистон, таҳлил, дастурамал*

Дар дунёи муосири ҷаҳонишавӣ масъалаҳои ҳамгироӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии муҳоҷирон яке аз мавқеъҳои муҳимро ишғол менамоянд. Олмон яке аз пешравони роҳи бунёди системаи ҳамгироӣ ва мутобиқсозии иҷтимоӣ барои

муҳоҷирон дар ҷомеъаи муосир ба ҳисоб рафта, дар байни кишварҳои абарқудрати ҷаҳон ҷойи махсусро ишғол менамояд. Равандҳои муҳоҷират дар асрҳои XX-XXI дар миқёси ҷаҳонӣ пайдо гардида, тамоми табақаҳои иҷтимоиро фаро гирифтаанд. Сиёсати муҳоҷират яке аз омилҳои асосии ислоҳоти кулии иҷтимоӣ ва пешрафти ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Олмони муосир дар ин самт таҷрибаи калон дорад.

Муносибатҳои муосир ба ҳамгироии муҳоҷирон дар Олмон муддати тӯлонӣ аз санҷиш ва иштибоҳот гузаштаанд. Дар Олмон ин масъала ҳануз дар солҳои 70-уми қарни гузашта новобаста аз масъалаи басташавии барномаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба миён омадааст. То соли 1988 шумораи шаҳрвандони хориҷӣ дар Олмон 4,5 миллион ё 7,4 фоизи шумораи умумиро ташкил медоданд [12]. Ба таври дигар метавон иброз дошт, ки мушкилоте ки дар солҳои охир ба миён омаданд аз соли 1980 сарчашма мегиранд, зеро дар он вақт асосҳои қонунӣ, амалан вуҷуд надоштанд. Аз тарафи Ҳукумати Федералӣ аз 30 июли соли 2004 Қонуни «Дар бораи назорат ва маҳдудияти муҳоҷират, танзим иқомат, шуғл ва ҳамгироии шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо ва хориҷӣ» (das Gesetz zur Steuerung und Begrenzung der Zuwanderung und zur Regelung des Aufenthalts und der Integration von Unionsbürgern und Ausländern (das Zuwanderungsgesetz) қабул шуд, ки 1 январи соли 2005 эътибори расмиро соҳиб гардид[4]. Қонуни мазкур барои пешрафти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлат мусоидат намуд.

Мувофиқи шарҳи ташкилотҳои байналмиллалӣ оид ба муҳоҷират, дар соли 2013 Олмон аз рӯи қабули шумораи муҳоҷирон мавқеи сеюмро ишғол намуд ва панҷумин кишвари пазирандаи муҳоҷирон (пас аз ИМА, Фаронса, Канада ва Британияи Кабир) буд. Танҳо аз соли 1991 то соли 2012 дар қаламрави Олмон воруди муҳоҷирон 20 миллион нафарро ташкил медод [13, 8]. Ҳоло, ҳокимияти қонунбарори Олмон вобаста ба ҳадафҳо муҳоҷиратро ба чанд гурӯҳ тақсим кардааст.

1) муҳоҷират бо мақсади татбиқи фаъолияти меҳнатӣ;

2) муҳоҷират бо мақсади таҳсил ё дарёфти маълумоти олӣ;

3) муҳоҷирати гурезаҳо, аз ҷумла шахсони яҳудитабор аз қаламрави собиқ ИҶШС;

4) муҳоҷират бо мақсади издивоҷ;

5) муҳоҷирати шаҳрвандони “бо давлатҳои сеюм» бо сабабҳои гуногун;

6) баргардонидани шаҳрвандоне ки дорои шаҳрвандии Олмон мебошанд.

Дар сатҳи қонунгузорӣ, мавқеи ҳуқуқии ин гурӯҳҳо ба чунин қонунҳо муайян карда шудааст:

- қонун “Дар бораи ҷойи иқомат, шуғли ҳамгироии хориҷиён (das Gesetz über den Aufenthalt, die Erwerbstätigkeit und die integration von Ausländern im Bundesgebiet (das Aufenthaltsgesetz))”;

- қонун «Дар бораи озодии нақлиёт барои шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо» (das Freizügigkeitsgesetz/EU) [7].

Бо қабули Қонун дар бораи муҳоҷират соли 2005 масъалаи ҳамгироӣ дар Олмон шадид гардид ва Олмон худро кишвари муҳоҷират эътироф кард. Бо

ташаббуси Ангела Меркел моҳи июли соли 2006 дар шаҳри Берлин аввалин Саммит оид ба масъалаҳои ҳамгироии муҳоҷират гузашта буд. Пас аз як сол, моҳи июли соли 2007 "Нақшаи миллӣ оид ба ҳамгирой" расман тасдиқ гардид. Барои барномаҳои ҳамгироии муҳоҷирон аз ҷониби ҳукумат тақрибан 750 млн евро ҷудо гардид ва соли 2008 соли "Ҳамгироӣ" эълон шуда, натиҷаҳои мусбат нишон дод. То соли 2010 аллакай шумораи курсҳои ҳамгироӣ ба 16000 нафар расид, ки асосан курсҳои забони олмонӣ, таърих, ҷомеъашиносиро дар бар мегирифтанд. Соли 2008 ҳамчунин санҷиши гирифтани шахрвандӣ низ ҷорӣ гардид. Ин иқдом ба он шаҳрвандоне, ки муддати дароз дар Олмон зиндагӣ доштанд ва хоҳиши гирифтани шиноснома бе шаҳодатномаи хатми муасисасаҳои таълимиро доштанд, дода мешуд [2].

Барои беҳтар намудани шароити мусоид Ҳукумати Олмон Нақшаи миллӣ оид ба ҳамгироиро дар саҳифаи расмии Ҳукумати Федеративӣ бо 200 саҳифа, бо беш аз 400 тадбири фардӣ нашр намуд[10]. Дар ҳуҷҷат самтҳои муҳимтарини фаъолияти Ҳукумат оид ба ҳамгироӣ дарҷ гардидааст:

*ҳамгироӣ тавассути таълим;

*ҳамгироӣ тавассути омӯзиши забон;

*ҳамгироӣ дар соҳаи илм;

*принсипи ҳамгироии "махаллӣ";

*ҳамгироӣ тавассути омӯзиши фарҳанги Олмон;

*ҳамгироӣ тавассути варзиш.

Дар баробари он барномаҳое, ки хусусияти рушди институти ҳамгироӣ дар шаҳрҳои хурдро доранд ва барномаҳое, ки тавассути воситаҳои ахбори омма таҳия мешаванд, ҷорӣ карда шуд. Созмонҳои миллӣ ташкил карда шуданд, ба монанди: Ҷамъияти туркҳо дар Олмон (Turkische Gemeinde); Бунёди Туркӣ-олмонии тандурустӣ (Türkisch-Deutsche Gesundheitsstiftung); Иттифоқи ассотсиатсияҳои волидайни Испания dynenie (Bund der spanischen Elternvereine); Форуми Олмону Туркия (Das Deutsche-Türkische Forum); Ҷавонони олмонӣ аз Руссия (Die Deutsche Jugend aus Russland); Иттиҳоди федералии занони муҳоҷир дар Олмон (Der Bundesverband der Migrantinnen) [10].

Дар баробари ташкилотҳои милли ҳамчунин ташкилотхои ҷамъиятӣ сиёсати ҳамгироиро дар Олмон дастгирӣ мекунанд, ки дар оинномаашон имдоди мутобиқшавии муҳоҷирон дар баробари дигар масъалаҳои муҳим сабт гардидааст. Ташкилоти ҷамъиятии "Ҷавонони Олмонии Аврупо" (Djo-Deutsche Jugend in Europa) мисоли ин гуфтаҳост. Ин ташкилот иттиҳодияи сермиллати ҷамъиятӣ мебошад ва ба истиснои дискрминатсия оид ба нишонаҳои миллӣ ё ҳизбӣ дар сатҳи федералӣ дар соҳаи фарҳанг ва сиёсати ҷавонон мебошад. Барномаи таълимии амалӣ (Hospitationas programm), ки дар доираи он муҳоҷирони ҷавон гузаштаи муҳоҷирӣ доранд ва имконияти ба даст овардани таҷрибаи аввалини корӣ дар ташкилотҳои байналмиллалиро доранд, ташкил медиҳад. Бо қабули қонун дар бораи муҳоҷират нақши пешбаранда дар ҷараёни ҳамгироӣ ба сиёсати забон дода шуд. Комёбиҳои муҳоҷирон дар соҳаи маориф ва омӯзиши забони олмонӣ низ аз муҳимтарин захираҳои кишвар ба ҳисоб меравaнд [9]. Тибқи нақшаи ҳамгироӣ, омӯзиши забони

олмонӣ бояд аз синни хурдсолӣ оғоз ёбад. Ба ин муносибат қарори сохтани як қатор муассиссаҳои таълимӣ барои кудакони муҳоҷирони то 3 сола низ қабул гардида буд. Барои таъсиси чунин муассисаҳо мутобиқсозии иҷтимоии муҳоҷирон нақши калон дорад.

Ҳукумати Олмон барои ҳамгирой аз қунонҳо ва дигар самтҳое ки дар боло зикр намуда будем, истифода намуд. Аммо бархе аз муҳоҷирон ҳамгироиро нахостанд. Ҳол он ки собиқ канслери Федералии Олмони Ангела Меркел мутобиқшавии муҳоҷиронро ҷавобгарии умумӣ номид. Соли 2010 вазири корҳои хориҷии Олмон Тю Де Мезер қайд намуд, ки аз 10 % то 15 % муҳоҷирони Федералии Олмони ҳамгироиро намехоҳанд. Яъне онҳо ҳавасманди курсҳои омӯзиши забони Олмонӣ нестанд ва боз чанд фоизи дигаре, ки дар курсҳои забономӯзӣ иштирок мекарданд, онро то охир нарасондаанд[2]. 21 октябри соли 2010 аллакай Ангела Меркел дар ҷаласаи ҷавонони Иттиҳодияи демократӣ-масеҳии Олмон дар Потсдам оид ба нобудшавии чандгонагии фарҳангӣ суханронӣ карда буд. Ҳукумати Олмон боз ба як масъалаи ҷиддии дигар дучор омад, ки он асосан ба ташакулли муносибатҳои мусбии Олмон ба муҳоҷирони воридшаванда дахл дорад. Барои ҳалли ин масъала асосан аз имкониятҳои васоити ахбори омма истифода намуданд. Ҳукумати федералӣ эҳтимол дошт, ки васоити ахбори омма метавонанд ба ҷараёни ҳамгироии муҳоҷирон дар ҷомеаи Олмон таъсир расонад. Ҳукумат дар ин мавзуъ асосан ба пурқудраттарин ширкатҳои телевизионӣ ва радио, аз ҷумла ширкати телевизион ва радиои Олмон ва шабакаи дуюми телевизиони Олмон барои инкишофи бештар дар ин самт такя мекард ва ин иқдом бомуваффақият анҷом ёфт. Дар айни ҳол шабакаи дуюми телевизиони Олмон гузаштаи муҳоҷиронро ҳамчун қисми зисти ҷамъиятӣ инъикос карда, дар ин самт кӯшиши зиёд ҷиҳати нишон додани имкониятҳо барои ҷамъиятҳои гуногуни фарҳангӣ ба харҷ медиҳад. Қариб дар ҳамаи барномаҳои телевизионӣ шахсони собиқ муҳоҷир дар нақши қаҳрамони асосӣ дар ҳар гуна ҳолатҳои фаъолиятӣ баромад менамоянд. Шабакаи мазкур масъалаҳои шахсони гуногуни фарҳангро инъикос менамояд. Шумораи барномаҳое ки ба масъалаҳои муҳоҷират бахшида шудаанд, дар ин шабака хеле афзудаанд. Ширкати медиавии (Deutsche Welle) ҷойҳои кории холиро барои рӯзноманигорон аз ҳисоби муҳоҷирон муҳайё месозад ва ин ширкат аз руйи лоиҳаи ҳамгирой хизматҳои илмиро дар чаҳорчуби Академия амалӣ менамояд [5]. Чандин ташкилотҳои хусусии оммавӣ сиёсати иҷтимоии кишварро барои мутобиқсозии муҳоҷирон ба муҳит дастгирӣ менамоянд. Олмони имруза барои сохтани муҳит барои муҳоҷирон ва мутобиқсозӣ чораҳои муфид андешида, кушишҳои зиёд ба харҷ медиҳад.

Сиёсати муҳоҷирати Ҳукумати Ангела Меркел олмониҳоро ба ду лагери мухолиф тақсим кард ва новобаста аз маҷмӯи тадбирҳои марбут ба муҳоҷират ва коҳиши шумораи муҳоҷирон соли 2019, 111 094 нафар ва соли 2018, 129 628 нафар дар Олмон мубориза бар зидди пешравии инкишофи раванди муҳоҷират боқӣ мондааст. Дар давраи пандемияи Ковид-19 муваққатан қабули муҳоҷирон ба мавқуф гузошта шуд [12]. Вобаста ба ин андешаҳои ҷиддӣ ба миён омаданд, ки муҳоҷирон бе назорати ташкилотҳо оид ба муҳоҷират

мемонанд. Дар худи Олмон шумораи муҳоҷирони ғайбзада ба 700 нафар соли 2018 то 2020 расид ва ин ташкилотҳои ҷиноятӣ ва беназоратиро ба вуҷуд овард. Айни замон масъалаи муҳоҷират ва мутобиқсозии муҳоҷирон ба муҳити Олмон бо мусоидати Ҳизби демократӣ-масеҳии Олмон ва Хизби сотсиал-демократии Олмон устувор гардидааст [12]. Дар соли 2019 барои гирифтани мақоми гуреза 1,111,094 дархост пешниҳод шудааст. Вале дар соли 2021 аз руйи ҳисоботи оморӣ пастшавии он тасдиқ гардид. Шумораи дархостномахо барои гирифтани мақоми гуреза дар сатҳи паст нишон дода мешуд. Дар тули 16 соли роҳбарии Меркел масъалаҳои муфид дар соҳаҳои гуногун ҳалли худро ёфтанд. Тибқи баъзе сарчашмахо, аз буҷаи Олмон барои хизматрасониҳо бо гурезагон ду баробар нисбат ба амнияти кишвар сарф мешавад. Дар солҳои 2021 ва 2022 ҳар як гуреза дар Олмон кумакпулӣ дар ҳаҷми 300-400 евро дар як мох ба даст меовард. Олмон ҳамчунин барои ҳар як кудаки аз синни 6-13 сола 242 евро кумакпулӣ медиҳад. Ҳамчунин товон барои иҷораи манзил аз 500 то 600 евро ва суғуртаи тиббӣ дар як моҳ  ҷудо мегардад.

Метавон қайд кард, ки сиёсати Олмон дар самти мутобиқсозии иҷтимоии муҳиҷрон дар сатҳи баланд аст ва метавонад барои дигар давлатҳо намуна бошад, вале албатта дар иҷроиши ин сиёсат тарафҳои манфӣ низ дида мешаванд. Вазъияти кунунии ҷаҳон хеле душвор аст ва метавонад ба як буҳрони муҳоҷиратӣ дар кишварҳои Ғарб оварда расонад. Олмон новобаста аз мушкилиҳои кунунии ҷаҳон пас аз чанд муддат масъалаи муҳоҷиратро ҳал хоҳад кард.

Айни замон шаҳрвандони Тоҷикистон ба воситаҳои гуногун ба Олмон рафта, дар онҷо кору зиндагӣ карда истодаанд. Донистани забон, таърих ва қонунгузории Олмон барои шаҳрвандони Тоҷикистон зарур аст. 15 январи соли 2024 Сафири Тоҷикистон дар Олмон Имомуддин Сатторов бо Ваколатори вижаи Ҳукумати Федеролии Олмон дар умури созишномаҳои муҳоҷиратӣ Йоахим Штамп дидору гуфтугӯ намуд[1]. Аснои суҳбат роҷеъ ба вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Олмон дар самти муҳоҷирати қонунӣ, баимзорасонии санадҳои марбутаи соҳавӣ,  ҳамчунин ба танзим даровардани равандҳои муҳоҷират мубодилаи афкор сурат гирифт. Тарафҳо барои татбиқи иқдомҳои муштараки баъдӣ изҳори мувофиқат карданд. Оид ба баррасии муҳоҷирати қонунӣ байни ҳукуматҳо чунин пешниҳод карда мешавад:

- таҳқиқотҳое, ки шуъбаи Аврупо мегузаронад, тавассути вазоратҳои дахлдор ба муҳоҷироне, ки ба Аврупо сафар мекунанд, ҳамчун дастурамал дода шавад;

- муҳоҷироне ки ба кишварҳои аврупоӣ сафар мекунанд, бояд забон, фарҳанг, таърих ва қонунгузории он кишварҳоро пешакӣ донанд;

-муҳоҷироне ки ба кишварҳои аврупоӣ сафар мекунанд, ҳуқуқҳои худро донанд.

## АДАБИЁТ:

1. Вохӯрии Сафири Тоҷикистон бо Ваколатдори вижаи Ҳукумати федеролии Олмон дар умури созишномаҳои муҳоҷиратӣ [Манбаи

электронӣ] URL:https://mfa.tj/tg/berlin/view/14184/vokhurii-safiri-tojikiston-bo-vakolatdori-vizhai-hukumati-federolii-olmon-dar-umuri-sozishnomahoi-muhojirati (санаи муроҷат:20.01.2024)

2. *Кадиров Э.К., Ющенко О.И.* Проблемы социальной адаптации иммигрантов в Германии. Научный портал СибАК [Манбаи электронӣ] – http://sibac.info/index.php/2009-07-01- 10-21-16/5400-2012-12-15-17-27-41

3. *Карачурина Л.Б.* Пространственное размещение и социальная адаптация мигрантов в современной Германии: уроки для России? // Население и общество. 2007. – № 303- 304 [Манбаи электронӣ] – URL: http:// demoscope.ru/weekly/2007/0303/analit08.php (санаи муроҷат:20.01.2024)

4. *Немытина М.В., Куличенко Н.А.* Правовое регулирование миграционных отношений: опыт Германии // Вестник РУДН (серия Юридические науки). – 2010. – № 4. – С. 110–117.

5. Bundesministerium des Inneren.und fuer die Heimat –[Манбаи электронӣ] URL: http://www.bmi.bund.de (санаи муроҷат:20.01.2024)

6. Deutsche Welle. –[Манбаи электронӣ] URL:http://www.dw.de/dw-akademie/medienentwicklung/s-11812 (санаи муроҷат:20.01.2024)

7. *Helbling M., Teney C.* Elite und Bevölkerung denken unterschiedlich über Migration. портал Migazin Migration in Germany. [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.migazin.de/2014/02/20/wie-elite-bevoelkerung-migration (санаи муроҷат:20.01.2024)

8. Informationsverbund Asyl und Migration. [Манбаи электронӣ] – URL:http://www.asyl.net (санаи муроҷат:20.01.2024)

9. Migrationsberricht 2012. Bundesamt für Migration und Flüchtlinge. С. 13–14. –[Манбаи электронӣ] URL: http://www.bamf.de/ (санаи муроҷат:20.01.2024)

10. Nationaler Integrationsplan – Kurzfassung für Presse. – [Манбаи электронӣ] URL: http://www.bundesregierung. de/Content/DE/Archiv16/Artikel/2007/07/ Anlage/2007-07-12-nationaler-integrationsplan-kurzfassung.pdf?__blob=publicationFile (санаи муроҷат:20.01.2024)

11. Nationaler Integrationsplan– [Манбаи электронӣ] URL: http://www.bundesregierung.de (санаи муроҷат:20.01.2024)

12. Sozialgesetzbuch. – [Манбаи электронӣ] URL: http://www. sozialgesetzbuch-sgb.de/sgbix/9.html (санаи муроҷат:20.01.2024)

13. Statistisches Bundesamt. – [Манбаи электронӣ] URL: http:// www.destatis.de (санаи муроҷат:20.01.2024)

## ПОЛИТИКА ГЕРМАНИИ В СФЕРЕ СОЦИАЛЬНОЙ АДАПТАЦИИ МИГРАНТОВ

**ВОХИДОВА САНАВБАР**

доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел: +992 93-500-87-32

**ГУЛБЕРДИЕВ ШОДИ**
Магистрант 2 курса ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33,
тел: +992+992501610440; mail: Shodigulberdiev1989@gmail.com

*В данной статье авторы проанализировали миграционную политику Федеративной Республики Германии в области адаптации мигрантов. Авторы впервые рассматривали основные этапы формирования миграционной политики Германии, а также затрагивающие основные преимущества и недостатки политики этой страны в сфере миграции.*

***Ключевые слова**: Германия, политика, адаптация, социальное, миграция, интеграция, Таджикистан, анализ, инструкция*

## GERMAN POLICY IN THE FIELD OF SOCIAL ADAPTATION OF MIGRANTS

**VOHIDOVA SANAVBAR**
Doctor of Historical Sciences, Professor, Chief Researcher at IIPSAE NANT.
Address: 33 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, tel: +992 93-500-87-32

**GULBERDIEV SHODI**
2nd year undergraduate student of IIPSAE NANT. Address: 33 Rudaki Ave., Dushanbe, 734025, tel: +992+992501610440; mail: Shodigulberdiev1989@gmail. com

*In this article, the authors analyzed the migration policy of the Federal Republic of Germany in the field of migrant adaptation. In this article, for the first time, the authors considered the main stages of the formation of Germany's migration policy, as well as the main advantages and disadvantages of the country's adaptation policy in the field of migration. According to the authors, this topic is very relevant for Tajik migrants and can serve as instructions as a guideline for Tajik citizens, since Tajik citizens travel not only to Germany and other European countries for training and work.*

*Keywords: Germany, politics, adaptation, social, migration, integration, Tajikistan, analysis, instruction*

## МАҚОМИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР МУАРРИФӢ ВА ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

**САИДОВ НУРАЛӢ ШАМСОВИЧ**
н.и.фалсафа, ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел.: 900 27 64 46, E-mail: saidovn.1960@gmail.com

*Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои мақом ва нақши Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ гардидани сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудааст. Дар мақола асосан масоили сиёсати «дарҳои кушода», Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон, Шурои ҷамъиятӣ, Комиссияи Шурои ҷамъиятӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ, самти дуюми дипломатия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони умумиҷаҳонии Савдо, ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам*

*Эмомалӣ Раҳмон оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» ва "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо" эълон намудани соли 2025 аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.*

*Муаллиф ба хулосае меояд, ки Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ гардидани сиёсати хориҷии кишвар ҳамчун шарики боэътимоди давлат назаррас буда, ҳамзамон, дар ин самт бо назардошти хусусиятҳои ҷомеаи муосир фаъолияти пурсамарро идома медиҳад.*

***Калидвожаҳо:** сиёсати "дарҳои кушода", Аҳднома, Шурои ҷамъиятӣ, самти дуюми дипломатия, муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатияи обу энергетика, Созмони Ҳамкории Шанхай, Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви қомилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид дар солҳои 2000-ум тахти роҳбарӣ ва сиёсати хирадмандона ва пайгиронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эъломи сиёсати «дарҳои кушода» равобити байналмилалиро дар сатҳи дуҷониба, бисёрҷониба ва дар чорчуби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баҳри муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон тақвият бахшиб, ки дар раванди амалигардонии он нақш ва ҷойгоҳи кишвар дар арсаи байналмилалӣ таҳким ёфта, пойдор гардид. Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонии имрӯза на танҳо дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иштироки фаъол дорад, балки ба ҳайси як кишвари пешбарандаи ташаббусҳои аҳамияти глобалидошта эътироф гардидааст.

Муносибати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ – яке аз масъалаҳои муҳим барои Тоҷикистони муосир ба ҳисоб рафта, аҳамияти муҳим дорад.

Вобаста ба ин, ҳамкории мутақобилан судманд миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз воситаҳои муҳими ҳаллу фасли мушкилиҳои ҷомеа ба шумор меравад. Сухан пеш аз ҳама дар бораи он меравад, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар: ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа дар баробари давлат бояд ҳамаҷониба саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, дар сиёсати Пешвои миллат масъалаи ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Ҷиҳати амалӣ гардидани ин иқдом Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати ташкили созмони ҷамъиятӣ ба миён омадааст. Ин иқдом аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ ёфт. Бо ибтикори Пешвои миллат ва бо дастгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрванди кишвар 11-уми марти соли 1996 «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» ба имзо расид.

Аҳдномаро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз тарафи дигар – ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имзо карданд.

Мақсади асосии Аҳднома – ташаккули ҷомеаи одилонаи шаҳрвандии озод дар Тоҷикистон ва мусоидат ба таҳкими истиқлолият, рушди давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мебошад [3, с.129].

Барои амалӣ намудани ҳадафҳои “Аҳднома” Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, Низомномаи Шуро қабул гардид. Дар даврони фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ аввалин маротиба соли 2009 ва сипас, соли 2018 ба Низомномаи он вобаста бо тағйиротҳое, ки дар раванди сиёсӣ-иҷтимоии кишвар рух доданд ва инчунин, бо назардошти таҷрибаи фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дар кишварҳои хориҷӣ тағйироту иловаҳо ворид гардида, мақоми он мушаххас гардид. Шурои ҷамъиятӣ шакли ҳамкории сиёсию иҷтимоӣ миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад [2].

Дар ҷаласаи нахустини Шурои ҷамъиятӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона ба ҳайси Раиси Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Дар раванди фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ зимни баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ (маънавӣ) зарурати барқарор намудани робитаҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишварҳои хориҷӣ ба миён омад. Ин нуктаи муҳим дар “Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон” ва Низомномаи он қайд гардидааст.

Дар Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ омадааст: “Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки намояндагони худро ҷиҳати иштирок дар форумҳои гуногуни байналмилалӣ, гуфтушунидҳо, аксияҳои гуманитарӣ ва ғайра тавсия намояд ва бо шуроҳои ҷамъиятии кишварҳои хориҷӣ ва дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии онҳо, ки фаъолияташон барои дастгирӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ равона гардидааст, санадҳои ҳамкорӣ бандад”.[4]

Вобаста ба ин рисолат, аъзои Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ҳамчун шарики боэътимоди давлат дар амалӣ гардидани сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат фаъолона ширкат варзида, саҳми сазовори хешро гузошта истодаанд. Ҷиҳати баррасӣ самтҳои муҳими сиёсати хориҷӣ ва махсусан ташаббусҳои Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ ба нақшаи кории Шурои ҷамъиятӣ ворид гардида, дар ҷаласаҳои васеи Шурои ҷамъиятӣ бо иштироки аъзои он ва коршиносони мустақил мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас дар шакли гузориши алоҳида ба Раиси Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар кишварҳои Ғарб иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалигардонии сиёсати хориҷии давлат ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷониби коршиносон ин соҳаи фаъолият дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия "самти дуюми дипломатия" (Track Two Diplomacy) - “дипломатияи коршиносӣ» номгузорӣ шудааст, ки он маҷмуи каналҳои ғайрирасмии ҳамкории фаъолони раванди муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба онҳо, одатан, коршиносони соҳаҳои гуногун аз қабили: сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, иқтисоддонҳо, рӯзноманигорон, созмонҳои ғайридавлатӣ, марказҳои таҳлилӣ, собиқ сиёсатмадорон ва низомиён, ходимони намоёни ҷамъиятӣ, намояндагони доираҳои динӣ ва фарҳангӣ дохил мешаванд [2, с.14-25].

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии проблемаҳои сиёсати хориҷии кишвар дар сохтори он

Комиссияи Шурои ҷамъиятӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ созмон ёфта, Низомномаи он дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, тасдиқ гардид.

Тибқи Низомнома, самтҳои асосии фаъолияти Комиссияи Шурои ҷамъиятӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ аз самтҳои зерин иборат аст:

- ба роҳ мондани ҳамкории мунтазам миёни ташкилотҳои ҷамъиятии узви Шурои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ;

- муҳокима, арзёбӣ ва баррасии ташаббусҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- арзёбӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба вокуниш ба амалҳои давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи пешниҳодҳо барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва лоиҳаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои баланд гардидани имиҷи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамоянд;

- огоҳ кардани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи афзалиятҳо ва ташаббусҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии фаъолияти онҳо дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ;

- бо тартиби муқаррар намудаи Низомномаи Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои гуногун (конфронсҳо, семинарҳо, конфронсҳои матбуотӣ ва ғайра) оид ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат меварзад;

- пешниҳодҳоро оид ба масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷӣ барои ворид намудан ба нақшаи кории Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода менамояд.[4]

Бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба сиёсати хориҷӣ Котиботи Шурои ҷамъиятӣ фаъолияти кориашро ба роҳ монда ба Нақшаи кори Шурои ҷамъиятӣ масъалаҳои актуалии муносибатҳои байналмилалиро барои барассӣ дар ҷаласаҳои Шуро ворид мекунад.

Бори аввал дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ 9-уми апрели соли 2013 мавзуи “Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии Савдо: вазифаҳо ва пешомадҳо» аз нигоҳи ҷомеаи шарвандӣ мавриди баррасӣ карор гирифт. Дар муҳокимаи масъала аъзои Шурои ҷамъиятӣ – ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ, иттиҳодияву иттифоқҳо ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ , намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратхо, сохторҳои марбута, коршиносони мустақил суханронӣ карданд. Аъзои Шурои ҷамъиятӣ дар муҳокимаи масъала фаъолона ширкат варзида, пешниҳодҳои мушаххасро баён намуданд. Аз муҳокима ва баррасии фикру мулоҳизаҳои аъзои Шурои ҷамъиятӣ чунин баромад, ки ба Созмони умумиҷаҳонии Савдо дохил гардидани Тоҷикистон дар ҳалли баъзе мушкилоти дохилию хориҷии кишвар, аз ҷумла рафъи душвориҳои коммуникатсионӣ ва умуман иқтисодӣ мусоидат хоҳад намуд. Аз ин рӯ, сохторҳои марбутаи Ҳукумакти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳалли масъалаҳои зикргардида машғуланд, бояд аз чунин имконияти мусоид ба таври самарабахш истифода менамуданд.

28-уми марти соли 2018 дар чаласаи навбатии Шурои ҷамъиятӣ мавзуи “Арзёбии ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ҷаласа намояндагони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони ваколатдори Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои корҳои хориҷӣ, энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон суханронӣ намуда, ба саволҳои иштирокчиёни ҷаласа посух гуфтанд.

Сипас, узви Шурои ҷамъиятӣ ташаббуси нави Тоҷикистон оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, барои пайдо намудани роҳҳо ва механизмҳои ҳалли масъалаҳои муҳими марбут ба "Даҳсола" назару андешаҳояшонро иброз дошта, пешниҳодҳои мушаххасро ироа намуданд:

- дар Тоҷикистон Маркази минтақавии дипломатияи обу энергетика бо иштироки созмонҳои байналмилалӣ ташкил карда шавад. Маркази мазкур имкон медиҳад, ки Тоҷикистон аз давлати дорои захираҳои энергетикӣ ба давлати пешсафи истеҳсолкунанда ва содиркунандаи гидроэнергетика дар минтақаю ҷаҳон табдил дода шавад. Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, лоиҳаи Консепсия ва Низомномаи Маркази дипломатияи обию энергетикиро таҳия ва пешниҳод намояд;

- дар доираи конфернсияҳое, ки ҳар ду сол гузаронида мешаванд ва дар кори он натиҷаҳои татбиқи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мавриди баррасӣ қарор мегирад, панели илмӣ созмон дода шавад. Дар баррасии маъалаҳои муҳим олимони Тоҷикистон, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар шарикони байналмилалӣ ҷалб карда шаванд. Маърузаҳо, гузоришҳои илмии дар конференсия баён гардида бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар шакли маҷаллаи алоҳида нашр карда шавад;

- «Харитаи роҳ»-и ҳалли масъалаҳои марбут ба амалишавии ташаббуси глобалии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандии кишвар таҳия гардад ;

- ташкилотҳои аъзои Шурои ҷамъиятӣ омода намудани маводи интишорӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ, фотоалбомҳо ва филмҳои кӯтоҳмуддат бо забонҳои гуногунро оид ба масъалаҳои об, сиёсат ва таҷрибаи кишвар дар ҳалли масъалаҳои об ба нақшаҳои кори худ ворид намуда, обҳои Тоҷикистон ва имкониятҳои истифодаи онро ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ намоянд;

- бахшида ба ин ташаббуси нави Тоҷикистон, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ маъракаи калони иттилоотӣ роҳандозӣ гардида, дар доираи он овезаҳои калонҳаҷм дар бораи фарҳанги истифодаи об гузошта шаванд, оид ба ташаббуси навбатии Тоҷикистон озмуни филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ ташкил карда шавад, викторинаҳои шаҳриву ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ барои васеъ гардонидани савияи дониши ҷавонон дар бораи об гузаронида шаванд;

- дар шароити замони муосир экспедитсияи нави илмӣ-тадқиқотӣ бо ҷалби олимон ва мутахассисони варзида ташкил карда шавад, то тариқи истифодаи технологияҳои навтарин потенсиали захираҳои табиии Тоҷикистон аз нав тадқиқ карда шавад;

Таҳлили баррасии масъалаи мазкур дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ шаҳодат дод, ки пешниҳодҳои характери глобалӣ доштаи Пешвои миллат ба манфиати Тоҷикистон, кишварҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин замина, ҳамкории мутақобилан судманди сохторҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, барои амалӣ гардидани ҳадафҳои “Даҳсола ..” ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Дар ҷаласаи навбатии Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 20-уми августи соли 2021 дар шаҳри Душанбе, дар шакли конференсияи илмӣ-амалӣ гузаронда шуд, мавзуи “Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Ҳамкории Шанхай: густариши ҳамкорӣ баҳри субот ва рушду инкишоф”, бахшида ба 20-солагии таъсисёбии Созмони Ҳамкории Шанхай ва Раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай солҳои 2020-2021” аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар кори конференсияи илмӣ-амалӣ ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, Мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, ваколатдоронии раисони Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ, намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи илмӣ-амалии Шурои ҷамъиятӣ, муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд. Баъди барассии ҳамаҷониба ҷаласа қарор қабул кард:

- Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки бо шуроҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятии кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай, ки фаъолияташон барои дастгирӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ равона гардидааст, ҳамкориҳоро ба роҳ монад;

- Ташкилоти ҷамъиятии “Маркази дӯстӣ ва ҳамкории Созмони Ҳамкории Шанхай”, ки дар сохтори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, бояд ба узвияти Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад ва минбари Шурои ҷамъиятиро барои тарғибу ташвиқи ҳадафҳои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ васеъ истифода намояд;

Дар ҷаласаи навбатии Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 13 апрели соли 2023 доир гардид, мавзуи «Мақом ва манзалати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ: ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон намудани соли 2025” аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ карор гирифт. Иштирокчиёни ҷаласа пешниҳод карданд:

- Роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятии узви Шурои ҷамъиятӣ ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” эълон намудани соли 2025 дар ҷаласаҳои ташкилоти хеш мавриди баррасӣ қарор дода, барои пайдо намуданаи роҳҳо ва механизмҳои ҳалли масъалаҳои муҳими марбут ба пиряхҳо ва иқлим ва ҳалли проблемаҳои мавҷуда дар ин соҳа пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намоянд;

- Ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки тамоми маводҳои конференсияи СММ оид ба об- 2023 дар шакли китоби алоҳида бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба чоп расонда, дастраси умум гардонад;

- Дар сохтори гурӯҳи кории ҳукуматие, ки ба омода ва гузарондани конфронси “Соли 2025 –Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” машғул аст, платформаи алоҳидае барои Шурои ҷамъиятӣ таъсис дода шавад, ки дар он Шурои ҷамъиятӣ имкони муттаҳид кардани ташаббусҳои шуроҳои ҷамъиятии кишварҳои гуногунро барои оммавӣ гардонии масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо пайдо кунад.

- Бо нақшаи кори Шурои ҷамъиятӣ барои соли 2024 баргузории конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” ворид карда шавад. Ҳадафи асосии баррасии ин мавзуъ пайдо намудани роҳҳу усулҳо ва механизмҳои ҳалли масъалаҳои муҳим марбут ба пиряххо ва проблемаҳои мавҷуда аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Барои иштирок дар кори конференсия Дафтари СММ дар шаҳри Душанбе, намояндагони ташкилотҳои хориҷие, ки дар Тоҷикистон барои омода намудани ин чорабинии муҳим фаъолият карда истодаанд, коршиносон, намояндагони ВАО даъват карда шаванд;

- Соли 2029 «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» ҷамъбаст мегардад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон дар маросими ифтитоҳи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогирии миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” иброз доштанд: “...пешниҳод менамоям, ки конфронси навбатии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об дар ҷамъбасти Даҳсолаи байналмилалии амалӣ об соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор карда шавад”. [5]

Бо назардошти таҳлил ва баррасии масъала дар ҷаласаи Шуро, метавон хулоса кард, ки дар айни замон Созмони Ҳамкории Шанхай – иштирокчии бонуфуз ва масъули низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ мебошад ва дар таъмини сулҳ ва амният, ҳалли низоъҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши босазо дорад.

Вобаста ба ин, Шурои ҷамъиятӣ хамчун ниҳоди муттаҳидкунандаи ҷомеаи шаҳрвандии кишвар бо назардошти созгор будани фаъолияти Созмони Ҳамкории Шанхай ба усулҳои асосии стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон манфиатдор аст, ки ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои аъзои ин созмони бонуфуз ба роҳ монад. Аз ҷониби дигар, таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Созмони Ҳамкории Шанхай метавонад барои таъмини амнияти минтақа мусоидат намояд.

Бидуни шубҳа, чунин ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар масъалаҳои марбут ба об ва иқлим дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ имкон дод, ки Тоҷикистон дар миқёси ҷомеаи башар ҷойи назаррасро ишғол намояд ва дар байни мамолики ҷаҳон бо имиҷи нав — кишвари куҳанбунёду мутамаддин, башардӯст, меҳмоннавоз ва дорои захираҳои бузурги сарватҳои табиӣ мавқеъ пайдо кунад.

Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври пайваста дар ҷараёни баҳсу мунозираҳо, масъалагузориҳо ва дархостҳои аъзои Шуро мебошанд. Бинобар ин, аксари идеяҳои созанда, ки дар ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятӣ пешниҳод мегарданд, дар вақти тартиб додани барномаю консепсияҳои давлатӣ, амру фармонҳои ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таҳқиқ ва баррасии мавзуи мазкур метавон зикр намуд, ки Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи пурсамари муколама байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат кӯшишу талоши худро ҳамеша ҷиҳати самаранок амалӣ гардидани сиёсати хориҷии кишвар равона мекунад. Илова бар ин, нақши Шурои ҷамъиятӣ ҳамчун неруи муттаҳидкунандаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар барои боло бурдани нуфуз ва эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ назаррас буда, дар ин замина фаъолиятро идома медиҳад.

**АДАБИЁТ:**

1.Аз архиви шахсии муаллиф, апрел 2021.

2. Генюш С. В. Экспертная дипломатия: гражданское общество на службе внешней политики // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. 2012. Вып. 5. С. 14-25.05.04.2023

3. Нерӯи муттаҳидкунандаи миллат. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ. саҳ-129-130.

4. Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти "Шарқи озод, 2018. – саҳ -3-7

5.Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал"Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" 22.03.2023 21:06, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ш.Ню-Йорк. Манбаи электронӣ http://prezident.tj/node/30273.Санаи муроҷиат 21/09/2023

## РОЛЬ ОБЩЕСТВЕННОГО СОВЕТА В ПРЕДСТАВЛЕНИИ И УКРЕПЛЕНИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**САИДОВ НУРАЛИ ШАМСОВИЧ**

к.ф.н., ведущий научный сотрудник отдела Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, ш. Душанбе, проспект Рудаки 33, телефон: 900 27 64 46, E-mail:saydovn.1960@gmail.com

*Данная статья посвящена изучению и анализу роли Общественного совета Республики Таджикистан в реализации внешней политики страны. В ней включены вопросы, касающиеся политики «открытых дверей», Договора об Общественом согласии в Таджикистане, функционирования Общественного совета, Комиссии Общественного совета по международным отношениям, "второе направление дипломатии", отношения Таджикистана с Всемирной Торговой Организацией, Инициативы Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмана о «Международном десятилетии действий «Вода для устойчивого развития» 2018» -2028» и «Международного года защиты ледников 2025» .*

*Автор отмечает, что в реализации внешней политики страны, Общественный Совет Республики Таджикистан, как надежный партнер государства, всемерно содействует и вносит свой вклад в этом направлении.*

***Ключевые слова**: политика «открытых дверей», Договор, Общественный совет, второе направление дипломатии, международные отношения, дипломатия воды и энергетика, Шанхайская Организация Сотрудничества, Международный год защиты ледников.*

## THE AUTHORITY OF THE PUBLIC COUNCIL IN THE PRESENTATION AND DETERMINATION OF THE FOREIGN POLICY OF TAJIKISTAN

**SAIDOV NURALI SHAMSOVICH**

candidate of philosophical sciences, Leading Researcher, Department of Europe, Institute for the Study of Asian and European Countries, NAST. Address: 734025, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue 33, phone: 900 27 64 46, E-mail: saydovn.1960@gmail.com

*This article is devoted to the study and analysis of the role of the Public Council of the Republic of Tajikistan in the implementation of the country's foreign policy. It includes issues of the open door policy, the Treaty on Social Harmony in Tajikistan, the Public Council, the Commission of the Public Council on International Relations, the second direction of diplomacy, Tajikistan and the World Trade Organization, Initiatives of the President of the Republic of Tajikistan, the Leader of the Nation, respected Emomali Rahman on " International Decade of Action "Water for Sustainable Development" 2018 -2028" and "International Year of Glacier Protection 2025".*

*The author argues that in the implementation of the country's foreign policy, the Public Council of the Republic of Tajikistan, as a reliable partner of the state, fully assists and contributes in this direction.*

***Keywords**: open door policy, Treaty, Public Council, second track of diplomacy, international relations, water and energy diplomacy, Shanghai Cooperation Organization, International Year of Glacier Protection.*

# ТАҒЙИРЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ**

н.и.т., муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33, тел: 900-18-00-38; mail: raxmonzoda92@bk.ru

**АЛИЕВА ШАҲНОЗА**

магистранти соли 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33, тел: 93 338 38 36.

*Дар мақолаи мазкур тағйирёбии муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ шуда, принсипҳо ва ҳадафҳои асосии ҳарду ҷониб тавсиф гардидааст. Инчунин, ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун, аз муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ то амният ва фарҳанг таҳлил шудааст. Марҳалаи кунунии вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаҳоеро пеш овардааст, ки бояд Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ муштарак фаъолият намоянд. Иттиҳоди Аврупо ҳамчун бозигари геосиёсӣ ҳадафҳои худро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайгирӣ менамояд. зеро мавқеи ҷуғрофии Осиёи Марказӣ барои таҳкими ҳамкорӣ ва татбиқи ҳадафи геосиёсӣ муҳим ба шумор меравад. Яке аз самтҳои муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо тақвияти фазои демократӣ ва иқтисоди бозоргонӣ буда, бахши энергетика қисмати муҳими онро ташкил медиҳад. Самти дигари аҳдофи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо мусоидат ба ҳифзи сулҳу субот, таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкории бисёрҷониба дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ мебошад.*

***Калидвожа:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, тағйирёбӣ, геосиёсӣ, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, созмонҳои байналмилалӣ, демократия, амният, иқтисодиёт, манфиати миллӣ.*

Таҳким ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Иттиҳоди Аврупо яке аз авлавиятҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд. Марҳалаҳои роҳандозии ҳамкориҳои гуногунсамта байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90–ум шуруъ гардидааст.

Моҳияти асосии сиёсати Иттиҳоди Аврупоро дар Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидани "Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ бо давлатҳои собиқ Шӯравӣ" ташкил медиҳад, ки ин барои ба расмият даровардани муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои ин минтақа замина гузоштааст [15, 13].

Аз ҷониби дигар, мушкилоте, ки шароити муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ аст, ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ таъсири баробар доранд ва ҳалли муштаракро талаб мекунанд. Инчунин, масъалаҳои амниятӣ ва рушди иқтисодии минтақавӣ талаб менамоянд, ки Иттиҳоди Аврупо бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофиашон ҳамкории зичро ба роҳ монад. Илова бар ин, он ба рушди ҳамкориҳо дар самти масъалаҳои сарҳадӣ, муҳоҷират, мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва терроризми байналмилалӣ, инчунин хариду фурӯши одамон, мубодилаи ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ алоқаманд аст [1,4].

Аз аввали солҳои 90–ум Иттиҳоди Аврупо сиёсати густариши нуфузи стратегии худро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз намуд. Ба таври анъанавӣ, гузариши Иттиҳоди Аврупоро аз нақши «нозир» ба нақши «иштирокчӣ» дар миқёси минтақавӣ метавон ба 4 давра тақсим кард.

Давраи якум, ки солҳои 1991 – 1995–ро дар бар мегирад, нишон дод, ки стратегияи Иттиҳоди Аврупо нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои зерин устувор аст:

— ба эътидол овардани вазъияти сиёсии дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ;

— таҳким ва густариши навъҳои гуногуни навовариҳои демократӣ ва меъёрҳои ахлоқии аврупоӣ;

— расондани ёрии иқтисодӣ ба кишварҳои сохти демократидошта, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ва барқарор намудани алоқаҳои берунии иктисодӣ фаъол ҳастанд.

Ноил шудан ба ин мақсадҳо танҳо бо маблағгузории самтҳои дар боло зикргардида тавассути бастани шартномаҳои байнидавлатӣ дар шакли қарз ё қарзҳои бефоиз самаранок гардид [1, 50].

Дар баробари кумаки молӣ Иттиҳоди Аврупо вазъи дохилии сиёсиро аз ҷониби созмонҳои байналмиллалӣ ва аврупоӣ, аз ҷумла Созмони аҳдномаи ҳамкорӣ дар Аврупо, Парлумони Аврупо, Комиссияи Аврупо, Комиссияи гурезаҳои Созмони Милали Муттаҳид, Шурои Аврупо ва ғайра назорат мекард.

Зеро, бисёре аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дарк карданд, ки онҳо ба ивази ислоҳоте, ки аз рӯйи стандартҳои аврупоӣ бояд дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ анҷом дода шаванд, кумаки молӣ мегиранд.

Созишнома хоҳиши ҳарду ҷонибро барои таҳкими демократия, эҳтироми ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва иқтисоди бозоргонӣ муттаҳид намуд. Инчунин, барои муколамаи созандаи сиёсӣ замина фароҳам оварда, миёни ҷонибҳои он низоми кушоди тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ фароҳам овард.

Зеро, дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ дар бораи ҷой ва нақши созмонҳои байналмилалӣ дар раванди сиёсии ҷаҳон тасаввуроти гуногун ташаккул ёфтааст. Намояндагони равияи реализми нав дар бораи нақши дуюмдараҷаи онҳо дар

муносибатҳои байналмилалӣ изҳори ақида менамоянд. Онҳо созмонҳои байналмилалиро ҳамчун як майдоне меҳисобанд, ки дар он давлатҳо метавонанд манфиатҳои худро ҳимоя кунанд [12, 85].

Давраи дуюм ба солҳои 1996 – 2000 рост меояд. Ба андешаи коршиносони Иттиҳоди Аврупо, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ натавонистанд ба меъёрҳои аврупоии иқтисоди бозоргонӣ ва демократия наздик шаванд.

Дар баробари ин ғояе, ки аз Ғарб ворид шуд, омили ноустувории худро ба вазъи сиёсии дохилии ҷумҳуриҳои минтақа ворид кард. Меъёри демократияи ғарбӣ имкон дод, ки дар Осиёи Марказӣ раванди эҳёи динӣ оғоз шавад. Инчунин, он аз бисёр ҷиҳат тавлидкунандаи эҳсосоти зиддидавлатӣ дар ҷумҳуриҳои минтақа гардид. Дар ин маврид аз рӯйдодҳои соли 1999 ёдоварӣ кардан бамаврид аст. Зеро, моҳи августи соли соли 1999 ҷангиёни исломӣ бори аввал ба Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамла карданд.

Ин боиси ташаннуҷ ва бесуботии минтақаи Осиёи Марказӣ гашт. Аз ин рӯ, дар ин давра муносибатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо иҷрои барномаҳои Иттиҳоди Аврупо суст гардид, балки кишварҳои Аврупоро аз худ дур кард.

Давраи сеюмро солҳои 2001-2004-ро фаро мегирад. Дар ин давра кӯшиши Иттиҳоди Аврупо барои аз нав оғоз кардани барномаҳои худ, ки ба ноил шудан ба се ҳадафи асосӣ равона шуда буд, тавсиф кардан мумкин аст:

— ташаккул ва инкишофи ҷамъиятӣ демократӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;

— дастгирии молиявии ҷумҳуриҳои минтақа бо мақсади “пайванд” кардани онҳо ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва мутаносибан ба сиёсати давомдори Иттиҳоди Аврупо;

— амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳое, ки ба муътадил гардондани вазъияти дохилии сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ равона шудаанд [9, 5].

Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки ноил шудан ба ҳадафи дуюм дар ҳалли масъалаи баҳри Хазар, ки ҷанбаи энергетикии он ҳоло барои Иттиҳоди Аврупо аз ҳарвақта бештар аҳамият дорад, асоснокии худро пайдо кард.

Манфиати иқтисодии Иттиҳоди Аврупо ба азхуд намудани энергетика ва дигар сарватҳои зеризаминии минтакаи Хазар ва хусусан Ҷумҳурии Қазоқистон мушоҳида карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки пас аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо сиёсати худро нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ба куллӣ таҷдиди назар намуд. Дар натиҷа, нақша ва стратегияи расонидани кӯмаки Иттиҳоди Аврупо тағйир ёфт.

Пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати хориҷии давлатҳои нави мустақил ба ташкили муносибатҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми давлатҳои ҷаҳон равона шуда буд. Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Сиёсати иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба имконияти дастрасӣ ба захираҳои зарурии энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ асос ёфт. Барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ зарурати таҳияи заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳамкории нав барои Иттиҳоди Аврупо ба амал омад [16, 17].

Давраи чорум, ки баъд аз соли 2004-ро дар бар мегирад, ба таҳким ва густариши мавқеи Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва баҳри Хазар равона шудааст.

То имрӯз Иттиҳоди Аврупо дидгоҳи худро дар бораи ояндаи Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақае таҳия кардааст, ки қодир ба монеа барои қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ифротгароии динӣ шавад.

Кочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ифротгароии динӣ яке аз масъалаҳои хатарноки ҷомеаи ҷаҳон буда, он ҳамчун вабои аср ба пояҳои давлатдорӣ, солимии ҷомеа, саломатӣ ва ҳаёти одамон, инчунин ба амнияти давлату миллатҳо дар ҷаҳон таҳдид менамояд. Ин масъалаи як ва ё якчанд давлат набуда, балки масъалаи тамоми тамаддуни башарӣ ва давлатҳои дунё мебошад.

Дар баробари ин, Иттиҳоди Аврупо фаъолияти худро дар ҳавзаи Хазар тавсеа медиҳад, зеро талабот ба неруи барқ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо пайваста дар ҳоли афзоиш аст. Имрӯз Иттиҳоди Аврупо саъю кӯшиши худро бештар ба соҳаҳои иқтисодиву энергетикӣ равона карда, масъалаҳои демократикунонӣ, гуногунандешии афкор ва ҳуқуқи инсонро дар маркази сиёсати худ гузоштааст.

Дар ин замина, Иттиҳоди Аврупо самтҳои нави кумаки молиявиро ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия кард, ки асосан барои истихроҷ ва кашондани энергия ва канданиҳои фоиданок мебошад. Дар натиҷа, афзоиши муомилоти мол байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳадафҳои ҳамкорӣ ва манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дуруст муайян кардани "омезиши сиёсатҳои мухталиф" аст. Дар маҷмуъ ҳадафҳои стратегии равобити хориҷии Иттиҳоди Аврупо ноил шудан ба ҳамоҳангӣ байни тамоми иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии мавҷударо ҳангоми ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар назар дорад. Пояи асосии манфиати иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар минтақа бахши энергетика ба ҳисоб меравад [1, 49].

Ҳадафҳои стратегии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин ҳадафҳои мушаххаси кишварҳо муносибат дар ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо Осиёи Марказиро ташаккул медиҳанд. Бояд қайд кард, ки ҳадафи стратегияи Иттиҳоди Аврупо ба роҳандозии ҳамкории фаъол бо давлатҳои Осиёи Марказӣ равона шуда, дар заминаи ин мусоидат ба ҳифзи сулҳу субот дар кишварҳои ин минтақаро фаро мегирад.

Стратегия сатҳи байнидавлатӣ ва минтақавии ҳамкориро таъмин намуда, самтҳои зеринро дар бар мегирад:

— ҳамкориро дар соҳаи амният, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ислоҳоти иқтисодӣ, ки имконияти истифодаи маблағҳои Бонки сармоягузории Аврупо ва фонди сармоягузориро барои татбиқи лоиҳаҳо дар Осиёи Марказӣ таъмин менамояд;

– рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, дастрасӣ ба захираҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави интиқоли энергия ба Иттиҳоди Аврупо;

– бахши муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои марбут ба баҳрҳои Каспӣ ва Арал;

– таҳияи мавзуҳои ҳассостарини муносиботи кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ба монанди эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, бунёди давлати ҳуқуқиву демократӣ;

– ислоҳоти стандартҳои системаи сеҷонибаи маориф ва ворид намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар системаи Болонӣ (Системаи таҳсилоти олии аврупоӣ) мебошад [6, 4].

Инчунин, “Стратегияи шарикии нав байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ” ҳадафи Иттиҳоди Аврупоро оид ба тақвияти мавқеи он дар минтақаи Осиёи Марказӣ нишон дод [4, 20].

Аммо ҳуқуқи байналмилалӣ ин масъаларо ба таври зайл баён мекунад: «Созмони байниҳукуматии байналмилалӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ муассисаеро ифода мекунад, ки дар асоси муттаҳидшавии давлатҳо ва шартномаи байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои муштарак таъсис дода шудааст. Давлатҳо ба хотири ҳимояи манфиатҳои муштарак амал мекунанд ва дар айни замон эҳтиром ба соҳибихтиёрии онҳо риоя мешаванд». Асоси ҳуқуқии созмонҳои байналмилалиро мавҷудияти ҳадафу манфиатҳои умумӣ муайян менамояд. Бад-ин тартиб, салоҳияти созмони байналмилалӣ доираи фаъолияте мебошад, ки бо ваколатҳои аз сӯи давлатҳои узв ба он вогузоршуда муайян карда мешаванд [12, 85].

Барои таҳкими ҳамкориҳои муштарак Иттиҳоди Аврупо бо барнома ва лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар шаш соҳаи асосӣ амал мекунад, ки ҷойи аввалро ҳалли масъалаҳои энергетикӣ ва захираҳои обӣ ташкил медиҳад. Масъалаи захираҳои обӣ ба рӯйхати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дохил карда шудааст. Аз ин рӯ, қобили зикр аст, ки яке аз олимаҳои шинохтаи Олмон И. Дойчланд таҳқиқоти хешро дар солҳои 1994 ва 1995 дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, чунин натиҷагирӣ кардааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираи зиёди об ва боигарии сохтмонӣ - барқӣ мебошад. Агар дар ин самт коргузорӣ дуруст ба роҳ монда шавад, некуаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон хело беҳтар мегардад. Дигар олими маъруфи олмонӣ таърихнигор ва тоҷикшинос Клаус Ландер қайд кардааст, ки агар Тоҷикистон об ва барқи хешро ба низом даровара тавонад, симои ин кишвар куллан дигаргун шуда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз кишварҳои абарқудрат мубаддал мешавад [14, 39].

Манфиатҳои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба ҷараёни воридоти нафт аз Ховари Миёна ба ҳадди аксар асос ёфтааст. Сиёсати энергетикии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар атрофи бахши баҳри Хазар дар ҳамсоягии Осиёи Марказӣ равона шудааст.

Соҳаи дувум нақлиёт буда, нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ аз лиҳози мавқеи геополитикӣ пули калонтарини Аврупо ва Осиё ба ҳисоб меравад Стратегияи Иттиҳоди Аврупо сармоягузорӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои «пайваст кардани» соҳили Уқёнуси Ором бо қаламрави Аврупоро дар бар мегирад, ки онро ба истилоҳи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико стратегияи «Роҳи абрешим» меноманд.

Ҳамчунин барномаи навсозии инфрасохтори нақлиёт дар минтақаи TRACECA (Роҳравӣ - коридор) нақлиёти Осиёи Марказӣ – Қафқоз – Аврупо) ва INOGATE (Барномаи байниҳукуматии интиқоли нафту газ дар Аврупо), низ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бунёд ёфтаанд [10, 21].

Барномаи TRACECA дар шакли мукаммали худ биниши аврупоии равандҳои макроминтақавӣ дар тамоми АвруОсиёро таҷассум мекунад. Тибқи нақша, долони нақлиётии фароконтинентӣ бояд бандарҳои баҳри Сиёҳи Гурҷистон (Поти ва Батуми), хатҳои роҳи оҳани Гурҷистон ва Озарбойҷон, системаи паромҳои ҳавзаи дарёи Хазар (Боку-Туркманбошӣ), системаҳои роҳи оҳани Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон (қад-қади Андиҷон-Ӯш-Қашғар) ва Чин бо роҳи минбаъда ба уқёнуси Ором.

Дар робита ба ин Иттиҳоди Аврупо барномаи «Тиҷорати Аврупо-Қафқоз-Осиё» (TRACECA)-ро, ки дар соҳаи нақлиёт ва тиҷорат мусоидат мекунад, таҳия намуд. Ин ба соҳаи савдо, ҳамгирой кардани роҳи автомобилгарди байналхалқӣ байни Аврупо, Қафқоз ва Осиё, инчунин ҳалли мушкилот дар системаи нақлиёт ва тиҷорати минтақа мусоидат мекунад. Рушди тиҷорати хурд ва миёна яке аз самтҳои афзалиятноки барномаи минтақавӣ буда, ҳадафи он мусоидат намудан ба рушди тиҷорати хурд ва миёна тавассути лоиҳаҳо мебошад.

Ҳифзи сарҳад ва мубориза бар зидди маводи мухаддир соҳаи чорум дар минтақа ҳисоб меёбад. Аз охири соли 2001 Иттиҳоди Аврупо татбиқи лоиҳаи CADAP – ро оғоз намуд. Вазифаҳои асосии ин лоиҳа: беҳтар намудани кори хадамоти назорат дар фурудгоҳҳои калон дар минтақа, таҳкими ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо қочоқи маводи мухаддир мебошад [5, 17].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, онро ҳамчун як сохтори таъсирбахш ва бо мурури замон санҷидашудаи таъмини амнияту суботи минтақаи масъулияташ мешуморад. Ҳамкорӣ дар доираи ин созмонҳо ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва он имкон медиҳад, ки бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва умуман ба хотири таъмини амнияту субот дар тамоми минтақаи Аврупо ва Осиё, инчунин ҳимояи тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзои ин созмонҳо фаъолона тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд [12, 115].

Барномаи ояндаи Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини амният БОМКА (барномаи кӯмаки сарҳадӣ дар Осиёи Марказӣ) буда, он аз соли 2003 фаъолиятро оғоз намуда, барномаи кӯмаки муштараки Иттиҳоди Аврупо ва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. [9, с.3]. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид шабакаи ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи рушд мебошад. Он азислоҳотҳо ҷонибдорӣ намуда, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дастрасиро ба манбаҳои дониш, таҷрибаи амалӣ ва захираҳо фароҳам меорад.

Ҳамкориҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои маориф дар чорчӯбаи барномаҳои гуногуни Иттиҳоди Аврупо, ки он то соли 2014 бо номи Темпус ва Эразмуз Мундус номгузори шуда буданд, бунёд мегардад. Соли 2014 Комиссияи Аврупо дар доираи лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо оид ба таълим, тренинг, ҷавонон ва варзиш барои соли 2014-2020 барномаи нави Erasmus+ро оғоз намуд. Ҳаҷми хароҷоти умумии ин барнома барои солҳои 2014-2020, 16,5 миллон евроро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда назар ба барномаҳои қабли 8 баробар зиёд буда, аз он 8.68 миллион евро барои татбиқи лоиҳаи «Баланд бардоштани тавонмандӣ дар таҳсилоти олӣ» дар кишварҳои Осиёи Марказӣ равона карда шудааст.

Соҳаи шашум ҳифзи муҳити зистро фаро гирифта, дар он ҳимояи захираҳои табиӣ ва биологӣ дар чорчӯбаи Барномаи экологии Осиёи Марказӣ зикр ёфтааст. Ин барнома ба ду марҳала тақсим карда мешавад. Марҳалаи якум ба захираҳои об вобаста буда, марҳалаи дувум дар ҳоли рушд аст, аммо он бояд марҳалаи аввалро тақвият диҳад ва то соли 2013 амал намудааст[9, 4].

Бароҳмонии соҳаҳои зикргардида имкон медиҳанд, ки муносибатҳои мутақобилан судманд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд оянд ва минбаъд низ дар ҳамкории тарафайн тақвият ёбанд.

Дар соҳаи истифодаи об яке аз роҳҳои ҳал метавонад дурнамои самараноки истифодабарии минтақавии об шавад, ки он набояд хусусияти танҳо тавсиявӣ дошта бошад. Мутахассисон дар ин ақида мувофиқ ҳастанд, ки созишномаҳо оид ба обҳои байналмилалӣ бояд мушаххастар гарданд, чораҳоеро пешбинӣ намоянд, ки иҷрои ҳатмии шартҳои қарордодҳои ба имзо расидаро таъмин менамоянд, инчунин, усулҳои ба таври муфассал матраҳшуда барои ҳалли низоъҳоро (дар сурати ба миён омадани чунин низову ихтилофу баҳсҳо) дар бар гиранд. Ҳамчунин, маблағгузории кофӣ барои идоракунии обҳои фаромарзӣ ва таъсиси мақоми иҷроия, ки бо салоҳиятҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба таври фаровон ваколатдор карда мешавад, бояд таъмин карда шаванд [12, 157-158].

Манфиатҳои сиёсии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ то ҳол механизми ягонаи қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ таҳия накардааст. Якчанд мақомоти боломиллатии марбут ба Иттиҳоди Аврупо (Шурои Аврупо, Комиссияи Аврупо ва Шурои вазирони Иттиҳоди Аврупо) дар қабули қарорҳо иштирок мекунанд. Муҳимтарин мушкили сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дарёфти шарики минтақавӣ ва барандаи сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар минтақа мебошад. Сарфи назар аз он, ки муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас инкишоф меёбанд, як қатор масъалаҳо мавҷуданд, ки ҳалли онҳо диққати ҷиддӣ талаб мекунад.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои манфиатҳои сиёсӣ баррасии назарияи ҳамгироии сиёсӣ дар чорчӯбаи мактаби функсионализми нав, ки яке аз самтҳои пешбарандаи омӯзиши мавзуи мазкур маҳсуб меёбад, зарур мебошад. Ба гумони бисёре аз олимон, густариши кунунии ҳамгироии аврупоӣ мутобиқи дурнамои назарияпардозони ин мактаб таҳияшуда сурат мегирад ва Иттиҳоди Аврупо бошад ҳамчун озмоишгоҳи намунавӣ барои санҷиши муқаррароти асосии назарияи мазкур маҳсуб меёбад. Асосгузор ва яке аз намояндаҳои барҷастаи мактаби илмии функсионализми нав Эрнст Хаас буд. Э. Хаас дар таълимоти худ дар бораи маъмулан мувофиқи мақсад будани сиёсат ба хулоса меояд, ки вусъатёбии равандҳои ҳамгироӣ на ба шарофати «ғояи аврупоӣ» бо шиорҳои нигоҳ доштани асолати Аврупо, на дар натиҷаи андешаҳои ғайривоқеӣ дар бораи «азамати Аврупо» ё рисолати таърихии «тамаддуни аврупоӣ», балки бинобар мавҷуд будани манфиатҳои миллӣ ва дар атрофи он муттаҳидшавии давлатҳо рафтори воқеъбинонаи гурӯҳҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ сурат мегирад [12, 39-40].

Масъалаи аввал ин хатари низоъ ва ноустуворӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Ноустувории ҷиддӣ ва тӯлонӣ дар яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад барои тамоми минтақа паёмадҳои хатарнокро ба бор орад. Нигарониҳои башардӯстона аз як сӯ, бесуботӣ дар Осиёи Марказӣ метавонад ба манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои узви он бо роҳҳои гуногун таъсир расонад. Тавре ки таҷрибаи охирин нишон дод, Аврупо макони эҳтимолии гурезаҳо мебошад. Ба амнияти минтақа низ таваҷҷӯҳи мустақим бештар аст: рӯйдодҳо дар Афғонистон, Ироқ ва дигар ҷойҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои ноком ва минтақаҳои доимии ноустувор як паноҳгоҳи беҳтарин барои гурӯҳҳои террористӣ ва ҷиноӣ мебошанд.

Ба мушкилиҳои ҷойдошта ва масофаҳои ҷуғрофӣ нигоҳ накарда муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо минтақаи Осиёи Марказӣ дар тайи солҳои гузашта мунтазамривоҷу равнақ ёфта истодааст. Дар марҳалаи аввали муносибатҳо, ки дар солҳои мушкилиҳои дохилӣ ва хориҷӣ ташаккул ёфт, ҳамкориҳо асосан бо расонидани кӯмаки башардӯстона аз ҷониби кишварҳои Иттиҳоди Аврупо маҳдуд мешуданд. Бояд қайд кард, ки дар давраи зикргардида кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба воситаи созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ кӯмаки назаррас намуданд, ки барои паси сар намудани мушкилиҳои ҷойдошта хеле муҳим буд.

Муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо Осиёи Марказӣ ҳам дар асоси муносибатҳои дуҷониба, ҳам дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Чунин ҳамкориҳо дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони аҳдномаи ҳамкорӣ дар Аврупо ва Созмони умумиҷаҳонии тоиҷорат бештар ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, солҳои 90-уми асри гузашта муносибатҳои гуногунпаҳлӯ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо густариш ёфтанд. Дар марҳалаи аввал ин муносибатҳо дар шароити нави раванди геосиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Зеро мавқеи Осиёи Марказӣ имконоти бештарро барои таҳкими ҳамкориҳо ба дигар марказҳои асосии иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, Иттиҳоди Аврупо дар чорчӯбаи иқтидори хеш мавқеи намоёнро дар минтақа дорост. Қабули ҳуҷҷатҳои мухталифи илмӣ оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва татбиқи барномаҳои гуногуни минтақавӣ имкон медиҳанд, ки дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо тақвият ёбанд.

## АДАБИЁТ:


1. Ашуров А.М. Геополитикаи Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ: манфиат ва ҳадафҳо / А.М. Ашуров // маҷаллаи Осиё ва Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе. – 2020. – №1,(3) 2020. – С. 49–54.
2. Байзакова К.И. Политико-правовые основы сотрудничества Европейского Союза с государствами Центральной Азии, – С. 27-30 // Analytic 3, 2003. – 244 с.;
3. Белокриницкий В. Генезис и основные характеристики региона. // Центральная Азия. Пути интеграции в мировое сообщество. М., 1995. – 360с;
4. Воҳидова С. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI в.в.) «Эр-граф», Душанбе, – 2015. – 504 с.
5. Воҳидова С., Каримов Ш.Т. Стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ / С. Воҳидова, Ш.Т. Каримов // маҷаллаи Осиё ва Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе. – 2020. – №1,(3) 2020. – С. 16–23.
6. Дусчанов Р. О возможности использования опыта интеграции стран Западной Европы государствами ЦА. Центральная Азия и Кавказ, 2003. – 244 с.
7. Евразийская интеграция Таджикистана: дорожная карта для экспертного сообщества. Проектно-аналитический доклад. (руководитель проекта – Г. Майтдинова. Участники: Каюмов Н.К, Саидов Х.С., Умаров Х.У., Царик Ю.Ю., Шарипов Б. – Душанбе, 2014.

8. Изменяющаяся Центральная Азия и региональное сотрудничество. Материалы научной региональной конференции. – Душанбе, 2003. – 345 с.

9. Лаумулин М., Сейфуллина Т. Интересы и политика Европейского союза в Центральной Азии и Каспийском регионе // Режим доступа: www. kisi. kz. – 2009;

10. Майтдинова Г.М. Состояние и перспективы сотрудничества Евросоюза и Республики Таджикистан. Европейский Союз и Таджикистан – состояние и перспективы сотрудничества. Материалы конференции. 2008. – 288 с.;

11. Парамонов В. Формирование геополитической ситуации в Центральной Азии. – Внешние факторы. Центральная Азия и Кавказ, 2000. – 324 с.

12. Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи муосир. Монография / А. Раҳмонзода. — Душанбе: “Дониш”, 2022. — 172 с.

13. Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупову Амрико: марҳалаи нави ҳамкориҳо (маҷмӯаи мақолаҳои шуъбаи Аврупо ва Амрико). Душанбе, 2021. – 285 с.

14. Deutschland Jrina: Die Zentralasiatische Gus-Republiken, Kirgistan, Usbekistan, Turkmenistan, Tadshikistan // Ausgangssituation und Ansatzpunete fuer die Entwichlungs zumammenarbeit, - Berlin, 1993, – S. 39.

15. Pander K. Zentralasien Usbekistan, Kirgistan, Tadshikistan, Turkmenistan, Kasachstan // Kunst Reisefuhrer, Dumont, 1996. – S.46.

16. Rahr. A. Europe in the New Central Asia // The New Central Asia: In Search of Stability: A Report to the Trilateral Commission. – New York, 2000.

17. Globalization. Poverty and Conflict. Critical "Development" reader. Kluver Academic Publishers, Dredrecht. The Netherlands, 2004. P. 69.

# ТРАНСФОРМАЦИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ЕВРОПЕЙСКИМ СОЮЗОМ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**РАХМОНЗОДА АЗИМДЖОН ШЕРАЛИ**

н.и.т.,заместитель директора по науке и образованию Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, г. Душанбе, п. Рудаки 33, тел: 900-18-00-38; mail: raxmonzoda92@bk.ru

**АЛИЕВА ШАХНОЗА**

магистрант 2 курса Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, г. Душанбе, п. Рудаки 33, тел: 93 338 38 36.

*В данной статье рассматриваются трансформации в международных отношениях Республики Таджикистан с Европейским Союзом в условиях глобализации, а также описываются основные принципы и цели обеих сторон. Также проанализировано сотрудничество в различных сферах: от торгово – экономических отношений до безопасности и культуры. Современный этап развития международного сообщества поставил вопросы, согласно которым Республика Таджикистан и Европейский Союз должны работать вместе для решения глобальных проблем. Как геополитический игрок Европейский Союз отстаивает свои цели в странах Центральной Азии, в том числе в Республике Таджикистан, поскольку географическое положение Центральноазиатского региона важно для укрепления сотрудничества и достижения геополитических целей. Одним из направлений международных отношений между Республикой Таджикистан и*

*Европейским Союзом является укрепление демократической среды и рыночной экономики, важной частью которого является энергетический сектор. Еще одним направлением стратегических целей Республики Таджикистан с Европейским Союзом является содействие защите мира и стабильности, обеспечению безопасности Центральноазиатского региона и многостороннего сотрудничества в рамках международных организаций.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Европейский союз, Центральная Азия, трансформация, геополитика, внешняя политика, международные отношения, международные организации, демократия, безопасность, экономика, национальные интересы.*

## TRANSFORMATION OF INTERNATIONAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE EUROPEAN UNION IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION

**RAHMONZODA AZIMJON SHERALI**

Deputy Director for science and education at the Institute for Asian and European Studies of Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel: 900-18-00-38; raxmonzoda92@bk.ru

**ALIEVA SHAHNOZA**

2nd year undergraduate student at the Institute for Asian and European Studies of Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel: 93 338 38 36.

*This article examines the transformation of international relations between the Republic of Tajikistan and the European Union in the context of globalization, and also describes the basic principles and goals of both sides. Cooperation in various fields was also analyzed: from trade and economic relations to security and culture. The current stage of development of the international community has raised questions according to which the Republic of Tajikistan and the European Union should work together to solve global problems. As a geopolitical player, the European Union defends its goals in the countries of Central Asia, including the Republic of Tajikistan, since the geographical location of the Central Asian region is important for strengthening cooperation and achieving geopolitical goals. One of the international relations between the Republic of Tajikistan and the European Union is the strengthening of a democratic environment and a market economy, an important part of which is the energy sector. Another direction of the strategic goals of the Republic of Tajikistan with the European Union is to promote the protection of peace and stability, ensuring the security of the Central Asian region and multilateral cooperation within the framework of international organizations.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, European Union, Central Asia, transformation, geopolitics, foreign policy, international relations, international organizations, democracy, security, economy, national interests.*

# МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ

**МИРЗОЕВ ҲАБИБҶОН ТАБРИКҶОНОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, муаллими калони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Телефон: 933-60-94-94, E-mail: Diplomat.tj94@mail.ru.

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**
доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 E-mail: nmmirzoev@mail.ru. Телефон: (+992) 919-16-00-26

*Ҷумҳурии халқии Хитой яке аз шарикони муҳими стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта дар таҳкими субот, амният ва рушди иқтисодии Тоҷикистон саҳми арзанда дорад. Хитой аз аввалин кишварҳое буд, ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва бо Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои сиёсӣ-дипломатӣ барқарор намуд. Аз ин сана зиёда аз 30 сол сипарӣ гардид. Дар ин муддат байни ду кишвар беш аз 200 санад имзо гардид, ки ба робитаҳои ду кишвар хислати шарикии стратегӣ доданд. Ҳамкорӣ бо Чин барои Тоҷикистон аз чанд ҷиҳат муҳим мебошад. Тоҷикистон бо Чин сарҳади муштарак дорад. Чин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои сармоягузор ба ҳисоб меравад. Чин узви шурои амнияти Созмони Милали Мутаҳид мебошад ва дар созмонҳои минтақаваи нақши калидӣ дорад. Дар мақола ҳамкориҳои ду ҳамсоя кишвар дар марҳилаи навин ва дурнамои рушди он маврии таҳлилу баррасиҳои ҳамаҷониба қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо***: *марҳила, робита, давлат, ҳамкорӣ, сиёсат, иқтисодӣ, ҳамсоя, кишвар, ҷаҳон,муосир, амният, субот*

Чин бузургтарин ҳамсоякишвари Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масофаи умумии сарҳади байни ду кишвар 495 километрро ташкил медиҳад. Ду кишвар муносибатҳои хуби дипломатиро аз руйи принсипҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ, шарикӣ ба роҳ мондаанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз кишварҳои муҳим дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 4 январи соли 1992 барқарор гардиданд. Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Душанбе 13 марти соли 1992 ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Пекин 7 апрели соли 1997 ба фаъолият пардохтанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари қудратманди сиёсӣ ва иқтисодӣ, дорои аҳамияти калони иқтисодиву сиёсӣ мебошад. Дар ин замина ҳарду кишвар ҳамкориҳои худро ҳамчун шарикони боэътимод дар ҳама соҳаҳо ба роҳ мондаанд. [1 - С.50-55].

Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии ду кишварро зиёда аз 200 санади дуҷонибаи байнидавлатӣ ташкил медиҳад. Изҳороти якҷоя оид ба усулҳои асосии муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 9 марти соли 1993, Шартнома дар бораи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 15 январи соли 2007, Изҳороти якҷояи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба барқарор кардани

муносибатҳои шарикии стратегӣ аз 20 май соли 2013 ва Изҳороти якҷояи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба тақвияти минбаъдаи ҳамкории стратегӣ аз 13 сентябри соли 2014 санадҳои асосие мебошанд, ки муносибатҳои дуҷониба дар заминаи онҳо таҳия шуда, барои рушди муносибатҳои дуҷонибаи устувор ва дарозмуддат пояи қавии ҳуқуқӣ-шартномавӣ гузоштаанд. 31 августи соли 2017 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин Эъломияи муштарак оид ба истиқрори шарикии стратегии ҳамаҷониба ба имзо расонида шуд, ки заминаи мустаҳками рушди ҳамкориҳои дуҷонибаро фароҳам овард. [7 - С. 268-275].

Гузашта аз ин рушди робита бо Ҷумҳурии Мардумии Чин барои Тоҷикистон хеле муҳим аст, зеро:

- Аз нигоҳи амниятӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳади муштараки тӯлони бо Афғонистон ва ҳамчунин бо Чин дорад, ки аз ин сабаб ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризму экстремизм ва гардиши маводи мухаддир барои ҳарду ҷониб муфиданд.
- Аз нигоҳи сиёсӣ, Чин кишвари калиди дар минтақа буда дар Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Миллали Муттаҳид яке аз акторони асосӣ ба ҳисоб меравад.
- Аз нигоҳи ҷуғрофӣ, Чин бо Тоҷикистон дорои марзи муштарак мебошанд, ки назорату ҳамкории ҷиддиро тақозо мекунад.
- Аз нигоҳи иқтисодӣ, Чин шарики ҳамаҷонибаи стратегии Тоҷикистон буда дар бозори дохилии Тоҷикистон мавқеи пешсафиро дорост.
- Аз нигоҳи илму маърифат, дар замони муосир Чин яке аз қабулкунандагони асосии донишомӯзон аз Тоҷикистон буда, забони чинӣ дар солҳои охир таваҷҷӯҳи ҷавонони зиёди тоҷикро ба худ ҷалб менамояд.

Соҳаи сиёсат ва амният. Дар муносибатҳои сиёсиву амниятӣ сафарҳои расмиву давлатии сарони давлатҳо нақши муҳимро иҷро менамояд. Дар ҷараёни сафарҳо санадҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба имзо расидаанд. Аввалин сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин моҳи марти соли 1993 сурат гирифт, ки зимни он ба ҳамкориҳои дуҷониба заминаҳо гузошта шудаанд. Зимни сафари расмии моҳи августи соли 2017-и сарвари давлати Тоҷикистон, сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба то шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ баровварда шуд.

Дар густариши робитаҳои дуҷониба Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин нақши муҳимро мебозад, ки ҳар сол дар шаҳри Душанбе ё Пекин ҷаласаҳои муштарак баргузор мегарданд. Дар инкишофи робитаи сиёсии дуҷонибаи Тоҷикистону Чин ҳамчунин нақши машваратҳои сиёсии вазоратҳои корҳои хориҷии ду ҷониб хеле муҳим аст. Дар машваратҳои сиёсӣ ҷонибҳо ҳолат ва дурнамои рушди муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ва Чинро баррасӣ менамоянд. [13 -С.162-169].

Тоҷикистон ва Чин дар соҳаи амнияту мудофиа дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкории самаранокро ба роҳ мондаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи ин Созмон ба зидди терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир чораҳои профилактикӣ ва дар самти мубориза бо "се бадӣ", терроризм, эстремизм ва сепаратизм ҳамкориҳои муассирро ба роҳ мондаанд.

Бо дарназардошти ҳассосияти вазъи ҷаҳони имрӯза Тоҷикистон ва Чинро зарур аст, то ҳамкориҳои сиёсиву амниятии худро густариш дода ба муқобили зуҳуроти номатлуб аз қабили терроризму экстремизм мубориза беамон баранд.

Ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ. Ҷумҳурии Мардумии Чин калонтарин сармоягузор дар иқтисоди Тоҷикистон ва шарики асосии тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Робитаҳои иқтисодии кишварҳоро ҷойгир будани кишварҳо дар ҳамсоягӣ ва доштани иқтидорҳои фаровони захираҳои табиӣ ба ҳам наздик мекунад. Нишондиҳандаҳои гардиши савдо дар тӯли 30 сол дар масири шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ аз суръати баланди рушди он гувоҳӣ медиҳад. Агар соли 1993 ҳаҷми гардиши савдои Тоҷикистон ва Чин ба 8,9 миллион доллар баробар бошад, соли 2019 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба 660,9 миллион доллар расид, ки ин ба 14,6 %-и гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон баробар аст. Ҳаҷми умумии содирот аз Тоҷикистон ба Чин дар соли 2018 57,1 млн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 2017 21,7 миллион доллар афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми умумии воридот дар давраи соли 2018 ба 594,1 миллион доллар баробар гардид, ки нисбат ба соли 2017 37,9 миллион доллар афзоиш ёфтааст. [13 -С.162-169].

Хитой дар даврони навин миёни сармоягузорони хориҷии кишвар мақоми аввалро соҳиб мебошад.Ҳаҷми маблағгузории Хитой ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 3 млрд долларро ташкил медиҳад. Сармоягузориҳои Хитой дар доираи лоиҳаи чинии "Як камарбанд,як роҳ" сурат гирифта, он ҳадафнок, бардавом, имтиёзнок буда, дар он ягон шарту шароити сиёсӣ ниҳон нест.

Ҷумҳурии Мардумии Чин шарики боэътимоди Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои коммуникатсионӣ ва истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Дар ин замина дар асоси робитаҳои дуҷонибаи мутақобилан судманди тарафҳо даҳҳо лоиҳаҳои вобаста ба роҳу нақлиёт ва энергетикӣ татбиқ карда шудаанд. Бунёди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қашғар нишона аз рушди муносибатҳои дуҷониба дар фазои ҳамгироии нақлиётии минтақа гардид. Роҳи мазкур барои Чин ва Тоҷикистон аҳамияти бузурги иқтисодӣ дошта, Чинро бо Эрону Афғонистон ва Тоҷикистонро бо Чину Покистон ва Ҳиндустон пайваст мекунад. Дар расидан ба истиқлолияти энергетикӣ низ Чин ҳамкории густурдаро бо Тоҷикистон ба роҳ мондааст. Ба истифода додани хати интиқоли барқи 500 кв-и "Ҷануб-Шимол" ҳамкориҳои энергетикии дуҷонибаро такон бахшид, ки дар натиҷа шабакаи энергетикии Тоҷикистон ба системаи ягона пайваст карда шуд. Ҳамчунин бо кӯмаки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Душанбе Маркази гармидиҳӣ ба истифода дода шудааст, ки расидан ба истиқлолияти энергетикиро то андозае осон намуд. Дар маҷмуъ дар Тоҷикистон зиёда аз 100 ширкати дар асоси сармоягузории Чин фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд. Ғайр аз ин, Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ширкатҳои чинӣ корхонаҳои коркард ва истихроҷи ангиштасанг, оҳан, сурма, фосфор ва филузоти нодирро ба роҳ мондааст. Бо ҳамкории ширкатҳои тоҷикистониву чинӣ дар Тоҷикистон корхонаҳои муштараки коркарди семент низ ба фаъолият оғоз намудаанд, ки бозори ватаниро бо семент таъмин ва то ҳадди имкон ба бозори минтақавӣ содирот менамояд. [13 -С.162-169].

Ҳамкориҳои фарҳангиву илмӣ ва гуманитарӣ. Фарҳанг ва илм яке аз воситаҳои асосии рушди дипломатияи мардумӣ ба ҳисоб рафта рушди он заминаро барои ҳамкориҳои саҳаҳои гуногун фароҳам меоварад. Омӯзиши забони чинӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, Донишгоҳи давлатии забонҳо ба номи С.Улуғзода ва Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба роҳ монда шудааст. Бояд ёдовар гардид, ки

шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола мустақиман тариқи онлайн дар барномаҳои бурсиявии гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Мардумии Чин сабти ном ва имтиҳон супорида, соҳиби роҳхат барои идомаи таҳсил дар ин донишгоҳҳо мегарданд. Инчунин, тариқи шартномавӣ низ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳсил менамоянд. Аз ҷумла дар соли таҳсили 2013-2014 -122; соли 2014-2015 -277; соли 2015-2016 -240; 2016-2017 -298; 2017-2018 -243; 2019 -197 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи бурсияҳои таҳсилӣ дар курсҳои забономӯзӣ, зинаҳои бакалавр, магистратура ва доктор аз руйи ихтисос PhD –и ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Мардумии Чин фиристода шудааст. [13 -С.162-169].

Бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 18-19 майи соли 2023 ба ин кишвар сафари давлатӣ анҷом доданд. Баррасии масоили ҳамкории ду кишвар дар мулоқоти хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин оғоз гардида, дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои расмии Тоҷикистону Чин идома ёфт. Ҳамгоми суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари давлатӣ ва ширкат дар нишасти якуми сарони давлатҳо дар ҳамоиши сатҳи баланди “Осиёи Марказӣ-Чин” изҳори сипос намуданд. Таъкид гардид, ки равобити ду кишвар босуръат рушд карда, намунаи равшани ҳамсоягии нек ва дӯстии самимӣ ба хотири сулҳу субот дар минтақа мебошад. Сарвари давлат аз дастгирии Ҳукумати Чин ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохтор, аз қабили тарҳҳои стратегӣ дар бахшҳои нақлиёт, энергетика ва саноат изҳори қаноатмандӣ карданд. [13 -С.162-169].

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой ба баргузории ҳамоиши сатҳи олӣ дар шаҳри Сиан таҳти унвони “Осиёи Марказӣ –Чин” иттифоқ афтод. Дар Форум сарони давлатҳои Қазоқистон,Узбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон,Туркманистон, ва Раиси Чумҳурии Халқи Хитой иштирок ва суханронӣ намуданд. [13 -С.162-169].

Дар доираи сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чинро қабул намуданд. Дар ҳузури сарони давлатҳо 13 санади нав имзо гардид, ки фарогири самтҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, илмиву-фарҳангӣ, сармоягузорӣ ва ғайра мебошад. Дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар маҷмуъ 25 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин натиҷаҳои Форуми аввалини “Осиёи Маркази – Чин”-ро мусбӣ арзёбӣ намуда изҳор дошт, ки“Форум давраи навро дар робитаҳои мо боз хоҳад намуд”

Форуми дуюми “Осиёи Марказӣ-Чин” соли 2025 дар Қазоқистон баргузор хоҳад гашт. Форуми “Осиёи Марказӣ-Чин” саҳифаи навро дар масири ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои минтақа боз намуда, ба густариши робитаҳои мутақобилан судманд такони нав бахшид. [13 -С.162-169].

Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Чин дар ҳоли густариш қарор доранд. Ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Чин омили рушди иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки чунин ҳамкориҳо дар оянда низ рушду

тавсиа ёбанд. Рушди ҳамкориҳо ба таҳкими суботу амнияти минтақа алоқаманд аст.Аз ин ру, суботу амнияти Осиёи Марказӣ ҳам барои кишварҳои минтақа ва ҳам барои Чин хеле муҳим аст. Дар ин росто рушд ва тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишварҳо дар мубориза бар зидди терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир хеле муҳим аст. Боиси қаноатмандист, ки аз руи ин масъалаҳо Тоҷикистон ва Чин мавқеи ягона доранд, ки ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар ва минтақа аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Алимов Р.К. Таджикистан- Китай: курсом стратегического партнерства М, 2014. 382 с
2. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Душанбе 2010. 352 с
3. Корсун В.А. Внешняя политика Китая на пороге XXI века. М. 2002 199.с
4. Курбонова З.М. Таджикистан Китай: становление государственной границы//Азия и Африка сегодня М.2009, ИВ 29-33
5. Мирзоев Н.М. Тоҷикистон–ШОС: Шоҳроҳи ҳамкориҳо: Душанбе 2021 .304с.
6. Мирзоев Х. Научно-культурное сотрунидчество РТ с КНР в период незовисимости (1991-2020 г.г.) Автореферат. Душанбе 2021 .21с.
7. Мирзоев Н.М., Мирзоев Х.Т. Таджикистан И Китай: к вопросам О стратегическом партнерстве// Вестник Педагогического университета. 2022. № 3 (98). С. 268-275.
8. Мирзоев Н.М., Мирзоев Х.Т.Развитие гуманитарного сотрудничества Таджикистана в рамках Шанхайской Организации сотрудничества // Вестник Педагогического университета. 2022. № 1 (96). С. 215-222.
9. Мирзоев Х. Научное, культурное и гуманитарное сотрудничество Республики Таджикистан с Китайской Народной Республикой в рамках Шанхайской Организации Сотрудничества. В сборнике: Приоритетные направления и перспективы многовекторной политики Республики Таджикистан в современных условиях. Материалы республиканской научно-практической конференции. Таджикский национальный университет. 2019. С. 187-196.
10. Мирзоев Х.Т.Взаимодействия Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в сфере искусства И литературы.
11. Мирзоев Х.Т.Сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республикой в области культуры Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. 2021. № 2. С. 190-194.
12. Мирзоев, Н.М. Современное состояние и перспективы развития межгосударственных отношений между КНР и Республики Таджикистан (на тадж. языке) / Н.М. Мирзоев // Вестник ТГПУ им.С.Айни. - 2019. -№6. -С.162-169. ISSN-
13. Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ = (Международная деятельность Лидера нации Эмомали Рахмона: возвращение национального государства таджиков на арену мировой политики) / З.Ш. Сайизода. – Душанбе: Контраст, 2016. –216 с.
14. Сатторзода, А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии) / А. Сатторзода. -Душанбе, 2014. -520 с.;

15. См.: Мамадазимов А. Развитие таджикско-китайских отношений в современных условиях // Центральная Азии: внешний взгляд. Международная политика с Центральноазиатской точки зрения. - Берлин, 2008. - С. 368-369.

16. Талбак Назаров. Дипломатияи муосири тоҷик = (Таджикская современная дипломатия) / Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода. –Душанбе: Ирфон, 2006. -224 с.

17. Мирзоев Ҳ.Т. Густариши муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Чин: аз робитаҳои дипломатӣ то шарики ҳамаҷонибаи стратегӣ // Осиё ва Аврупо. маҷаллаи илмӣ. № 3 (7), 2021. Саҳ. 63-76

18. Мирзоев Ҳ.Т. Муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Қирғизистону Чин аз дар замони муосир ва роҳҳои рушди он // Осиё ва Аврупо. маҷаллаи илмӣ. № 2 (10), 2022. Саҳ. 135-143.

## НОВЫЙ ЭТАП СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КИТАЯ

**МИРЗОЕВ НИЁЗ**

доктор исторических наук, профессор Таджикского национального университета. Адрес :734025 , Таджикистан , г. Душанбе , пр. Рудаки , 17 E-mail: nmmirzoev@mail.ru .
Телефон: (+992) 919-16-00-26

**МИРЗОЕВ ҲАБИБДЖОН ТАБРИКДЖОНОВИЧ**

кандидат исторических наук, старший преподаватель Таджикского национального университета. Адрес :734025 , Таджикистан , г. Душанбе , пр. Рудаки , 17 , Телефон: 933-60-94-94 , E-mail: Diplomat.tj94@mail.ru

*Китайская Народная Республика считается одним из важных стратегических партнеров Республики Таджикистан и вносит значительный вклад в укрепление стабильности, безопасности и экономического развития Таджикистана. Китай была одной из первых стран, признавших государственную независимость Республики Таджикистан и установивших политико-дипломатические отношения с Республикой Таджикистан. С этой даты прошло более 30 лет. За этот период между двумя странами было подписано более 200 документов, что придало отношениям двух стран характер стратегического партнёрства. Сотрудничество с Китаем важно для Таджикистана по нескольким причинам. Таджикистан граничит с Китаем. Китай является одной из стран-инвесторов для Республики Таджикистан. Китай является членом Совета Безопасности ООН и играет ключевую роль в региональных организациях. В статье сотрудничество двух соседних стран находится на новом этапе и перспективы его развития являются предметом всестороннего анализа и рассмотрения.*

***Ключевые слова***: *этап, отношения, государство, сотрудничество, политика, экономика, соседство, страна, мир, современность, безопасность, стабильность.*

## NEW STAGE OF COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND CHINA

**MIRZOEV NIYOZ**

Doctor of Historical Sciences, Professor of the Tajik National University. Address : 734025, Tajikistan , Dushanbe , Rudaki Ave. 17. E-mail: nmmirzoev@mail.ru. Phone: (+992) 919-16-00-26

**MIRZOEV HABIBJON TABRIKJONOVICH**
Candidate of Historical Sciences, senior teacher at the Tajik National University. Address :734025 , Tajikistan , Dushanbe , Rudaki Ave., 17th Phone: 933-60-94-94 , E-mail: Diplomat.tj94@mail.ru

*The People's Republic of China is considered one of the important strategic partners of the Republic of Tajikistan and makes a significant contribution to strengthening the stability, security and economic development of Tajikistan. China was one of the first countries to recognize the state independence of the Republic of Tajikistan and establish political and diplomatic relations with the Republic of Tajikistan. More than 30 years have passed since this date. During this period, more than 200 documents were signed between the two countries, which gave the relations between the two countries the character of a strategic partnership. Cooperation with China is important for Tajikistan for several reasons. Tajikistan borders China. China is one of the investor countries for the Republic of Tajikistan. China is a member of the UN Security Council and plays a key role in regional organizations. In the article, cooperation between the two neighboring countries is at a new stage and the prospects for its development are the subject of comprehensive analysis and consideration.*

***Key words***: *stage, relations, state, cooperation, politics, economy, neighborhood, country, world, modernity, security, stability.*

## НАҚШИ ТАШКИЛОТИ ТЕРРОРИСТИИ «ИХВОН-УЛ-МУСЛИМИН» ДАР БЕСУБОТИИ ВАЗЪИ СУРИЯ

**ЗИЁЕВ СУБҲИДДИН НАСРИЕВИЧ**
номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

*Дар ин мақола нақши ташкилоти террористии “Ихвон-ул-муслимин” дар бесуботии сиёсӣ, танишҳо, низоъҳо ва аз байн бурдани арзишҳои миллии кишвари арабии Сурия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз замони оғози буҳрони Сурия дар соли 2011 то кунун гурӯҳҳои мухолифи мухталифе дар ин кишвар дар баробари ҳукумати марказии Сурия мубориза мебаранд. Яке аз ин гурӯҳҳо, ки аз солҳои қабл ҳам бо ҳукумати Сурия ихтилофҳое дошт, ташкилоти террористии «Ихвон-ул-муслимин» аст.*

*Ташкилоти террористии мазкур дар давоми як даҳсола тавонист Сурияро ноором созад ва бо таъсири омилҳои беруна, яъне абарқудратҳо ёдгориҳои таърихӣ, фарҳанг, тамаддун ва озодиро дар ин кишвар аз байн барад. Сабаби асосии низоъҳои кишвари Сурия ин ба даст овардани манобеи нафту гази ин кишвар аз ҷониби бархе аз кишварҳои аврупоӣ дониста мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *Шарқи Наздик, Сурия, Ихвон-ул-муслимин, низоъ, бесуботии сиёсӣ, таъсир, гурӯҳҳои террористӣ, нооромӣ, ҳизби Баъс, кишварҳои арабӣ.*

Сурия бо номи расмии Ҷумҳурии арабии Сурия кишваре дар ҷанубу ғарбии Осиё ва дар канори соҳили дарёи Мадитрона ҷойгир шудааст. Ҳизби ҳокими ин кишвар ҳизби сотсиалистии Баъс мебошад. Ин кишвар аз самти шимол бо Туркия, аз шарқ бо Ироқ, аз

ғарб бо Лубнон, аз ҷануби ғарб бо Исроил, аз ғарб бо дарёи Мадитрона ва аз ҷануб бо Урдун ҳамсоя аст. Сурия дар гузашта Шом ном дошт. Номи кунунии Сурияро фаронсавиён пас аз фурӯпошии Империяи усмонӣ ва истилои ин кишвар аз рӯйи таърихи куҳани ин бахш аз ҷаҳон ва ошуриёни бостонӣ бар ин сарзамин ниҳоданд. Муаррихон таърихи онро дар ҳудуди панҷ ҳазор сол медонанд. Дар тули таърих, ақвоми мухталиф, аз қабили сомӣ, омурӣ, оромӣ, мисрӣ, ошурӣ, бобулӣ, юнонӣ, римӣ ва эронӣ бар ин минтақа ҳукумат кардаанд. Мавқеи ҷойгиршавии Сурия дар ғарби Осиё ва соҳили шарқии Мадитрона дар тӯли таърих ҷойгоҳи стратегӣ ба ин кишвар бахшидааст. Ҷанги дохилии Сурия аз соли 2011 оғоз шуда, муҷиби вайрониҳо ва ноамниҳои густурда гардидааст ва таъсири худро болои мардуми он расонидааст.

Вазъияти як даҳсолаи охири Сурияро метавон аз бадтарин авзои кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик донист. Дар ин кишвар таъсири абарқудратҳо зиёд ба чашм мехӯрад. Онҳо аз манобеи нафтии он истифода намуда, ба ҳамин васила ҷангҳои хонумонсӯзро дар дохили Сурия ҷорӣ намуданд, ки қариб буд фарҳангу тамаддуни чандҳазорсолаи ин марзи тамаддунофарро аз байн бибарад.

Аз “Баҳори арабӣ”-и соли 2011 шуруъ карда, фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои тундрав ва ифротӣ дар ин кишвар зиёд ба назар мерасад ва яке аз сабабҳои асосии танишҳо ин фаъолияти сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои гуногуну тундрав ва ифротӣ аз сӯи абарқудратҳо дониста мешавад.

ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» як созмони мазҳабӣ ва сиёсист, ки соли 1928 дар Миср таъсис ёфта, баъд аз ифротӣ эълон шуданаш фаъолияти он дар бисёре аз кишварҳои арабӣ ва мусулмониву ғайримусулмонӣ мамнуъ гардидааст.

Аз замони оғози буҳрони Сурия дар соли 2011 то кунун гурӯҳҳои мухолифи мухталифе дар ин кишвар дар баробари ҳукумати марказии Сурия мубориза мебаранд. Яке аз ин гурӯҳҳо, ки аз солҳои қабл ҳам бо ҳукумати Сурия ихтилофҳое дошт ин ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» аст. Вуҷуди ихтилофҳои пешина миёни ҷунбиши ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» бо давлати Асад, ки аксар ҳам барои ба тасарруфи худ даровардани қудрат ва ҳукумат буда, низоъ ва ғавғои се буҳрони асосӣ дар ин кишварро боис шудааст. Ин буҳронҳо аз буҳрони ҳувият, машруъият ва мушорикат иборат аст [13], ки сабаби амиқтар шудани ихтилофҳо ва даргириҳо миёни ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» ва давлати марказии Сурия шуданд ва дар ин миён бо таваҷҷуҳ ба қудрати бартари ҳукумати Асад, борҳо ин ҷунбиш аз сӯи давлати Сурия саркӯб ва теъдоди зиёде аз аъзои он кушта шуданд, зиндонӣ шуданд ё аз кишвар хориҷ карда шуданд, барои ҳамин ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия ва тарафдоронаш, ки ҳамвора аз сӯи созмони ҷаҳонии «Ихвон-ул-муслимин» ва кишварҳои арабии минтақа ҳимоят ва таҳрик мешуданд, кина ва нафрати амиқ ба ҳукумати Асад дар дил дошта, ҳамвора кӯшиш мекард, ки қудрати ӯро сарнагун кунанд. Дар натиҷа бо оғози буҳрони Сурия дар соли 2011, ин ҷунбиш низ фурсатро муносиб ёфта, зимни бозёбии муҷаддади худ, бо баҳонаи гуфторҳои мазҳабӣ ва таҳрики аҳли суннат иқдом карда, дар хилоли ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои такфирӣ, ба муборизаи ҳамаҷониба бо ҳукумати Башшор Асад даст зад ва дар ин росто тавонист нақши муҳим дар оғоз ва густариши буҳрон бибозад.

Бо ғалабаи фаронсавиён дар даҳаҳои 1920 ва 1930 бар кишвари Сурия, Ҳасан ал-Банно дар соли 1935 ихвониҳоро бо баҳонаи “мубориза бо қудрати истеъмории Фаронса” ва сарусомон додан ба авзои Сурия ба ин кишвар ворид кард. Ин созмон аз ибтидо барои ташкили ҳукумат бар мабнои ислом ва талоши ҷиҳодӣ барои расидан ба

ин мақсад меандешид ва дар ин росто рақобати густурда бо соири гурӯҳҳои сиёсии фаъол дар Сурия аз ҷумла ҳизби Баъс дошт [6].

ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия тавонист хеле зуд дар ин кишвар, тарафдорони бисёр ба даст оварад. Тарафдорони ин ҷунбиш дар Сурия дар даврони мухталиф, ҳудуди 20 дар сад мардуми ин кишвар тахмин зада мешаванд [9].

ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» дар солҳои 1940 ва 1950 тавонист нақши бисёр фаъол дар сиёсати дохилии Сурия бозад ва бо ҳизбҳои Коммунист ва Баъс бар соҳиб шудани қудрат ва аксари масоили сиёсӣ – иҷтимоӣ, бахусус дар ихтиёр гирифтани курсиҳои парлумон рақобат кунад. ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» дар пайи шикасти арабҳо аз Исроил дар соли 1948 ва бо таваҷҷуҳ ба таблиғҳои густурда ва зиддиистеъморӣ, ки анҷом медод, ногаҳон аз ҷойгоҳе боло дар Сурия ба вижа дар миёни табақоти омма баҳраманд шуд[8] ва тарафдорони бисёр пайдо кард ва ба воситаи ҳамин тарафдорон ва нуфузе, ки дар ҷомеа ба даст оварда буд, тавонист бар масоили мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсиргузор бошад ва худро ба унвони яке аз бозигарони аслии исломгаро дар арсаи дохили ин кишвар матраҳ кунад[7]. Ҳамчунин ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия, пас аз соқит кардани ҳукумат ба таври ногаҳонӣ аз тариқи неруҳои низомии соли 1963 ҳизби Баъс дар ин кишвар, нақше муҳим дар густариш додани ҷунбиши муқовимат дар баробари режими ҳоким ифо кард, то ҷое, ки ҳатто бархе гурӯҳҳои ғайриисломии мухолифи давлат низ бо ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» ҳамкорӣ доштанд, ки аз ҷумла ин гурӯҳҳо метавон ба коммунистҳо, гурӯҳҳои чапгаро ва ифротии "Бригадаи сурх", "Анҷумани туҷҷор" ва ғайра ишора кард, ки авзои кишвари Сурияро муташанниҷ гардонида буд. Ба далели ҳамин мавзуъҳо ва нуфузи болои ҷунбиш дар миёни мардум, давлати марказии ин кишвар аз вуҷуди ин ҷараён, хатар эҳсос карда, ба саркӯбии ҷунбиш ва зиндонӣ кардани теъдоде аз раҳбарони он дар давраҳои мухталиф иқдом мекунад [4, 239-240]. Бо вуҷуди ҳама саркӯбиҳо ва маҳдудиятҳое, ки давлати марказии Сурия барои боз доштани ҳаракати ифротии «Ихвон-ул-муслимин» эҷод мекард, боз ҳам ин ҷунбиш ба фаъолиятҳои густурдаи худ дар кишвари Сурия идома дод, то ҷое расид, ки бо ақоиди ифротии худ қисме аз мардуми суриро бар зидди давлати вақт бар по хезонида буд [12, 192-194].

Тайи зиёда аз даҳ сол аст, ки кишвари Сурия, миёни буҳрони ноамнии сиёсӣ ва ҷанги абарқударатҳо даргир аст ва аз ибтидои буҳрон дар ин кишвар, ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия ба унвони яке аз аслитарин ва бособиқатарин гурӯҳҳои мухолиф, ба муборизаи ҳамаҷониба бо давлати марказии ин кишвар даст задааст.

Ҳадафи таҳқиқ ин аст, ки бо баҳрагирӣ аз назарияҳои матраҳшуда дар заминаи ҷунбишҳои исломӣ ба хусус назарияи муҳаққиқи армании муқими Амрико Ричерд Ҳраир Декмеҷиан (Richard Hrair Dekmejian) ва татбиқи ин назария бо шароити мавҷуд дар кишвари Сурия ва ҳамчунин дар назар гирифтани собиқ муборизоти ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия бо давлати марказии ин кишвар дар чанд даҳаи гузашта ба ин пурсиш посух дод, ки «Нақши ҷунбиши Ихвон-ул-муслимини Сурия дар буҳрони ахири ин кишвар чӣ будааст? Ва оё ин ҷунбиш тавонистааст дар буҳрони ахири Сурия ва густариши ҷанги дохилӣ нақшофаринӣ кунад ва аз тавони худ барои фароҳам овардани тарафдоронаш ба хусус сунниҳои фаъол дар ҷараёни салафӣ, ки ихтилофҳои решаӣ бо давлати Асад низ доранд, истифода кунад ё не?» Ба назар мерасад ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия бо таваҷҷуҳ ба нуфузи зиёд, ки дар ин кишвар дошт, тавонист бо истифодаи абзоре аз омили мазҳаб, зимни зерпурсиш бурдани машруъияти давлат дар ин

кишвар ва мухолифат бо наҳваи идораи ҷомеа ва фазои бастаи сиёсӣ, нақши муҳим дар таҳрик ва сомондиҳии гурӯҳҳои суннӣ бахусус сунниҳои фаъол дар ҷараёни салафии зидди давлати марказии ин кишвар ва доман задан ба буҳрон нақш бозад.

Сайид Қутб, ки яке аз раҳбарони маъруфи ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» мебошад исломгароиро ба маънои бозгаштан ба асл ва зоти дин, яъне ҳокимияти Аллоҳ ба ҷойи ҳокимияти тоғут дар тамоми умури сиёсӣ ва иҷтимоӣ медонад. Сайид Қутб (9 октябр 1906 - 29 август 1966) нависанда ва назарияпардози мисрӣ буд [5, 219]. Вай ба далели бознигарӣ дар таъсири бархе аз мафоҳими исломӣ бар таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсии назири ҷиҳод, миёни пажӯҳишгарони исломи сиёсӣ, машҳур аст [3]. Бархе аз мухолифони ислом вайро «омӯзгори гуфтумони такфирӣ» дар садаи бистум хондаанд [11]. Андешаи ӯ сахт дар идеологияи ҷунбишҳо ва гурӯҳҳои исломгароӣ ва ҷиҳодӣ асар ниҳод ва мафҳумҳои «ҷоҳилияти ҷаҳон», «ҳокимияти Аллоҳ» ва «ҷаҳонӣ будани ислом» ба «такфир», «инқилоб» ва «хушунат» пайванди ногусастанӣ хӯрд [3]. Мактаби фикрии ӯ ба унвони «қутбигарӣ» шинохта мешавад. Аз диди ӯ ҳокимияти исломӣ бар асоси “Ло илоҳа иллаллоҳ” аст ва ҳеҷ ҳукумати ғайр аз Аллоҳ вуҷуд надорад ва маънои убудийят, раҳоии башар аз тоғут аст [10], ки ин ақида зидди дунявият ва озодӣ буда, барои ҷомеаи умум пазируфта нахоҳад шуд. Исомиддин Шарифзода, як таҳлилгари тоҷик дар мақолае бо номи “Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) як шохаи Ихвон-ул-муслимин” ҳадафи асосии ин ҳаракатро чунин баён намудааст: “Ҳадафи ниҳоии Ихвон-ул-муслимин ташкили хилофати исломӣ мебошад, ки ба қавли пешвоёнашон Ҳасан-ал-Банно ва Саид Қутб, бояд аз Испания то Филиппину Индонезия густариш ёбад” [18], ки ин ҳадафи гуруҳи террористӣ ба Тоҷикистон низ хатарбор аст.

Сурия дар тӯли таърих, шоҳиди сукунат ва ҳукумати гурӯҳҳои мухталиф буда, вале бо тасарруфи Шом дар соли 634 мелодӣ ба василаи сипоҳи ислом, фарҳанги исломӣ бар ин минтақа қудрат ёфт. Аз он таърих то кунун, мусулмонони суннимазҳаб, ҳамвора ҳукумат ва қудратро дар ин сарзамин дар ихтиёр доштаанд ва метавон гуфт, ки ба таври суннатӣ ва таърихӣ, мусулмонони аҳли суннат дар Сурия аз ҷойгоҳи сиёсӣ ва иқтисоди болоӣ баҳраманд буда, ба таври тақрибӣ тамоми хонаводаҳои заминдор ва аксар сарватмандон дар ин манотиқ то Ҷанги Дувуми Ҷаҳонӣ, аз мусулмонони аҳли суннат будаанд [15].

Ихвониҳои сурӣ, ки аз ҷараёни суннимазҳаб ба шумор мерафтанд, аз ҳамон ибтидо мавқеъгириҳои шадидро зидди ҳузури Фаронса дар Сурия ва ҳамчунин алавиёни ин кишвар, ки ақаллияти 15 дарсад дар баробари аксарияти 74 дарсади аҳли суннат маҳсуб мешуданд, гирифтанд. Ихвониҳо, ки бо таваҷҷуҳ ба мавозеъ ва дидгоҳҳояшон, ҷунбиши сиёсӣ маҳсуб мешуданд, аз ҳамон ибтидо худро ба навъе, ҳомиёни ҳуқуқи аҳли суннат дар Сурия муаррифӣ мекарданд ва бо ин баҳонаҳо ангезаи аслии худро бар пояи навъе ҳукумати исломи воқеӣ ва мубориза бо Фаронса эълом карданд [1].

Воқеаҳои боло дар шароите дар кишвари Сурия дар ҳоли рухдодан буд, ки рӯз ба рӯз бар мизони нуфуз ва қудрати ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» низ афзуда мешуд ва рафта-рафта ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» ба ҷунбиши асосӣ дар Сурия табдил шуд ва ба унвони яке аз муддаиёни дар ихтёр гирифтани ҳукумат дар ин кишвар матраҳ буд ва дар ин росто низ ба шиддат бо ҳизби Баъс, ки шумори зиёде аз аъзои он алавӣ буданд, рақобат дошт, аммо дар ниҳоят, дар ин рақобат, баъсиҳо ба далели ҳимояте, ки аз сӯи режими истеъмории Фаронса мешуданд, муваффақтар буданд то ин ки ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» тавонист, тайи инқилоб дар соли 1963 қудратро дар ихтёр бигирад [2].

Пас аз ба қудрат расидани ҳизби Баъс, онҳо ба маҳдуд кардани бисёр ҳизбҳо ва гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистии рақиби худ дар Сурия даст заданд. Дар ин росто ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» шомили бештарин маҳдудиятҳо шуд ва ҳатто ҳизби Баъс, теъдоде аз раҳбарони он, монанди Асом Ризо ал-Атторро дар соли 1964 аз кишвари Сурия ронд. Дар идома Ҳофиз Асад, ки аз аъзои алавии ҳизби Баъс маҳсуб мешуд, тавонист дар соли 1970 ва аз тариқи кудатои дарунҳизбӣ, қудратро дар Сурия ба даст бигирад барои ин бо оғози даҳаи 1970 қудрати сиёсӣ дар ин кишвар дар дасти алавиҳои ҳизби Баъс қарор гирифт, ки ин мавзуъ боиси афзоиши хашми ихвониҳо ва мухолифати беш аз пеши онҳо бо ҳукумати марказии ин кишвар шуд, анҷомид [17].

Муқобилияти ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия ба вижа ҷиноҳи тундрави ин ҷараён, ки дар бахшҳои шимоли Сурия, мустақар буданд бо ҳукумати хонадони алавии Асад аз ҳамон рӯзҳои нахусти ба қудрат расидани Ҳофиз Асад оғоз шуд ба тавре, ки барои намуна метавон ба тазоҳуроти зидди ҳампурсии қонуни асосӣ дар соли 1971 ва дар идома низ моҷароҳои назири қатли оми 38 донишҷӯи алавии Донишкадаи афсарӣ дар шаҳри Ҳалаб дар соли 1979 ва ҳамчунин шуриш ва моҷарои шаҳри Ҳамо дар соли 1982 ишора кард ва ҳамон тавре, ки гуфта шуд, ҳама ин иттифоқҳо аз сӯи ҷунбиши ифротии «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия, ки созмони ҷаҳонии «Ихвон-ул-муслимин» низ пайваста онҳоро бо фатвоҳои гуногуни зидди хонадони Асад таҳрик мекарданд, барномарезӣ ва анҷом шуд [16].

ТЭ «Ихвон-ул-муслимин»-и Сурия ба унвони гурӯҳи бузурги ин кишвар, ки тарафдоронаш дар Сурия ҳудуди 20 дарсади мардуми ин кишвар тахмин зада мешаванд дар даҳаҳои 1970 ва 1980 тавониста буд сохтҳои иҷтимоии бонизомро зидди ҳукумати Ҳофиз Асад дар Сурия эҷод кунад ва вуқӯи ҳаводисе аз қабили ишғоли Афғонистон тавассути Шӯравӣ, ҷанги Халиҷи Форс, куштори мусулмонони Бӯснӣ ва Ҳерзегавин (Bosna - Hercegavina) низ дар қудратгирифтани ин ҷараён дар Сурия бисёр таъсир дошт, барои ҳамин ҳам ин афзоиши қудрат ба афзоиши даргириҳо миёни ҷунбиши ифротии «Ихвон-ул-муслимин» ва давлати алавии Асад кашида шуд, ки авҷи ин даргириҳо моҷарои шуриши шаҳри «Ҳамо» дар соли 1982 буд, ки албатта дар ин замон ба далели қудрати зиёд ҳукумати Асад, шуриш бо суръат ва шиддат саркӯб шуд ва ҷунбиши ифротии «Ихвон-ул-муслимин» ва тарафдоронаш, маҷбур шуданд ақибнишинӣ кунанд. Теъдоди зиёде аз ихвониҳо ва раҳбаронашон дар ин ҷараён кушта, зиндонӣ ё хориҷ шуданд, аммо тафаккури ҷиҳод дар миёни бисёре аз ҷавонони тарафдорони ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» боқӣ монданд то ин ки бо ҳамлаи Америка ба Ироқ дар соли 2003, баъзе уламо ба монанди Шайх ал-Бутӣ, фатвои ҷиҳоди зидди ишғолгаронро содир карданд ва ин мавзуъ ба эҳёи муҷаддади тафаккури ҷиҳодии ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» дар миёни ҷавонони Сурия кашида шуд [7].

Ҳамот ё Ҳамо (ба арабӣ: حماة) яке аз шаҳрҳои кишвари Сурия аст. Ин шаҳр маркази вилояти Ҳамот аст. Номи ин шаҳр дар матнҳои қадимии форсӣ «Ҳамот» навишта шудааст, аммо дар худи ин шаҳр ва ҳамчунин дар нашриёти ҷадид аз он таҳти номи «Ҳамо» ёд мешавад.

Дар соли 1982 дар шаҳри Ҳамо шуриши бузурге алайҳи ҳукумати ҳизби Баъси Сурия, ки саркардагонаш ихвониҳо буданд ба амал омад. Артиши Сурия барои дар ҳам шикастани он амалиёти васеъеро анҷом дод. Ҳудуди 20 то 40 ҳазор нафар дар он кушта шуданд. Куштори шаҳри Ҳамо дар канори набарди Сентябри Сиёҳи соли 1970 дар Урдун ба вуқуъ пайваста ба унвони хунбортарин амалиёти давлатҳои арабӣ алайҳи мардуми

худ шинохта мешаванд. Раҳбарии амалиёти шаҳри Ҳаморо Рифъат Асад бародари раҳбари Сурия Ҳофиз Асад бар ӯҳда дошт ва шуришчиён умдатан аз гурӯҳҳои исломгаро, ба вижа ихвониҳо буданд [19, 243-244].

Яке аз сабабҳои ҷангҳо ва хунрезиҳои ахири Сурияро метавон бо таъсири ташкилоти ифротии «Ихвон-ул-муслимин» ба ин минтақа қаламдод кард. Зеро ташкилоти террористии ба ном "Давлати исломии Ироқу Шом" бо ташкилоти ихвониҳо ҳампаймон буд.

Гарчанде Ҷумҳурии арабии Миср ҳаракати «Ихвон-ул-муслимин»-ро ташкилоти террористӣ эълон карда бошад ҳам, то ҳол қисме аз аҳолии ин кишвар аъзо ва пайрави он мебошанд. Дар дигар кишварҳои арабӣ низ ин ташкилоти террористӣ аъзои худро дорад. Ин ҳаракат дар замони ҳукмронии Муҳаммад Мурсӣ, ки худ намояндаи ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» буд, доманаи худро ба кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба воситаи донишҷӯёне, ки дар Донишгоҳи ал-Азҳар таҳсил намуда буданд, паҳн намуд. Аз ҷониби мақомоти қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари аъзои ташкилоти террористии «Ихвон-ул-муслимин» дастгир гардида, ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Дар соли 2016 додгоҳҳои вилояти Суғд 20 нафар аз имомхатибони масоҷиди шимоли Тоҷикистонро барои узвият дар гурӯҳи дар Тоҷикистон мамнуи «Ихвон-ул-муслимин» ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданд [14]. Мақомоти дахлдори Тоҷикистон низ дар натиҷаи омӯхтани паҳлӯҳои гуногуни ин ҷунбиш ба хулосае омаданд, ки тамоми ин афрод донишомӯхтагони Донишгоҳи ал-Азҳари Миср ҳастанд. Дар замони ҳузурашон дар ин кишвар ба гурӯҳи дар Тоҷикистон мамнуъшудаи «Ихвон-ул-муслимин» пайвастаанд. Додгоҳи Олии Тоҷикистон фаъолияти созмони «Ихвон-ул-муслимин»-ро дар ин кишвар дар соли 2006 бо сабаби ифротӣ буданаш мамнуъ эълон карда буд.

ТЭ «Ихвон-ул-муслимин», ки дар Миср ташкил ёфта, фаъол шуда буд, барои дар Сурия соҳиб шудан ба ҳукумат ва қудрат талош мекард. Ин ҷунбиш бо таваҷҷуҳ ба гароишҳои мазҳабӣ ва эътиқодиаш тавонист дар Сурия ҷойгоҳи муносибе барои худ ба даст оварад ва дар миёни қишрҳо ва гурӯҳҳои мухталифи мардум, бахусус табақаи деҳотӣ аз нуфузи зиёд баҳраманд шавад ва ба воситаи ҳамин нуфуз тавонист дар масоили гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоии Сурия нақши фаъол дошта бошад.

Мақомоти қудратии Сурияро мебояд сариват фаъолияти ин ташкилоти террористиро решакан кунанд, вагарна он метавонад бори дигар мардуми он кишварро дар гирдоби танишҳо бипечонад. Домана паҳн кардани ТЭ «Ихвон-ул-муслимин» ба минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистон, барои амният ва осудагии мардум бисёр хатарафзо мебошад. Ҳама гуруҳҳои ифротӣ дар минтақа миёни ҳам ҳампаймониву ҳамкории пинҳоние доранд, ки дар ҳолати саривақт нагирифтани пеши роҳи чунин ҳаракатҳои тундрав авзои минтақа зери ташаннуҷҳои пай дар пай қарор мегирад.

**АДАБИЁТ**:

1. Боронӣ, Муҳаммадризо. Таърихи Императори Усмонӣ; Теҳрон: Маркази байналмилали тарҷума ва нашри Ал-Мустаъфӣ, 1393.
2. Дабирӣ, Муҳаммадризо. «Сурия як қарн дар як нигоҳ». Сайти дипломосии эронӣ, 1390.
3. Кессинҷер (Henry Alfred Kissinger). Чи ҷойгоҳе барои Эрон дар "Назми ҷаҳонӣ" мутасаввир аст? BBC форсӣ.

4. Миралӣ, Муҳаммадалӣ. Чолиши суннат ва мудерният дар Лубнон ва Сурия. Қум: Муассисаи Бӯстони китоб, 1391.

5. Мунир Баълбакӣ. Саййид Қутб. Донишномаи ал-Маврид (ба арабӣ), Бейрут: Дор-ул-ъилм ли-л-малойин.

6. Муҳаммад Иброҳим ва дигарон. Ихвон-ул-муслимини Сурия. Тарҷумаи муассисаи мутолеоти андешасозони Нур. Теҳрон: Муассисаи мутолеоти андешасозони Нур, 1383.

7. Набавӣ, Сайид Абдуламир ва Сайид Алӣ Наҷот. Ҷараёншиносии гурӯҳҳои нави салафии Сурия бар асоси таҳлили гуфтумон». Фаслномаи пажӯҳишҳои сиёсии Ҷаҳони ислом, 1393.

8. Рамазонӣ, Фарзод. Баррасии таҳаввулоти Сурия. Теҳрон: Маркази мутолеоти Сулҳ, 1395.

9. Рӯйурон, Ҳусайн. «Нақши Ихвон-ул-муслимин дар таҳаввулоти ахири Сурия», Ҳамоиши миллии баррасии таҳаввулоти ахири Сурия (Аҳдоф ва чашмандози фарорӯ), 1391.

10. Сайид Қутб. Нишонаҳои роҳ. Тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ, Теҳрон: Интишороти Эҳсон, 1378.

11. Такфириҳо. Таърихи сиёсӣ ва табори фарҳангӣ. BBC форсӣ.

12. Briynjar, Lia (1998). «The society of the Muslim brothers in Egypt»,(The ris of an islamic mass movement, pp 192-194). Foreward by Jamal al-Banna. Ithaca press, garent publishing limited. Printed in lebanon.

13. http://makhaterltakfir.com/fa/Article/View

14. https://parstoday.com/tg/news/tajikistan-i23533

15. Rousseau, Eliott. «The construction of ethnoreligious identity groups in Syria: Loyalties and tensions in the Syrian civil war», in bsu honors program theses and projects, item 66. retrieved from: http://vc.bridgew.edu/honors proj/66, 2014.

16. Sambanis, Nicholas, and Moses, Shayo (2013). “Social identification and ethnic conflict” American political science, Review 107.

17. Starr, Stephen. “Revolt in Syria eye-witness to the uprising. New York: Columbia up, 2012.

18. http://nabzifayzobod.tj/index.php/vokunish/1107-nit-yak-shokhai-ikhvon-ul-muslimin

19. Robin Wright. Dreams and Shadows: the Future of the Middle East. (Рӯёҳо ва сояҳо: ояндаи Ховари Миёна) Penguin. 2008, pages 243-244

## ВКЛАД ТЕРРОРИСТИЧЕСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ «ИХВАН-УЛ-МУСЛИМИН» В НЕСТАБИЛЬНОСТИ СИТУАЦИИ В СИРИИ

**ЗИЁЕВ СУБХИДДИН НАСРИЕВИЧ**

кандидат филологических наук, заведующий отделом среднего Ближнего и Ближнего Востока ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru.

*В данной статье анализируется и обсуждается роль террористической организации «Ихван-уль-Муслимин» в политической нестабильности, напряженности, конфликтах и уничтожении национальных ценностей арабской страны Сирии. С начала сирийского кризиса в 2011 году различные оппозиционные группировки в этой стране воюют против*

*центрального правительства Сирии. Одной из таких группировок, которая уже много лет находится в противоречии с сирийским правительством, является террористическая организация «Ихван-уль-Муслимин».*

*Это террористическая организация смогла за десятилетие дестабилизировать эту арабскую страну и уничтожить исторические памятники, культуру, цивилизацию и свободу в этой стране под воздействием внешних факторов, то есть стран-сверхдержав. Основная причина конфликтов в Сирии – захват некоторыми европейскими странами нефтегазовых источников этой страны.*

***Ключевые слова:*** *Ближний Восток, Сирия, «Братья-мусульмане», конфликт, политическая нестабильность, влияние, террористические группировки, беспорядки, партия Баас, арабские страны.*

## THE ROLE OF THE TERRORIST ORGANIZATION "IKHWAN-UL-MUSLIMIN" IN DESTABILIZING OF SYRIA

**ZIYOEV SUBHIDDIN NASRIEVICH**
candidate of philological sciences, head of the Middle and Near East department of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 92-704-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

*In this article, the role of the terrorist organization "Ikhwan-ul-Muslimin" in political instability, tensions, conflicts and the elimination of national values of the Arab country of Syria is analyzed and discussed. Since the start of the Syrian crisis in 2011, various opposition groups have been fighting alongside the Syrian central government. One of these groups, which has been at odds with the Syrian government for years, is the terrorist organization named "Ikhwan-ul-Muslimeen".*

*The terrorist organization was able to destabilize Syrian Arab country within a decade and destroy historical monuments, culture, civilization and freedom in this country with the influence of external factors including world powerful countries. The main reason for the conflicts in Syria is the grab of nation's main resources such as oil and gas by some European countries.*

***Keywords:*** *Middle East, Syria, Muslim Brotherhood, conflict, political instability, influence, terrorist groups, instability, Baath party, Arab states.*

## ҶОЙГОҲИ РАВОБИТИ ФАРҲАНГӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға:734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.:985294097, E-mail: **dsafargul@mail.ru**

**ИМАТОВА РАМЗИЯ ДАВЛАТШОЕВНА**
магистранти Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: 933307394, E-mail: imatova-79 @mail.ru.

*Муаллифон дар мақолаи мазкур ҷойгоҳ ва аҳамияти алоқаҳои фарҳангӣ ва дипломатияи фарҳангиро ҳамчун яке аз шеваҳои навини ривоҷ ёфтаи дипломатияи ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, бо назардошти таҳлили равобити байналмилалӣ ҷиҳати истифодаи дипломатияи фарҳангӣ онро яке аз роҳкорҳои асосии муносибати байни кишварҳо арзёбӣ менамоянд. Бо назардошти таҳлили дипломатияи кишварҳои гуногун аз ҷумла ИМА, Англия, Ҷопон, Фаронса, Хитой, Руссия муаллифон ба чунин натиҷа мерасанд, ки дар асри мо яке аз муассиртарин шеваҳои дипломатия ин инкишоф ва тарвиҷи дипломатияи фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, ки Тоҷикистон низ бо истифода аз захираву имкониятҳои дипломатияи фарҳангӣ метавонад дар сатҳи кишварҳои минтақавию ҷаҳонӣ таъсири густардаи худро гузорад.*

***Калидвожаҳо:*** *неруи нарм, дипломатияи фарҳангӣ, равобити фарҳангӣ, равобити илмӣ, рушди сайёҳӣ, анъана, ИМА, Ҷопон, Англия, Хитой, Фаронса, Руссия, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Бори аввал истифода аз равишҳои дипломатияи фарҳангӣ дар солҳои 30-юми садаи ХХ ба вуҷуд омад. Он замон барои таъсиргузории сиёсии худ ИМА дар Амрикои Лотинӣ аз дипломатияи фарҳангӣ коргирӣ намуд ва баъдҳо онро дар авлавияти сиёсати хориҷии худ қарор дод. Ҳамин таҷрибаеро, ки ШМА аз Амрикои Лотинӣ оғоз карда буд, баъдан дар дигар кишварҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор дод. Ин ибтикорот ба таври мушаххас дар соли 1936 мелодӣ аз тарафи ШМА дар конференсияи байналмилалӣ дар Аргентина баргузор шуд, ки онро конференсияи Буэнос-Айрес машҳур кард[3,11].

Пас аз ҷанги ҷаҳонии дуюм зимни ба миён омадани ҷанги сард амрикоиҳо кушиш ба харҷ доданд то аз шеваю роҳкорҳои дипломатияи фарҳангӣ ва неруи нарм дар шикасти рақибони хеш истифода намоянд. Бахусус тамаркузи Амрико бар рӯйи абзорҳои дипломатияи фарҳангӣ дар ҷанги сард сабаби комёбиҳо ва дастовардҳои бузурги онҳо дар сиёсати хориҷӣ гардид. Ин амалкарди онҳо то ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 давом дошт. Пас аз ин воқеа то андозае дар сиёсати хориҷии ШМА таҳаввулот ба миён омад. Кохи Сафед дар солҳои охир барои дубора беҳбуд сохтани чеҳраи ИМА дар Ховари Миёна ва ҷаҳони ислом то ҳадде аз роҳкорҳои таблиғотӣ истифода менамояд [7,28].

Чунин ба назар мерасад, ки барои расидан ба ин ҳадафҳои иҷтимоӣ байни стратегиясозон ва сиёсатмадорони амрикоӣ то андозае ихтилофи назар мавҷуд аст. Барои амрикоиҳо ҳоло ҷиҳати расидан ба ҳадафҳояшон истифодаи гуна абзорҳо муҳим ба назар мерасад. Онҳо ҷанги расонаиро бо тарҳҳои комилан нав дар иддае аз кишварҳо тибқи манфиатҳояшон ба роҳ мондаанд. Аз ҷумла иддае аз матбуот ва расонаҳоро тавассути коршиносонашон бо пардохти пулу сармоягузорӣ ба манфиати худ истифода менамоянд [7,210].

Мақомоти Вазорати корҳои хориҷии ШМА ва Пентагон ширкати бузурги Линклин Групп-ро, ки мутахассиси равобити умури умумӣ аст, маъмури ироаи ин тарҳ таъйин намуданд [8,24]. Баъзе аз таҳлилгарони амрикоӣ ин рӯйдодро набуди як сиёсати мушаххас дар ҳавзаи дипломатияи умумӣ медонанд. Гуруҳи дигари коршиносон ин гуна иқдомотро бар додани пул, имконот ва вақт медонанд.

ШМА дар давраи ҷанги сард абзори иттилоот ва фарҳангро барои шикаст додани рақибони худ истифода намудааст. Махсусан таъсис додани оҷонсии иттилоотии ИМА USIA бузургтарин бунгоҳи расмӣ ва мустақиле буд, ки иҷрокунандаи масоили фарҳанг

дар равобити хориҷии Амрико маҳсуб меёфт. Бо ин ҳама дар соли 1999 Иёлоти Муттаҳида бо эълон доштани ин, ки замони ҷанги сард поён ёфтааст, ин тарҳро мутаваққиф сохт. Ҳол он, ки ин оҷонси дар охири даҳаи 90 қариб 190 шуъба ва дафтари корӣ дар 160 кишвари ҷаҳон дошта, буҷаи солонаи он 1,2 млрд. долларро ташкил мекард [9,55].

Дар канори муассисоти давлатӣ ва вобаста ба вазорати хориҷиву марказҳои мутолиоти стратегӣ Маркази фарҳанг ва ҳунари Амрико таъсис ёфта буд. (Center for Art and Culture)

Ҳадафи асосии ин марказ дар 3 бахш ироа шудааст:

1. Ба миён овардани огоҳии умумӣ нисбат ба аҳамияти категорияи дипломатияи фарҳангӣ.
2. Анҷом додани тарҳҳои пажуҳишӣ дар ҳавзаи дипломатияи фарҳангӣ.
3. Назарсанҷӣ ва таъсиргузории мустақим ба барномарезиҳо ва ҷудо намудани буҷа барои дафтари умури фарҳангӣ ва омӯзишӣ (Bureau of Educational and Affairs) дар Вазорати корҳои хориҷии Амрико барои эҳёи дубораи нақши фарҳанг дар сиёсати хориҷии ин кишвар.

Аз дидгоҳи амрикоиён барномаҳои табодули донишҷӯён низ метавонад нақши ҳаётӣ дар таъмини амнияти миллӣ дошта бошад ва барои расидан ба аҳдофи хориҷии дипломатии кишвар мусоидат намояд. Аз ин рӯ, ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф ҳамасола барномаи мушаххас татбиқ мегардад, ки тибқи гузоришҳои расида, маблағи 10 солаи ин барнома муодили 125 млн. доллари ИМА пешбинӣ карда шудааст [1,25]. Табодули донишҷӯён бояд минтақаҳо ва кишварҳоеро аз қабили Аврупои Ғарбӣ ва Шарқи наздик фаро гирад. Зеро мафҳуми амнияти миллии амрикоӣ барои ин минтақаҳо ниҳоят муҳим аст. Барои Амрико маҳфуз доштани Ховари Миёна барои дарёфти нафт муҳим ва ҳаётӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф тамоми донишгоҳҳои амрикоӣ барномаҳои табодули донишҷӯёнро ба кишварҳои олам роҳандозӣ намудаанд.

Дипломатияи фарҳангиро на танҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, балки дар кишварҳои дигари ҷаҳон низ истифода менамоянд. Онҳо нақши дипломатияи фарҳангиро қисме аз роҳкорҳои расидан ба ҳадафҳои геополитикии худ ҳисобида, ҷиҳати татбиқи онҳо аз тариқаҳои гуногун истифода менамоянд. Як нуқтаро бояд зикр кард, ки на танҳо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки ҳатто кишварҳои дуюму сеюмро низ мавриди истифода қарор медиҳанд. Кишварҳои пешсафи дунё, ба мисли Британия, Фаронса, Олмон, Австралия, Канада, Ҷопон, Чин, Россия ва Ҳинд ҷойгоҳи махсусеро ба дипломатияи фарҳангӣ ихтисос додаанд. Ҷойгоҳи дипломатияи фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии ин кишварҳо бо истинод ва таърифҳое, ки дар матнҳои мунташир шудааст, ба сурати бисёр кӯтоҳу муҷаз ироа шудааст. Аз дидгоҳи Вазорати корҳои хориҷаи Фаронса, ин кишвар ҳамеша аз таблиғи фарҳанги фаронсавӣ ба хотири татбиқи сиёсати хориҷии худ истифода менамудааст. Гуфтугӯ ва мунозира дар ҳавзаи муомилаи фарҳангӣ ба кишварҳои аврупоӣ ба таври хос ва ба дигар кишварҳои ҷаҳон ба таври ом хусусияти дипломатияи фарҳангии фаронсавиён ба ҳисоб меравад. Онҳо зимни муомила бо кишварҳои африқоию осиёӣ, аз ҷумла ба кишварҳои собиқ шуравӣ, аз роҳкорҳои дипломатияи фарҳангӣ истифода менамоянд.

Сиёсати хориҷии Канада бар 3 сутун: сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ устувор аст. Мушорикат ва ҳамкории меҳварона бо тамоми фарҳангҳои ҷаҳон яке аз меҳварҳои аслии услуби Канада дар сиёсати хориҷиаш аст. Аз нигоҳи Утриш сиёсати фарҳангии

байналмилалӣ (international cultural polisy) ҷузъи ҷудонопазири сиёсати хориҷии ин кишвар ба ҳисоб рафта, бар мабнои гуфтугӯи фарҳангӣ бо ҷаҳони хориҷ бино шудааст. Англисҳо ва австралиягиҳо он чиро ки равобити байналмилалии фарҳангӣ (international cultural realitions) меноманд, ба унвони яке аз авлавиятҳои умда дар сиёсати хориҷии худ таллақӣ мекунанд ва ҳадафи он ироаи як тасвири мусбат аз кишварашон дар соири кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, барои ин кишварҳо ҳамеша муҳим аст, то аз роҳи тақвият додани равобити фарҳангӣ бо кишварҳои дигари ҷаҳон ба воситаи содир намудани маҳсулоти муайян ва тариқи расонаҳо онҳоро тарғиб намудан (реклама) тавассути абзорҳои фарҳангӣ муносибати худро беҳтар ба роҳ монданд.

Сиёсатмадорони Ҷопон дар сиёсати хориҷии худ “таомулот ва табодулоти фарҳангӣ” (cultural exchandge)-ро ба унвони як бахши ҳаётии сиёсати хориҷиашон барои таъмини ҳадафҳои амиқи худ бо шеваи эҳтиром ба дигар фарҳангҳо, инчунин тақвият додани ҳисси эътиқод миёни кишварҳо ва ҳосил намудани гуфтугӯ миёни тамаддунҳои гуногун истифода менамоянд.

Нуктаи бисёр муҳим ин воқеиятест, ки ҳамаи кишварҳои зикршуда, сохторҳои заруриеро барои расидан ба ҳадафҳои худ ба роҳ мондаанд. Аз ҷумла, метавон чунин сохторҳо ва ташкилотҳоеро зикр намуд, ки дар таркиби вазорати умури хориҷии ин кишварҳо ҷиҳати татбиқи равобити фарҳангӣ даст ба коранд. Масалан, дар Австралия Шурои фарҳангии байналмилалии Австралия (AICC), инчунин Шурои австралиягӣ (Australian Council), нақши шабеҳ ба Шурои бритониёиро иҷро мекунад. Дар Канада Вазорати корҳои хориҷӣ ва тиҷорати байналмилалӣ бо ҳамроҳии вазорати мероси миллии Канада (DCH) ва зери маҷмӯаҳои он ба мисли дафтари умури тавсеа ва сиёсатгузории равобити байналмилалӣ (IRDP) ва низ дафтари умури тиҷорат ва сармоягузорӣ (TIPD) мутакаллифи умури дипломатияи фарҳангӣ аст.

Дар кишвари Фаронса бахши ҳамкориҳои фарҳангӣ ва забонии Фаронса дар Вазорати корҳои хориҷа, бахшҳои тобеи он (AFAA), маркази фарҳангии Фаронса назири вазорати фарҳанг ва иртибототи ин кишвар масъулияти муштараки дипломатияи фарҳангиро доранд.

Дар Ҷопон ду вазорат, яке корҳои хориҷӣ ва дигаре иртибототу фанноварии иттилоот ва ҳунар барномарезии дипломатияи фарҳангиро бар уҳда доранд. Бахши сиёсати фарҳангӣ ва бахши мубодилаи шахсиятҳои фарҳангӣ дар ниҳоди муҳими дигаре ба унвони бунёди Ҷопон (Japan Foundation) иҷрокунандагони аслии дипломатияи фарҳангӣ дар Ҷопон ба ҳисоб мераванд. Дар Британияи Кабир Вазорати корҳои хориҷӣ ва кишварҳои муштаракулманфоеъ (FCO) уҳдадор ва ҳамоҳангкунандаи аслии кори дипломатияи фарҳангӣ дар ин кишвар аст, ки ин фаъолиятро умдатан аз тариқи намояндагиҳои Шурои бритониёӣ анҷом медиҳад. Шуъбаҳои ин шуро дар саросари кишварҳои ҷаҳон мавҷуданд ва иҷрокунандагони асосии дипломатияи фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд. Дар баъзе аз мавридҳо онҳо фаъолтар ва муваффақтар аз сафоратхонаҳои Англия дар кишварҳои дигар мебошанд.

**Дипломатияи фарҳангии Хитой**

Консепсияи дипломатияи фарҳангӣ, ки бори аввал аз тарафи Ҷозеф Ной дар солҳои 90-ум пешниҳод шуда буд, дар охири садди XX ва ибтидои асри XX1 ба яке аз муҳимтарин шеваҳои коргирӣ дар дипломатия табдил ёфт. Муҳаққиқи англис Марк Леонард мақсадҳои муҳими ин дипломатияро дар асри XX1 муайян намуда, қайд карда

буд, ки ҳамаи онҳо ба рушди сиёсат ва фарҳанг мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, ӯ қайд карда буд:

- ба миён овардани тасаввуроти мусбат дар бобати кишвар ва арзишҳои он, таъмини фаҳмиши мусбат ва диди созанда нисбати кишвар;
- ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ ва шарикони сиёсӣ ба ин восита;
- боло бурдани шинохти кишвар дар тафаккури афроди кишвари дигар;
- ҷалби мардум ба кишварҳои дигар, сайёҳӣ ва омӯзиш, инчунин гардиши молу таблиғи он ва маҳсулоти ватанӣ дар хориҷ аз кишвар. (Public diplomacy, Mark Leonard 2002).

Бояд қайд кард, ки аксари ин ҳадафҳо пеш аз ҳама тавассути таблиғоти қавии расонавӣ дастрас ва метавонанд ҳамдигарфаҳмиро байни кишварҳо ба вуҷуд оваранд. Аз ин рӯ, ду навъи муносибат дар таҳлили расидан ба ин мақсад мавҷуд аст. Чӣ аз нуқтаи назари таблиғот ва чӣ аз нуқтаи назари боло бурдани муаррифии кишвар ҳар ду созанда ба ҳисоб мераванд. Гуфтан ҷоиз аст, ки танҳо як тарзи муҳими ин амалкардро тавассути дипломатияи фарҳангӣ метавон амалӣ намуд. Новобаста аз ин, метавон якчанд роҳҳоеро муайян сохт, ки рӯйи онҳо кор карда ва барои расидан ба натиҷаҳои босамар ҷанбаҳои гуногуни онҳоро таҳлил намуд. Дар навбати аввал ин робита аст. Муҳим ин аст, ки нуқтаи ба ҳам пайвастшавии ду кишварро шинохт ва муайян намуд. Бояд арзиши дипломатияи фарҳангиро боло бурда, дар байни мардумони кишвари дигар маҳбубият пайдо намуд. Дар ҳақиқат дипломатияи фарҳангӣ метавонад холигиҳои дар байни ду кишвар ба миён омадаро пур кунад. Давом додани робитаҳои фарҳангӣ ба хотири фаъол гардонидани муносибатҳои сард шуда, дар марҳилаҳои буҳронӣ ниҳоят муҳим аст. Агар робитаҳои фарҳангӣ нигоҳ дошта шуда бошанд, дар ҳолатҳои ногаҳонӣ онҳоро аз нав кор карда, барои расидан ба муносибатҳои сатҳи болотар метавон истифода намуд. Гуфтугӯи фарҳангҳо ниҳоят муҳим аст, он ба хотири ҷалби таваҷҷӯҳи кишвари дигар истифода мешавад. Дар ин маврид забон, маориф, санъат, адабиёт, илм метавонанд ниҳоят нақши муҳим гузоранд. Ҳамин аст, ки иддае аз кишварҳо марказҳои фарҳангӣ ва забономӯзии худро таъсис медиҳанд. Ба ин восита қисме аз шаҳрвандони он кишварҳо назарашонро тағйир медиҳанд. Ҳоло аксари сафоратхонаҳои кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд дар наздашон марказҳои фарҳангӣ ва забономӯзӣ таъсис додаанд ва ба ин восита роҳкорҳои дипломатияи фарҳангии худро пиёда месозанд.

Стратегияи дипломатии Чин дар саддаи XX1 ба тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ гаштааст ва то андозае сиёсати иқтисоди берунаи ин кишвар ба воситаи коргирӣ аз дипломатияи фарҳангӣ ва неруи нарм сахт алоқаманд аст. Забони хитоӣ дар ҷаҳони имрӯз яке аз воситаҳои таъсиррасонии фарҳангӣ ва сиёсии ин кишвар ба кишварҳои мавриди ҳадаф мебошад. Ҳоло дар бисёре аз шохисҳои иқтисодӣ ва созандагию бунёдкориҳо дар самти фанноварӣ Чин яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Аз ин хотир аксар аз кишварҳои истеъмолкунандаи маҳсулоти чинӣ манфиатдоранд, ки забони хитоиро дар сатҳи баланд аз худ намоянд. Чин ҳам дар сиёсати худ ба воситаи тарҳҳои иқтисодӣ, сармогузорӣ аз дипломатияи фарҳангӣ ва неруи нарм истифода менамояд. Дар баробари забон аз фарҳанги миллии чинӣ, мавзеҳои таърихӣ, таомҳои миллӣ, меҳмоннавозӣ, варзиш, тибби анъанавӣ (тибби хитоӣ ва тибетӣ)-ро низ истифода менамояд. Дар замони ҳозира мақсади аксар аз хориҷиён аз омӯхтани забони чинӣ он аст, зеро ки аксари инҳо мехоҳанд Чинро хубтару беҳтар шиносанд ва ба таъриху фарҳанги он аз наздик ошноӣ пайдо намоянд.

Хитой ҳамкориҳоро ба кишварҳои хориҷӣ дар бахши омӯзишу маориф рушд медиҳад ва бисёр кушиш ба харҷ медиҳад, ки хориҷиён ба забони чинои̣ таваҷҷӯҳ пайдо кунанд. Амалӣ кардани ин тарҳ тавассути институти Конфутсий ба роҳ монда мешавад, ки дар саросари ҷаҳон бахшу шуъбаҳои он амал мекунанд. Институти Конфутсий ва шуъбаҳои он дар саро сари ҷаҳон, яке аз платформаҳое мебошанд, ки интиқоли фарҳанги чиниро бо роҳи шарҳу тавзеҳи фалсафаи Конфутсий ба роҳ мондаанд. Чин ба воситаи ҷалб намудан барои забономӯзии чинои̣ ва ҷалби таваҷҷӯҳи мардумони кишварҳои дигар ба таъриху фарҳангаш ҷойгоҳи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ боз ҳам мустаҳкам намудааст. Як нуқта қобили зикр аст, ки ҶХЧ дипломатияи фарҳангӣ ва неруи нармро дар ҳамаи алоқаҳои иқтисодии хориҷиаш бо кишварҳои дигар истифода менамояд.

Меҳмоннавозӣ ва таомҳои миллии ин кишвар ҷузъи ҷудонашавандаи дипломатияи фарҳангӣ ва воситаи неруи нарм ба ҳисоб мераванд. Таомҳои миллӣ таърих ва фарҳанги ин кишварро барои тамоми сокинони сайёра интиқол медиҳанд. Ин аз як тараф манфиати иқтисодӣ барои ин кишвар дорад, аз тарафи дигар ҷиҳати ҷалби шаҳрвандони кишварҳои дигар мусоидат менамояд.

Имрӯз Ҷумҳурии халқии Чин дипломатияи фарҳангиро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи муносибатҳои байналмилалӣ, воситаи камхарҷи равобити байналмилалӣ дар самти расидан ба ҳадафҳояш мавриди истифода қарор дода, аз он ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегиаш на танҳо дар заминаи равобити фарҳангӣ, балки барои расидан ба ҳадафҳои геополитикӣ ва дастёбӣ ба манфиатҳои геополитикию иқтисодию иҷтимоияш кор мегирад. Имрӯз ҶМЧ тавонистааст бо истифодаи абзорҳои дипломатияи фарҳангӣ ҷойгоҳи худро дар байни қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ таҳким бахшад.

Ҷумҳурии Федеративии Россия низ аз неруи дипломатияи фарҳангӣ дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ба тарзи густурда истифода менамояд. Федератсияи Россия дар робита ба кишварҳои пасошӯравӣ ва собиқ сотсиалистӣ тавонистааст фарҳанг, забон, адабиёт ва муҳимтарин шохисҳои муносибату арзишҳои русиро таблиғ намояд. Ҳоло ҷиҳати тадбиқи дипломатияи фарҳангӣ дар назди ВКХ Россия маркази фарҳангӣ амал мекунад, ки он пеш аз ҳама дастовардҳои фарҳангии кишвари русиро таблиғ менамояд. Ҳатто аз дастовардҳои собиқ кишвари Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанг ва бартарияти худ дар сатҳи ҷаҳонӣ истифода менамояд.

Нишондоди истифода аз равобити фарҳангӣ ва маданият ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи дипломатияи ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза бозгӯкунанда ва нишондиҳандаи он аст, ки ин шева, яке аз беҳтарин таъсиргузортарин ва соддатарин робитаҳо дар масири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва дифоъ аз манофеи миллии кишварҳои ҷаҳон чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Бо назардошти таҳлилҳои боло метавон ба чунин натиҷа расид, ки Тоҷикистон низ бо истифода аз захираву имкониятҳои дипломатияи фарҳангӣ метавонад дар сатҳи кишварҳои минтақавию ҷаҳонӣ таъсири худро гузорад. Ҳоло ниҳодҳои равобити байналмилалии кишвар ва он созмонҳое, ки иртиботи беруна доранд ва муносибатро дар сиёсати хориҷӣ таъмин доранд зарур аст, ки дар коргирӣ аз татбиқи ҳадафҳои худ аз сиёсати фарҳангӣ истифода намоянд.

## АДАБИЁТ:


1. Cummings,Milton C. Cultural Diplomacy and the US Government: A Survey, Washington DC: Centrer for Arts and Culture, 2003, p.1.
2. Malone,Gifford D. Political Advocacy and Cultural Communication: Organizing the Nations Public Diplomacy, University Press of America, 1998, p.12.
3. Mulcahy, Kevin V. (1999). «Cultural Diplomacy and the Exchange Programs », 1938 – 1978. The Journal of Art Managements Law Society. Vol.29. No.1 Spring.
4. Malone, Gifford D. (1988). Political Advocacy and CulturalCommunication: Organizing the Nations Public Diplomacy. University Press of America.
5. Frank Ninkovish, U.S. Information Polici and Cultural Diplomacy, Foreign Polici Association, 1966, p 3.
6. Frank Ninkovich, (1996). U.S. Information Policy and Cultural Diplomacy. Foreign Policy Association.
7. Federal Register (2004). State Department Notices. Vol. 69. No. 248. (4928-4942). Dec, 28.
8. Henninger, Daniel (2005). Wall Street Journal. December 2.
9. Jaiko, Walter (2005). Wall Street Journal. December 2.
10. Scmite, Eric and David Scotland Cloud (2005). New York Times. December 2.
11. Nye Jr. Joseph S. (2003). Propaganda isn't the Way: Soft Power. The international Herald Tribune. January 10.
12. Learn Persian Online, «Persian Language», 2007, availabl at: http: // www. learn-Persian. com/inglish/ Persian_ Language, php, accessed: 3 December 2008;- M.Schams, «Persian-Djlmetetscher in berlin», Iranica Institute, 2006, avaible.
13. А.Раҳмонзода. "Неруи нарм ва дипломатия". https://ovozitojik/news/view?slug=nerui-narm-va-diplomatiyai
14. Артюнян Ю.В., Дорбижева Л.М., Сусоколов А.А. "Семиотическая составляющая межкультурной коммуникации\\ система ценности современного общества" 2020, №20 стр 145-153.
15. Бубановская Т.А., Суворов Ю.Б., "О некоторых актуальных правовых аспектах использования автотранспорта в современной концепции развития туризма в России": Право и экономика, 2013 №2.
16. Довуд Ҳурмидос Бованд, Чолишҳои бурунмарзӣ ва ҳувийяти эронӣ дар тули таърих, фаслномаи иттилоотӣ сиёсӣ – иқтисодӣ, шумораи 129-130, 1377саҳ.
17. Қубодӣ Ғаёсиддин, "Зарфиятҳои адабиёти форсӣ дар бозёбии ҳувйияти эронӣ", Теҳрон, Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва иҷтимоӣ, 1383, саҳ 140 – 143.
18. Муҳаммад Тулуӣ, Фарҳанги ҷомеи улуми сиёсӣ, Теҳрон, нашри илм, 1385, 471 саҳ.
19. Пирӯз Манучеҳрзода. Ҳувийяти эронӣ дар остонаи саддаи 21, маҷаллаи иттилоотӣ сиёсӣ – иқтисодӣ, хурдод ва тири 1377, саҳ 124.
20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон". ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017, 47 саҳ.
21. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон". ш. Душанбе, 24 декабри соли 2018, 46 саҳ.
22. Салимов Ф.Н. "Дипломатияи фарҳангӣ - воситаи рушди устувори равобити байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ", Паёми ДМТ, №7, 2020, саҳ.76 -83.
23. Ҷозеф Ной. Таҳдиди нарм, тарҷумаи Алимуҳаммади Нойинӣ, андешкадаи роҳбурдии амнияти нарм, 2004, саҳ 5.

# МЕСТО КУЛЬТУРНЫХ СВЯЗЕЙ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**
Кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела Союза Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 985294097, E-mail: dsafargul@mail.ru

**ИМАТОВА РАМЗИЯ ДАВЛАТШОЕВНА**
магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 933307394, E-mail: imatova-79 @mail.ru.

*В данной статье авторы оценивают место и значение культурных отношений и культурной дипломатии как одного из новых методов развития мировой дипломатии. Авторы учитывая состояние международных отношений, рассматривают использование культурной дипломатии как одного из основных способов развития отношений между странами. Принимая во внимание уровень развития дипломатии разных стран, в том числе США, Англии, Японии, Франции, Китая, России, авторы приходят к выводу, что в современном мире одной из наиболее эффективных форм дипломатии является развитие и продвижение культурной дипломатии. Республика Таджикистан, с учётом опыта выше указанных стран может использовать свои культурные ресурсы, и возможности иметь широкое влияние на уровне региона и стран мира.*

***Ключевые слова:*** *мягкая сила, культурная дипломатия, культурные отношения, научные отношения, развития туризма, обычаи, США, Япония, Англия, Китай, Франция, Россия, Республика Таджикистан.*

# THE PLACE OF CULTURAL IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS

**DAVLIOYROVA SAFARGUL TESHAEVNA**
Candidate of Philosophical Sciences, associate professor, leading researcher of the Union of Independent States Department of the Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Tel.: 985294097, E-mail: dsafargul@mail.ru

**IMATOVA RAMZIYA DAVLATSHOEVNA**
graduate student of the Institute for the Study of Asian and European States. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Tel.: 933307394, E-mail: imatova-79 @mail.ru.

*In this article, the authors evaluate the place and significance of cultural relations and cultural diplomacy as one of the new methods for the development of world diplomacy. The authors, taking into account the analysis of international relations, consider the use of cultural diplomacy as one of the main ways of relations between countries. Authors in the " The place of cultural in the system of international relations" taking into account the analysis of the diplomacy of different countries, including the USA, England, Japan, France, China, Russia, they coming to the*

*conclusion that in the modern world one of the most effective forms of diplomacy is the development and promotion of cultural diplomacy. The Republic of Tajikistan should take into account the experience of the above-mentioned countries, uses owns cultural resources and opportunities to have broad influence at the regional and world level.*

***Keywords**: soft power, cultural diplomacy, cultural relations, scientific relations, tourism development, customs, USA, Japan, England, China, France, Russia, Republic of Tajikistan.*

## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI

**АШУРОВ АРДАМЕҲР**

н.и.т., ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел: +(992) 917340294.
E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

**ҚУРБОНОВА ШАФОАТ**

Магистранти курси дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел: +(992) 888851340.
E-mail: shafoat.kurbon@mail.ru

*Дар мақола ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз соли 1992 дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ то имрӯз ба роҳ монда шуда, Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори густариш ва таҳкими робитаҳои судманд бо Иттиҳоди Аврупо мебошад. Илова бар ин, дар мақола самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар ибтидои асри XXI нишон дода шуда, дурнамои рушди ин ҳамкориҳо таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллифон таъкид менамоянд, ки таҳқиқи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо яке аз масъалаҳои мубрами давраи муосир маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, омӯзиши ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо масъалаи муҳим дар самти ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон буда, ниёз ба таҳқиқ ва пажуҳиши ҷиддӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳо, илм, маориф, стратегия, манфиат.*

Ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷии наздик ва дур яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таҳкиму густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Иттиҳоди Аврупо барои Тоҷикистон манфиатнок ба шумор рафта, то кунун миёни ҷонибҳо ҳамкориҳои гуногунҷанба дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба идома меёбанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо соли 1992 оғоз ёфта, бо ифтитоҳи Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо соли 2001 ва Намояндагии Комиссияи Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2009 Намояндагии Иттиҳоди Аврупо) соли 2004 фаъол гардиданд [2]. Ин муносибатҳои асосан ба ду ҳуҷҷати стратегӣ асос меёбанд:

*Якум,* Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ (СШҲ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки соли 2004 ба имзо расида, моҳи январи соли 2010 қувваи амал пайдо кардааст, ки дар асоси Созишномаи мазкур ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро танзим карда мешаванд.

*Дуюм,* Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ, ки соли 2019 қабул гардида, хислати умумӣ дорад ва ҳама кишварҳои Осиёи Макразиро бо равиши ҳамкориҳои бисёрсамта дар қаринаи нави геополитикь фаро мегирад [3].

Солҳои 90-уми асри гузашта муносибатҳои гуногунҷабҳа миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Миёна густариш ёфтанд. Ин муносибатҳо дар шароити нави равандҳои геополитикӣ ба вуҷуд омаданд. Зеро Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи бузурги геополитикӣ имкониятҳои бештар барои таҳкими ҳамкориҳо бо дигар марказҳои асосии иқтисодӣ дорад. Аз ин рӯ, Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати таҳким ва тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷониба ба кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, таваҷҷуҳ зоҳир кард. Ин бештар ба густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, рушди деҳот, энергетика, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об, ҳифзи сарҳадот, мубориза алайҳи маводди мухаддир ва ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва нақлиёту коммуникатсия равона шуда буд.

Аз ҷиҳати дигар, ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Иттиҳоди Аврупо бо Тоҷикистон дар чорчӯбаи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ, ки моҳи июни соли 2019 қабул шудааст, таҳким меёбанд. Муҳимтарин самтҳои ҳамкорӣ дар асоси Стратегияи мазкур дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, обу энергетика, амният, мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ, миҳити зист, тағйирёбии иқлим ба ҳисоб мераванд. Масъалаи дигари калидӣ дар меҳвари ҳамкориҳо бо Тоҷикистон дар самти сиёсиву амниятӣ, бахусус вазъи Афғонистон, мубориза бо таҳдиду чолишҳои амниятӣ, барномаҳои ҳифзи сарҳадоту мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҳифзи муҳити зистро дар бар мегирад [10].

Дар соҳаи маориф Иттиҳоди Аврупо бо Тоҷикистон дар доираи барномаҳои Темпус, Эразмус Мундус ва Эразмус+ ҳамкорӣ дорад.

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳо дар соҳаи таъмини амнияти минтақа, тақвияти сарҳад ва мубориза бар зидди маводди мухаддир мебошад. Дар чаҳорчӯби барномаҳои мушаххаси байнияминтақавӣ дар роҳи пешгирии таҳдидҳо, Иттиҳоди Аврупо аз соли 2003 инҷониб баҳри таъмини амнияти минтақавӣ якчанд лоиҳаро дар чаҳорчӯби «Барномаи мусоидат ба идораи марзҳои Осиёи Марказӣ» (БОМКА) ва «Барномаи пешгирии маводди мухаддир ба Осиёи Марказӣ» (CADAP) амалӣ менамояд [7].

Аз оғози асри XXI дар муносибатҳои мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо тағйироти куллии мусбат ба вуқуъ омад, ки ин тамоюл сол то сол равнақ меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро, ки ба пешрафти бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд, яке аз ҳамкорони муҳими иқтисодии худ мешуморад ва минбаъд низ талош хоҳад кард, ки бо ин иттиҳоди бонуфузи минтақавӣ ҳамкориҳои дарозмуддати устуворро дар асоси усулҳои судманди мутақобила рушду тавсеа диҳад.

Робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо хеле хуб ба роҳ монда шудаанд. Кумитаи ҳамкории байнипорлумони миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо ташкил дода шудааст, ки ҷаласаи нахустини он моҳи марти соли 2011 дар Брюселл доир гардид. Дар ҷаласаи

мазкур аз ҷониби вакилони ҳарду ҷониб масъалаҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пешбурди равандҳои демократӣ, ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ муҳокима гардид [7].

Соҳаи дигари мавриди таваҷҷӯҳи Иттиҳоди Аврупо, инкишофи имкониятҳои коммуникатсионию нақлиётӣ ва бо васила таҳким бахшидан ба робитаҳои тиҷоратӣ барои кишварҳои ҳамсоя, махсусан дар шароити ба бандарҳои баҳрӣ бевосита баромад надоштани аксари ин давлатҳо маҳсуб меёбад.

Дар самтҳои зикргардида Ҳукумати Тоҷикистон дар чорчӯбаи ҳадафҳои стратегӣ - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунони босуръати кишвар якчанд барномаву лоиҳаҳои иқтисодиро таҳия карда, амалӣ менамояд. Як қисми ин лоиҳаю барномаҳо, ки ба рушди иқтисодии кишвар равона карда шудаанд, дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалӣ татбиқ мегарданд ва қисмати дигараш дар марҳилаи омӯзиш қарор доранд. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштироки шарикони аврупоии худ дар татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикию коммуникатсионии пешниҳодшуда ҳавасманд мебошад. Лоиҳаҳои таҷдид ва тармими неругоҳҳои гидроэнергетикии дар Тоҷикистон амалкунанда, мавриди таваҷҷӯҳи Барномаи минтақавии инвеститсионӣ – Хазинаи Комиссияи Аврупо оид ба сармоягузорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор гирифтаанд.

Иттиҳоди Аврупо дар доираи татбиқи Стратегияи худ барои Осиёи Марказӣ ба масъалаҳои тақвияти ҳамкориҳои миёни кишварҳои минтақа, таҳким бахшидан ба фазои боварӣ ва эътимод, ба неруи тоза гирифтани муносиботи мутамаддин ва рафъи монеаҳо дар интиқоли мол, сармоягузорӣ, рафтуомади озоди одамон таваҷҷӯҳи фарогир ва бештар зоҳир менамояд. Парлумони Аврупо, ки инъикоскунадаи таҷрибаи ғании парламентаризм маҳсуб меёбад, метавонад кӯмаки бештари худро дар самтҳои аъанавии ҳамкориҳои парламентарӣ расонад. Амалияи пешбурди равандҳои демократӣ ташаккули унсурҳои калидии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвари мо, такмили фаъолияти низоми парлумонӣ, беҳсозии қонунгузории миллӣ, инчунин таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои башар аз он соҳаҳое ба шумор мераванд, ки Иттиҳоди Аврупо метавонад дар онҳо нақши васеъ дошта бошад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ба ҷумҳурии мо муяссар гардид, ки бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва бо назардошти хусусиятҳои миллӣ асосҳои ҷомеаи нави рӯ ба меъёрҳои демократи ниҳодаи худро гузошта, ислоҳоти куллии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро пайгирона идома диҳад. Дар Тоҷикистон, ки дар фазои пасошуравӣ яке аз аввалинҳо шуда, Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии худро бо раъйпурсии умумӣ қабул кард, ҷиҳати тақвияти давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ иқдомоти муассир амалӣ шудаанд [4].

Солҳои охир ҳамкориҳои дуҷониба миёни Тоҷикистон ва кишварҳои аврупоӣ, қабл аз ҳама, бо Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Австрия, Белгия, Швейтсария, Италия, Лаҳистон, Чехия, Люксембург, Нидерландия, Хорватия, Руминия, Маҷористон, Латвия, Литва ва ғ. густариш ёфта, сол то сол тадриҷан сатҳу сифати онҳо беҳтар мегардад.

Сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла нисбат ба Тоҷикистон бештар ба самтҳои зерин равона гардидааст:

- таъмини амният дар кишварҳои минтақа;
- кӯмаки молиявӣ барои беҳтарсозии сатҳи зиндагии мардум дар минтақа;

- ҳамкорӣ дар бахши энергетика, нақлиёт, таълимот ва самти экология;
- тақвияти фазои демократӣ дар минтақа;
- пешгирии хатарҳои номатлуб ба монанди терроризм ва экстремизм;
- мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар минтақа;
- сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар Осиёи Марказӣ;
- тақвияти иқтисоди бозоргонӣ;
- истифодаи захираҳои табиӣ ва ғ.

Бо назардошти баррасии дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, метавон самтҳои зеринро дар таҳкими ҳамкориҳои минбаъда зикр намуд:

- машваратҳои сиёсӣ платформаи мувофиқ ва муассири ҳал кардани душвориҳои мавҷуда, василаи муайянкунии самтҳои авлавиятнок ва истифодаи минбаъдаи иқтидори истифоданошудаи ҳамкориҳои ҳарду ҷониб, аз ҷумла дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ, ба ҳисоб меравад;

- гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ба ташаккули робитаҳои судманд миёни вакилони ҷонибҳо, инчунин миёни иштирокдорони ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъиятҳои ду давлат мусоидат хоҳанд кард;

- дар доираи ҳамкориҳои муштараки дуҷонибаи судманд дар бахши такмили тахассусӣ оид ба коркардҳо, таҳқиқот ва таҳлилҳои илмӣ, гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо дар самтҳои гуногун барои кормандони илмии Тоҷикистон ва Итиҳоди Аврупо дорои манфит арзёбӣ мегарданд;

- ҳамкориҳои судманд бо Иттиҳоди Аврупо ба рушди иқтисодии кишвар ва ҳалли масъалаҳои стратегӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунони кишвар мусоидат хоҳад намуд;

- самтҳои ҳамкорӣ ва захираҳои истифоданашуда дар соҳаи тандурустӣ (аз ҷумла дорусозӣ), маориф, илм, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, туризм, сохтмони иншоот, таъмини ҳифзи сарҳадот, мубориза бо терроризм, экстремизм ва ғайра хеле зиёд аст, ки тарафҳо метавонанд роҳҳои густариши ин ҳамкориҳоро ҷустуҷӯ намуда, ба манфиати ҳамдигар истифода намоянд.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳаллу фасли мушкилоти дохилӣ ба масъалаи рушди сиёсати хориҷии худ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад. Ташаббусҳои Тоҷикистон оид ба рушди муносибатҳои дӯстона бо давлатҳои дигари ҷаҳон дар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ғ. ниҳоят назаррас аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқу таҳлили ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ташкилоти минтақавии Иттиҳоди Аврупо яке аз масъалаҳои мубрами давраи муосир маҳсуб меёбад. Зеро, ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ба пешравии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори густариш ва таҳкими робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо мебошад. Ҷумҳурии мо Иттиҳоди Аврупоро ба сифати шарики муҳими байналмилалии худ, ки пайваста дар самти тақвияти раванди демократикунонӣ, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои авлавиятноки иқтисоди миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об, энергетика, идора намудани сарҳад, мубориза бо гардиши

ғайриқонунии маводи мухаддир ва ба ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ менамояд ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо ин сохтори бонуфузи байналмилалӣ ҳамкориҳои пойдору дарозмуддат ва мутақобилан судманд дошта бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Ашуров А.М. Центральная Азия и Франция: горизонты дипоматических отношений. – Душанбе: «Дониш», 2022. - 176 с.
2. Вохидова Санавбарбону.Ҳамкориҳои бисёрсамтаи Иттиҳоди Авурпо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Маҷаллаи Осиё ва Аврупо. №4 (12), 2022.
3. Европейский Союз и Центральная Азия: Стратегия нового партнерства [манбаи электронӣ] // http://eeas.europa.eu/central_asia/docs/2010_ strategy_eu_ centralasia_ru.pdf. (санаи муроҷиат:28.01.2023).
4. Зафар Сайидзода .Фаъолияти байналмилалии пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон :бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ.Душанбе-2016.С-127.
5. *Раҳмонзода* А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии. Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. *Монография* / А.Ш. *Раҳмонзода*. –. Душанбе, 2022. – 172 с.
6. Солиходжаева С. О сотрудничестве Таджикистана с Европейским Союзом //Номаи Донишгох (Учёные записки ХГУ имени академика Б.Г.Гафурова). - №3. – Худжанд, 2014. – С.162-173.
7. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мhttps://mfa.tj/tg/main/view/160/munosibathoi-tojikiston-bo-ittihodi-avrupo(санаи муроҷиат:08.02.2024).
8. Laumulin M. The European Union and Its Central Asian Strategy // Central asia affairs.- 2012. - №3. -P.3-15.
9. Quel rôle pour l'Union européenne en Asie centrale - Cairn
10. [манбаи электронӣ] https://www.cairn.info ›.(санаи муроҷиат:02.01.2024).


## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН В ОСИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА


**АШУРОВ АРДАМЕХР МУРОДКУЛОВИЧ**

к.и.н., ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33. тел: +(992) 917340294. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

**КУРБАНОВА ШАФОАТ**

Магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел.: +(992)888851340. E-mail: shafoat.kurbon@mail.ru



*В статье анализируется и исследуется место Республики Таджикистан во внешней политике Европейского Союза. Автор отмечает, что двустороннее политическое и экономическое сотрудничество между Таджикистаном и Европейским Союзом берет начало с 1992 года на основе Соглашения о сотрудничестве, и Таджикистан всегда поддерживал расширение и укрепление отношений с Европейским Союзом. Кроме того, в статье показаны основные направления сотрудничества Таджикистана и Евросоюза в*

*начале XXI века, а также представлены перспективы развития этого сотрудничества. Отмечается, что исследование и анализ сотрудничества Таджикистана и Евросоюза считается одним из актуальных вопросов современности. Потому что сотрудничество Таджикистана с Европейским Союзом важно для развития экономической, социальной и культурной жизни страны.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Европейский Союз, внешняя политика, сотрудничество, наука, образование, стратегия, интерес.*

## THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE AXIS OF FOREIGN POLICY OF THE EUROPEAN UNION AT THE BEGINNING OF THE XXI CENTURY

***ASHUROV ARDAMEHR MURODKULOVICH***

*Candidate of Historical Science, Leading Researcher of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan.* Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 33. tel: +(992) 917340294. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

**KURBANOVA SHAFOAT**

2nd year master’s student at the Institute for the Study of Asian and European Studies at AMIT. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. phone: +(992)888851340. Email: shafoat.kurbon@mail.ru

*The article analyzes and explores the place of the Republic of Tajikistan in the foreign policy of the European Union. The author notes that bilateral political and economic cooperation between Tajikistan and the European Union has been established since 1992 on the basis of a Cooperation Agreement, and Tajikistan has always supported the expansion and strengthening of relations with the European Union. In addition, the article shows the main areas of cooperation between Tajikistan and the European Union at the beginning of the 21st century, and also presents prospects for the development of this cooperation. It is noted that the study and analysis of cooperation between Tajikistan and the European Union is considered one of the pressing issues of our time. Because cooperation between Tajikistan and the European Union is important for the development of the economic, social and cultural life of the country.*

***Key words:*** *Tajikistan, European Union, foreign policy, cooperation, science, education, strategy, interest.*

**УДК 327.56**

## ВИЖАГИҲОИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**МАЛИКОВ КОБИЛШО КУКАНОВИЧ**

дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 200/2. E-mail: m.koba@mail.ru. Тел.: (+992) 008-55-44-03.

*Мақолаи мазкур ба падидае, ки имрӯз аҳамияти мубрам дорад, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар арсаи байналмилалӣ бахшида шудааст.*

*Қайд карда мешавад, ки дар марҳилаҳои муайяни рушди таърих, муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ доираи фаъолияти миллиро убур карда, фаромиллӣ*

*мегарданд. Дар натиҷа, муассисаҳои махсуси байнидавлатӣ, яъне иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар арсаи ҷаҳон ба вуҷуд омаданд. Вобаста аз он, ки кӣ унвони субъекти асосиро дар ин иртиботҳо намояндагӣ мекунад, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ном мегиранд.*

*Инчунин зикр карда мешавад, ки иттиҳодияҳои ҳамгироӣ салоҳияти махсус дошта, ваколатдор барои ҳалли масъалаҳои мушахасси ҳаёти байналмилалӣ ба мисоли сиёсат, иқтисод, фарҳанг, маориф, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, башардустӣ, тандурустӣ ва ғайра эҷод шуда, дар ҳалли масъалаҳои хоси байналмилалӣ самаранок ва таъсирбахш амал мекунанд.*

*Натиҷагирӣ карда мешавад, ки айни замон, дар арсаи байналмилалӣ шумораи хеле зиёди иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҷаҳони муосир мебошанд, фаъолона амал мекунанд, дар таҳия, амалӣ ва раҳбарӣ намудани равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва башардустӣ саҳми беандоза доранд.*

***Калидвожаҳо**: иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳонишавӣ, ҷаҳони муосир, ҳуқуқи байналмилалӣ, гурӯҳбандии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ.*

Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун хариқаи сиёсӣ агарчӣ таърихи тулонӣ дорад, аммо дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI авҷ гирифта, дар сар то сари ҷаҳон васеъ доман паҳн намуда, низоми муносибатҳоро дар тамоми соҳаҳои ҷомеаи муосир, аз он ҷумла дар арсаи байналмилалӣ, ба куллӣ тағйир дод.

Табиист, ки ин ҳама дигаргуниҳо мураттабсозӣ, яъне қоидаҳо ва меъёрҳои муқарраршуда ва худтанзимкунии умумии навро дар арсаи ҷаҳонӣ талаб мекунанд.

Ниҳодҳои ташкилкунанда ва танзимкунандаи равандҳои нав дар сиёсати ҷаҳони муосир, ки тибқи манфиатҳои кишварҳо ва миллатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ амал мекарданд, иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ ном гирифтанд ва аз ҷониби акторҳои асосӣ дар арсаи байналмилаӣ муайян ва қабул гардиданд.

Гарчанде иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, дар арсаи ҷаҳон аз даврони қадим фаъолият мекарданд, вале дар баробари рушди ҷомеа, зиёд ва амиқ шудани равобит байни кишварҳо ҳаматарафа такмил меёфтанд ва шумораи онҳо сол то сол зиёд мешуд. Алалхусус, ташаккулёбии иттиҳодияҳои фаромиллӣ ба раванди вусъат ва амиқгардии муносибатҳои иктисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, равобити тиҷоратӣ байни кишварҳо, инкишофи бозори ҷаҳонӣ ва умуман байналмилалишавии ҳаёти ҷомеа рост меояд.

Иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ба маънои имрӯзаи ин падида, дар аввалҳои асри XIX дар Аврупо пайдо шуданд. Пажуҳишгарон ба ин назаранд, ки иттиҳодияи фаромиллии аввал ин комиссияи Рейн, ки соли 1815 аз тарафи конгресси Вена бо мақсади ба танзим даровардани қоидаҳои ягонаи боркашонӣ барои давлатҳои соҳили дарёи Рейн таъсис дода шуда буд, мебошад [3, с. 8]. Баъдтар, чунин иттиҳодияҳо дар китъаи Аврупо, бо мақсади ҳамкорӣ байни мамлакатҳо, дар дигар соҳаҳои ҷомеа низ ташкил мешаванд. Масалан, яке аз аввалин иттиҳодияҳои сиёсии байналмилалӣ “Иттиҳоди муқаддас” ном дошт, ки барои нигоҳ доштани тартиботи байналмилалие, ки дар конгресси Вена муқаррар шуда буд, 25 сентябри соли 1815 аз ҷониби импературии Русия, Австрия ва шоҳигарии Пруссия эҷод шуда буд. Инчунин, соли 1840 тибқи шартномаи Ашбуртон (Ashburton) кишварҳои Англия ва Америка як механизми назоратии муштарак алайҳи ғуломдорӣ, яъне масирҳои хуруҷи сокинони китъаи Африкоро ҳамчун ғулом масдуд мекарданд, созмон дода буданд [2, с. 317].

Нимаи дуввуми асри XIX дар Аврупо, Кумитаи байналмилалии салиби сурх (International committee of the red cross), Ситоди байналмилалии беҳдошти оммавӣ, ки

баъдтар Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ ном гирифт (World health organization) ташкил шуданд.

Ҳамин тариқ, то оғози қарни бист дар ҷаҳон зиёда аз 400 иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ вуҷуд дошт, ки қариб таоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифта буданд. Онҳо дар сиёсати байналмилалӣ нақши муҳим мебозиданд ва субъекти фаъол дар таҳия ва амалисозии қонунҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ буданд [2, с. 315]. Дар он вақт, алакай як низоми муайяни фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ вуҷуд дошт, ки тақозои замон буд ва талаботҳо оиди ташкил ва амалисозии иттиҳодияҳоро муайян ва танзим мекард. Бархе аз онҳо чунин буданд:

- будани сохтори иҷроияи доимӣ амалкунанда;
- ҳадафҳои муштараки муассисон ва шумораи таъсисдиҳандагон бояд на камтар аз се кишвар бошад;
- ҳаққи додани аъзогиро ҳам шахсони алоҳида ва ҳам кишварҳо дошта бошанд [5, с. 3].

Дар асри XX, хусусан баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон, шумораи иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ, ки тамоми соҳаҳои ҷомеаи муосирро фаро гирифта буданд, хеле зиёд ва сохторҳояшон мураккаб шуданд. Ҷомеаи ҷаҳони муосир эътироф мекунад, ки аксари масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фақат дар сатҳи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳалшаванда мебошанд. Низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳон ба вуҷуд доштани иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ниёз дорад ва фаъол будани онҳо масъалаи мубрами сиёсати ҷаҳонӣ мебошад.

Тибқи иттилооти иттиҳоди анҷуманҳои байналмилалӣ, соли 1989 шумораи иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ тақрибан 27 ҳазорро ташкил медод, ки дар сатҳҳои гуногуни ҳамгироӣ, яъне дуҷониба, минтақавӣ, қитъавӣ ва ҷаҳонӣ ҳамаи соҳаҳоро фаро гирифта буд [5, с.112].

Таснифоти дақиқи онҳо хеле мушкил аст, аммо пажуҳишгарон тибқи меъёрҳо гурӯҳбандии зерини иттиҳодияҳои ҳамгироиро пешниҳод мекунанд [3, с. 8].

Иттиҳодияҳои ҳамгироӣ вобаста аз мавқеъи субъектҳо ва асосҳои ҳуқуқӣ ба иттиҳодияҳои ҳамгироии байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ тақсим мешаванд. Тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таъсисдиҳанда ва аъзои иттиҳодияҳои ҳамгироии байниҳукуматӣ фақат кишварҳо, ҳукуматҳо ва сохторҳои давлатӣ шуда метавонанд. Дар иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалии ғайриҳукуматӣ иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва шахсони алоҳида муассис ва аъзо буда метавонанд.

Аз рӯи миқёси фаъолияти худ иттиҳодияҳои ҳамгироӣ минтақавӣ, зерминтақавӣ, қитъавӣ, фароқитъавӣ ва ҷаҳонӣ шуда метавонанд. Азбаски иттиҳодияҳои ҳамгироӣ барои ҳалли муштараки масъалаҳои мушаххас таъсис меёбанд, онҳоро аз рӯйи соҳаҳо ва ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, аз рӯйи гурӯҳҳо, табақаҳои аҳолӣ, соҳаҳои фаъолияти инсон ва фарқиятҳои гендерӣ ва динӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Аз рӯйи доираи фаъолияту ваколатҳо, доираи вазифаҳое, ки бояд ҳал карда шаванд ва инчунин мувофиқи моҳияти қарорҳои қабулшуда, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ба иттиҳодияҳои ҳамгироии салоҳияти умумӣ дошта ва иттиҳодияҳои салоҳияти махсус дошта тақсим мешаванд. Иттиҳодияҳои салоҳияти умумӣ дошта, ваколатдор барои қабули қарорҳо дар сатҳи доираи масъалаҳои ҷаҳонӣ мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки шумораашон кам аст. Ба мисоли Лигаи Миллатҳо, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони давлатҳои араб ва ғайра. Иттиҳодияҳои

ҳамгироии салоҳияти махсус дошта, ваколатдор барои ҳалли масъалаҳои мушахасси ҳаёти байналмилалӣ ба миисоли маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳамчунин, иттиҳодияҳои ҳамгирой доимӣ ё муваққатӣ буда метавонанд. Ин гуна иттиҳодияҳо ҳамчун сохтори мувақатӣ барои таҳия намудани нақша ва гузаронидани корҳои ташкилии конференсияҳо, вохӯриҳо ва ҷаласаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ эҷод мешаванд.

Бахши дигари муҳими гурӯҳбандии иттиҳодияҳои ҳамгирой ин тақсимоти онҳо ба соҳаҳои корӣ, яъне иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, низомӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ, омӯзишӣ, фарҳангӣ, динӣ, синфӣ, ҳирфаӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Инчунин, иттиҳодияҳои ҷавонон, занон, донишҷӯён, варзишӣ ва илмӣ низ вуҷуд доранд.

Бояд қайд кард, ки то соли 1990 иттиҳодияҳои ҳамгирой аз рӯи марбут ба низомҳо будан, тақсим мешуданд. Барои мисол, иттиҳодияҳои капталистӣ ва сотсиалистӣ. Иттиҳодияҳои сотсиалистӣ пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ аз байн рафтанд. Аммо, иттиҳодияҳои марбут ба низоми капиталистӣ на танҳо арзи ҳастӣ доранд, балки хеле рушд кардаанд. Ҳамчунин, иттиҳодияҳои “олами сеюм” вуҷуд доштанд, ки то кунун амал мекунанд.

Фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгирой тибқи қоидаҳои дахлдори махсусе, ки ҳам аз тарафи кишварҳо дар алоҳидагӣ эҷод мешаванд ва ҳам аз ҷониби мамлакатҳое, ки аъзои чунин иттиҳодияи ҳамгирой ҳастанд, муштарак таҳия мешаванд ва амалӣ мешаванд. Чунин иттиҳодияҳои ҳамгирой иҷозати аз доираи он ваколатҳое, ки аз тарафи давлатҳои таъсискунанда муаян шудаанд, берун баромаданро надоранд. Чунки кишварҳои муассис, он ваколатҳоеро ба иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ медиҳанд, ки ҷавобгӯ ба қавонини миллӣ ва конститутсияи он кишварҳо бояд бошанд.

Дар навбати худ иттиҳодияҳои ҳамгирой, тибқи ваколатҳои додашуда аз ҷониби кишварҳои таъсисдиҳанда ва аъзо амал мекунанд.

Ҳамин тариқ, кишварҳои аъзои иттиҳодияҳои ҳамгирой, тариқи сохторҳои иҷрокунанда, ҳамкориҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ, тибқи манфиатҳои миллӣ ва мувофиқи ваколатҳои дахлдори ҳам миллӣ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ месозанд. Ин ҷо мақоми аввалиндараҷаро қавонини миллии кишварҳо доранд ва ҳуқуқи байналмилалӣ дуввумдараҷа аст.

Фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ тибқи Конвенсияи байналмилалӣ оид ба қавонуни шартномаҳои байналмилалӣ, аввал аз вохурии (конфересия, ҷаласа) намояндагони мамалакатҳои манфиатдор дар ташкили иттиҳодияи ҳамгирой шуруъ мешавад. Намояндагони кишварҳо, ки ваколати ҳукуматиро доро ҳастанд, ба ҳам меоянд ва оид ба ин ё он масъалаи мубрами ҷаҳонӣ маслиҳат мекунанд [1, с. 3].

Намояндагони ваколатдори кишварҳо оид ба таъсиси иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ инҳо буда метавонанд:

- роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, вазирони умури хориҷии кишварҳо, ки ваколати давлатии имзои ниҳоии шартномаҳоро оиди таъсиси иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ доранд. Сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо тибқи манфиатҳои миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне конститутсия амал намуда, ба шахсони мансабдори ваколатдор, ки дар раванди гуфтушунидҳо иштирок мекунанд, супоришҳои дахлдор медиҳанд;

- роҳбарони намоядагиҳои дипломатӣ, ки ваколатҳои махсуси дахлдор доранд, дар таҳия намудани лоиҳаҳо, шинос шудан бо матни ниҳоии шартномаҳо ва санадҳои таъсисдиҳанда ширкат меварзанд;

- намояндагони махсуси ваколатдори давлатӣ, ки мунтазам дар таҳия кардани матни шартномаи таъсисӣ ва ташкил намудани вохӯриҳо (конференсияҳо, ҷаласаҳо), дар тамоми марҳилаҳои қабули санадҳо, яъне таҳия, имзо ва тасдиқи шартномаҳо фаъолона иштирок менамоянд.

Санадҳои муҳими таъсисии қабулшуда, баъди тасдиқ шудан аз тарафи сохтори қонунбарор, яъне парламентҳои кишварҳои аъзои иттиҳоди ҳамгирой, эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Аслан, меъёри тасмимгирӣ дар доираи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгирой дар асоси принсипи консенсусӣ сурат мегирифт, ки на ҳама вақт ба талаботи кишварҳои аъзо ҷавобгӯ буд. Бинобар ин, дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва кории иттиҳодияҳо тағйирот ворид карда шуд. Акнун дар доираи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгирой принсипи овоздиҳии "аксарият," ки ду намудро дар бар мегирад: "аксарияти одӣ" ва "се чоряк" истифода мешавад. Ин принсипҳо, ҳамчунин дар оинномаи Созмони Милали Муттаҳид зикр шудаанд. Гарчанде таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар доираи фаъолияти аксари иттиҳодияҳои ҳамгирой, принсипи консенсусӣ низ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳим, дар бисёр мавридҳо истифода мешавад. Масалан, масъулиятноктарин тасмимҳо дар Шурои амниятии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси присипи консенсусӣ гирифта мешаванд. Ба ибораи дигар, бисёри иттиҳодияҳои ҳамгирой дар фаъолияти кориашон ҳарду принсипро вобаста аз масъалаи матраҳшуда истифода мебаранд.

Фаъолияти ҳамаи иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ хароҷоти муайяни молиявиро талаб мекунад. Ҳаҷми буҷаи иттиҳодияҳои ҳамгироиро сохторҳои иҷроии доимӣ амалкунанда аз ҳисоби аъзоҳақии кишварҳо муайян мекунанд ва Шурои кишварҳои узви иттиҳод тасдиқ мекунад. Дар он хароҷоти молии иттиҳод аз маоши кормандон ва мутахассисон шуруъ карда то харҷи тамоми самтҳои фаъолияти созмон, ба мисли иҷораи бино, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, харҷи алоқаву нақлиёт ба назар гирифта мешавад. Ҳаҷми аъзоҳақӣ метавонад байни аъзоён баробар ва ё мувофиқи тавоноии молии кишварҳо муайян шавад. Барои мисол, буҷаи Созмони Милали Муттаҳид, солҳои аввали фаъолияташ асосан аз тарафи кишварҳои ШМА, Иттиҳоди Шуравӣ, Британияи Кабир ва дигар давлатҳои аз ҷиҳати молӣ пурқудрат пардохт мешуд. Ин ҳолат ба давлатҳои абарқудрат имкон медод то ба сиёсату фаъолияти кории Созмони Милали Муттаҳид таъсир расонанд. Бинобар ин, соли 1954 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қарор қабул кард ва тибқи он ҳаҷми аъзоҳақии кишварҳо ҳар сол аз нав муқаррар карда мешавад, ки набояд аз се як ҳиссаи хароҷоти солонаи Созмони Милали Муттаҳидро ташкил кунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили таҷрибаи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгирой дар сатҳи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои муайяни рушди таърих, муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ доираи фаъолияти миллиро убур карда, фаромиллӣ мегарданд. Дар натиҷа, муассисаҳои махсуси байнидавлатӣ, яъне иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд. Вобаста аз он, ки кӣ унвони субъекти асосиро дар ин иртиботҳо намояндагӣ мекунад, ном мегиранд: байналмилалӣ, қитъавӣ, байнидавлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва ё минтақавӣ.

Инчунин, иттиҳодияҳои ҳамгирой салоҳияти махсус дошта, ваколатдор барои ҳалли масъалаҳои мушахасси ҳаёти байналмилалӣ ба мисоли сиёсат, иқтисод, фарҳанг, маориф, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, башардустӣ, тандурустӣ ва ғайра мебошанд.

Иттиҳодияҳои ҳамгирой вижагиҳои хос дошта, дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти фаъоли сиёсати ҷаҳонӣ амал мекунанд, ду ва ё якчанд кишварро муттаҳид месозанд, тариқи шартнома эҷод мешаванд, ҳадафҳо ва барномаҳои муштарак, сохтори фаромиллӣ оид ба ҳалли масъалаҳои хос дошта, самаранок ва таъсирбахш амал мекунанд.

Айни замон, дар арсаи байналмилалӣ шумораи иттиҳодияҳои ҳамгирой, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҷаҳони муосир мебошанд, хеле зиёданд. Онҳо фаъолона амал мекунанд, дар таҳия, амалӣ ва раҳбарӣ намудани равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва башардустӣ саҳми беандоза доранд.

## АДАБИЁТ:


1. Венская конвенция о праве договоров между государствами и международными организациями или между международными организациями от 23.05. 1969 г.
2. Кареев Н.И. История Европы. СПб. 1907. Т. 4. С. 317.
3. Мутагиров Д.З. Международные политические институты: актуальные проблемы истории и теории: учеб. пособие. М.: Логос, 2009. С. 8.
4. Goverments and International Organizations as of March 1989 (With major Politikal Developments noted through Juli 1989)/ New York, 1990. P.112.
5. Yearbook of International Organizations/ Brussels, 1922. P. 3.
6. Мирзоев Х.Т. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар доираи СҲШ //.Вестник Педагогического Университета С.2019.№6 ISSN-2219-5408 сах. 130-136.
7. Мирзоев Н.М., Мирзоев Х.Т. Инъикоси дипломатияи тоҷик дар сарчашмаҳои таърихи // Вестник Педагогического Университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Соли 2020.No 5 (88). ISSN 2219-5408. Сах.193-198.


# ОСОБЕННОСТИ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ОБЪЕДИНЕНИЙ НА МЕЖДУНАРОДНОЙ АРЕНЕ


**МАЛИКОВ КОБИЛШО КУКАНОВИЧ**

доцент кафедры международных отношений, факультет международных отношений Таджикского национального университета. Адрес: Таджикистан, г. Душанбе, проспект Н. Карабаева, 200/2. E-mail: m.koba@mail.ru. Тел.: (+992) 008-55-44-03.



*Статья посвящена актуальному на сегодняшний день феномену, особенности интеграционных объединений на международной арене.*

*Отмечается, что на определенных этапах развития истории экономические, политические, культурные и торговые отношения выходят за рамки национальной деятельности и становятся транснациональными. В результате были созданы специальные межгосударственные институты, то есть международные интеграционные объединения. В зависимости от того, кто представляет эти интеграционные объединения, они приобретают названия.*

*Также подчеркивается, что современные интеграционные объединения обладают особыми полномочиями и способны решать важные вопросы международной жизни, такие как политика, экономика, культура, образование, социальные, правовые, гуманитарные, здравоохранение и т.д.*

*Сделан вывод о том, что в настоящее время на международной арене активно действуют очень большое количество интеграционных объединений, которые являются неотъемлемой частью международной политики современного мира, внося огромный вклад в разработку, реализацию и управление экономическими, политическими, социальными, правовыми, культурными и гуманитарными процессами.*

***Ключевые слова:*** *интеграционные объединения, международные отношения, глобализация, современный мир, международное право, классификация интеграционных объединений.*

## FEATURES OF INTEGRATION ASSOCIATIONS IN THE INTERNATIONAL ARENA

**MALIKOV KOBILSHO KUKANOVYCH**

Associate Professor, Department of International Relations, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev Avenue, 200/2. E-mail: m.koba@mail.ru. Tel.: (+992) 008-55-44-03.

*The article is devoted to a phenomenon that is relevant today, the features of integration associations in the international arena.*

*It is noted that at certain stages of historical development, economic, political, cultural and trade relations go beyond the scope of national activities and become transnational. As a result, special interstate institutions were created, that is, integration associations on the world stage. Depending on who represents these integration associations, they acquire names.*

*It is also emphasized that modern integration associations have special powers and are capable of resolving important issues of international life, such as politics, economics, culture, education, social, legal, humanitarian, healthcare, etc.*

*It is concluded that currently a very large number of integration associations are actively operating in the international arena, which are an integral part of the international politics of the modern world, making a huge contribution to the development, implementation and management of economic, political, social, legal, cultural and humanitarian processes.*

***Keywords****: integration associations, international relations, globalization, modern world, international law, classification of integration associations.*

## ПОСОЛЬСКИЕ И ТОРГОВЫЕ СВЯЗИ МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА В XIV-XV ВВ.

**ХОДЖАЕВ МЕХРОВАР ПАРДАЛИЕВИЧ**

кандидат исторических наук, доцент кафедры истории древнего мира, средневековья и археологии Таджикского национального университета. Телефон: (+992)918471167, E-mail: Mehrovar_kh@mail.ru

**МИРЗОЕВ ХАБИБЖОН ТАБРИКЖОНОВИЧ**

кандидат исторических наук, старший научный сотрудник ИИПСАЕ Национальной академии наук Таджикистана. Телефон: (+992)933-60-94-94, E-mail: дипломат.tj@mail.ru

амният; 3) рушди ҳамкорӣ дар соҳаи адлия ва корҳои дохилӣ; 4) ҳифз ва зиёд намудани дастовардҳои умумии мақомоти дохилӣ [3, 118]. Яъне, Иттиҳоди Аврупо риояи тамоми талаботҳои муқаррарнамудаи Иттиҳодро аз ҷониби ҳама кишварҳои аъзо ва номзад-кишварҳое, ки барои пайвастан ба ИА дархост пешниҳод менамоянд, зарур мешуморад.

Чи тавре ки дар моддаи 49-и Созишномаи Иттиҳоди Аврупо омадааст, ҳар як давлати аврупоӣ имкони пайвастанро ба ИА дар сурати риоя намудани шартҳои дар қисми 1 моддаи 6-уми Созишнома дарҷ гардида, риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, озодӣ, демократия ва волоияти қонун, пайдо карда метавонанд [2]. Илова бар ин, ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо, бахусус Парлумони Аврупо, эҳтироми ҳуқуқи инсонро як шарти асосии кишварҳои номзад эълон доштааст.

Дар Нишасти Шурои Аврупо дар Лиссабон, ки соли 1992 баргузор гардид, зарурияти нигоҳ доштани низоми демократӣ барои кишвар-номзадҳои Иттиҳоди Аврупо таъкид карда шуд. Созишномаи Маастрихт нақши Парлумони Аврупоро дар муносибатҳо бо давлатҳои сеюм васеъ намуд: барои дохил шудан ба Иттиҳоди Аврупо ризоияти он зарур аст (моддаи 15 Созишномаи Иттиҳоди Аврупо) [3, 119].

Моҳи декабри соли 1999 ба Туркия мақоми номзад барои шомил шудан ба Иттиҳоди Аврупо дода шуд. Тибқи ақидаи аксари сиёсатмадорони турк, пас аз ҳодисаи зикргардида дурнамои пайвастани Туркия ҳамчун узви комилҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо ба амалӣ шудани як қатор ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Туркия, такмили низоми қонунгузорӣ ва низоми судии он бо мақсади мутобиқ кардани онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқии ИА, мусоидат кард. Дар солҳои охир Туркия лоиҳаҳои бузурги макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохториро амалӣ намуд, ки беҳбуди фазои иқтисодиро суръат бахшида, фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам оварданд. [1, 46]. Бо вуҷуди чунин дигаргуниҳои назаррас, кишварҳо ва ниҳодҳои узви Иттиҳоди Аврупо дар мавриди наздикшавӣ бо Туркия хеле эҳтиёткорона муносибат намуданд. Зеро аз нуқтаи назари арзишҳои аврупоӣ, мавқеи кишварҳои аврупоӣ ба заминаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ асос ёфтаанд.

Шарқшиноси рус Маврина Ю.В. суханронии раиси Иттиҳоди Аврупо Ҳерман ван Ромпейро (2009-2014), ки дар ҷаласаи намояндагони Шурои Аврупо дар моҳи декабри соли 2004 дар Парлумони Белгия баргузор шуда буд, вобаста ба эҳтимоли наздикшавии Туркия ба Иттиҳоди Аврупо, нисбат ба Туркия қатъиян изҳори назар кард:"Васеъшавии Иттиҳоди Аврупо аз ҳисоби қабули Туркия ба васеъшавиҳои қаблӣ, ки дар гузашта сурат гирифта буданд, баробар нахоҳад шуд. Низоми муосири амалкунандаи арзишҳои умумибашарӣ дар Аврупо, ки ҳамчун арзишҳои бунёдии насронӣ низ шуморида шудаанд, бо ворид шудани як давлати бузурги исломӣ дар мисоли Туркия ба он, ИА арзишҳои худро аз даст хоҳад дод [5, 63]. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар ҷомеаи аврупоӣ, хусусан дар қишри яккачини ҷомеаи ИА наздикшавии як кишвари мусалмонӣ ба мисли Туркия ба Иттиҳод ва паёмадҳои ногузири он аз масъалаҳои нигаронкунанда мебошад.

Маврина Ю.В. инчунин таъкид менамояд, ки ҷонибдорони ҳамгироии аврупоии Ҷумҳурии Туркия низ мушоҳида мегарданд. Дар ин маврид, як гурӯҳи коршиносони аврупоӣ бо пешниҳоди зерин баромад карданд: "Роҳбарони кишварҳои Аврупо бояд ба Туркия низ мисли дигар кишвар-номзадҳои ба Иттиҳоди Аврупо шомилшаванда муносибат дошта бошанд ва аз тавсияҳои гуногун ҷиҳати узвияти комил даст кашанд. Дар баробари ин гуфта шуд, ки Анкара, дар навбати худ, бояд раванди ислоҳоти демократиро барқарор кунад"[5, 63]. Дар Туркия ҷонибдорони ҳамгироии Туркия ба

Иттиҳоди Аврупоро асосан тоҷирон, соҳибкорон, озодихоҳон ва баъзе фурсатталабон ташкил медиҳанд, ки дар сурати пайвастани Туркия ба ИА тавонанд манфиатҳои худро озодона пиёда намоянд.

Дар ҳуҷҷатҳои расмии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати корҳои хориҷии Туркия вобаста будани раванди пайвастани Туркия ба ИА ба иҷрои як қатор шартҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ, ки ҳамчун “меъёрҳои Копенгаген” дар нишасти ИА дар соли 1993 қабул шуд, қайд гардидааст. “Меъёрҳои Копенгаген” маҷмуи қоидаҳое мебошад, ки ҳуқуқи шомил шудани ягон кишварро ба Иттиҳоди Аврупо муайян мекунад.

12 декабри соли 2012 давлатҳои аъзои Шурои Аврупо иброз доштанд, ки дар мавриди аз ҷониби Туркия иҷро гардидани ҳама меъёрҳои Копенгаген, ин кишвар метавонад барои пайвастан ба Иттиҳоди Аврупо муроҷиат намояд. Иттиҳоди Аврупо дар навбати худ, бидуни таъхир бо Туркия музокиротро дар ин самт оғоз хоҳад кард. Ҳамин тавр, соли 1993 Шурои Аврупо барои Туркия ва кишварҳои довталабе, ки бояд узви ИА бошанд, се меъёрро муқаррар намуд [12]:

1) Кафолати институтҳои демократии устувор;

2) Иқтисоди бозоргонии фаъолияткунанда ва истодагарии он дар муқобили фишорҳои рақобаткунанда ва қувваҳои бозорӣ дар дохили Иттиҳод;

3) Қобилияти ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳои аъзо.

Ин меъёрҳо тақозо мекунанд, ки агар Туркия хоҳад узви комилҳуқуқ бошад, бояд як ниҳоди устуворе дошта бошад, ки низоми идоракунии демократиро дар кишвараш ҳифз намуда, ҳуқуқи башар дар он ҷо риоя гардад. Ҳамчунин, қобилияти рақобатпазириро дар иқтисоди бозорӣ дошта бошад ва тамоми ӯҳдадориҳои Иттиҳоди Аврупоро ба зимма гирад.

Бархе аз унсурҳои меъёри Копенгаген аз ҷониби қонунгузории Шурои Аврупо, Парлумони Аврупо ва Комиссияи Аврупо, аз ҷумла Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва Суди адлияи Аврупо муайян карда шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар байни кишварҳои аъзо ҳоло низ ихтилофоти зиёде вуҷуд доранд.

Аз моҳи феврали соли 2002 то июли соли 2004 Туркия барои татбиқи меъёрҳои сиёсии Копенгаген иқдомҳои муҳим андешид. Барои ноил шудан ба ин, ҳукумати Туркия Конститутсияи Туркияро таҷдиди назар карда, тағйироту иловаҳои ҷиддиро ба он ворид кард. Масалан, ба истиснои ҷиноятҳои дар замони ҷанг содиршуда, Туркия ҳукми қатлро бекор кард. Инчунин, Туркия ҳамагуна монеаҳои расмиро барои пахши барномаҳо бо забонҳои гуногун бекор кард. Ҳамзамон, равобити Туркия ва Иттиҳоди Аврупо як “ҷанбаи тамаддунӣ” пайдо кард.

Муҳимтар аз ҳама чунин ислоҳот дар назари Иттиҳоди Аврупо чунон муассир шуданд, ки Комиссия дар гузориши солонаи фаъолияти худ дар соли 2004 оид ба мувофиқат кардани Туркия ба меъёрҳои сиёсии Копенгаген зикр менамояд. Вобаста ба ин, Комиссия ба кишварҳои узв ишора намуд, ки раванди музокирот дар бораи узвияти Туркия шурӯъ карда шавад. Баъдан, Иттиҳоди Аврупо 3 октябри соли 2005 музокиротро оғоз кард [9]. Бо вуҷуди ин, қабули ин қарор маънои гирифтани кафолат барои зудтар ва бомуваффақият анҷом додани раванди музокиротро надошт.

Аҳамияти стратегии Туркия барои Иттиҳоди Аврупо бори дигар дар тобистони соли 2015, дар авҷи вуруди паноҳандагон ба ИА аз Сурияи ҷангзада таъкид гардид. Аз он вақт инҷониб равобити Туркия бо Иттиҳоди Аврупо ва ҳамчунин бо ИМА ва НАТО боз ҳам печидатар шуд. Туркия аз як иттифоқчӣ ба як шарики беэътимоди Ғарб табдил

ёфта, ба Русия ва Эрон майл намуд. Иттиҳоди Аврупо дарк кард, ки Туркия ба мавқеъҳои ИА, ки дар чаҳорчӯби сиёсати муштараки хориҷӣ ва амниятӣ қабул шудааст, мувофиқат намекунад [10, 9]. Дар баробари ин дар сиёсати хориҷии Туркия ба тамоюл ба самти Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар татбиқи лоиҳаҳои нақлиётӣ ва энергетикии минтақавӣ мушоҳида гардид.

Туркия ҳамчун кишвари қабулкунандаи шумораи зиёди гурезагон дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки зиёда аз 3 миллиону 300 ҳазор нафар гурезаҳои суриягиро сабти ном кард. Сарфи назар аз ташаббусҳои нав барои беҳбуди вазъияти худ, бисёре аз гурезаҳо бо дастрасии нокифоя ба манзил, хизматрасонии тиббӣ ва таҳсилоти фарзандони худ дучор шудаанд. Ба истисноӣ суриягиҳо, гурезагон ба расмиёти одилона ва муассир барои муайян кардани мақоми худ дастрасӣ надоштанд. Гузоришҳо дар бораи бозгашти маҷбурии гурезаҳо ва паноҳҷӯён, аз ҷумла, ба Сурия идома меёфтанд.

Созмонҳои ғайридавлатии байналмилалии башардӯстона, ки бо гурезагон кор мекунанд, зимни фаъолият дар Туркия ба мушкилиҳо дучор шуданд, зеро мақомот маҳаллӣ барои фаъолияти онҳо маҳдудиятҳо ҷорӣ карданд ва дар баъзе мавридҳо иҷозаи корро дар ин кишвар бекор карданд. Дар бораи ихроҷи дастаҷамъонаи гурезаҳои суриягӣ, ироқӣ ва дигар паноҳҷӯён ба кишварҳои аслии худ аз маркази Ван гузориш дода шудааст [8, 35].

Маълумоту гузоришҳои бадастовардаи Комиссияи Аврупо оид ба поймол кардани ҳуқуқи гурезаҳо, яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар раванди музокирот қарор гирифт.

Муносибатҳои Туркия ва Аврупо дар солҳои охир, хусусан баъд аз кӯшиши табаддулоти давлатӣ дар соли 2016, муташанниҷ боқӣ мемонад. Дар натиҷа, ҳукумати Туркия ба маҳдуд кардани озодии баён ва саркӯби мухолифон шурӯъ кард, ки боиси нигаронии кишварҳои Аврупо гардид.

Мушкилоти дигаре, ки ҳангоми баррасии дархости Туркия барои пайвастан ба Иттиҳоди Аврупо монеаи ҷиддӣ аст, қазияи миллати курд мебошад. Курдҳо, чи тавре ки маълум аст, яке аз бузургтарин халқҳои ҷаҳон буда, давлати алоҳидаи худро надоранд. Онҳо дар Эрон, Ироқ, Сурия ва Туркия зиндагӣ мекунанд. Аз миёнаҳои солҳои 80-ум Ҳизби Коргарии Курдистон таҳти раҳбарии Оҷалон барои таъсиси мухторияти курдҳо дар Туркия, мубориза номуваффақ бурд. Ба ҷуз имтиёзҳои хурд, ки таҳти фишори Иттиҳоди Аврупо ҳукумати Туркия ба онҳо фароҳам овард, ба чизе ноил нагаштааст. Масалан,  дар солҳои 90-ум нашриёти бо забони курдӣ иҷозат дода шуд ва ба чанд маҳаллаи аҳолинишин номи курдиашон бозпас гардонида шуд. Баъди боздошташ дар соли 1989 Оҷалон эълон кард, ки курдҳо муборизаи мусаллаҳонаро қатъ карданд.

Аммо дар шароити курдҳо тағйироти куллӣ ба назар нарасид ва Иттиҳоди Аврупо ҳоло ҳам Туркияро барои ба таъхир гузоштани ҳалли ин қазия мавриди интиқод қарор додааст. Инчунин, минтақаи Анадолуи Ҷанубӣ-Шарқӣ, ки курдҳо дар он ҷо зич ҷойгир шуда, аз пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ дур мондаанд, мавриди баҳс қарор гирифт. Сармоягузорони туркӣ ва хориҷӣ ба ин ҷо намеоянд ва минтақаи васеъ дар таносуб ба пешрафти ҷомеаи манотиқи ғарбии Туркия комилан фарқ мекунад. Дар чунин шароит курдҳо талош доранд, Иттиҳоди Аврупоро барои фишор овардан ба ҳукумати Туркия водор созанд [7].

Дар ҳамин ҳол, Иттиҳоди Аврупо аз Туркия беш аз пеш даъват мекунад, ки раванди сулҳро бо курдҳо барқарор кунад. То он даме, ки Урдуғон ва ҳизби ҳоким

тасмим гирифта, ҳуқуқи курдҳоро дар мадди аввали рӯзномаи сиёсии худ нагузоранд, мушкилии курдҳо бешак печидатар хоҳад шуд [11]. Дар давоми солҳои 2002-2022, мушкилоти ҳалнашудаи курдҳо яке аз омилҳое буд, ки ба раванди музокироти Туркия ва Иттиҳоди Аврупо таъсири манфӣ гузоштааст.

Дар баробари ин, чи тавре ки дар боло қайд гардид, дар муносибатҳои Туркия ва Иттиҳоди Аврупо дар миёни солҳои 2002-2006 дар бисёр масъалаҳо ҳамдигарфаҳмӣ мушоҳида карда шуд. Ҳатто аз ҷониби Комиссияи ИА масъалаи тезонидани раванди музокирот ба миён гузошта шуд. Дар ин замина, роҳбарияти Туркия барои ҳалли масъалаи курдҳо чораҳои амалӣ андешид. Аммо бо дидани коҳиши таваҷҷӯҳ ба пазируфтани Туркия ба Иттиҳоди Аврупо ва шиддат гирифтани фаъолияти ҲКК, роҳбарияти Туркия аз сиёсати гузаштҳо нисбат ба курдҳо даст кашида, аксар вақт ба усулҳои зӯроварии таъсиррасонӣ рӯ овард.

Барои ҳукумати Туркия роҳи ягонаи ҳалли бухрони мавҷуда ғалаба дар муқовимат тавассути нест кардани Ҳизби коргарии Курдистон ва ошӯбгарони марбут ба он, саркӯб кардани мухолифон бо боздоштҳо, маҳдуд кардани матбуот ва эҳтимоли бекор кардани шаҳрвандии онҳоеро, ки хилофи ҳукумат баромад мекунанд. Аммо барои бисёре аз курдҳоро, даст кашидан аз муколама ва эҳтимолияти аз даст додани шаҳрвандӣ, инчунин ҷанги идомадошта, ба он водор мекунад, ки бидуни фишор аз болои ҳукумат, мақомот ҳеҷ гоҳ шикоятҳои онҳоро ҳал нахоҳад кард. Айни замон имконияти пайвастани Туркия ба Иттиҳоди Аврупо дар сурате рушд хоҳад ёфт, ки бо татбиқи ислоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, тавассути демократия, озодихоҳӣ ва рушди иқтисодӣ, дар муддати кутоҳтарин ба ҳалли масъалаи курдҳо ноил шавад.

Дар байни масъалаҳои дардноктарин, ки раванди гуфтушуниди ҳамроҳшавии Туркияро ба ИА душвор гардонид, масъалаи Кипр мебошад. Иттиҳоди Аврупо ин равандро бо ҳалли масъалаи Кипр комилан рабт медиҳад. Дар соли 2005, пас аз оғоз гардидани раванди музокирот, Иттиҳоди Аврупо аз Туркия талаб кард, ки шартномаи Анкараро бо Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо аз соли 1963 ба даҳ кишвари нави узви Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Ҷумҳурии Кипр (қисмати юнонии ҷазира, ки Туркия онро эътироф надорад) ирсол кунад. Дар амал паҳн шудани ин созишнома маънои онро дошт, ки Туркия бандарҳо, фурудгоҳҳо ва фазои ҳавоии худро барои юнониёни Кипр боз кунад. Барои мушкил нагардонидани раванди бе ин ҳам печидаи музокирот ҳукумати Туркия дар соли 2005 Протоколи иловагии Шартномаи Анкараро имзо карда, эълом кард, ки имзои он маънои эътирофи Ҷумҳурии Кипрро надорад.

Туркия ният надорад, ки бандарҳо, фурудгоҳҳо ва фазои ҳавоии худро барои Кипри юнонӣ кушояд ва бо ҳамин аз иҷрои шартҳои протоколи имзошуда даст кашад. ИА дар навбати худ, аз Туркия риоя намудани муқаррароти Протоколи иловагиро талаб намуда, таъкид кард, ки "аҳдномаҳо бояд риоя карда шавад"[6]. Тарафи Юнон тарафдори бесилоҳкунии ҷазира мебошад, ҷониби Туркия мавқеи муқобилро ишғол мекунад. Хусусияти Кипр дар он аст, ки ҳамагӣ 64 км дуртар аз соҳили Анатолия ҷойгир буда, “нуқтаи осебпазир”-и Туркияро ҳифз менамояд. Аз ин лиҳоз, Туркия, дар сурати пайдо шудани мушкилот дар қаламрави Ҷумҳурии туркии Кипри Шимолӣ қувваҳои зарурии мусаллаҳро ҷойгир хоҳад кард.

Бо вуҷуди он, ки ду кишвар аъзои блоки ҳарбӣ-сиёсии НАТО мебошанд, дар ин самт муносибатҳои Туркия ва Юнон нигаронкунанда боқӣ мондааст. Ғайр аз кинаву адовати байниҳамдигарии таърихӣ, ҳар ду кишвар барои ба даст овардани ҷазираи Имиа

(Кардак) дар баҳри Эгей талош доранд, ки масъалаи тақсимоти ҳудудии минтақаҳои обӣ, ҳавоӣ ва наздибаҳрӣ то ҳоло ҳалли худро наёфтааст. Хусусан баъд аз пайдо намудани нафт дар соҳилҳои баҳри Эгей, масъалаи мансубияти ҷазираҳо шиддат гирифт. Чи тавре ки дар боло қайд гардид, қазияи Кипри Шимолӣ дар муносибатҳои Туркия ва Юнон мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст ва ду кишвар барои муаррифӣ намудани тавоноии ҳарбии худ пайваста машқҳои ҳарбӣ-ҳавоии худро ташкил медиҳанд.

Мавзуи боз ҳам дарднoктар дар равобити ИА ва Туркия мушкилоти эътирофи мавриди наслкушӣ қарор гирифтани арманиҳо дар замони империяи Усмонӣ дар соли 1915 мебошад, ки то ҳол аз ҷониби Туркия якравона инкор карда мешавад. Имрӯз дар Туркия зиёда аз 70 000 арманиҳо мавҷуданд, ки аксари онҳо дар Истамбул зиндагӣ мекунанд. То Ҷанги якуми Ҷаҳон арманиҳо ва туркҳо тӯли 800 сол бо ҳам зиндагӣ доштанд. Арманиёни Анадолу ва Аврупо тақрибан 400 сол дар ихтиёри усмониҳо буданд.

Гузориши Ассотсиатсияи байналмилалии олимони таҳқиқкунандаи наслкушӣ, ки 23 сентябри соли 2005 дар “International Herald Tribune” нашр шудааст, далелҳои собитшудаи наслкушӣ гардидани арманиҳоро бори дигар тасдиқ кард [12, 74]. Туркия онро ҳоло низ рад мекунад.

8 июни соли 1987 Парлумони Аврупо эъломияро “Дар бораи ҳалли сиёсии масъалаи Арманистон” қабул кард. Дар муқаддимаи санад гуфта шудааст: “Ҳукумати Туркия то имрӯз аз эътирофи наслкушии соли 1915 саркашӣ карда истода, мардуми арманиро аз ҳуқуқи таърихи худ маҳрум месозад; наслкушии бо далели таърихӣ исботшуда ҳанӯз ба маҳкумияти сиёсӣ ё сатҳи зарурии ҷуброни мувофиқ нарасидааст; эътирофи наслкушии арманиҳо аз ҷониби Туркия минбаъд ҳамчун амали амиқи башардустонаи эҳёи ахлоқӣ нисбат ба арманиҳо арзёбӣ мешавад...” [1, 50]. Намояндагони Парлумони Аврупо бар ин назаранд, ки эътироф намудани наслкушии арманиҳо аз ҷониби ҳукумати Туркия, роҳест барои оштии ҳақиқии мардуми турк ва арманӣ.

Муҳимтарин нуқтаи эъломия муқарраротн зерин мебошад: “... Воқеаҳои фоҷиавие, ки дар солҳои 1915-1917 нисбати аҳолии арманитабори империяи Усмонӣ ба амал омадаанд, тибқи Конвенсияи СММ оид ба пешгирӣ ва ҷазо додани ҷинояти наслкушӣ аз 9 декабри соли 1948, наслкушӣ ҳисобида мешавад” [1, 50]. Ҷониби Туркия хавф аз он дорад, ки агар онҳо наслкушии арманиҳоро эътироф кунанд, Арманистон ҷуброн ва як қатор даъвоҳои ҳудудӣ талаб хоҳад кард.

Парлумони Аврупо дар тасмими узвияти Туркия дар Иттиҳоди Аврупо аз 28 сентябри соли 2005 мавқеъи худро дар масъалаи Арманистон тасдиқ кард. Парлумони Аврупо, аз ҷумла, аз "Комиссияи Аврупо ва Шурои Аврупо даъват кард, ки аз мақомоти Туркия талаб кунанд, ки далели таърихии наслкушӣ алайҳи арманиҳоро дар соли 1915 эътироф кунанд ва фавран сарҳади Туркия ва Арманистонро боз кунанд."Туркия бошад масъулияти қатли ом ва ихроҷи арманиҳоеро, ки дар қаламрави империяи Усмонӣ зиндагӣ карда буданд, эътироф намекунад ва ба зимма намегирад.

Айни замон, пас аз як қатор мулоқоту вохӯриҳои намояндагони воломақоми ду кишвар, аз моҳи феврали соли 2022 хатти ҳавои миёни ду кишвар барқарор карда шуда, созишномаҳо оид ба ифтитоҳи сарҳади байниҳамдигарӣ барои истифодаи шаҳрвандони кишвари сеюм ба имзо расонида шуд.

Бо вуҷуди қайдҳои боло, баъзе аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо назарияи тавсеаи беохири Иттиҳодро тасдиқ намуда, ҷонибдори қабули давлатҳои нав мебошанд. Дар баробари ин, таҳлил ва қайд намудани мавқеъ ва ақидаи сиёсатмадорон ва ҷомеаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Туркия низ дар раванди пайвастани Туркия ба ИА ба маврид шуморида шудааст. Дар ҳолати ҳалли худро ёфтани қазияҳои мавҷуда дар мантоиқи наздимарзии Туркия ва Иттиҳоди Аврупо, бухрони муҳоҷират ба Аврупо низ аз байн хоҳад рафт.

Чи тавре ки таърихнигори рус Кудряшова Ю.С. қайд намудааст, Туркия барои ИА, пеш аз ҳама, ҳамчун як кишвари дорои қудрати иқтисодии минтақавӣ дар сафи пеш ва ҳамчун омили субот дар "чорроҳа"-и геополитикии Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ховари Миёна, ҳамчунин "камарбанди ҷанубӣ" нақши муҳим дорад [4].

Илова ба манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ, хатарҳои ҷиддӣ низ дар мавриди пайвастани Туркия барои Иттиҳоди Аврупо мавҷуданд. Аҳолии Туркия зиёда аз 85 миллион нафар аст. Барои Иттиҳоди Аврупо, ки 750 миллион нафар аҳолӣ дорад, истиқболи чунин кишвар, мисли Туркия хеле душвор хоҳад буд. Гузашта аз ин, сухан дар бораи мусулмононе меравад, ки тафаккури онҳо аз аксари аврупоиҳо ба таври назаррас фарқ мекунад. Ҳанӯз соли 2005 дипломати аршади Аврупо Ҳерман Ван Ромпей гуфта буд, ки Туркия ҳеҷ гоҳ узви Иттиҳоди Аврупо нахоҳад шуд, зеро он як кишвари мусулмонист. Дар ҳолати пазируфтани Туркия ҳамчун узви комилҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо, он метавонад дар Парлумони Аврупо як фраксияи бузурге ташкил кунад, ки минбаъд метавонад ба қабули қарорҳои Иттиҳод таъсири ҷиддӣ расонад. Чунин ҳол гирифтани кор ба давлатҳои чун пешрафтаи аврупоӣ дар мисоли Олмон ва Фаронса ҳеҷ замон писанд намеояд.

Пас аз пайвастани Туркия ба Иттиҳоди Аврупо шаҳрвандони Туркия бе мамоният метавонанд бо шиносномаи туркии худ ба ҳудуди кишварҳои Аврупоро ворид шаванд ва дар баробари шаҳрвандони Иттиҳод ҳуқуқ ба кор, таҳсил ва зиндагиро ба даст оранд.

Бо вуҷуди ҷой доштани даргириҳои лафзӣ ва масъалаҳои ба миён омада, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Туркия кӯшиш менамоянд гуфтушунидҳоро бо дар назардошти манфиатҳои тарафайн идома диҳанд. Имрӯз ҷаҳон шоҳиди таҳаввулоти ҷиддӣ дар қитъаи Аврупо ва берун аз он гардида истодааст ва дар чунин шароит ба анҷом расидани раванди ҳамгироии Туркияро ба Иттиҳоид Аврупо ҳамчун узви комилҳуқуқ вақт нишон хоҳад дод.

## АДАБИЁТ:


1. Гаджиев А.Г. Трудности на пути вступления Турции в ЕС.// Вестник РУДН, серия Международные отношения. № 1, 2009.- с. 46
2. Договор о Европейском Союзе. № 1759/60. 07.02.1992, с. 31. URL: https://europa.eu/european-union/sites/europaeu/files/docs/body/treaty_on_european_uni-on_en.pdf. Дата обращения: 01.11.2023
3. Кудряшова Ю.С. Копенгагенские критерии ЕС и Турция. / Востоковедный сборник (выпуск шестой) М., 2004, - с. 118
4. Кудряшова Ю.С. Перспективы дальнейшего расширения ЕС: турецкий фактор.// Вестник МГИМО-Университета, 2010. - с. 208-215.

5. Маврина Ю.В. Европейский вектор внешней политики Турции. Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия «История. Международные отношения», 2013, Т. 13, вып. 3. - с. 63

6. Сочнева И. Вступит ли Турция в ЕС. // Современная Европа, №1., Москва, 2012.- с. 86-96

7. Старченков Г. Турция: долгий путь в Евросоюз. “Современная Европа”, М., 2002 г., № 4, октябрь–декабрь, с. 75–81.

8. Ходнева М.С. Проблема соответствия Турции политическим критериям вступления в Евросоюз.// Azimuth of Scientific Research: Economics and Administration. 2019. Т. 8. № 3(28). с. – 34-36.

9. Akşemsettinoğlu G. Turkey’s Troubled Quest for EU Membership. Bilig.winter 2021/number 96. p. 211

10. DARSHAK SWAMI. European-Turkish Relationship: Policies and Institutional Machinery (Vol 2). New Delhi-110009, India. 2022.- p. 9

11. Johanna Nykänen, Turkey’s Kurdish Question and the EU’s Dialogue-less Approach, Vol. 19, No. 1 (2011), pp. 73-84

12. Yuhannan A. A Way Too Far: Analyzing the Dilemma of Turkey to Joining the European Union. Open Journal of Social Sciences, 2017, 5, s.- 169

## ТУРЦИЯ И ЕВРОПЕЙСКИЙ СОЮЗ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ В ИНТЕГРАЦИОННОМ ПРОЦЕССЕ

**САЛИМОВ АКБАР ХАЛИМОВИЧ**

старший научный сотрудник Институт изучения проблем стран Азии и Европы, адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: +992 92-861-40-27. E-mail: salimov@osiyoavrupo.tj

*В данной статье рассмотрены ситуации, возникшие в процессе переговоров о вступлении Турецкой Республики в Европейский Союз. Также были проанализированы основные факторы, оказывающие непосредственное влияние и усложняющие переговорный процесс и препятствующие скорейшему вступлению Турции в Евросоюз. Несмотря на внутренние и внешние факторы, Турция продолжала своё участие в различных программах Евросоюза и предприняла шаги к интеграции.*

*Евросоюз по-прежнему не спешит принимать Турцию в качестве полноправного члена ЕС, а время вступления для Турции остается нерешенным, поскольку многие проблемы в политической и экономической сферах затягивают процесс вступления Турции на неопределённые время.*

***Ключевые слова:*** *Турция, Европейский Союз, Европейская Комиссия, политика, экономика, членство, Копенгагенские нормы, права и свободы человека, этнические меньшинства.*

## TURKEY AND EUROPEAN UNION: PROBLEMS AND PROSPECTS IN THE INTEGRATION PROCESS

**SALIMOV AKBAR HALIMOVICH**

Senior Researcher, Institute for Asian and European Studies, Address: Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Phone: +992 92-861-40-27, E-mail: salimov@osiyoavrupo.tj

*This article explores the situations that arose during the negotiations on the entry of the Turkish Republic into the European Union. The main factors that directly influence and complicate the negotiation process and hinder Turkey's early accession to the European Union were also analyzed. Despite internal and external factors, Turkey continued its participation in various EU programs and took steps towards integration.*

*The European Union is still has no speed to accept Turkey as a full member of the EU, and accession time for Turkey remains unresolved, since many problems in the political and economic areas are delaying Turkey's accession process indefinitely.*

***Key words:*** *Turkey, European Union, European Commission, politics, economics, membership, Copenhagen Criteria, human rights, ethnic minorities*

## НАҚШИ АБУМУСЛИМИ ХУРОСОНӢ ДАР ТАЪСИСИ ДАВЛАТИ АББОСИҲО

**ДАВЛАТОВА ФАРИДА ГУЛМАҲМАДОВНА**
докторанти Институти Омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Тел. (+992) 919343894; E mail: davlatova.farid@gmail.com .

*Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи хизматҳои сарлашкари форсу тоҷик – Абумуслими Хуросонӣ дар таъсис ва рушди давлати Аббосиён ва муттаҳид намудани ду қавм – араб ва форс зери як парчам меравад. Ҳамчунин назари муаррихони рус, араб ва тоҷикро дар мавриди ин мавзуъ равшан баён намудем.*

*Бояд зикр намуд, ки Абумуслими Хуросонӣ тавонист, ки дар давраи волӣ буданаш бо муборизаҳои тулонӣ ҳудуди Осиёи Марказиро пурра ба итоати худ даровapда, заминае барои рушди муносибатҳои хилофати араб бо мардуми ин минтақа гузорад. Ҳамчунин Уммавиҳоро аз ҳокимият барканор намуда, хонадони Аббосиро ба сари қудрат овард, аммо дар охир аз ҷониби ин хонадон аз байн бурда шуд.*

***Калидвожаҳо****: Абумуслими Хуросонӣ, Аббосиён, Мансур, хилофат, Талас, Хуросон, Мовароуннаҳр, Уммавиён, Наср ибни Сайёр, алавиён.*

Соли 661 баъди интиҳои сарварии хулафои рошиддин (манзур аз хулафои рошиддин чор пайравони Пайғомбар (с) – Абӯбакри Сиддиқ (632-634), Умар ибни Хаттоб (634-644), Усмон ибни Аффон (644-656) ва Алӣ ибни Абӯтолиб (656-661), ки баъди маргаш ҳудуди минтақаи мусалмоннишинро идора мекарданд) уммавиҳо ба сари қудрат омаданд. Дар давраи ҳукумати уммавиҳо Осиёи Марказӣ пурра аз ҷониби арабҳо забт шуд. Қавмгароии арабҳо боиси он шуд, ки шуришҳо аз ҷониби мардуми Осиёи Марказӣ бар зидди уммавиҳо идома ёфта дучанд гарданд.

Пас аз марги халифаи уммавиён Ҳишом ибн Абдулмалик соли 742 дар Осиёи Миёна ва хилофат масъалаи таъйини халифаи нав баҳси бузургро ба миён овард. Гурӯҳе ҷонибдори он буданд, ки ба сари қудрат аз хонадони Ҳусейн- набераи Муҳаммад (с) таъйин гардад, гурӯҳи дигар насли амаки Паёмбар (с) Аббосро дастгирӣ менамуданд. Даъвои Аббосиҳо барои қудрат аз соли 718 шуруъ гардида, пинҳону ошкоро таблиғот мебурданд. Онҳо даъво мекарданд, ки ҳаққи хилофат аз они Бани Ҳошим, яъне хонадони Паёмбар (с) аст. Аммо, кӣ бояд аз ин хонавода ба сари ҳокимият ояд, дар ин бора ошкоро касе ҳарфе намегуфт. [7, с.138]

Аббосиён дар асл бо Паёмбар (с) робитаи бавосита доштанд. Аббос, амаки Муҳаммад (с), бародари падараш Абдуллоҳ ва амаки дигари Паёмбар (с), падари Алӣ Абутолиб буд. Ҳамин тариқ, Аббосиён гарчанде алавӣ (пайравони Алӣ ибни Абутолиб, ки баъди марги ӯ бар муқобили уммавиҳо муттаҳид шуда, мубориза мебурданд) набуданд, аммо онҳо баъзан даъвои иртиботи зич бо авлоди Алӣ мекарданд. Дар мавриди исломро пазируфтани Аббос ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Шарқшиноси рус И. М. Филштинский мегӯяд, ки "*Аббос нисбатан дертар, тахминан соли 630, замоне, ки сарвари Умавиён Абусуфён пазируфта шуд, дини исломро қабул кард*". [8, с.12] Аммо ба ақидаи Ф. Старр, Аббос то охири умр исломро напазируфтааст, вале писари ӯ диндории худро исбот карда, ҳадисҳои зиёдро сабт намудааст. [7, с.138] Эҳтимол аст, ки сабаби ихтилофи ин ақида дар он бошад, ки Аббосиҳо баъди ба сари қудрат омадан барои аз даст надодани нуфузи худ чунин ақидаҳоро интишор намуданд.

Гарчанде Аббос то охири умр мусалмон нашуда бошад ҳам, дар замони пеш аз ислом ва зуҳури ислом дар паҳлӯи Паёмбар (с) буда, аз мухолифонаш ӯро муҳофизат мекард. Ӯ аз аввал масъули таъмини об ба зиёраткунандагонро ба уҳда дошта, то охири умр дар ин вазифа буд. Ӯ низ ба монанди Усмони Умавӣ, ки баъдан бо номи халифаи сеюми «одил» маъруф гардид, саховатмандона як бахше аз дороии худро дар роҳи ислом сарф намуд. Аммо далели асосии даъвои Аббосиҳо барои ҳокимият на хизматҳои онҳо барои Ислом буд, балки аз рӯйи хешутабории наздики онҳо бо пайғамбар нисбат ба алавиҳо буд. Аз ин рӯ барои ба сари қудрат омадан онҳо насли алавиҳо, Абу Ҳишомро, ки гӯё ҳокимиятро ба насли Аббос супоридааст, истифода карданд.

Барои возеҳ баён намудани ин гуфтаҳо моро лозим аст, ки ба рӯйдодҳои пешин рӯ оварем. Ҳанӯз дар замони халифаи Умавиён Абдулмалик, волии Куфа, шахсе бо номи Мухтор назарияе пешниҳод кард, ки дар асоси он яке аз писарони Алӣ (на аз Фотима, духтари Паёмбар (с), балки аз зане аз қабилаи Ҳанафӣ) бо номи Муҳаммад ибни Ҳанафи (637-700)-ро Маҳдӣ ва худро Мухтор вазир, иҷрокунандаи васияташ эълон кардааст. Шиаёни ифротӣ таълимоти Мухторро дар бораи интиқоли оташи нубувват аз Алӣ ба авлодаш тавассути насли Муҳаммад ибни Ҳанафӣ омӯхта, дар атрофи авлоди ӯ, имом-хатибон муттаҳид шуданд. Аббосиён тасмим гирифтанд, ки таълимоти ал-Мухторро ба манфиати худ истифода баранд. Яке аз онҳо, Муҳаммад ибни Алӣ - падари халифаи ояндаи нахустини Аббосиён Абӯл-Аббос, ки дар атрофи худ шиъаҳои тундравро гирд оварда буд, маъракаи густурдаро алайҳи Умавиён оғоз намуд.

Муҳаммад ибни Алӣ эълон кард, ки пас аз марги Муҳаммад ибни Ҳанафия имоматӣ ба дасти писараш Абуҳошим (ваф. 716) гузашт, ки гӯё пеш аз маргаш роҳбарии ҷамоати мусалмононро ба ӯ васият кардааст. Пас аз марги Мухаммад ибни Алӣ дар соли 743 ҳокимият ба писараш Иброҳим ва баъдтар, пас аз қатли Иброҳим аз тарафи Марвони II дар соли 748 ба бародари Иброҳим - аввалин халифаи сулолаи Аббосиён Абу-л-Аббос (749-754) гузашт. Ҳамин тариқ Аббосиҳо барои ба сари қудрат омадан даъвои шиаҳоро истифода намуда, сипас ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд, чун онҳо нисбат ба алавиҳо иртиботи наздиктар ва ҳуқуқи бештарро доштанд. [8, с.14]

Гарчанде Куфа маркази аслии ҷунбиши зидди Умавиён боқӣ монда бошад ҳам, Аббосиён барои таблиғ дар Хуросон ва Мовароуннахр заминаҳои мусоид пайдо карданд. Дар ин музофотҳо норозигии иҷтимоӣ нисбат ба Умавиён бар ҳиссиёти миллӣ ба бор омад ва табиист, ки он тобиши динӣ гирифт. Махсусан, савдогарон ва косибони Хуросону Марв иштирокчиёни фаъоли харакати зидди Умавиён буданд. Аксари онҳо ба

тозагӣ исломро (мавлоӣ) пазируфта буданд, вале дар миёни онҳо арабҳои шиъа низ зиёд буданд, ки Алӣ ибни Абӯтолиб ва авлоди ӯро ягона вориси қонунии Муҳаммад (с) эътироф мекарданд. Дар байни сокинони Куфа ва Басра низ табъи исёнгарона ҳукмрон буда, дар он ҷо воизони сершумори зидди Умавиён мардумро ба исён меоварданд. Аммо дар ин шаҳрҳо лашкари Умавиён метавонист бо ҳар гуна ошӯб мубориза барад, дар ҳоле ки Хуросон аз марказҳои Умавиён дур ҷойгир буд ва боздоштани шуриш дар ин вилоят ба маротиб мушкилтар буд.

Мухолифони Умавиён дар Хуросон, эрониён, шиаёни ҳар тараф, ки таълимоти Мухторро пазируфтаанд, муътадилоне, ки даъвои қудрати алавиҳо ва ҷонибдорони Аббосиён, Муҳаммад ибни Алӣ буданд ва ҳадафи ниҳоияшон сарнагун кардани сулолаи ҳоким ва таъсиси давлати теократӣ бо сарварии хонадони паёмбарро доштанд.

Ба ақидаи онҳо, тамоми мусалмонон бояд на аз рӯйи арабзабонӣ, балки аз рӯйи садоқаташон ба ислом, дар умури давлат ширкат дошта бошанд. Таблиғгарони аббосӣ кӯшиш менамуданд, ки ҳама – арабу ғайриараб, шиъаву сунни, хариҷӣ, сокинони деҳоту шаҳракҳо ва ҳатто беимононро ба бошишгоҳи худ ҷалб намоянд. Онҳо ваъда доданд, ки ҳангоми ба қудрат расидани Аббосиён мусулмонон аз андозҳои ғайриқонунӣ озод карда мешаванд, аз ғайримусулмонон тибқи шариати ислом ба таври одилона андоз ситонида мешаванд ва сокинони деҳот бошанд аз пардохтҳои гуногуни изофӣ озод карда мешаванд. Маҳз ҳамин ваъдаҳо буданд, ки тарафдорони Аббосиҳо торафт бештар мешуд.

Тавре ки дар боло зикр намудем, Аббосиҳо барои ба сари қудрат омадан аслан аз ҷониби мардуми Мовароуннаҳру Хуросон дастгирӣ меёфтанд. Хоса, Абумуслими Хуросонӣ дар таъсиси давлати Аббосиҳо нақши муҳим дорад.

**Абумуслими Хуросонӣ.** Номи пурраи ӯ Абдурраҳмон Муслим мебошад. Дар мавриди ҷойи таваллудаш ихтилофот мавҷуд аст. Тибқи баъзе сарчашмаҳо, ӯ дар Марв ва тибқи дигар сарчашмаҳо дар Исфаҳон ба дунё омадааст. Аммо форснажод будани ӯ дақиқ аст. Бино ба гуфтаи Табарӣ, тахминан соли 737 Букайр ибни Моҳон (яке аз пайравони аббосӣ) зиндонӣ гашта, бо шахсе бо номи Исо ибни Маъқили Иҷлӣ шинос мешавад. Абумуслим, ки ғуломи ӯ буд, ба аёдаташ омада, хидмати ӯро мекард. Абумуслим ба Букайр писанд меояд ва ӯро бо 400 дирам аз Исо мехарад. Пасон Букайр ӯро ба Куфа бурда, ба Иброҳим ибн Муҳаммад (аз насли Аббос, амаки Паёмбар (с)) ҳадя мекунад. Иброҳим ба ӯ номи Абдурраҳмонро гузошта, ӯро аз ғуломӣ озод мекунад. [1, с.3812]

Солид мекунадҳим ибн Муҳаммад Абумуслимро ба ҳайси намояндаи боэътимоди хонадони аббосӣ ба Хуросон мефиристад, то ин ки бар зидди умавиҳо ҷонибдоронро дар атрофи худ гирд оварад. Тавассути созиш миёни ислом ва эътиқоди мардуми бумӣ Абумуслим деҳқонҳо ва мардуми деҳотро ба тарафи худ ҷалб намуд, ки дар давоми як рӯз сокинони шаст деҳа ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Ба даъвати муттаҳидшавӣ дар зери парчами имоми солеҳ аз хонадони Паёмбар (с) бештар одамони ба назди Абумуслим омада посух медоданд ва пас аз 42 рӯз, яъне тақрибан 20 июли соли 747, қароргоҳи худро ба деҳаи Моҳувон, ки дар ғарби Марв ва эҳтимолан дар шимоли роҳи Хуросон ҷойгир буд, кӯчониданд. Ҳангоми дар Моҳувон буданаш, Абумуслим ба як мушкили ғайричашмдошт дучор шуд, ки бо вуруди шумори қобили мулоҳизаи ғуломони фирорӣ ба сафи тарафдоронаш алоқаманд буд. Аслан, ҷунбиши Аббосиён табиатан равияи иҷтимоӣ надошт. Максади он ба даст овардани хокимияти олӣ буд ва он ба мусулмонони озод,

пеш аз хама ба манфиати арабҳо буд. Аммо ваъдаи адолат ва ободӣ дар аҳди имом аз хонадони паёмбар низ дар қалби ғуломон вокуниш пайдо кард ва онҳо ба назди Абумуслим омаданд. Ӯ тасмим гирифт, ки ғуломонро қабул кунад, зеро онҳо неруе буданд, барои заиф гардонидани душманонаш.[6, с.58]

Хоҷагони ғуломон нигарон шуда, назди Абумуслим омада, баргардонидани ғуломашонро талаб мекарданд. Ҳар касе, ки ин шикояткунандагон набошанд, барои Абумуслим дар миёни афроди муътабар норозигӣ эҷод намудан, ҳоҷат набуд ва ӯ пайғомрасон фиристод, то ба ғуломон эълон кунанд, ки ба назди хоҷагонашон баргарданд. Пешвои ғуломон изҳор намуд, ки пас аз чунин гуноҳи вазнин, чун фирор, онҳо наметавонанд баргарданд. Абумуслим маҷбур шуд аз ин тасмим даст кашад. [3, с.487]

Муваффақияти аввалини Абумуслим ба Ҳозим ибни Хузайма, ки дар аввалҳои моҳи август ба сӯи Марврудсафар кард, алоқаманд буд. Тамимиён (яке аз қабилаҳои бонуфӯзи араб), ки ҳудудеро, ки пайроҳа аз он мегузашт, назорат мекарданд, ба ӯ иҷозат надоданд, аммо пас аз он ки ӯ хешовандии худро бо онҳо ёдовар шуда, ваъда дод, ки пас аз пирӯзӣ Марвро ба онҳо медиҳад, таслим шуданд ва ба ӯ иҷозат доданд, ки бидуни мамониат убур кунад. Ҳозим аввал дар Кенҷрӯстак сукунат карда, мунтазири неруҳои иловагӣ шуд ва шаби 14-уми август бо ҳамла Марврудро ишғол кард.

Ин муваффақияти низомии Абумуслим бояд Насрро (ҳокими Хуросон) водор мекард, ки хатари пешояндро ҷиддӣ қабул кунад. Наср дар тули ҳаёти дуру дарози сиёсии худ исёну шуришҳои зиёдеро паси сар намуд, ки торумор карда мешуданд. Ҳаракате, ки ба он Абумуслим сарварӣ мекард, ба назари ӯ чизи ғайриоддӣ менамуд. Чизи асосӣ барои Наср нобуд кардани Яҳуд ибни Алии Кирмонӣ буд ва Абумуслим танҳо ҳамчун шарики Кирмонӣ хатарнок буда метавонист. Ӯ беҳуда яманиҳоро бовар кунонид, ки мақсади асосии ин харакат шикаст и арабҳо аст ва ин хавфро ба назар гирифта, ҳамаи арабхо бояд ба муқобили душмани умумӣ муттаҳид шаванд.

Абумуслим омода буд, ки бо Наср иттифоқ бандад ва тибқи як рисола, ҳатто ба ӯ итоат кунад, ба шарте, ки «Қуръон ва расму оинҳои паёмбаронро риоя кунад, қудрати авлоди паёмбарро эътироф кунад». Наср гӯё ҳатто зид набуд, вале гуфтааст, ки ба ин розӣ шуда наметавонад, зеро ӯро қотили Яҳё ибни Зайд меҳисобанд. [3, с.488]

Ба Абумуслим муяссар шуд, ки тамоми унсурҳои душмани Умавиён, аз чумла, бахше аз хориҷиёни Сиҷистон (Сиистон) ва Ямани таҳти фармондеҳии Кирмон бударо ба тарафи худ ҷалб намояд. Дастаи фиристодаи Наср таҳти фармондеҳии писари Ҳорис ба яманиҳо дом гузоштанд, ки дар натиҷа Кирмонӣ кушта шуд, аммо писаронаш Алӣ ва Усмон ҳампаймони Абумуслим боқӣ monданд. Дар ибтидои соли 748 Наср маҷбур шуд, ки Хуросонро пок созад ва тирамоҳи ҳамон сол дар Форс вафот кард. [3,с.488]

Марвони II аз ин рӯйдодҳои Хуросон огоҳ шуда, Иброҳимро дастгир ва ҳабс кард, ки дар онҷо кушта шуд. Аммо ин амал ба рӯйдодҳои минбаъда таъсире нарасонид, зеро сарварӣ дар Аббосиҳо ба бародари ӯ Абул Аббос гузашт. Ӯ тавонист ба ҷангҳо бо умавиҳо хотима гузорад. Дар охири соли 749 гузаштани ҳокимият аз Умавиён ба Аббосиён ва дар Осиёи Ғарбӣ аллакай воқеияти анҷомёфта буд.[8, с.18]

Ҳамин тариқ, Абумуслим волии Умавиёнро танҳо бо муттаҳид сохтани унсурҳои мутафовиттарин шикаст дод. Табиист, ки пас аз ғалаба бар душмани умумӣ барои дар итоат нигох доштани ин омма ва аз рақибони хавфнок раҳо ёфтан боз ҷидду ҷаҳди нав лозим буд. Ёрони асосии Абу Муслим Абу Довуд Холид ибни Иброҳим ва Зиёд ибни

Солиҳ ал-Хузоӣ буданд. Пеш аз ҳама роҳбарони яманиҳо аз байн бурда шуданд; Усмонро дар Хуттал Абудовуд кушта, худи ҳамон рӯз Абумуслим Алиро кушт. Натиҷаҳои ҳамроҳшавии Аббосиён на арабҳо ва на пайравони форси онҳоро қаноатманд карда натавонист. Абумуслим пас аз пирӯзӣ бар хукумати Умавиён маҷбур шуд, ки ҳам ба муқобили ҳаракатҳои халқии араб ва ҳам форсхо мубориза барад. Дар Нишопур аз миёни оташпарастон Беҳофарид ислохотчии дин баромад, ки мехост таълимоти Зардуштро дар шакли аслиаш барқарор кунад ва ба руҳониёни расмии порсӣ хамла овард. Коҳинон ба Абумуслим шикоят намуданд, ки марде пайдо шуд, ки ҳам имони онҳо ва ҳам имони ӯро коста кард ва Абумуслим онҳоро дар пахш кардани ин ҳаракат дастгирӣ кард.

Як шуриши хавфноктар  дар солҳои 133/750-51 дар Бухоро сар зад. Сарвари ин ҳаракат Шарик бинни Шайх-ул-Маҳрӣ  бо шиори: «Мо ба хонадони Паёмбар (с) на ба он хотир пайравӣ намудем, то «Хунрезӣ ва корҳои ношоиста кунем» бар муқобили Аббосиҳо сар бардошт. [2, с. 253] Аллакай дар ҳамон вақт ноумедӣ дар Аббосиён ба миён омад, ки баъдан дар номае, ки ба Абумуслим Шарик нисбат дода шуда буд, чунин баёни фасеҳ пайдо кард, ки шуришро ба нафъи алавиён бардошт. Дар атрофи ӯ зиёда аз 30 хазор нафар тарафдорон ҷамъ шуда буданд. Намояндагони ҳукуматдорони араб дар Бухоро ва Хоразм ҷонибдори ӯ шуданд. Тибқи гуфтаи Наршахӣ, аҳолии шаҳри Бухоро ӯро дастгирӣ мекард. Абу Муслим Зиёд ибни Солеҳро ба муқобили онҳо фиристод. Онҳо бошанд аз ҷониби бухорхудот Қутайба ва сокинони 700 қалъа дастгирӣ меёфтанд. Дар натиҷа Зиёд ибни Солеҳ тавонист, ки ин шуришро пахш намояд ва иғвогаронро ба дор овезад. [5, с.159]

Вақте ки Абумуслим ба Осиёи Миёна омад, сахттарин мухолифони ӯ қабилахои туркии ғарбӣ, ки аксарияташон ба муқобили ҳукмронии арабҳо мубориза бурда буданд ва туркҳои шарқӣ, ки ҳукмрони маҳаллӣ бо муваффақият барои дастгирӣ бар зидди Димишқ ба онҳо муроҷиат карда буданд, ба ҳисоб мерафт. Абумуслим бо сарбозони худ, ки аз зархаридони араб ва махаллӣ иборат буданд, тавонист ба туркҳои ғарбӣ чандин зарбаҳои катъӣ занад ва сипас туркхои шарқиро аз «мағз»-и Осиёи Миёна – шаҳри Марв берун кунад. Мубориза дар шарқ чанд даҳсола давом кард, аммо Абумуслим пояи ин қудратро шикаст. Инро дарк намуда, диданд, ки арабҳои шикастхӯрдаи онҳо воқеан аз манфиатҳои сокинони Осиёи Миёна ҳимоят мекунанд, ҳазорон аскарони турк ба хидмати лашкари Абумуслим ворид шуда, таркиби арабии онро суст карданд.

Ҳанӯз пеш аз пирӯзии Абумуслим бар қабилаҳои турк, чиниҳо бо истифода аз набудани қудрат дар минтақаҳои шарқии Осиёи Марказӣ ба ин минтақа ҳаракати босуръат оғоз карданд. То соли 747 қушунҳои сулолаи Тан бо дастгирии аскарони туркҳо тамоми Синзиян, инчунин вилояти Ҳафтрӯд (Қазоқистони ҳозира ва Қирғизистон), Чоч (Тошкент) ва аксари шаҳрҳои наздикро ишғол намуданд. Чиниёни Тан, ки дар минтақа нуфӯзи онҳо маълум набуд, ногаҳон як қадам дуртар аз таъсиси ҳокими нав қарор гирифт. Абумуслим ва лашкаронаш зидди ин таҳдид ба самти шарқ шитофтанд.

Муҳориба дар водии дашти дарёи Талас, ки дар ҷанубу шарқи шаҳри куҳнаи савдои Тараз (ҳоло Талас, дар сарҳади Қазоқистон ва Қирғизистон) аст, нуқтаи ҳалкунанда буд. Дар ин ҷо дар моҳи июли соли 750 лашкари Чин аз ҷониби кушунҳои бо сардории яке аз фармондеҳони Абумуслим Зиёд ибни Солеҳ торумор гардид. Агарчи ин императори Танро маҷбур кард, ки аз кӯмак ба шаҳрҳои Осиёи Миёна, ки ҳокимони он боз ба ӯ муроҷиат карданд, даст кашад, аммо мубориза ҳанӯз ба охир нарасида буд. Дар

воқеъ, таҳдиди Чин то соли 754, ҳангоми дар сарҳади шимолу шарқии кишвар шуриши оммавӣ оғоз ёфтан, вуҷуд дошт. [7, с.144]

Сардори лашкари чинӣ Ан Луишан, ки ба ин шуриш сарварӣ мекард, писари волии Суғд (номи чинии ӯ «Бухоро» аст) ва зани туркзабон буд. Талафоти ин шуриш даҳшатнок буд ва 38 ҳазор нафар кушта шуданд. [7, с.145] Аксари пажӯҳишгарони муосир бар он ақидаанд, ки ин бузургтарин хунрезӣ дар таърих буд. Новобаста аз миқёси аслии шуриши Ан Лушан, императорро маҷбур сохт, ки таъҷилан тамоми лашкари худро аз Осиёи Миёна хориҷ созад ва бо ҳамин ғалабаи ниҳоии неруҳои Абумуслимро таъмин кунад.

Мағлубияти Чин дар водии Талас маъмулан пирӯзии арабҳо ва мусулмонон арзёбӣ мешавад. Ин дар маҷмуъ ҳарчанд дуруст аст, аммо ин пирӯзии Осиёи Марказӣ буд. Зеро, аскарони араб он замон асосан аз сокинони эронӣ ва туркзабони Осиёи Миёна иборат буданд. Агарчи фармондеҳ Зиёд ибни Солеҳ араб буд, аммо Абумуслим як шахси маҳаллии форснажод буд. Вай ба дунболи ҳимояи манфиатҳои ин минтақа оғоз кард, ки дар натиҷа бар хилофи манфиатҳои "ҳомиёни" арабии аслии худ баромад. Танҳо чанд тан аз ҷанговарон, ба истиснои арабҳо, мусулмон буданд, зеро раванди гузариш ба ислом дар Осиёи Миёна хеле суст буд. Ҳатто пас аз ду аср мусулмонон ҳамагӣ 0/9 қисми аҳолии минтақаро ташкил медоданд. [9, с.117] Муаррихи рус В. В. Бартолд менависад, ки “Ғалабаи Талас исломи сиёсиро дар Осиёи Марказӣ таъмин намуд”. [2, с.479] Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки мардуми Осиёи Миёна қатъиян исломро дар давраи Абумуслим пазируфтанд. Чун қабл аз Абумуслими Хуросони теъдоди ками мардум (аз 0/9 қисми аҳолии минтақа) мусалмон буданд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин метавон гуфт, ки бештари ҷанговароне, ки дар водии Талас меҷангиданд, на ҷиҳод, балки мақсади поксозии минтақа аз неруҳои хориҷиро доштаанд. Мардуми аҷамӣ, ки қаблан ба арабҳо хашму ғазаб доштанд, новобаста аз оини мухталиф паҳлӯи ҳам истода, бар муқобили душмани умумӣ меҷангиданд. Тавре, ки муҳаққиқи тоҷик, А. Мамадазимов менависад: “Арабҳо ба хуросонӣ будан одат карда буданд, дар як вилоят худро бо мардуми маҳаллӣ яксон ҳис мекарданд. Онҳо ба тарзи эронӣ либос мепӯшиданд, шароб менӯшиданд, ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргонро таҷлил мекарданд ва ашрофонашон мисли марзбон (сардори вилоятҳои наздисарҳадии замони Сосониён) рафтор мекарданд. Фаъолияти умумии корӣ ва тиҷоратӣ боиси ҳамдигарфаҳмӣ бо эрониён шуд. Хатто дар бозорхои Куфа ва Басра сухани форсиро ба мисли арабӣ шунидан мумкин буд. Чунин менамуд, ки Абӯсаида (ҷонишини арабҳо) танҳо забони арабиро медонист ва аз ин рӯ, барои суғдиён, ки танҳо забони форсиро медонистанд, мубаллиғи номуносиб буд. Дар лашкари Абумуслим ҳатто арабҳо баъзан бо форсӣ суҳбат мекарданд.”[4, с.16-17]

Ин ҳама муваффақиятҳои Абумуслим дар Хуросон агарчӣ боиси мустаҳкам шудани давлати Аббосиҳо шуда бошад, аммо дар баробари ин боиси тарси халифа гашт, ки дар натиҷа соли 755 Абумуслимро бо роҳи фиреб ба қатл расонид.

Сабаби марги Абумуслимро муаррихи араб Ибни Асир чунин шарҳ медиҳад, ки соли 754 халифа Абулаббос вафот мекунад ва ба ҷои ӯ бародараш Абуҷаъфар (ки баъдан номи Мансурро ба худ мегирад) ба тахти хилофат мешинад. Ӯ ба Абумуслим нома равон карда, хабар медиҳад, ки ӯро волии Шом таъйин кардааст. Абумуслим аз ин амр ба хашм омада мегӯяд, ки “Ман дар Шом чи кор кунам вақте, ки тамоми Хуросон аз они ман аст”.

Ин сухан ба халифа Мансур мерасад ва ба хашм омада, чораи марги ӯро меандешад. [10, с.106]

Аммо агар гуфтаи Табариро ба назар гирем, Мансур қатли Абумуслимро ҳангоми зинда будани бародараш ба нақша гирифтааст. Тавре ки Табарӣ менависад : "Соли 754 Абумуслим аз Хуросон ба Ироқ ба назди Абулаббос меравад, то аз ӯ барои ҳаҷ кардан иҷозат гирад. Халифа ӯро хуб пазирой намуда, дастур медиҳад, ки бо бародараш Абулҷаъфар ба ҳаҷ раванд. Абулҷаъфарро аз ин хуш намеояд, чун байни ӯ ва Абумуслим ихтилофе буд. Ин ихтилоф вақте ба миён омада буд, ки Абулаббос ҳардуро ба Хуросон барои бо ӯ байъат кардан мефиристад. Дар ин сафар ҳамаи корҳо танҳо аз ҷониби худи Абумуслим анҷом меёбанду Абулҷаъфар коре намекунад ва дар бозгашт Абумуслим ӯро таҳқир мекунад. Ҳамин тавр Абулҷаъфар ин хусуматро дар худ нигоҳ дошта, пеш аз ҳаҷ карданаш ба назди бародараш меравад ва Абумуслимро ба хиёнат муттаҳам мекунад. Ӯ ба бародараш мегӯяд, ки ӯро ба қатл расонад ва онҳо маслиҳат мекунанд, ки баъди бозгашт паи ин масъала мешаванд. Аммо ҳангоми дар Макка будани Абулҷаъфар бародараш вафот мекунаду баъди бозгашт халифа таъйин мешавад ва ин корро худаш анҷом медиҳад". [1, с. 4128]

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки Абумуслими Хуросонӣ на танҳо барои таъсиси давлати Аббосиҳо хизматҳои бузург намудааст, балки дар давраи ҳокимияташ дар Хуросон заминае барои рушди муносибатҳои мардуми араб ва Мовароуннаҳру Хуросон гузоштааст. Яъне бо боварии том гуфта метавонем, ки исломро мардуми Осиё Марказӣ қатъиян дар замони Абумуслим пазируфтанд.

## АДАБИЁТ:

**Бо забони тоҷикӣ:**

1. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таърихи-р- русул ва-л- мулук Ҷилди 3. Сарредаксияи Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, Душанбе_2014

**Бо забони русӣ:**

2. Бартольд В.В. Сочинения. Том 1. Туркестан в эпоху монгольского нашествия 760 с.
3. Большаков О. Рождение и развитие ислама и мусульманской империи (VII–VIII вв.) Ученого совета Университета Дмитрия Пожарского. -2016, 562с.
4. Мамадазимов Абдугани. Открытий мир таджиков. Книга I. Стратегия Саманидов. - Душанбе, «Илм», 2021, - 368 с.
5. Мухаммад Наршахи. История Бухары. Пер. с перс. Н. Лыкошина, Ташкент, 1897 – 128 с
6. Петрушевский И. П. Ислам в иране в VII—XV веках. Ленинград- 1966, 402с.
7. Старр Ф. Утраченное Просвещение: Золотой век Центральной Азии от арабского завоевания до времен Тамерлана / Стивен Фредерик Старр. - Пер. с англ. - М.: Алпина Паблишер, 2017. - 574 с.
8. Фильштинский. И. М. История арабов и Халифата (750-1517г) /. И. М. Фильштинский.- М.: АСТ:Восток-Запад, 2006.-349 с.

**Бо забони англисӣ:**

9. Kennedy, The Prophet and the Age of the Caliphates, Routledge 2015 - 382 p.

**Сарчашмаҳои электронӣ:**

10. Ибни Асир. Ал-комил фи-т-таърих /18 ҷ.(тарҷума аз забони арабӣ) / http://shiaonlinelibrary.com/ (санаи муроҷиат: 29.03.2022)

## РОЛЬ АБУ МУСУЛИМА ХУРАСАНИ В СОЗДАНИИ ГОСУДАРСТВА АББАСИДОВ

**ДАВЛАТОВА ФАРИДА ГУЛМАХМЕДОВНА**
докторант PhD, Института изучения проблем Европы и Азии НАНТ. Тел. (+992) 919343894; E mail: davlatova.farid@gmail.com .

*В данной статье рассказывается о заслугах персидско-таджикского полководца - Абу Муслима Хурасани в становлении и развитии государства Аббасидов и объединении двух народов - арабского и персидского под одним флагом. Мы также четко высказали взгляды российских, арабских и таджикских историков на эту тему.*

*Следует отметить, что Абу-Муслим Хорасани в годы своего наместничества смог с длительной борьбой подчинить себе территорию Средней Азии и заложил основу для развития отношений между Арабским халифатом и народами этого региона. Он также отстранил уммавитов от власти и привел к власти семью Аббасидов, но в конце был убить этой семьей.*

***Ключевые слова:*** *Абу Муслим Хорасани, Аббасиды, Мансур, халифат, Талас, Хорасан, Моваруннахр, уммавиты, Наср ибн Сайяр, алавиты.*

## THE ROLE OF ABU MUSLIM KHURASANI IN THE CREATION OF THE ABBASID STATE

**DAVLATOVA FARIDA GULMAKHMADOVNA**
PhD student of the Institute of study of problems in Asia and Europe of National Academy of Sciences of Tajikistan, Tel. (+992) 919343894; E-mail: davlatova.farid@gmail.com

*This article tells about the merits of the Persian-Tajik commander - Abu Muslim Khurasani in the formation and development of the Abbasid state and the unification of two peoples - Arab and Persian under one flag. We also clearly expressed the views of Russian, Arab and Tajik historians on this topic.*

*It should be noted that Abu-Muslim Khorasani during the years of his governorship was able to subjugate the territory of Central Asia with a long struggle and laid the foundation for the development of relations between the Arab Caliphate and the peoples of this region. He also removed the Ummavites from power and brought the Abbasid family to power, but in the end was killed by this family.*

***Key words:*** *Abu Muslim Khorasani, Abbasids, Mansur, caliphate, Talas, Khorasan, Movarunnahr, Ummavites, Nasr ibn Sayyar, Alawites.*

## ТАШАББУСҲОИ СТРАТЕГИИ ЯПОНИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**НАРЗИЕВ ҶАҲОНГИР БАХТИЁРОВИЧ**
докторант PhD-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. 734025, ш Душанбе, х. Рӯдакӣ 33; тел: 992-93-938-88-80; e-mail: narziev.jahongir@bk.ru

*Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи вазъият ва дурнамои ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Япония бахшида шудааст. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ҳамкориҳо дар самти илм, маориф ва фарҳанг миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Япония рушд ёфтанд. Дар самти сиёсати хориҷии худ нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ, Япония ҷонибдори вусъат бахшидани ҳамкориҳи мутақобилан судманд аст, ки дар ин миён ҳамкориҳои гуманитарӣ мавқеи калидӣ доранд. Дар мақола марҳалаҳои рушд ва таҳкимёбии*

*ҳамкориҳои гуманитарӣ аз нигоҳи таҳлилӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Япония нишон дода шуда, дурнамои рушди он пешбинӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Марказӣ, Япония, дипломатия, ҳамкориҳо, илм, фарҳанг, маориф, манфиатҳо.*

Иқтисодиёти Ҷопон яке аз пешрафтатарин дар ҷаҳон аст. Бо қурби умумии асъор, кишвар дар ҷаҳон пас аз ИМА ва Чин дар ҷои сеюм ва аз рӯйи баҳисобгирии қобилияти харидорӣ пас аз ИМА, Чин ва Ҳиндустон дар ҷои чорум қарор дорад. ММД Ҷопон 10%-и ММД-и кишварҳои пешрафтаро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, суръати кунунии рушди иқтисоди Ҷопон нисбатан паст аст ва кишвар дар даҳсолаҳои охир рукуди иқтисодиро аз сар гузаронидааст. Сарфи назар аз муваффақиятҳое, ки Ҷопон дар сиёсати иқтисодии берунӣ ба даст овардааст, ки ба ҳифзи бозори дохилӣ ва пеш рафтан ба майдонҳи иқтисодии хориҷӣ асос ёфтааст, стратегияи Ҷопон вобаста ба вазъияти ҷаҳон коста шуда истодааст. Барои Ҷопон рақобат кардан бо ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Хитой ва мамлакатҳои МНИ (мамлакатҳои нави индустриалӣ) торафт душвор мегардад. Бинобар ин, стратегияи иқтисоди берунии Ҷопон бояд тағйир дода шавад [1,с.136-142].

Бо омадани сарвазир Абэ Синдзо давраи нави тараққиёти иқтисодиёти Ҷопон оғоз ёфт. Бахши сарвазирро одатан абеномика меноманд, ки он тавре, ки худи С.Абе муайян мекунад, ба се идеяи асосӣ (ё «тирҳо») асос ёфтааст: сиёсати қатъии пулию қарзӣ, сиёсати фасеҳи фискалӣ ва стратегияи рушд. С.Абе натанҳо барои эҳёи иқтисодиёти миллӣ тавассути паст кардани сатҳи таваррум, ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии байналхалқии Ҷопон, кӯшиш мекунад, балки талош дорад дар арсаи сиёсии ҷаҳон мавқеъи фаъолро ишғол намояд. Ба равобити хориҷии кишвар бевосита хоҳиши Ҷопон барои иштирок дар гурӯҳбандиҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад, ки аз он мисолҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд: шомил шудан ба созмони тиҷоратию иқтисодии Шарики Транс-Уқёнуси Ором (ШТО), ки соли 2015 таъсис ёфтааст, амиқтар кардани ҳамгирой бо кишварҳои АДОҶШ (Синзо Абэ ҳамчун нахуствазир ба ин кишварҳо даври аввали сафарҳои сиёсати хориҷиро анҷом дод), таҳкими шарикии стратегӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, инчунин таҳкими мавқеъ дар минтақаи Осиёи Марказӣ[4, с. 274-275].

Дар Шарқи Дур Токиоро аксар вақт рақиби бевоситаи Пекин мешуморанд. Аммо, агар дар расонаҳо мавзуи бархурди Ҷопону Чин дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ё Ҷанубӣ зуд-зуд зикр ва баррасӣ шавад, пас дипломатияи муосири Ҷопон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври анъанавӣ таваҷҷӯҳи камтаре ба худ ҷалб мекунад ва дар расонаҳо ба таври васеъ инъикос намегардад. Марҳилаи муҳим дар равобити кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷопон сафари дипломатии сарвазир Синдзо Абэ ба Осиёи Марказӣ дар моҳи октябри соли 2015 мебошад. Ин воқеа таваҷҷуҳи зиёдеро ба худ ҷалб кард, аз ҷумла аз он сабаб, ки роҳбарони собиқи Ҷопон ба минтақа чунин таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд. Созишномаҳои ба маблағи 27 миллиард доллар басташуда, ки дар рафти сафарҳои тавсифшуда ба имзо расидаанд, аҳамияти асосӣ доранд [13]. Аксар вақт далели сафари мансабдорони баландпояи маъмурияти Ҷопон ба минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун як ҷанбаи мушаххаси зиддияти Ҷопон ва Чин шарҳ дода мешавад. Аммо дар айни замон, фаъолияти минбаъдаи Ҷопон дар Осиёи Марказӣ рушди тадриҷии лоиҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳимро дар бар мегирад. «Сафарро метавон бидуни муболиға таърихӣ номид. Нахуствазир пас аз Муғулистон ба Туркманистон, Тоҷикистон, Узбекистон,

Қирғизистон ва Қазоқистон сафар мекунад. Сарвазир Ҷунитиро Коидзуми то кунун танҳо аз Қазоқистон ва Узбекистон дидан кардааст, сафар ба Туркманистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон нахустин сафари раиси ҳукумати Ҷопон хоҳад буд», — ВКХ-и Ҷопон хабар медиҳад[10]. Ҳамин тариқ, дар ҷараёни сафари корӣ сарвазири Ҷопон аз панҷ кишвари Осиёи Марказӣ: Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон дидан кард.

Ҷопон ошкоро эълон мекунад, ки омодагии худро барои таҳкими ҳузури иқтисодии худ дар Осиёи Марказӣ баён мекунад, зеро тавассути ин вай на танҳо метавонад аз пешрафти васеи нуфузи Чин дар бозорҳои кишварҳои ин минтақа пешгирӣ кунад, балки дастрасии худро ба сарватҳои табиии Осиёи Миёна таъмин намояд. Аз ин рӯ, дар байни асосноккунии манфиатҳои стратегии Токио дар минтақаи Осиёи Марказӣ омилҳои муҳимтарини зеринро метавон ҷудо кард: хоҳиши Ҷопон барои пешгирӣ аз афзоиши нуфузи Пекин дар минтақа ва зарурати пеш гирифтани сиёсати мустақил, ки ба дарёфти имкониятҳои тоза барои иктисодиёти Ҷопон равона шудааст. Дар ин самт таваҷҷӯҳи Ҷопонро ба соҳаи энергетика, ки бо қатъ шудани неругоҳҳои барқи атомӣ дар худи кишвар ва ҳодисаҳои Шарқи Наздик, ки ба бозори энергетикӣ таъсири манфӣ расонидааст, таъкид кардан лозим аст.

Пеш аз ҳама сарвазири Ҷопон ба Муғулистон сафар кард. Туркманистон дуввумин кишваре шуд, ки вазир Абэ дар ҷараёни сафари корӣ ба Осиёи Марказӣ дидан кардааст. Туркманистон ва Ҷопон созишномаи ҳамкорӣ дар бахши энергетикаро имзо карданд. Бузургтарин муомилоти расман эълоншуда дар доираи ин созишномаи Ашқобод мебошад: маҷмӯи созишномаҳо ба маблағи зиёда аз 18 миллиард доллар[11]. Муҳимтарин бахши ин баста созишнома дар бораи сармоягузорӣ дар коркарди кони Галкиниш, бузургтарин кони гази табиии Туркманистон аст. Ин кон аз рӯйи захираи умумии газ дар ҷаҳон ҷойи чорумро ишғол мекунад. Панҷ ширкати бузурги ҷопонӣ (Itochu, Mitsubishi, Sojits, JGC ва Chiyoda) бо роҳбарияти Туркманистон дар бораи коркарди муштараки ин кони газ, ки аз он лӯлаи гази ТАПИ (Туркманистон-Афғонистон-Покистон-Ҳиндустон) оғоз мешавад, қарордод имзо карданд. Туркманистонро дар иҷрои ин тарҳ Бонки Осиёии Рушд (БОР) пуштибонӣ кардааст. Ноиби раиси Бонки Осиёии Рушд дар мулоқот бо раиси Туркманистон гуфтааст, ки ин бонк мақсад дорад мушовири лоиҳа шавад ва ба онҳо лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ, аз қабили сохтмони ТАПИ ва баланд бардоштани иқтидори бандари Туркманбошӣ дар Каспий кӯмаки молӣ ва техникӣ хоҳад расонд. Сармоягузориҳо ба ин лоиҳаҳо мутаносибан 10 ва 2 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд[10]. Ба ғайр аз гуфтаҳои боло Ҷопон ният дорад, ки бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамкории байналхалқӣ аз ҳисоби бонки Ҷопон дар сохтмони заводҳои истеҳсоли бензин, полипропилен ва полиэтилен иштирок кунад. Ашқобод дар навбати худ иштироки Токиоро дар инкишофи инфрасохтори миллии газ ва сохтмони МБГ (маркази барқи гармдиҳӣ) ташвик мекунад. Сарвари Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов таъкид кард, ки кишварҳо равобити байнидавлатии иқтисодиро беҳтар мекунанд, ки дар натиҷа лоиҳаҳои бузург дар бахшҳои нафту кимиё ва газ амалӣ хоҳанд шуд.

Захираи нафти Туркманистон ҳудуди 0,6 миллион тонна бо истихроҷи 239 ҳазор баррел дар як рӯзро ташкил медиҳад. Захираи гази табиӣ дар Туркманистон ба 17,5 триллион метри мукааб, истихроҷ - 69,3 миллиард метри мукааб дар як сол мерасад [11]. То соли 2016 Туркманистон аз рӯйи истихроҷи газ дар ҷаҳон дар ҷойи 13-ум қарор дошт.

Қобили зикр аст, ки Иттиҳодияи Аврупо ба шарикӣ бо Ашқобод таваҷҷуҳ зоҳир карда, ин кишварро як таъминкунандаи эҳтимолии гази табиӣ барои диверсификатсияи воридот медонад. Лӯлаи газ ба Аврупо аз Осиёи Марказӣ (Доҳири ҷанубии газ) муҳимтарин тарҳи иқтисодии Иттиҳодияи Аврупо аст.

Дар натиҷаи музокироти Президенти собиқи Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов ва Сарвазири Ҷопон Синдзо Абэ дар Тошканд дар бораи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, ки маблағи умумии онҳо 8,5 миллиард долларро ташкил медиҳад, созишнома ба даст омад, ки 5-тои онро Ҷопон таъмин мекунад[14]. Лоиҳаҳои муштарак чунин соҳаҳоро, аз қабили саноати мошинсозӣ, телекоммуникатсия, таҷдиди инфрасохтори нақлиёту энергетикӣ, коркарди маъданҳои фоиданок, саноати кимиё ва нафту газ ва дигар соҳаҳои муосиру ояндадори саноатро фаро гирифтанд.

Ислом Каримов гуфта буд, ки Тошканд дар симои Ҷопон "... яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, дорои иқтидори бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, зеҳнӣ ва сармоягузорӣ, шарики боэътимоди аз замон санҷидашуда..." мебинад, Каримов ҳамчунин гуфта буд: " Мо сафари расмии Сарвазири Ҷопонро муҳимтарин рӯйдоди ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишварамон, ҳамчун хоҳиши умумии тарафҳо барои боз ҳам бештар таҳким ёфтани ҳамкориҳо, ба он такони нав бахшидан мешуморем"[15]. Ҷопон дар навбати худ ба кашф ва истихроҷи конҳои нави карбогидратҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ сармоягузорӣ карданист: яке аз лоиҳаҳоро корпоратсияи Japan Oil дар якҷоягӣ бо ширкати давлатии нафту гази Ӯзбекистон «Ӯзбекнефтегаз» амалӣ менамояд; лоиҳаи дигар ба навсозии маркази барқу гармии Тошканд равона шудааст. Ҷопон пас аз даст кашидан аз энергияи атомӣ ба сохтмони неругоҳҳои гармидиҳӣ бармегардад ва бо афзоиши истихроҷи гази табиӣ дар Узбакистон, ки қаблан эълон шуда буд, манфиатдор аст.

Сафари нахуствазири Ҷопон Абэ ба Қазоқистон чаҳорумин мулоқоти тиҷоратии нахуствазири Ҷопон ва Нурсултон Назарбоев, раиси собиқи Ҷумҳурии Қазоқистон дар 9 соли охир буд. Ба гуфтаи Назарбоев, тарҳрезӣ ва таҳияи Остона аз рӯйи лоиҳаи меъмори ҷопонӣ Кисе Курокава сурат гирифта, рушди донишгоҳ дар Остона таҳти роҳбарии Шигео Катсуи ҷопонӣ сурат мегирад, ки аз пешбурди қувваи нарми ҷопонӣ дар Қазоқистон шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, дар Қазоқистон низоми бидуни раводид бо Ҷопонро ҷорӣ кардааст. Дар Қазоқистон созишномаҳо ба маблағи умумии 1,5 миллиард доллар баста шуданд. Воридшавии Toyota ба бозорҳои Қазоқистон низ қобили зикр аст[10]. Соли 2016 Н. Назарбоев бо як сафари ҷавобӣ ба Ҷопон сафар карда, дар ҷараёни он ғояҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба миёни Остона ва Токио баён шуда буданд.

Маълум аст, ки Ҷопон сайъ дорад сармоягузориҳои худро диверсификатсия кунад ва ба инфрасохтори давлатҳои дигар сармоягузорӣ кунад. Илова ба 2 миллиард доллар сармояи дар боло зикршуда барои рушди бандари Туркманбошӣ, Ҷопон ба модернизатсияи Маркази барқу гармидиҳии Тошканд, фурудгоҳи "Манас" ва бозсозии роҳҳои Бишкек, бунёди нахустин неругоҳи барқи атомӣ дар Қазоқистон ва дигар лоиҳаҳои саноатӣ дастгириро амалӣ менамояд. Корпоратсияи Mitsubishi дар Узбекистон корхонаи тавлиди карбамид ва аммиак бунёд мекунад ва дар Қазоқистон Toyota васл мекунад. Созишномаҳои имзошуда дар Қазоқистон 1,5 миллиард доллар ва дар Қирғизистон 120 миллион долларро ташкил медиҳанд. Созишномаҳои байни Тоҷикистону Ҷопон ҳудуди 7,4 миллион долларро ташкил медиҳанд[7]. Ҳамзамон, созишномаҳо дар Тоҷикистон барои кӯмак ба мубориза бо ҳуҷуми малах ва татбиқи

лоиҳаи барқарорсозии системаи таъминкунии оби тоза дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон пешбинӣ шудаанд.

Баъзе аз мутахассисон дар бораи манфиатҳои мутақобилаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷопон гузориш медиҳанд. Ба гуфтаи доктор Мирзосаид Султонов, дотсенти Донишгоҳи Тоҳоку Коэкии Ҷопон, "Қирғизистон ва Тоҷикистон одатан тарҳҳои гидроэнергетикиро барои сармоягузорӣ пешниҳод мекунанд, ки барои кишваре мисли Ҷопон аҳамияти зиёд надорад. Дар Осиёи Марказӣ ҳоло нафту газ сармоягузоронро ҷалб мекунад. Манфиати асосии Ҷопон дар Осиёи Марказӣ маҳз дар бахши нафту газ аст, зеро он аз Шарқи Наздик карбогидридҳоро ворид мекунад ва манфиатдор аст, ки ба шарики алтернативӣ аз минтақаи оромтар дастрасӣ пайдо кунад". Шарқшинос-сиёсатшинос Расул Арин бар ин назар аст, ки Ҷопон омода аст ба ин минтақа на танҳо сармоягузории молӣ, балки технологияҳои худро пешниҳод кунад: "Тафовути муҳим дар самти иқтисодии ин сафар содироти технологияҳо ва лоиҳаҳои зерсохтории ҷопонӣ буд. Масалан, ҷопониҳо розӣ шуданд, ки дар Узбекистон ва Туркманистон корхонаҳои коркарди маҳсулот созанд. Дар Қазоқистон бошад, мутахассисони Ҷопон дар Балхаш станцияи электрикии атомӣ месозанд. Ҷопон омода аст на танҳо маҳсулоти олӣ, балки технологияҳои худро низ содир кунад". Гуфта мешавад, ки таҳкими "қувваи нарм"-и Ҷопон на танҳо ба комёбиҳои он дар бахшҳои иқтисод ва молия, балки тавассути таъсис ва рушди донишгоҳҳо дар минтақа низ марбут аст. Намунаи ин, таъсиси Донишгоҳи технологии Туркманистон, табодули илмии дониш ва таҷриба байни Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи Тсукубаи Ҷопон, оғози сохтмони маркази инноватсионии ҷавонон дар Ӯзбекистон мебошад.

Барои Россия таҳкими мавқеи Ҷопон дар Осиёи Марказӣ ҳам дурнамои мусбат ва ҳам хатарҳои эҳтимолиро ваъда медиҳад. Аз як тараф, Ҷопон ба сармоягузори бузург дар кишварҳои минтақа табдил ёфта, бо ин васила нуфузи иқтисодии Чинро дар он аз байн мебарад. Илова бар ин, сармоягузории Ҷопон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле судманд буда, онҳоро аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ устувортар мегардонад. Дар навбати худ Россия ба доштани ҳамсояҳои дорои иқтисодҳои қавӣ манфиат дорад. Аз ҷониби дигар, нуфузи афзояндаи Ҷопон дар минтақаи Осиёи Марказӣ боиси ноустувор шудани мавқеъи Русия дар минтақа мешавад. Ҳамчунин бояд гуфт, ки Ҷон Керрӣ аз тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ масири монанд ба ҳаминро анҷом додааст. Ба гуфтаи сиёсатшиносони бонуфуз, барои сафарҳо як лаҳзаи хеле мусоид интихоб шудааст: таҳримҳои иқтисодии алайҳи Россия ба кишварҳои минтақа низ таъсир расониданд, ки ба Ҷопон ва ИМА имкон дод, то манфиатҳои давлатии худро ба таври қобили мулоҳиза пеш баранд, зеро раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таъсири беруна хеле осебпазиранд ва ба осонӣ "дӯстон"-и нав қабул мекунанд [7].

## АДАБИЁТ:


1. Алексеев В.В.Очеркҳо оид ба иқтисодиёти Ҷопон: китоби дарсӣ. / В.В.Алексеев. - М. : Донишгохи МДХМ, 2005. - 242 с.
2. Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ. Курси пурра: китоби дарсӣ / гурӯҳи муаллифон; ред. А.С. Булатов. - Нашри 3, Москва: КНОРУС, 2017. – 916 с.
3. Ребрей С.М. Япония в международном движении капитала // Вестник МГИМО / Мировая экономика. – 2016. – №4. – с. 274-285

4. Мурашкин Николай. Japanese Involvement in Central Asia: An Early InterAsian Post-Neoliberal Case? // Asian Journal of Social Science, 43 (2015). Pp. 50–79

5. Ребрей С.М. Тамоюлҳои асосии фаъолияти хориҷии ширкатҳои Ҷопон // Иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ. - 2016. - No3. Саҳифа 1-3.

6. Географияи иҷтимоию иқтисодии Ҷопон / Тихотская И. - М.: Аспект Пресс, 2016. 528 с.

**Манбаҳои электронӣ:**

7. Аксенов С. Русия иттифоқчиёнашро аз даст медиҳад // Русская планета. 2015, 28 октябр. [Манбаи электронӣ] http://rnsplt.ru/world/rossiya-teryaet-soyuznikov-v-azii-19452.html

8. Japan's International Trade in Goods(Yearly) // JETRO, 2016. URL: https://www.jetro.go.jp/en/reports/statistics/

9. Сафорати Ҷопон дар Ҷумҳурии Қазоқистон. - http://www.kz.emb-japan. рафтан .j p/relations/151027.htm

10. Сарвазири Ҷопон ба сафари Муғулистон ва Осиёи Марказӣ / Риа Новости., 2015., 22 сентябр. [Манбаи электронӣ] https://ria.ru/world/20151022/1306077888.html

11. Таҳлили муқоисавии фаъолияти форматҳои «5+1», ки дар Осиёи Марказӣ таъсис дода шудаанд / RIAC., 2017, 25 июл. [Манбаи электронӣ] http://russiancross.ru/analytics-and-comments/analytics/sravnitelnyy-analiz-deyatelnosti-sozdannykh-v-tsentralnoy-azii-formatov-5-1-s-uchastiem-ssha- yuzhnoy/?sphrase_id=1261854

12. Ҷопон ва Туркманистон барои тарҳҳои нафту газ 18 миллиард доллар масраф хоҳанд кард / Lenta.ru & 2015., 23 декабр. [Манбаи электронӣ] https://lenta.ru/news/2015/10/23/japturkenergy/

13. Ҷопон ва Осиёи Марказӣ: шарикии "ором" бо ҷалби бозигарони ғайриминтақавӣ / RIAC, 2017, 20 июн. [Манбаи электронӣ] http://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/yaponiya-i-tsentralnaya-aziya-tikhoe-partnerstvo-s-privlecheniem-vneregionalnykh-igrokov/

14. Ҷопон ва Узбекистон лоиҳаҳои ба маблағи 8,5 миллиард долларро ба амал мебароранд / Газета. уз. 2015, 25 октябр. [Манбаи электронӣ] https://www.gazeta.uz/ru/2015/10/25/agreements/

15. Ҷопон ва Узбекистон дар мавриди татбиқи лоиҳаҳои муштарак ба мувофиқа расиданд/РИА Новости, 2015, 25 сентябр. [Манбаи электронӣ] https://ria.ru/world/20151025/1307943597.html

## СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ИНИЦИАТИВЫ ЯПОНИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**НАРЗИЕВ ДЖАХОНГИР БАХТИЁРОВИЧ**
Докторант PhD 3-его курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ,
734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33; телефон: 992-93-938-88-80; E-mail: narziev.jahongir@bk.ru

*Статья посвящена изучению состояния и перспективам гуманитарного сотрудничества между Центральной Азией и Японией. За годы государственной независимости получило развитие сотрудничество между странами Средней Азии и Японией в области образования, науки и культуры. Япония привержена расширению взаимовыгодного сотрудничества со всеми странами региона, в том числе гуманитарного сотрудничества. В статье анализируются этапы развития и укрепления гуманитарного сотрудничества между*

*странами Центральной Азии и Японией, а также рассматриваются перспективы его развития.*

***Ключевые слова**: Центральная Азия, Япония, дипломатия, сотрудничество, наука, культура, образование, интересы.*

## JAPAN'S STRATEGIC INITIATIVES IN CENTRAL ASIA

**NARZIEV JAHONGIR BAKHTIYOROVICH**

PhD student third course of Institute of studying problem of Asian and European countries, 33 Rudaki Ave., Dushanbe, Tajikistan, 734025; phone: 992-93-938-88-80; E-mail: narziev.jahongir@bk.ru

*The article is devoted to the study of the state and prospects of humanitarian cooperation between Central Asia and Japan. During the years of state independence, cooperation in the field of education, science and culture between the countries of Central Asia and Japan has developed. With regard to foreign policy towards the Central Asian region, Japan is committed to expanding mutually beneficial cooperation with all countries in the region, including humanitarian cooperation. The article analyzes the stages of development and strengthening of humanitarian cooperation between the countries of Central Asia and Japan, and also considers the prospects for its development.*

*Keywords: Central Asia, Japan, diplomacy, cooperation, science, culture, education, interests.*

## ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ЮНЕСКО: ДАСТОВАРД, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**АБДУСАЛОМОВ МИРЗОШАРИФ МУҲАБАТОВИЧ**

Докторант (PhD) –и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 33. **Тел:** +992887879696 **Email:** mirzosharifabdusalomov@gmail.com

*Муаллиф дар мақолаи худ самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ЮНЕСКО –ро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.*

*Мақсади муаллиф дақиқ муайян намудани вазъияти воқеии ҳамкориҳо, бардошт ва дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳо, инчунин ироаи пешниҳод ҷиҳати рафъи мушкилоти ҷойдошта дар ин самт мебошад. Дар мақолаи мазкур дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳо бо ЮНЕСКО мушаххас ва ба таври конкретӣ оварда шудааст.*

*Барои беҳтар шудани ҳамкориҳо бо ин ниҳоди илмӣ ва фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕСКО) бояд чунин мавзуъҳои таҳлилӣ бештар таҳқиқ карда шаванд, назария ва фарзияҳои зимни пажуҳишҳо илман асоснок кардашуда ва хулосаҳои санҷидашудаи илмӣ бояд дар амалия татбиқ карда шаванд. Дар ин сурат метавонем ба муваффақиятҳои беназири сиёсати фарҳангӣ мушарраф гардем.*

***Калидвожаҳо:** фарҳанг, фарҳанги моддӣ, фарҳанги ғайримоддӣ, ЮНЕСКО, таърих, тамаддун, миллат, ҳамкорӣ, ҷашнвора, парвандаи номинатсионӣ, ҳифзи мерос.*

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти дастовард ва сармояҳои бузурги фарҳангӣ ва таърихии худ, ба марҳалаи нави рушд ворид гашт. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳову ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамчун кишвари соҳибфарҳангу соҳибтамаддун ва миллати тоҷик ҳамчун соҳиби таърихи зиёда аз 5500 – сола эътироф гардид.

Аз ҷумлаи созмонҳои бонуфузтарини дунё Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг (минбаъд ЮНЕСКО) мебошад, ки Тоҷикистон ҳанӯз 6 - уми апрели соли 1993 ба узвияти он пайваст. Дар ҳамон сол Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО таъсис дода шуд. Комиссияи миллӣ барои татбиқи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО саҳми бориз дошта, ҳамчун ҳамоҳангсоз фаъолият менамояд.

Аз замони аъзо шудан ба Созмони мазкур, ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самтҳои фарҳанг, илм, маориф, гуманитарӣ вусъат ёфта, ҷанбаҳои самараноку созандаро фаро гирифтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳо бо созмони мазкур диққати хосса зоҳир менамояд. Мисоли равшани он иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар конфронс ва семинарҳои сатҳи байналмилалии ин ниҳод мебошад.

ЮНЕСКО бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои фарҳангиро дар ду самти асосӣ ба роҳ мондааст:

1. Дар самти “Мероси фарҳангии ғайримоддӣ”;
2. Дар самти “Мероси фарҳангии моддӣ”;

Мероси фарҳанги ғайримоддӣ - анъана ва воситаҳои шифоҳии ифода, аз ҷумла забон, урфу одат, маросиму ҷашнҳо, донишу малакаҳои ба табиату сайёра ва ҳунарҳои анъанавӣ вобаста, инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо мебошад. Намунаи олии мероси фарҳанги ғайримоддии тоҷикон, ки ба Феҳристи мероси ҷаҳонӣ ва рӯйхати репрезентативии ЮНЕСКО ворид шудааст инҳо мебошанд: “Чакан”, “Оши палав”, “Шашмақом”, “Наврӯз”, “Фалак”, “Кашидадӯзӣ ва абрешимбофӣ”, “Латифаҳои Хоҷа Насриддин”, “Ҷашни Сада”, “Тазҳиб” (зарҳалкорӣ), Адрасу атлас, куллиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва ғайра. [3. 29,30,37,141,258]

Мероси фарҳангии моддӣ – арзишҳои фарҳангие, ки дорои аҳамияти таърихию фарҳангӣ буда, ба Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд. Дар феҳристи мазкур объектҳои таърихию фарҳангӣ, дар шакли қалъаҳо, димнаҳо, шаҳрҳо, петроглифҳо (тасвирҳои рӯйисангӣ), корезҳо, дайру маъбадҳо ва қабристонҳо зикр гардидаанд.

Тибқи талаботи ЮНЕСКО, барои ворид намудани мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ ба Феҳристи мероси фарҳанги умумибашарӣ бояд парвандаҳои номинатсионӣ омода карда шаванд. Дар парвандаҳои номинатсионии мазкур тамоми талаботҳои ЮНЕСКО ва санаду муоҳидаҳои байналмилалӣ ба назар гирифта мешаванд. Парвандаи номинатсионии мероси фарҳанги моддӣ ва ғайримоддӣ бастаи ҳуҷҷатҳое мебошад, ки дар он маълумоти дақиқ оид ба мероси таърихӣ ва фарҳангии моддӣ ва ғайримоддии пешниҳодшаванда дарҷ гардидаанд. Масалан, дар парвандаи номинатсионӣ маълумотнома оид ба макони аниқи ҷойгиршавии объектҳои таърихӣ ё минтақаҳои муайяне, ки дар онҳо мероси фарҳанги ғайримоддӣ роиҷ аст ва дигар хусусиятҳои мероси фарҳангӣ мушаххасан тибқи талаботҳои дахлдори ЮНЕСКО дарҷ карда мешаванд.

То имрӯз аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор парвандаҳои номинатсионии мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ таҳия гардида, ба Дафтари минтақавии ЮНЕСКО дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон ва Дафтари марказии ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса барои мувофиқа ва ворид намудан ба Феҳристи мероси умумибашарӣ пешниҳод карда шудааст. Дафтари минтақавии ЮНЕСКО дар Осиёси Миёна дар шаҳри Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон ҷойгир мебошад. Тибқи тартиби муқаррааргардида, парвандаҳои номинатсионии таҳиягардида аввал ба дафтари минтақавӣ ирсол карда мешаванд. Баъди баррасӣ аз онҷо ба дафтари асосии ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса барои баррасӣ ва тасдиқ фиристонда мешавад. ЮНЕСКО ҳанӯз соли 1946 таъсис ёфта, бо идораву филиалҳои худ дар тамоми ҷаҳон амал менамуд, вале барои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муяссар шуд, ки ба ин созмони бонуфузи байналмиллалӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва дорои сиёсати фарҳангии мустақил бипайвандад ва тавассути он миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ ба сифати соҳибмаърифату соҳибтамаддун ва соҳиби таърихи зиёда аз 5500 –сола ва шаҳрсоз нишон диҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли созмони мазкур то имрӯз ба дастовардҳои зиёди умумиллию умумиҷаҳонӣ ноил гаштааст.

Яке аз натиҷаҳои судманди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ворид намудани санаҳои зерин ба Феҳристи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО мебошад:

- Сазовор донистани ҷоизаи “Шаҳри Сулҳ” ба шаҳри Душанбе (2004),
- 1150 – солагии асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абу Абдулло Рӯдакӣ (соли 2009);
- 100 – солагии шоири тоҷик Мирзо Турсунзода (соли 2009);
- 100 – солагии бастакори тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ (соли 2014);
- 600 – солагии файласуф, мусиқашинос, адиби тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (соли 2014);
- 3000 – солагии шаҳри Ҳисор (соли 2015);
- 700 – солагии шоир, олим ва файласуфи тоҷику форс Мир Саид Алии Ҳамадонӣ (соли 2015);
- 100 – солагии асосгузори хореографияи тоҷик, бастакори опера ва рақсҳои тоҷикӣ Ғафор Валаматзода (соли 2016);
- 1250 – солагии олим, мутафаккири тоҷику форс Ҳакими Тирмизӣ (соли 2016);
- 1150 – солагии олим, табиб ва файласуфи тоҷику форс Зикриёи Розӣ;
- 400 – солагии шоири тоҷику форс Миробид Сайидои Насафӣ (соли 2018);
- 5500 солагии шаҳри бостонии Саразм (соли 2020);
- 2500 –солагии Шаҳристони Тахти Сангин (соли 2023);
- 700 солагии шоири шаҳир Камоли Хуҷандӣ ва ғайра.

Қобили зикр аст, ки «Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ» ба тасвиб расидааст, ки дар он тамоми мероси фарҳанги ғайримоддии миллати тоҷик гирдоварӣ шудааст. Яке аз талаботҳои ЮНЕСКО низ ҳамин аст, ки унсурҳои фарҳангии ба он пешниҳодшаванда аввал бояд дар феҳристҳои миллӣ дохил карда ба қайди давлатӣ гирифта шуда бошанд.

Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ аз бахшҳои зерин иборат мебошад:

Бахши 1. Анъанаи шифоҳӣ – A000 (29 унсур).

Бахши 2. Ҳунарҳои иҷроӣ – B000 (103 унсур).

Бахши 3. Ҷашну маросимҳо – C000 (47 унсур).

Бахши 4. Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ – D000 (20 унсур).

Бахши 5. Касбу ҳунарҳои мардумӣ – E000 (105 унсур).

Бахши 6. Хӯрокҳои миллӣ – F000 (147 унсур).

Бахши 7. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона – G000 (82 унсур). [3]

Бояд қайд намуд, ки дар самти мероси фарҳанги моддӣ то имрӯз кишвари мо дар ин самт ба дастовардҳои зиёде ноил гаштааст.

ЮНЕСКО дар назди худ рӯйхат ё худ Феҳристи умумиҷаҳонии фарҳангиро дорад ва дар феҳристи мазкур мероси таърихию фарҳангие ворид карда мешавад, ки он аҳамияти байналмилалӣ дошта бошад. Ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба Феҳристи умумиҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО ворид гардидан дар се ҳолат ё дар се шакл қарор доранд:

1. Ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки ба Феҳристи асосӣ (World Heritage List) ворид карда шудаанд;
2. Ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки дар рӯйхати пешакии ЮНЕСКО (Tentetive List) қарор доранд;
3. Ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки барои ворид намудан ба рӯйхати пешакии ЮНЕСКО пешниҳод гаштаанду ҳоло дар баррасӣ қарор доранд, яъне ҳамчун номзад барои воридшавӣ ҳастанд;

Ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонӣ аллакай ворид карда шудаанд онҳо пурра омода буда, ба талаботҳои ЮНЕСКО ва конвенсияҳои дахлдор мувофиқат мекунанд.

Қобили зикр аст, ки 12 (дувоздаҳ) адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва табиию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонӣ ворид карда шудааст, ки аз инҳо 1 (як) адад - Шаҳри бостонии Саразм, соли 2010, 1 (як) адад ёдгории табиию фарҳангии Боғи миллии Тоҷикистон, соли 2013 ва боқимонда 9 (нуҳ) адад ёдгориҳои таърихию фарҳангии Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони "Зарафшон-Қароқум" (қалъаи Ҳисорак, Гардани Ҳисор, Қум, Қалъаи Муғ, Тали Хамтуда, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммади Башоро, Низоми обёрикунии Токсанкорез, шаҳраки Санҷаршоҳ Панҷакенти қадим) ва 1 (як) адад ёдгории табиию фарҳангии Бешаи палангон соли 2023 мебошанд.

Ёдгории таърихии Шаҳри бостонии Саразм дар вилояти Суғд, шаҳри Панҷакент, ҷ/д Саразм, деҳаҳои Соҳибназар, Авазалӣ ва Раҷабалӣ ҷойгир мебошад.

Ёдгории таърихию фарҳангии шаҳри Саразм дар Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. [4. 84]

Ҳанӯз аз солҳои 2002 парвандаи номинатсионии Шаҳри бостонии Саразм ба ЮНЕСКО барои ворид гардидан ба Феҳристи мероси ҷаҳонӣ пешниҳод гардида, то соли 2010 он мукаммал карда шуда буд. Хушбахтона соли 2010 бо ташаббусҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори соҳавӣ ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ҳамчун объекти таърихӣ–фарҳангӣ ворид гардид. [9]

Боғи миллии Тоҷикистон дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Мурғоб, Шуғнон, Рӯшон, Ванҷ) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳури Лахш ва Сангвор ҷойгир аст.

Боғи миллии Тоҷикистон ҳамчун мероси табиӣ ва таърихию фарҳангӣ дар Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. [4. 158]

Аз соли 2007 парвандаи номинатсионии Боғи миллии Тоҷикистон ба ЮНЕСКО барои ворид гардидан ба Феҳристи мероси фарҳанги умумиҷаҳонӣ пешниҳод гардида, то соли 2013 он мукаммал карда шуда, хушбахтона соли 2013 дар Сессияи 37-уми Раёсати Мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО, ки аз 16 то 26 июни соли 2013 дар шаҳри Пномпени Шоҳигарии Камбоҷа баргузор гардид, номинатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Боғи миллии Тоҷикистон» ба Феҳристи асосии Мероси фарҳанги ҷаҳонии ЮНЕСКО ҳамчун объекти табиӣ–фарҳангӣ ворид гардид. [7, 8, 10]

Ёдгориҳои таърихию фарҳангии Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: долони “Зарафшон-Қароқум” (қалъаи Ҳисорак, Гардани Ҳисор, Қум, Қалъаи Муғ, Тали Хамтуда, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммади Башоро, Низоми обёрикунии Токсанкорез, шаҳраки Санҷаршоҳ Панҷакенти қадим) дар Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. [4. 48,80,84,90,103]

Парвандаи номинатсионии ёдгориҳои долони “Зарафшон-Қароқум” дар шакли силсилаҷоиза ё силсиланоминатсияи ёдгориҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим таҳия ва пешниҳод гардида буд. Дар пешниҳоди ёдгориҳои долони мазкур инчунин Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳаммуаллиф ва шарик ҳастанд. Он ҳанӯз солҳои 2017-2018 оғоз гардида, то соли 2021 парвандаи мазкур мавриди коркард қарор дода шудааст. Соли 2021 ин парванда барои арзёбии техникӣ ба дафтари маркази ЮНЕСКО дар Париж ирсол гардида, он аз нигоҳи техникӣ комил арзёбӣ карда шуда, ба Рӯйхати муқаддамотии ЮНЕСКО шомил карда шуд. Ҳамин тариқ, тибқи тартиб, идомаи мукаммалнамоии парванда то соли 2023 ҷараён гирифт. Дар ин давра коршиносони байналмилалӣ ва комиссияҳои муайяннамудаи ЮНЕСКО борҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, объектҳои пешниҳодшударо мавриди арзёбии воқеӣ қарор доданд. Хушбахтона, ёдгориҳои мавриди назар зимни Иҷлосияи 45 –уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, ки 9-17 сентябри соли 2023 дар шаҳри Ар-Риёзи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, бо қарори дахлдори ЮНЕСКО ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонӣ шомил гардид.

Қисмате аз мероси фарҳангии кишвари мо дар рӯйхати пешакии ЮНЕСКО қарор дорад.

Тибқи қоида ва талаботҳои ЮНЕСКО, мероси таърихию фарҳангие, ки дар рӯйхати пешакӣ ворид гардидаанд, тақрибан панҷ сол коркарди назариявӣ ва амалӣ карда шуда, ба талаботҳои соҳавӣ ва зарурии созмони мазкур мувофиқ гардонида мешаванд. Инчунин дар ин раванд коршиносон ва мутахассисони касбии соҳавии байналмилалӣ аз ҷараёни корҳо дидан менамоянд ва барои арзёбӣ ва ислоҳи камбудиҳо таклифҳо манзур менамоянд.

Баъд аз муҳлати муайян зимни иҷлосияи баргузорнамудаи дахлдори ЮНЕСКО мероси фарҳангии мукаммалгардида пешниҳод шуда, мавриди муҳокимаи мутахассисон ва коршиносони соҳавӣ қарор мегирад. Баъд аз муҳокимаи комиссия дар ҳайати мутахассисону коршиносони байналмилалӣ агар мероси пешниҳодгардида ба талаботи созмони мазкур мувофиқат намояд, ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги ҷаҳонӣ ворид карда мешавад.

То имрӯз як қатор ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати муқаддамотӣ ворид гардидаанд ва умед аст, ки дар ояндаи наздик ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги ҷаҳонӣ шомил карда шаванд. Аз ҷумла, Дайри буддоии Аҷинатеппа, Мадрасаи Хоҷа Машҳад, Шаҳристони Тахти Сангин, Қалъаи Ҳулбук мебошанд. То имрӯз коршиносони зиёди ватанию хориҷӣ ва комиссияҳои махсуси ЮНЕСКО бо гурӯҳҳои корӣ аз ёдгориҳои болозикр дидан намуда, ба онҳо баҳои мусбат додаанд.

Дар самти мероси фарҳанги ғайримоддӣ номинатсияҳои унсурҳои фарҳангии зерин дар навбат буда, барои ба рӯйхати репрезентативии ЮНЕСКО шомил шудан дар соли 2024 ба нақша гирифта шудаанд: “Ҷашни Меҳргон” (муштарак бо Эрон, 2024), “Рубоб” (муштарак бо Эрон ва Ӯзбекистон 2024), Бозиҳои бачагонаи баҳорӣ” (муштарак бо Ӯзбекистон барои соли 2024).

Баъди шомил гардидани мероси фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии мо ба Феҳристи мероси фарҳанги ҷаҳонии ЮНЕСКО, фарҳангу тамаддуни миллати мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мегардад. Арзишҳои фарҳангӣ ва миллии мо дар сатҳи байналмиллалӣ ҳифз мешаванд. Тоҷикон ҳамчун як миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддун ва соҳиби таърихи зиёда аз 5500 сола, давлатдор ва шаҳрсозу бунёдкор шинохта ва эътироф карда мешавад.

ЮНЕСКО дар назди худ институтҳои таҳқиқотии байналмиллалӣ, комиссияҳо ва шуроҳои арзёбӣ ба монанди Шурои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳо ва ҷойҳои тамошобоб (ИКОМОС), Институти байналмилалии таҳқиқотии Осиёи Марказӣ (ИБТОМ) ва ғ. дорад, ки дар пажуҳиш, муайян намудани мавқеи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва дигар масъалаҳои фарҳангӣ кӯмаки илмию назариявӣ ва техникии худро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёди фарҳангӣ, дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО мушкилотҳое низ вуҷуд доранд. Яке аз мушкилиҳо дар самти ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО нарасидани кадрҳои миллӣ, огоҳ ва донандагони забонҳои хориҷӣ мебошанд. Мутаассифона то ин муддат кам набудааст ҳолатҳое, ки шахсони аз соҳа дур, ё шахсоне, ки забонҳои хориҷиро дар сатҳи зарурӣ намедонанд дар самти ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО муваззаф гардидаанд. Ҳамчунин, дар чандин конфронсу семинарҳои ЮНЕСКО иштирок намудаанд. Дар тренинг, семинар, конфронс, мизҳои мудаввар ва давраҳои омӯзишие, ки аз ҷониби созмони мазкур баргузор мегардад, масъалаҳои мероси фарҳангии ҳар як кишвар муаррифӣ ва муҳокима карда мешавад. Ҳамзамон, мутахассисони ватанӣ бо омӯзишҳои фарогир ва сатҳи баланди касбӣ фаро гирифта мешаванд. Аз ин рӯ моро зарур аст, то дар чунин семинару конфронсҳое, ки аз ҷониби ин ниҳод баргузор карда мешавад шахсони дорои ҳисси баланди миллӣ, худшиносу худогоҳ, донандаи хуби забонҳои хориҷӣ ва ҳимоятгари воқеии манфиатҳои миллиро сафарбар намоем, то арзишҳои фарҳангӣ ва дар умум арзишҳои миллиамонро дар сатҳи байналмиллалӣ ҳимоя ва ба таври шоиста муаррифӣ карда тавонем.

Масъалаи дигари доғ тарғибу ташвиқи фарҳангу идеологияи ғайримиллӣ ва таъсири он ба миллати мо аст. Дар раванди мураккаби ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо наметавонем ин масъаларо сарфи назар намоем, зеро имрӯз мо таъсири фарҳанг ва идеологияи ғайримиллиро дар қишрҳои гуногуни ҷомеа мебинем. Аз таҷрибаи таърихӣ маълум аст, ки дар шароити бархурди тамаддунҳо арзишҳои фарҳангии қавму миллатҳое, ки аз мавҷудияти худ дар сатҳи зарурӣ дифоъ карда

наметавонанд ва худро муаррифӣ карда наметавонанд аз ҷониби фарҳангҳои бузург ва устувор фуру бурда мешаванд ва рӯ ба нестӣ мебаранд. Ин гуна таъсирот бештар тавассути фарҳанги ғайримоддӣ сурат мегирад.

Сеюм, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳо дар низоми давлатмеҳварӣ ва миллатмеҳварӣ бояд бошад. Чунончи дар боло зикр намудем ЮНЕСКО дар назди худ институтҳои таҳқиқотие дорад, ки дар татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои давлатию ғайридавлатии соҳаи мазкур мусоидати моддию маънавӣ менамоянд. Аммо масъала дар он аст, ки лоиҳаҳои ба институтҳои мазкур пешниҳодшуда баъзан яктарафа ё дутарафа тарҳрезӣ шуда, фаромиллӣ намебошанд. Ин боис мегардад, ки як қисмати мероси фарҳангӣ дар як минтақа дар авҷи аъло омӯхта, кашф ва муаррифӣ карда шаванд ва қисмате дигар ба гушаи фаромӯшӣ биравад. Масалан, то имрӯз 10 (даҳ) адад ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил карда шудаанд, танҳо аз вилояти Суғд, махсусан водии Зарафшон ҳастанд. Дар ҳоле, ки дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ ёдгориҳои беназири таърихӣ дорем ва ба Феҳристи мероси ҷаҳонӣ пешниҳоду ворид сохтани онҳо амри зарурӣ ва ҳатмӣ мебошад. Мисоли равшан, ёдгориҳои таърихию фарҳангии дигар минтақаҳо, дар мисоли мавқеи Карони ноҳияи Дарвоз, Қалъаи Вомари ноҳияи Рушон, қалъаҳои Қаҳ-Қаҳа ва Ямчуни ноҳияи Ишкошим мебошанд.

Ҳамчунин, ёдгориҳои беназири Хоҷа Нақшрони шаҳри Турсунзода, Масҷиди Сангин, Мадрасаи куҳна ва Корвонсаройи шаҳри Ҳисор, ёдгориҳои таърихии Золи Зар ва мақбараи Мавлоно Тоҷиддини ноҳияи Данғара, ёдгориҳои Шаҳртеппа, Золи Зар, Корвонсаройи Тоҳири ноҳияи Фархор, ёдгории Дайри буддоии Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш ва ёдгории Ҳалеварди ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ метавонанд арзандатарин мероси фарҳангии ҷаҳонӣ бошанд.

Мушкилоти дигар ба тармиму барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ вобаста мебошанд, ки тавассути баъзе иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҶДММ –ҳои сохтмонӣ ва дигар корхонаҳои мустақили ғайридавлатӣ сурат мегирад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари мавридҳо ҳангоми ҷалби грантҳо (маблағгузорӣ, кӯмакҳои бебозгашт, сармояи хориҷӣ ва ҷалби худсаронаи соҳибкорон) дар самти тармим, барқарорсозӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ иҷрои он ба ниҳодҳои давлатӣ не, балки ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ ва дигар сохтмончиёни мустақил вогузор карда мешавад. Сохтмончиён бошанд, аз талаботҳои соҳавӣ бархурдор нестанд ва дар тармиму барқарорсозии объектҳои таърихию фарҳангӣ критерияҳои Конвенсия оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва таббии умумибашарӣ (16 ноябри соли 1972) ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдорро ба назар намегиранд. Билохира, ба хароб кардани базаи таърихӣ ва нобуд сохтани аслияти ёдгориҳо даст мезананд, ки дигар он ёдгориҳои худсарона тармимшуда аз ҷониби ЮНЕСКО пазируфта намешаванд. Мисоли равшани он ёдгории таърихию фарҳангии “Қалъаи Ҳисор” –и шаҳри Ҳисор, “Қалъаи Муғ” –и шаҳри Истаравшан ва ғ. мебошанд. Ин ёдгориҳо бо вуҷуди беназир ва нодиртарин ёдгориҳои бостонию меъморӣ буданашон аз ҷониби ЮНЕСКО пазируфта шуданашон аз эҳтимол дур аст, зеро ба ҷойи тармиму барқарорсозии ҷузъҳои таърихии ёдгориҳо, баръакс сохтмонҳои хилофи талаботи қонунгузорӣ анҷом дода шудаанд.

Масъалаи дигар фаъол набудани ИКОМОС (Шурои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳо ва ҷойҳои тамошобоб) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. ИКОМОС як Шуро ё Комиссияи арзёбии ёдгориҳо мебошад ва дафтари марказии он дар шаҳри

Парижи Ҷумҳурии Фаронса қарор дорад. Намояндагони шурои мазкур дар аксарияти кишварҳо фаъол ҳастанд ва дар пешбурди корҳо саҳми арзанди ва бориз доранд. Тибқи таҳлилҳо ИКОМОС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2008-2009 фаъолияти назаррас дошта, намояндаи он доктори илмҳои архитекторӣ, профессор Рустам Муқимов буд. Баъди он, то имрӯз дигар ин шуро фаъол нест.

Бояд ин масъалаҳо ҷиддӣ назорат карда шаванд ва механизми иҷрои корҳои тармиму барқарорсозӣ ва омода намудани парвандаҳои номинатсионӣ зери таваҷҷуҳи хосса қарор бигиранд.

Албатта дар сурати чораандешӣ намудан ва роҳандозии ислоҳоти зарурии соҳавӣ, ҳамкориҳои мо бо ЮНЕСКО беҳтар хоҳанд шуд.

Барои ҳифзи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ моро мебояд ҳамкориҳои худро бо ЮНЕСКО дар асоси санаду меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва байналмиллалӣ ба роҳ монем. [7, 8] Саҳми ЮНЕСКО дар муаррифии таъриху фарҳанги миллати мо бузург буда, қобили таҳсин мебошад. Аз ин рӯ, минбаъд бо созмони мазкур ҳамкориҳои густурдаро ба роҳ монда, таъриху фарҳанги тоҷиконро ба ҷаҳониён бояд муаррифӣ намуд.

Ҳамин тариқ, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО, ҳифзи мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ, тармиму барқарорнамоии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, истифода ва ворид намудани онҳо ба Феҳристи мероси фарҳангии ҷаҳонӣ ва таҷлили ҷашнвораҳо мебошад.

Ёдовар мешавем, ки пеш аз ҳама бояд ба фарҳанг, тамаддун ва арзишҳои миллӣ худамон арҷ гузорем, онҳоро қаблан эътироф намоем, арзиши байналмилаливу ҷаҳонӣ доштани мероси фарҳангиамонро эҳсос намоем ва онро ба воситаи ЮНЕСКО ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, дар ҳифзи арзишҳои миллӣ, рушди давлатдории миллӣ ва баҳри манфиатҳои миллӣ саҳмгузор бошем!

## АДАБИЁТ:


1. Исҳоқов. А. Саразм ва Панҷакенти Суғд – оғози тамаддуни халқи тоҷик / А. Исҳоқов. – Хуҷанд 2005, 198 с.
2. Филлимонова Т.Г. Великий. Шёлковый Путь / Филлимонова Т.Г., Ходжаев Ш.Р., Рахматов Б. – Душанбе 2017, 96 с.
3. «Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе 2018. «Аржанг» №4/12 аз 29.10.2018.
4. «Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе 2017. «Бебок» аз 24.09.2017.
5. «Конвенсияи оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ». Париж 17 октябр 2013.
6. «Конвенсия оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва таббии умумибашарӣ». 16 ноябри соли 1972.
7. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.1992.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.06. 2001, № 253.
9. World Heritage List. whc.unesco.org/ru/list/1141#top (санаи муроҷиат) 18.11.2023.
10. World Heritage List. whc.unesco.org/ru/list/1252#top (санаи муроҷиат) 18.11.2023.


## КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ЮНЕСКО: ДОСТИЖЕНИЯ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**АБДУСАЛОМОВ МИРЗОШАРИФ МУХАБАТОВИЧ**
Докторант (PhD) второго курса Институт изучение проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 33. Тел: +992887879696. Email: mirzosharifabdusalomov@gmail.com

*В статье анализируются и обсуждаются основные направления деятельности и сотрудничества Республики Таджикистан с одним из международных культурных институтов - ЮНЕСКО. В данной статье автор исследует долгосрочное сотрудничество Республики Таджикистан с ЮНЕСКО и подробно описывает состояние сотрудничества. При этом автор четко описывает достижения Республики Таджикистан в области культуры, истории и сохранения материального и нематериального культурного наследия, которые являются результатом этого сотрудничества, и четко излагает свои взгляды на существующие проблемы.*

*Следует отметить, что для преодоления существующих проблем и достижения еще лучших результатов в будущем автор в своей статье внес ряд предложений и высказал свое мнение о перспективах сотрудничества. В частности, в нем предлагается, чтобы для улучшения сотрудничества с этим научным и культурным учреждением Организации Объединенных Наций (ЮНЕСКО) такие аналитические темы должны быть расширены, а теории и гипотезы, основанные на научно обоснованных исследованиях и подтвержденных научных выводах, должны быть реализованы на практике. В этом случае мы можем добиться уникальных достижений культурной политики.*

***Ключевые слова:*** *культура, материальная культура, нематериальная культура, ЮНЕСКО, история, цивилизация, нация, сотрудничество, фестиваль, дело о номинации, сохранение наследия.*

## CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH UNESCO: ACHIEVEMENTS, PROBLEMS AND PROSPECTS

**ABDUSALOMOV MIRZOSHARIF MUHABATOVICH**
Doctor (PhD) second year Institute of studying of the problems of Asian and European countries National Academy of Sciences of the Tajikistan. Addres: Repulic of Tajikistan, c. Dushanbe, s. Rudaki 33. Тел: +992887879696. Email: mirzosharifabdusalomov@gmail.com

*This article analyzes and discusses the main areas of activity and cooperation of the Republic of Tajikistan with one of the international cultural institutions, namely UNESCO In this article, the author examines the long-term cooperation of the Republic of Tajikistan with UNESCO and describes in detail the state of cooperation. At the same time, the author clearly describes the achievements of the Republic of Tajikistan in the field of culture, history and the preservation of tangible and intangible cultural heritage, which are the result of this cooperation, and clearly expressed his views on the existing problems.*

*It should be noted that in order to overcome the existing problems and achieve even better results in the future, the author in his article made some suggestions and expressed his views on the prospects of cooperation. In particular, it suggests that in order to improve cooperation with this United Nations scientific and cultural institution (UNESCO), such analytical topics should be expanded, theories and hypotheses based on scientifically based research and proven scientific conclusions should be put into practice. In this case, we can achieve the unique achievements of cultural policy.*

***Key words:*** *culture, material culture, non-material culture, UNESCO, history, civilization, nation, cooperation, festival, nomination case, heritage protection.*

## INFLUENCE OF THE MILITARY-POLITICAL SITUATION IN AFGHANISTAN ON THE ESCALATION OF THE CIVIL WAR IN TAJIKISTAN (1991-1997)

**KUDRATZODA KOMRON ABDUNABI**
Institute for studying the issues of Asian and European countries NAST
Tel.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*This article examines the process of civil war in the Republic of Tajikistan and the influence of the military and political situation in Afghanistan on it. The turbulent situation of Afghanistan in the 90s of the 20th century did not leave an impact on the countries of the region and its neighbors, including the Republic of Tajikistan. In addition, the crisis in Afghanistan contributed to the expansion of terrorism, religious extremism and illegal drug trafficking in the Republic of Tajikistan and the Central Asian region. In general, the events of Afghanistan had a negative impact on the political process in the Republic of Tajikistan.*

*The Republic of Tajikistan shares a lot with Afghanistan in terms of geography, ethnicity, history, politics and culture. After the collapse of the Soviet Union, the political destinies of Tajikistan and Afghanistan are to a certain extent connected and dependent on each other, because during this period both countries were engulfed in civil war.*

*Events in Afghanistan also have a serious impact on the national security of Tajikistan. After gaining independence in 1991, the Republic of Tajikistan developed specific directions of its foreign policy. In the first period, he pursued a policy of isolation from the events in Afghanistan. In the summer of 1992, diplomatic relations between the two countries were restored. The coming to power of the Taliban in 1996 forced Tajikistan to take a new path in relations with Afghanistan.*

*Thus, the crisis in Afghanistan, with the support of the representatives of the Tajik Opposition Union, had a serious impact on the national security of the Republic of Tajikistan and the region, disrupted the political situation, the peaceful norms of the entry of Tajiks into their ancestral religious culture, had an impact on the national psychology of Tajiks, and political and ethnic conflicts. and created religion in the country. The long-term conflict between the Tajiks created a threat to the state independence and territorial integrity of Tajikistan and had a negative impact on the economy, social and cultural life of the Tajik people, which is still not far from the attention of scientists and researchers.*

***Keywords:*** *Tajikistan, Afghanistan, crisis, internal war, impact of military and political situation, turbulent situation, consequences, terrorism, religious extremism, political process, negative impact, national security, conflict.*

The ongoing confrontation in Afghanistan and the history of the escalation of the civil war in Tajikistan are yet another confirmation of the ongoing process of globalization of the modern world, the main manifestation of which is the interconnectedness and interdependence of events taking place in the world community. Globalization processes are continuous, contradictory and cross-border, which makes them perceived as the most important factors of global development. In both conflicts, the crisis phenomenon involved a complex socio-political system represented by society and the political institution that unites it - the state. As a result of the violation of the stability and

manageability of these basic categories, which perform an important civilizing mission in uniting various social groups, political chaos reigned in these countries for a long time, accompanied by a significant number of human victims.

The escalation of the civil war in Tajikistan was influenced not by a single event, but by a combination of external and internal factors. Among the external factors, the following three main reasons should be distinguished.

Firstly, the sharp deterioration in the late 80s and early 90s of the socio-economic situation on the territory of the Soviet Central Asian republics became the reason for the unleashing of interethnic conflicts by local criminal clans.

Second, in the wake of Perestroika, many formal and informal political movements, parties, and fronts began to emerge in the Soviet Union. Thus, in the summer of 1990, the founding Congress of the Islamic Renaissance Party (IRP) was held in Astrakhan, Russia, and was attended by representatives of Muslims from all over the territory of the Union [29]. At this congress, Saidibragim Gadoev, a delegate from Tajikistan, Saidibragim Gadoev was elected Deputy Chairman of the IRP. After returning from the founding congress, the Tajik delegation joined in active work on the creation of the Islamic Renaissance Party of Tajikistan.

10. Joint statement of the Foreign Ministers of Kazakhstan, Kyrgyzstan, the Russian Federation, Tajikistan and Uzbekistan on Tajikistan: Made in Moscow on April 20, 1995. https://www.un.org/securitycouncil/sites/www.un.org.securitycouncil/files/93-95_08_tajikistan.pdf (Feb. 14, 2024 - Entry Date).
11. Joint statement of the President of Tajikistan E. Rahmonov and Chairman of the Movement of Islamic Renaissance of Tajikistan S.A. Nuri: Made in Kabul on May 19, 1995. https://www.un.org/ru/events/missions/past/unmotcis.htm (Feb. 14, 2024 - Entry Date).
12. Korgun V. Islamic extremism at the borders of the CIS // Asia and Africa today. Moscow, 1999, no. 1, p. 13.
13. Korolev A. Bitterness of the border. - Moscow, 1994. - September 22.

14. Kvyatkovsky O. Pamirsky ognennyj rubezh [Pamir fire frontier]. - Moscow, 1995. - April 11. //http://www.ca-c.org/datarus/st08 brush9shtml.

15. Letov V. There is no point in fighting - eliminate it! // Commonwealth border guard. Moscow, 2005, No. 2, p. 37.

16. Malysheva D. Posle "chernogo vtornika": islam i terrorizm v Rossii i CIS [After the "Black Tuesday": Islam and Terrorism in Russia and the CIS]. Moscow, 2002, No. 3, p. 56.

17. Memorandum of Cooperation on the Protection of External State Borders: Signed in Ashgabat on December 24, 1993

18. Mikhailov L. The Russian Factor in Central Asia. http://www.intertends.ru/seven/013.htm://www.intertends.ru/seven/.

19. Mirzoev G.R. Overcoming the conflict situation in the Republic of Tajikistan. Russia and the restoration of peace (90-ies of XX century). Diss. Candidate of Historical Sciences. - Moscow, 2004. - 192 p. //http://www.lib.ua-ru.net/diss/cont/65378.h://www.lib.ua-ru.net/diss/cont.

20. Odinaev S., Nazarov V., Nurakhmedov Z. Driving forces (parties) of terrorism in Central Asia. http://www.fssb.su/terror/terror-regional/.

21. Pastorova E. Tajikistan is a border country // Commonwealth border guard. Moscow, 2006, No. 3, p. 39.

22. Protocol of the UN Security Council Meeting No. 3266 of August 23, 1993 "On the situation in Tajikistan and along the Tajik-Afghan border" https://www.un.org/securitycouncil/sites/www.un.org.securitycouncil/files/en/sc/repertoire/93-95/93-95_02.pdf (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

23. Report of the UN Secretary-General on the situation in Tajikistan dated 12 May 1995. https://digitallibrary.un.org/record/201742?ln=ru (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

24. Report of the UN Secretary-General on the situation in Tajikistan dated September 17, 1996. https://digitallibrary.un.org/record/209040/ (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

25. Report of the UN Secretary-General on the situation in Tajikistan dated January 21, 1997. https://www.refworld.org/reference/countryrep/unsc/1997/en/29734 (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

26. Report of the UN Secretary-General on the situation in Tajikistan of 4 September 1997. https://digitallibrary.un.org/record/243137?ln=ru (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

27. Report of the UN Secretary-General on the situation in Tajikistan dated 5 March 1997. https://www.refworld.org/reference/countryrep/unsc/1997/en/29734 (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

28. Report of the UN Secretary-General on the situation in Tajikistan dated December 8, 1995. https://digitallibrary.un.org/record/201742 (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

29. Skosyrev V. Under the green banner. Is there a threat of Islamic fundamentalism? // True. - Moscow, 1991. - January 9.

30. Statement of the Heads of State of the Commonwealth of Independent States on the socio-political situation in the Republic of Tajikistan: Adopted in Minsk on January 22, 1993. https://treaties.un.org/doc/Publication/UNTS/Volume%201819/volume-1819-I-31139-English.pdf (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

31. Strengthening border security in Tajikistan: will it be a barrier to drug trafficking? // Central Asia and the Caucasus. Stockholm, 2003, no. 1, p. 174.

32. Tajikistan civil war // https://factsanddetails.com/central-asia/Tajikistan/sub8_6a/entry-4858.html (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

33. Tajikistan. The Tajik civil war: Causes and dynamics https://www.c-r.org/accord/tajikistan/tajik-civil-war-causes-and-dynamics (Feb. 14, 2024 - Entry Date).

34. Treaty on Cooperation in Border Protection of the Member States of the Commonwealth of Independent States with Non-Member States: Signed in Minsk on May 26, 1995. https://www.un.org/ru/events/missions/past/unmotcis.htm (Feb. 14, 2024 - Entry Date).
35. Vataner N. Tajikistan will not become a field of conflicts. Almaty, 1994, No. 6, p. 15.

## ТАЪСИРИ ВАЗЪИ НИЗОМИВУ СИЁСИИ АФҒОНИСТОН БА ШИДДАТ ГИРИФТАНИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (1991-1997)

**ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*Дар ин мақола раванди ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири вазъи низомию сиёсии Афғонистон ба он баррасӣ шудааст. Вазъияти ноороми Афғонистон дар солҳои 90-уми қарни 20 барои кишварҳои минтақа ва ҳамсояҳои он, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон паёмадҳое боқӣ гузошт, ки ба густариши терроризм, ифротгароии динӣ ва қочоқи маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намуд. Дар маҷмӯъ, ҳодисаҳои Афғонистон ба раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расониданд.*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, мансубият, таърих, сиёсат ва фарҳанг бо Афғонистон шабоҳатҳои зиёд дорад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ сарнавишти сиёсии Тоҷикистону Афғонистон то андозае ба ҳам пайванд ва вобастагӣ доранд, зеро дар ин давра ҳарду кишварро ҷанги дохилӣ фаро гирифта буд.*

*Ҳодисаҳои Афғонистон ба амнияти миллии Тоҷикистон низ таъсири ҷиддӣ расониданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 самтҳои мушаххаси сиёсати хориҷии худро таҳия намуд. Вай дар давраи аввал сиёсати аз воқеаҳои Афғонистон дар канор монданро пеш гирифт. Тобистони соли 1992 равобити дипломатӣ миёни ду кишвар барқарор шуд. Ба қудрат расидани Муҷоҳиддин дар соли 1992 ва Толибон дар соли 1996 Тоҷикистонро маҷбур кард, ки дар равобит бо Афғонистон роҳи наверо пеш гирад.*

*Ҳамин тариқ, бӯҳрони Афғонистон бо пуштибонӣ аз намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақа таъсири ҷиддие гузошта, вазъи сиёсӣ, меъёрҳои осоиштаи гузариши тоҷиконро ба фарҳанги аслии динии худ халалдор намуд ва ба психологияи миллаати тоҷик таъсир расонида, низоъҳои сиёсию этникӣ ва диниро дар мамлакат ба вуҷуд овард. Мунокишаи тӯлонӣ миёни тоҷикон ба истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон хатар эҷод карда, ба иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик таъсири манфӣ расонид, ки то ҳол омузиши он аз таваҷҷуҳи олимон ва таҳқиқотчиён дур нест.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Тоҷикистон, Афғонистон, бӯҳрон, ҷанги дохилӣ, таъсири вазъи низомию сиёсӣ, вазъи ноором, паёмадҳо, терроризм, ифротгароии динӣ, раванди сиёсӣ, таъсири манфӣ, амнияти миллӣ, низоъ.*

## ВЛИЯНИЕ ВОЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В АФГАНИСТАНЕ НА ЭСКАЛАЦИЯ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ (1991-1997 гг.)

**КУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБИ**

Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ
Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*В данной статье рассматривается процесс гражданской войны в Республике Таджикистан и влияние на него военно-политической ситуации в Афганистане. Неспокойная ситуация в Афганистане в 90-х годах XX века не оставила последствий для стран региона и его соседей, в том числе для Республики Таджикистан. Также кризис в Афганистане способствовал расширению терроризма, религиозного экстремизма и незаконного оборота наркотиков в Республике Таджикистан и Центральноазиатском регионе. В целом события в Афганистане оказали негативное влияние на политический процесс в Республике Таджикистан.*

*Республика Таджикистан имеет много общего с Афганистаном с точки зрения географии, этнической принадлежности, истории, политики и культуры. После распада Советского Союза политические судьбы Таджикистана и Афганистана в определенной степени связаны и зависят друг от друга, поскольку в этот период обе страны были охвачены гражданской войной.*

*События в Афганистане также оказывают серьезное влияние на национальную безопасность Таджикистана. После обретения независимости в 1991 году Республика Таджикистан разработала конкретные направления своей внешней политики. В первый период он проводил политику изоляции от событий в Афганистане. Летом 1992 года дипломатические отношения между двумя странами были восстановлены. Приход к власти талибов в 1996 году заставил Таджикистан встать на новый путь в отношениях с Афганистаном.*

*Таким образом, кризис в Афганистане при поддержке представителей Таджикского оппозиционного союза оказал серьезное влияние на национальную безопасность Республики Таджикистан и региона, нарушил политическую ситуацию, мирные нормы въезда таджиков в их исконная религиозная культура оказала влияние на национальную психологию таджиков, политические и этнические конфликты. и создал религию в стране. Многолетний конфликт между таджиками создал угрозу государственной независимости и территориальной целостности Таджикистана и оказал негативное влияние на экономику, социальную и культурную жизнь таджикского народа, что до сих пор находится недалеко от внимания ученых и исследователей.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Афганистан, кризис, внутренняя война, влияние военно-политической ситуации, турбулентная ситуация, последствия, терроризм, религиозный экстремизм, политический процесс, негативное влияние, национальная безопасность, конфликт.*

***ШАРҚШИНОСӢ***

# АДАБ ЧУН САРЧАШМАИ ОСОРИ АХЛОҚИИ АБУЛҲАСАНИ МОВАРДӢ

**ШАҲЛОХОН МУРОДАЛӢ**
ходими хурди илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 901-77-93-93; E-mail: nazrullo.nazarov@mail.ru

*Абулҳасани Мовардӣ аз зумраи мутфаккирирон, олимон ва шоирони барҷастаи замони худ буда, дар ҳаёти ҳамонрӯза ба воситаи донишу малака ва рушди маънавиоташ саҳми бориз гузоштааст. Ӯ дар асл дӯстдори адабиёту фарҳанг буда, пайваста аз ин маънавиёт бархурдор будааст. Масъалаи адабиёт, фалсафа ва ахлоқ дар осори безаволи ӯ объективона ҳаёти мардумро инъикос намуда, баҳри татбиқи зиндагии шоистаи замонаш созгор будааст.*

*Дар мақолаи мазкур адабу ахлоқ ҳамчун сарчашмаи осори ин мутафаккир мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шуда, дар ин замина нигоҳи ин мутафаккирро дар равзанаи адабу фарҳанг ва ахлоқи ҳамида мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Абулҳасани Мовардӣ, адабиёт, Шарқи Наздик, ахлоқ, фалсафа, сиёсат, муҳити адабӣ, адабиёти татбиқӣ, равобити адабӣ.*

Абулҳасани Мовардӣ дар даврони мураккаб зистааст, дар замоне, ки муҳити фарҳангӣ-таърихӣ сода набуд. Ин замони сатҳи болои фатҳи мафкураи дини ислом, ташаккули давлатҳои этносентрикӣ дар дохили хилофат, даврони ҷангҳои байниҳамӣ, мухолифат ва тавтеаҳои сиёсӣ мебошад. Тавре Диноршоева З. дуруст қайд кардааст, “Ташаккули ҷаҳонбини, афкор ва таълимоти ин ё он мутафаккир ё олим, тавре ба ташаккули зуҳурони гуногуни фарҳанги маънавӣ ба таври умумӣ, бо даврон, ҳаёти сиёсӣ, иҷтисодӣ, маънавие вобаста аст, ки ба он мутафаккир мансуб аст. Бештар аз ин, нақши боризеро дар айни ҳол анъана, маишат ва ҳатто ҷойгиршавии ҷуғрофии он давлате дошта бошад, ки дар он нобиға парвариш ёфта аст. Равандҳое, ки дар ин давра ба вуҷуд омадаанд, дар таълимоти ин ё он файласуф, олим, мутафаккир акс меёбанд, ки он дар навбати худ ҷавобест ба ниёзмандиҳои даврони зисти ӯ” [2, с. 54]. Муҳити мазкур аз мутафаккирон ҳалли масъалаҳои мушкили сиёсӣ, адабӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ маҳз аз мавқеи назарияро талаб менамояд, ки он бояд дар муҳиту шароити нав инкишоф пайдо намояд.

Муҳити адабии Мовардӣ ба ҷаҳон як идда мутафаккиру олимони забардасти маорифпарвареро додааст, ки бо саҳми ақлонии худ натанҳо илм ва фарҳанги ҷаҳониро бою ғанӣ гардонидаанд, балки як идда соҳоти онро барои асрҳо ба таври куллӣ пеш бурдаанд. Ин нукта ҳам ба улуми дақиқ ва ҳам ба улуми иҷтимоӣ тааллуқ дорад, ки дар байни онҳо ҷойгоҳи адабиёту фалсафа ва соҳоти гуногуни онҳо барҷаста аст. Яке аз зуҳуроти муҳими ин давра мурочиат ба мероси пешин ва тарҷумаи сарчашмаҳои асосӣ, мурочиат ба таълимоти бостонӣ ва дониши фарҳангҳои гуногуне мебошад, ки ба ҳудуди хилофат ҳамроҳ карда шуданд.

Сарчашмаҳои асосиву муҳими ахлоқу адаби сиёсии асрҳои X-XI –ро чунин метавон тасниф кард: а) афкори бостонии ахлоқии юнонӣ, б) анъанҳои бостонии

фарҳангӣ-адабии Эрону Ҳинд; в) афкору ғояҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ; г) таълимоти гуногуни иҷтимоӣ-ахлоқии мардумони форсизабони шарқи асримиёнагӣ, д) анъаноти фарҳангии араб [4, с. 49].

Арабҳо мисли дигар намояндагони адабиёти ҷаҳон, муддати зиёд оид ба ҳудуди ақли инсон, андозаи фарогирии инсон аз дониши ҷаҳонӣ, ҳудуди озодии ирода, пайдоиши шарр дар олам ва тарзи дарки фармудаҳои китобҳои муқаддас - ба таври айнӣ ва ё рамзӣ, баҳсҳо кардаанд [5, с.165]. Омилҳои фарҳангие, ки дар даврони Аббосиён ба вуҷуд омада давраи нисбатан орому аз паси асрҳои нобасомонӣ фарорасидаро ташкил менамояд, сабабгори рушду нумуи бемисли фаъолияти хирад дар ин давра гардид. Рушди илм, адабиёт ва фарҳанг ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар маҷмуъ он фазои маънавиеро фароҳам овард, ки дар он афкори иҷтимоии даврони Мовардӣ, пешомадон, ҳамасрон ва пайравонаш амал кардааст. Ин давра дар раванди ҷамъбасти донишу амалияҳои марбути давра ташаккул ёфта, натиҷаву ҳосили он ба шумор меравад [7, с. 270-271].

Оид ба хусусиятҳои хоси давраи мазкур андеша ронда Жиёнбоқирӣ Ҳ. дар мавриди Фирдавсӣ чунин мешуморад, ки дар соҳаи маънавиёт, ҳаёти фарҳангӣ-мафкуравӣ арзишҳои асосиро сабру таҳаммул нисбат ба мавҷудияти динҳои гуногун-зардуштия, насрония, ислом ва ғ. ташкил карда аст, зеро маҳз дар ин замон рушду нумуи ақлгароиву фалсафаи самтгирифта ба моделҳои бостонии фалсафӣ-афкори Афлотуну Арасту, навафлотунияву раввоқиён, навпифагориёну низомҳои фалсафии Ибни Ровандӣ, мероси “Ихвонуссафо”, фаъолияти илмии ал-Форобӣ, Абубакри Розӣ, ал-Берунӣ, Ибни Сино ва дигарон ба назар мерасад. Дар ҳамин замина таълимоти фалсафӣ ва дар дохили онҳо-назарияву таълимоти нави ахлоқиву сиёсӣ зуҳур намудаанд. Ба таври мисол мафкураи “шоҳи одил” ва раияти ӯ он модели ҷомеаеро месозад, ки дар он хираду адолат ҳоким аст, дар ин мафкура орои утопиявии чунин мутафаккирон, монанди ал -Форобӣ, ал - Мовардӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ба шакли таълимот оид ба “мадинаи фозила” шакл гирифтааст. Фирдавсӣ таълимоти худро аз тариқи таърихи эпикии шоҳони воқеӣ ва афсонавӣ иброз доштааст, ки тибқи ибораи латифи ӯ, ҳама баргузидаи яздон буда, асрҳо ҳукм рондаанд, аз авлоди поку соҳибэътибор буда, аз неъмату боигарии зиёд, силоҳу сипоҳу ҷоҳ бениёз буданд, бинобар ин, бо доду беҳиш подшоҳӣ мекарданд ва ҳамеша дар пайи рафтору, кирдору пиндори нек буданд. Фирдавсӣ дар умури идорӣ ҳамеша пайгири хирад ва адолат будани подшоҳони пешинро таъкид кардааст, онро дар кори давлатдорӣ асосӣ мешуморад. Танҳо бинобар доштани ақл дар ”Шоҳнома” инсон аз кулли офариниш фарқ мекунад ва бо ақли худ ҳамаи ҳиссу нафсу шаҳватҳои инсониро идора менамояд, бо силоҳи мантиқ сӯйи дарки ҳақиқат равон аст [3, с.12].

Кӯшиши намояндагони фирқаҳои гуногуни ҷомеае, ки дар он Мовардӣ зистааст, бояд ба беҳбуди сатҳи ҳаёт равона гардида, чиҳати дидани фоида аз табиат ва ободии кишвар равона шуда бошад. Гарчанде ташаккули шуғли одамон аз ҷониби ҳокимон сурат мегирад, дар ҳолати мавҷудияти ниёзмандиҳои гуногуни дар ҳаёти одамон, он мувофиқи рушду нумуи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Агар ба ҷомеаи муосири мутафаккир муроҷиат намоем, дар он рушди маҳсулоти иҷтимоӣ тафовути молумулкӣ ва бартариятҳои иҷтимоиро ба вучуд оварда буд. Дар натиҷа ҳокимият ва бартариятҳои шоҳон мансуб ба сулола ва оила маҳсуб шуда, ба мерос гузошта мешуданд. Ҷомеае, ки дар он мутафаккир зистааст, пур аз ҷангу ҷидол ва мухолифатҳои хунин буда, онҳо ҳарчӣ бештар ҷомеаро пора мекарданд. Ҳокимияти дар ибтидо нерумандшавандаи сарҳангу

пешвоёни сипоҳ хеле зуд ба худ сифоти мутлақ пайдо карда муддатҳо шакли демократияи ҳарбиро нигоҳ медошт [3, с.13].

Масъалаи ҳокимият дар ҷомеаи асримиёнагии исломӣ яке аз масъалаҳои муҳим буда, ҷойгоҳи махсус дорад [3, с.13]. Тасаввуроти иҷтимоӣ-сиёсӣ, баррасии ҷанбаҳои динӣ ва дунявии он натанҳо хоси осори мутафаккирони динӣ ва фақеҳон, балки дар осори файласуфон, мутасаввифа, мутафаккирони ахлоқи асрҳои Х-Х1- давраи исломи классикӣ низ ба назар мерасанд. Дар ин давраи сатҳи фарҳанги маънавӣ хеле боло рафта, яке аз самтҳои ахлоқи сиёсӣ - насиҳати ҳокимон ё адаб рушду нуму пайдо намудааст, ки ба он тарзи ифодаи ҳақиқати илмиву ахлоқӣ ба таври ҷолибу дилчасп хос аст.

Омили муҳими рушду нумуи таълимоти фалсафӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ дар дар кишварҳои Шарқ дар асрҳои миёна – ташаккули фалсафа дар оғози асрҳои миёна мебошад, ки сароғози илму ҷаҳонбинии илмӣ будааст. Дар мавриди масъалаи аҳамияти баррасии масъалаҳои ақлгароӣ дар фалсафаи арабӣ-исломӣ ба қавли Фролова Е.А. чун масъалаи рушди афкори фалсафӣ ва ба таври умум- фарҳанги давраи асримиёнагии арабу исломии садаҳои 1Х-Х11 ба ҳисоб рафта, дар ин давра тарзи тафаккури моил ба илму ақлгароӣ ташаккул меёбад [7, с.3]. Маҳз дар ин давраи таърихӣ шароити мусоид барои ташаккули ақлгароӣ ҳамчун моҳияти дар рушди фалсафа таҷассумёфта ба вучуд омад. Даврони аввали асрҳои миёна маҳз ҳамин шароити мусоидро барои рушди илму адаб фароҳам оварда аст. Самтҳои гуногуни афкори фалсафаи шарқӣ ҳам пайгирӣ аз ақлгароӣ ва ҳам консептуалӣ шудани таълимотҳо, истифода аз дастгоҳи мантиқӣ-мафҳумиро намоиш дода, кушиши шарҳи олам ва инсонро аз тариқи мавқеъҳои гуногуни ғоявӣ анҷом медиҳад ва бо ҳамдигар ба мубориза ворид шуда, дар ин муҳорибаҳо тарзи шарҳи хосаи худро оид ба оламу одам сайқал медиҳанд, ки имрӯз онро илмӣ меномем ва силоҳи асосии он, албатта, ақл ва ақлгароӣ мебошад. Гарчанде ин фаҳмиш хеле густарда буда, таҳти мафҳуми “ақлгароӣ” шакли муайяни фалсафаронӣ дар асоси дониши ақлонӣ ва консептуалӣ кардани ин самт дар назар гирифта мешавад, ба он эътимоди қавӣ ба ақлу хирад ва имкониятҳои беохири онҳо хос буда, афкори иҷтимоӣ-фалсафии асримиёнагии шарқӣ дорои ин шакли ҷаҳонбинӣ мебошад. Дар дохили он орои ҳокими ҳаким ба вуҷуд омадааст, ки бо доду деҳиш ва дар асоси хирад аз болои раийяти худ ҳукмронӣ карда, раийяти ӯ низ ҷомеаеро месозад, ки дар он ақлу хирад ҳоким буда, бо он некрӯзиву рифоҳ фарогир ва сохтмони “мадинаи фозила” ва “давлати фозила” имконпазир хоҳад шуд. Мутафаккирони асримиёнагии Шарқ дар асоси ақлгароӣ инсонро аз ҳайвон боло дониста, онро қодир ба ром кардани ҳиссиёти носаҳеҳ ва аз тариқи ақл қобили дарки ҳақиқат шумоˈридаанд.

Дар замони муосир масъалаи таъсир ва ё таъсири мутақобилаи фарҳангҳои гуногун дар давраи мавриди баррасӣ ҳарчӣ бештар мавриди муҳокимаи илмӣ шуда истодааст. Дар ин маврид назаргоҳҳои гуногуне мавҷуданд. Тавре Волф М.Н. таъкид менамояд, тарафдорони як мавқеъ ҷонибдори нудрату хоса будани афкори назариявии Юнони бостон бошанд, ҷонибдорони мавқеи дигар моиланд ҳамаро ба истифода аз Шарқ пиндоранд [1, с.35-36]. Ҳамин тавр, масъалаи таъсири шарқӣ ба ташаккул ва такомули фалсафаи Юнони бостон хеле мушкил ба назар мерасад. На ҷонибдорони пайдоиши бумии фалсафаву илми юнонӣ ва на ҷонибдорони мавқеи дигар ва таъкидгарони сарчашмаҳои шарқии таълимоти кайҳоншиносии мутафаккирони Юнони бостонии асрҳои У1-У п.м. натавонистаанд ба таври пурра асли матлабро фарҳехта намуда, таҳияи тарҳрезии ин матлаб кори оянда мебошад.

Барои пайдо кардани роҳкорҳои каму беш ояндадор дар ҳалли масъалаи ташаккули фалсафа бояд баррасии маҷмуии вазъи фазои умумии фарҳангӣ дар баҳри Миёназамин дар асрҳои УП-У п.м. анҷом ёбад, ки бешак ба ташаккули олами эллинӣ таъсиргузор будааст. Таъсири шарқӣ ба фарҳанги юнони давраи мазкур, бешак мавҷуд буда, албатта, дар шакли таъсирпазирии оддӣ сурат нагирифтааст. Ба фикри мо, одилона мебуд, агар таъсири эронии имконпазир ба ташаккулу такомули фалсафаи юнонӣ мавриди баррасӣ гирифта шавад. Агар имконпазирии таъсирҳои шарқӣ, аз ҷумла эрониро қабул намоем, ба мо имконияти ҳал кардани масъалаи шаклу намудҳои ин гуна таъсирҳо (бевосита, бавосита, мутақобила), аҳамияти воқеии он дар рушди фалсафа даст дода, метавонем бифаҳмем, ки то чӣ андоза файласуфон “кур курона” аз афкори эронӣ истифода бурдаанд. Дар ин сурат бояд тарзу тариқи ҳалли ин масъала, роҳу усули он муқаррар карда шавад [1,35].

Инчунин бояд ба назар гирифт, ки то ҳол масъалаҳои марбут ба баррасии маҷмуии таъсиргузориҳои шарқӣ, алалхусус эронӣ ба ташаккули ибтидоии фалсафаи Юнони бостон бештар аз ҷониби мутахассисони таърих (бостоншиносон ва эроншиносон) ва ё адабиётшиносон гузошта шудааст.

Ақлгароӣ дар давраи мазкур сифатҳои муайян гирифта мазмунҳои гносеологӣ ва онтологӣ касб менамояд. Гарчанде байни калом ва фалсафа умумият ва алоқамандии муайяни мафкуравӣ мавҷуд бошад ҳам, афкори фалсафӣ ҳамчун гунаи дунявӣ ва ғайрисхоластикии ҳалли мушкилоти умумиҷаҳонбинӣ ташаккул ёфта, ҳамчун тарзи шарҳи олам дар асоси тасаввуроти илмии аз перипатетизм ва табиатшиносии бостонӣ обхурда тарҳрезӣ мегардид. Файласуфон назарияи комили нафс, хирад, тафаккур, донишро коркард намуда кушишҳои шарҳи моҳияти идеалии тафаккурро ба сомон расониданд [6, с.6].

Дар даврони Мовардӣ як идда осори ахлоқие пайдо шуданд, ки пеш аз ҳама ба ҳокимон равона шуда, барои доираи васеи хонандагони босаводи олимартаба пешбинӣ шуда, мувофиқи сабку усули таълиф, бояд ба онҳо донишҳои гуногуни ба исломи босавод заруриро дода дар онҳо усули ахлоқи исломиро тарбият намоянд. Ахлоқи сиёсӣ, ки бо номи «насиҳати мулук» «адаб» маъруф буд, мазмуни комилан дунявӣ дошта ба онҳо заминаи мантиқӣ-ақлоние, ки дар он бинои давлати ормонӣ, дорои тамобли сиёсии фоидаи умум, рушду такомул, танзим, башаргароӣ ва доду деҳиш эмор мегардид [5, с. 13].

Дар асоси ин гуна таъсирҳо мафкураи умумии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ офарида шудааст, ки таҳлили масъалаҳои иҷтимоӣ-ахлоқии он имконияти муайян кардану баён намулани асосҳои аксиологии тарбияи инсон дар заминаи усулҳои некманишӣ, хирад ва такя ба ақл, башардустӣ, адлу инсон, рушди ҳаматарафаву муназзами шахсият ва ҷомеаро фароҳам менамояд. Дар асрҳои миёна ин мафкура дар асари таъсири мураккаби анъанҳои фикрии эронӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва дигар сохта шудааст.

Шоирон ва мутафаккирони асрҳои Х-Х1- Форобӣ, Ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Низомулмулк, Мовардӣ ва дигарон аз мафоҳими ахлоқиву сиёсии низоми Шарқи Наздику Миёна истифода бурда дар айни замон доимо онҳоро бо анъанаи тарбиявиву ахлоқии Эрони бостону Ҳинд пайванд додаанд. Ин воқеият ҳангоми баррасии анъанаи ташаккули ахлоқи сиёсӣ эҳсос мегардад, ки дар ибтидои худ онро “адаб ” меномиданд [4, с. 16].

Дар давраи Сосонӣ усули адабии “Шоҳнома”, “Худойнома”, “Тоҷнома” ва ғ. пайдо шуда, минбаъ ба забони арабӣ тарҷума шуданд, ки дар онҳо асотиру қиссаҳои эпикии Эрон ва подшоҳии шоҳон, қиссаву афсонаи марбут ба шоҳон, таърихи ҳарбӣ ва иҷтимоӣ асосҳои этикети шоҳон ва дарбор ва амсоли ин дарҷ гардиданд.

Ҳамин тавр, дар ташаккул ва такомули таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Шарқи Наздику Миёнаи асримиёнагӣ шакли адабии “насиҳати мулук” ҳамчун ахлоқи сиёсӣ ва ё жанри фалсафӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ-адабии асрҳои X-X1 дар раванди донишомузӣ таъсири назаррасе доштааст. Жанри “насиҳати мулук” ҳамчун яке аз тамоюлҳои ахлоқи асримиёнагӣ аз ахлоқи назарӣ фарқ мекунад. Фарқи он дар ақлгароёна будани ҷанбаҳои назариявӣ буда, онҳо бо фаъол будану ба амалия моил будан тавсиф мегарданд. Ахлоқи ин давра дар худ ҳикмат ва хусусиятҳои маънавӣ ва бунёдҳои ҷаҳонфаҳмии мактабу равияҳои фалсафӣ-ахлоқии наслҳои пешинаи мутафаккиронро ҷазб кардаанд. Дар он ба таври мунтазаму табиӣ орои Арасту, Ибни Мискавайҳ, ал-Форобӣ, Ибни Сино, ал-Ғаззолӣ ва ғ. пайваст шудаанд, гарчанде ин пайванд ҳеҷ гоҳ шакли механикии печиши ин афкорро надорад.

Носеҳони асрҳои X-X1 натанҳо сарчашмаҳои ахлоқи ниёгонро омухта, ба таври танқидӣ онҳоро бо ниёзмандиҳои даврони худ –даврони класситсизм коркард кардаанд, балки бо он афкори фалсафӣ-ахлоқиро бо фикру андешаи нави назариявӣ бою ғанӣ гардонидаанд. Онҳо кушидаанд, то пайванди мутақобилаи сиёсат ва ахлоқро ошкор карда, моҳияти омилҳоеро баён намоянд, ки сабабгори таъсири куллии дин ва мушаххасан ахлоқро ба ташаккулу рушди амалияи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва назарияи хилофату салтанат мебошанд [4, с.18].

Шоирони “насиҳати мулук” мехостанд ба куҳнагароии сиёсат таъсир расонанд, ки монеъи рушди натанҳо ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоӣ, балки дигар шаклҳои мафкура буда, ин амалро аз тариқи насиҳату андарз, бо мурочиат ба арзишҳои муқаддас анҷом медоданд. Онҳо ба он бовар буданд, ки ахлоқ танзимгари амалҳои иҷтимоӣ ва фардӣ мебошад, аз ин рӯ, он аз сиёсат ногусастанӣ буда, дар ҳошияи динӣ-ҳуқуқӣ фармудаҳои иҷтимоиро ба омили танзимгар ва вусъатдиҳандаи фаъолияҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ, амалҳои ахлоқии ҳокимон ва атрофи онон мубаддал менамояд.

Дар жанри “насиҳати мулук” ба шахсияти султон аҳамияти зиёд дода шуда, нақши он дар давлат муайян мегардад, масъалаҳои такмили сифатҳои ахлоқии он баррасӣ мешаванд. Ба ин тариқ дар он ҳокимро ба ҳайси “сарчашмаи ибрат” муаррифӣ карда, дар назди ӯ вазифаҳои муҳиму масъулиятнокеро мегузоштанд, ки иҷрои онҳо ӯро аз ҷиҳати ахоқӣ такмил мекарданд. Ва ин ҳам шарти асосии сиёсати некуманиш ба ҳисоб меравад. Зеро дар давлати пайрави сиёсати некуманиш ҳар як фард хоҳони расидан ба камолот ва саодат аст. Агар давлат аз ҷониби ҳокими одилу мукаммал идора карда шавад, ҳамаи раийят дар пайравӣ аз ӯ кӯшои расидан ба некуиву камолот хошанд буд [4, с.19].

Шоирон ва мутафаккирон дар пайравӣ аз жанри “насиҳати мулук” дар асрҳои X-X1 як идда афкори арзишмандеро оид ба тарбияи ахлоқӣ ва такомули ахлоқии ҳокимон ва инсон ифода намудаанд. Хусусан, онҳо афкореро оид ба таъсиргузории сифоти салотиин ба муҳити ахлоқии ҷомеа, ҳокимон чун сарчашмаи ахлоқ ва ибрат, салотини боадлу дод, ки мувофиқи ақли солим ва воқеият буданд, ифода кардаанд. Қобили зикр аст, ки кӯшишҳои илми ахлоқро чун танзимгари иҷтимоӣ ҷорӣ кардану бо истифода аз ин илм ба ҳокимон таъсири маънавӣ ворид намудан баандозае нақши мусбати худро

натанҳо дар воқеияти иҷтимоии даврони асрҳои миёна, балки дар рушди ояндаи афкори ватании ахлоқӣ гузошт. Дар ҳар сурат қариб ҳамаи нуктаҳои бунёдии назариявии таълимоти онҳо, мазмуну муҳтавои объективии онҳо дар осори адабӣ-ахлоқии мутафаккирони баъдӣ инъикос ёфтаанд.

**АДАБИЁТ**:


1. Вольф М.Н. Ранняя греческая философия в поисках объяснительного принципа. Новосибирск. 2021. с. 35.
2. Диноршоева З.М. Гражданская философия ал-Фараби. Душанбе, 2004. –254с.
3. Жиянбагери Хамиде. Понятия государство и общество в социально-политических воззрениях Абулкасима Фирдавси. Душанбе, 2014 АКД.-с. 12.
4. Камолова Х. К. Проблемы политической этики в трудах таджикских мыслителей Х-Х1 вв. АКД. Душанбе, 2006г
5. Старр С.Ф. Утраченное просвещение. М. 2017. С. 165.
6. Фролова Е.А. Рационализм в арабо-мусульманской философии / Рационалистическая традиция и современность. Ближний и Средний Восток. М.: Наука. Главная редакция восточной литературы. 1990. -280с. –с. 3.
7. Хитти Ф. Творцы арабской истории/ Пер. Фрайха Аниса,ред. "Зайида Махмуда.- Бейрут: изд-во "Дар ассакафа", 1969.-С 270-271 (на араб, языке). См.: Аддифаа А.А. Наука в арабо-мусульманской цивилизации. -Бейрут: изд-во " Муассасад аррисаля",1983.-2-е изд. - С.68.


## ЛИТЕРАТУРА КАК ИСТОЧНИК НРАВСТВЕННЫХ ТВОРЕНИЙ АБУЛХАСАНА МОВАРДИ


**ШАХЛОХОН МУРОДАЛИ**

младший научный сотрудник отдела Ближнего и Среднего Востока ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 901-77-93-93; Электронная почта: nazrullo.nazarov@mail.ru.



*Абулхасан Моварди – один из выдающихся мыслителей, ученых и поэтов своего времени, внесший значительный вклад в свою современную жизнь своими знаниями, умениями и духовным развитием. На самом деле он любитель литературы и культуры и всегда наслаждался этой духовностью. Проблема литературы, философии и этики в его произведениях объективно отражала жизнь народа и была совместима с осуществлением достойной жизни его эпохи.*

*В данной статье исследуются и анализируются некоторые вопроса литературы и этики как источник творчества этого мыслителя, и в этом контексте обсуждается взгляд данном мыслителя в контексте литературы, культуры и этики.*



***Ключевые слова:*** *Абулхасани Моварди, литература, Ближний Восток, этика, философия, политика, литературная среда, прикладная литература, литературные связи.*


## LITERATURE AS A SOURCE OF THE MORAL WORKS OF ABULHASAN MOVARDI


**SHAHLOKHAN MORADALI**

junior researcher of the Middle and Near East department of the ISPAEC NAST Address: 734025, Republic of Tajikistan, c. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 901-77-93-93; E-mail: nazrullo.nazarov@mail.ru

*Abulhasani Movardi is one of the prominent thinkers, scientists and poets of his time. He made a significant contribution to his modern life through his knowledge, skills and spiritual development. He is actually a lover of literature and culture and has always enjoyed this spirituality. The issue of literature, philosophy and ethics in his works objectively reflected the history of the people and was compatible with the implementation of a worthy life of his time.*

*In this article, literature and ethics as the source of the works of this thinker are studies and analyzed. In this context, the view of this thinker in the context of literature, culture and ethics is discussed.*

***Keywords:*** *Abulhasani Movardi, literature, Middle East, ethics, philosophy, politics, literary environment, applied literature, literary relations.*

## НАҚШИ МУҲАММАДҲУСАЙНИ ШАҲРИЁР ДАР ТАҲАВВУЛИ ШЕЪРИ МУОСИРИ ЭРОН

**ГУЛОВА ГУЛРЕЗА**

докторанти PhD-и курси дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: 927525533. E-mail: gulova@bk.ru

*Барои ҳавзаи адабии Тоҷикистони соҳибистиқлол зиндагиву осор ва ашъори яз зумра адибону шоирони муосири эронӣ шинос нестанд ва агар бошанд ҳам дар маҳдудаи танге ба чашм мехӯрад, ки ин боиси нуқс дар таҳқиқоти адабии форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Аз ҷумлаи чунин шоирони машҳури Эрони муосир Шаҳриёр мебошад, ки ашъори ғановатманди ӯро ғайр аз чанд нафар эроншиноси тоҷик дигар касе ошно нест. Шаҳриёр аз ҷумлаи шоирони муосире мебошад, ки шеъри ӯ на танҳо дар Эрон, балкӣ берун аз он ба мисли Аврупову Шарқ шуҳрати намоён дорад. Дар мақолаи мавриди назар перомуни ҳаёт, фаъолият, ашъор ва зиндагиномаи ин шоири шаҳир таҳқиқот анҷом дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *робитаҳои адабӣ, шеър, шоир, адабиёти татбиқӣ, Эрон, муосир, ҳавзаҳои адабӣ, ғазал.*

Шаҳриёр аз зумраи шоирони тавоно ва суханпардозони номдори Эрони муосир мебошад. Зиёда аз ним қарн аст, ки ашъори оламшумули вай дар кишвараш даст ба даст мегардад ва нусхаҳои шеъри ӯро мардум ба расми ёдгор ва армуғон ба ҳамдигар мефиристоданд.

Ҷомеаи шеършиносони Эрон, чӣ муътақидони шеъри қадим ва чӣ тарафдорони “шеъри нав” шеваи каломи шоирро меписанданд. Масалан, мунаққиди сахтгир А. Дастрайб номи Шаҳриёрро дар радифи бузургтарин устодони шеъру адаби муосири Эрон монанди М. Баҳор, Эраҷ Мирзо, Ишқӣ, Орифи Казвинӣ, Фаррухии Яздӣ ва Парвини Эътисомӣ ёд мекунад. Дар олами шеъру шоирӣ низ мақоми шоирро бисёр азиз ва маҳбуб медонанд ва ӯро бо эҳтиром “устод” мехонад. Байтҳои зерини шоири маъруф Ядуллои Аминӣ (Мафтун) гувоҳи ҳамин эҳсосоти самимӣ нисбат ба шоир мебошад;

Эй миёни базми дилҳо шамъи сӯзон, Шаҳриёр,
Охирин султони мулки майфурӯшон, Шаҳриёр.
Ғамгусори мардуми ҳасраткаши даврони мо,
Тарҷумони рӯҳи гунги дардмандон, Шаҳриёр
Дар муҳити сарди имрӯзӣ, ки дилҳо мурдааст,

Нури хуршед аст дар фасли зимистон Шаҳриёр.
Аввалин устоди шеъру охирин султони ишқ,
Ҳар куҷо номи ту дар оғозу поён, Шаҳриёр [9, с. 3].

Ҳамин қабули завқи умум ва мақоми баланди шоир дар шеъри муосири форсӣ мебошад, ки омӯзишгоҳе дар Табрез ба номи вай номгузорӣ шуда, рӯзи 7 ё 8-уми март ҳар сол (16 исфандмоҳ) ба унвони “рӯзи Шаҳриёр” дар зодгоҳаш ҷашн гирифта мешвад.

Омили ин шуҳрати босазо танҳо лутф ва табъи файзбори шоир аст, ки худи ӯ низ бо камоли ифтихор дар ашъораш ба он ишора кардааст.

Май аз савомеи кохи рафеи маърифатам,
Ки дар муқобили он осмон кунад таъзим.
Ба шаҳриёрии мулки сухан баредам ном,
Барои хотири лутфи калому табъи салим.

Хонандагони давраи шуравӣ бо ном ва эҷодиёти Шаҳриёр дер боз ошно ҳастанд. Намунаи ашъори ӯ ба забонҳои русӣ ва озарбойҷонӣ борҳо ба чоп расидааст. Чанд сол пеш осори мунтахаби шоир дар Боку интишор ёфт, ки вай манзумаҳои “Ҳайдарбобо”, “Афсонаи шаб”, ”Эй вой модарам” ва дигар осори шоирро дар бар мегирад. Шуҳрати Шаҳриёр дар Тоҷикистон бо воситаи ғазалҳояш паҳн гардидааст. Баъзе намунаҳои ашъораш аз он ҷумла достони “Қаҳрамонии Сталинград” саҳифаҳои маҷмуа ва рӯзномаву маҷаллоти мухталифро оростаанд ва аз тарафи хонандагони шеърдӯсти тоҷик баҳои баланд гирифтаанд. Илова бар ин ғазалҳои “Ҳоло чаро?”, ”Як шаб бо Қамар”, “Таронаи ҷовидон” ва амсоли он дар миёни сарояндагони ҷумҳурии мо шуҳрати босазое доранд.

Сайид Муҳаммадҳусайн Бедчати Табрезӣ, мутахаллис ба Шаҳриёр соли 1906 дар Табрез ба дунё омадааст. Падараш Ҳоҷӣ Мирокои Хушкинобӣ аз мардони фозил ва хушнависони замон буд. Айёми кудакии шоир дар зодгоҳаш ва деҳоти атрофи он, аз он ҷумла Хушкиноб, ки аҷдодони вай аслан аз он ҷо будаанд, гузаштааст. Ӯ таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро дар назди падар ва мактабҳои миёнаи Табрез оғоз карда, сипас ба Теҳрон омада, таҳсилоти миёнаро дар мадрасаи “Дорулфунун” ба поён расондааст. Пас аз он ба мадрасаи тиббӣ дохил мешавад, вале ба далели нороҳатии хаёл ва пеш омадҳои дигар таҳсилро аз соли охир, яъне аз соли панҷум раҳо мекунад. Баъдан Шаҳриёр, ба саъю кушишҳои дӯстон ва хешовандонаш нигоҳ накарда, дигар ба касби итихобкардааш рағбате нишон намедиҳад ва соли 1932 вориди хидмати давлат мешавад.

Чанд сол дар шаҳрҳои Нишопуру Машҳад вазифаҳои гуногуни идоравиро анҷом дода, соли 1937 ба Теҳрон бармегардад ва дар бонки кишоварзӣ ба вазифаи ҳисобдор ба кор дохил мешавад. Ҳарчанд худи шоир дар яке аз маснавиҳояш ба корҳои идоравию ҳисоб майлу рағбат надоштанашро таъкид намудааст.

Хидмати ман идора рафтан нест,
Мухмали гуфтану шунидан нест.
Ман ба кори ҳисоб мард наям,
Балки бо ин ҳисоб мурданиям [3, с. 53].

Мегӯяд, вале маҷбур буд барои таъмини маишат солҳои зиёд ба ин гуна корҳо машғул гардад. Баъди як муддати кутоҳи иқомат дар Теҳрон шоир аз танҳоӣ ва нороҳатиҳои зиндагӣ ба танг омада, ба диёри худ меравад ва солҳои зиёд дар он ҷо мемонад ва ҳоло бо оилааш дар он мисли бисёре аз ҳунармандони он диёр ҳаёти фақиронае ба сар мебарад. Байти зерин шоҳиди ин воқеияти талх аст.

Маро сармоя табъе буд в-он ҳам
Ки дар ин ҷомеа қиммат надорад.
Чунон дар заҳматам аз зиндагонӣ,
Ки мурдан пеши ман з-одат надорад.

Шаҳриёр забоҳои арабӣ ва франсавиро хуб медонад ва дар навохтани сетор устод аст. Бинобар ин шеъраш бо мусиқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Ба қавли худи шоир:

Шарҳи шурангези ишқи Шаҳриёр,
Дар ғазал мепечаду сими сетор.

Шаҳриёр бисёр дар ҷавонӣ ба шеъргӯйӣ шуруъ кардааст. Аввал дар шеър “Беҳдат” тахаллус кардааст. Вале баъдтар ба мақсади интихоби тахаллус дубора аз девони Ҳофиз фол мегирад ва байтҳои зеринро ба қалам меорад:

Давоми умру мулки ӯ бихоҳ аз лутфи ҳақ, эй дил,
Ки чарх ин сиккаи давлат ба номи шаҳриёрон зад.

Ё байти зерин:

Ғами ғарибию ғурбат чу бар наметобам,
Ба шаҳри худ раваму шаҳриёри худ бошам [9, с. 5].

Он гоҳ тахаллусашро ба “Шаҳриёр”, ки дар байтҳои мазкури Ҳофиз ҷой дорад иваз менамояд ва бо ин ном дар адабиёти Эрон шуҳрат меёбад. Ба ин муносибат худи ӯ чунин мегӯяд:

Гадои Хоҷа будам дар азал худ шаҳриёрам хонд,
Чӣ ҷойи он, ки Шерозам бихонад Ҳофизи сонӣ.

Аввалин маҷмуаи ашъори Шаҳриёр соли 1928 бо сарсухани Маликушшуаро Баҳор, Саид Нафисӣ ва Пажмони Бахтиёрӣ ба табъ расидааст. Шоири бузург ва олими дақиқсанҷ аз мутолиаи ашъори шоири ҷавон ба ваҷд омада, ӯро на танҳо ифтихори Эрон, балки ифтихори олами Шарқ мешуморад ва ба ояндаи дурахшони вай умедҳои калон изҳор менамояд. Пас аз чанде манзумаи “Рухи Парвона”, дар нашриёти Эрон чоп мешавад ва шуҳрати ӯро бештар мегардонад. Соли 1952 маҷмуаи нави осори шоир, ки асосан ғазалиёту қитъаҳои ӯро дар бар мегирад, дар ду ҷилд нашр мегардад.

Зимнан бояд қайд кард, ки Шаҳриёр монанди тамоми ҳунармандони бузург сахттарин ва бераҳмтарин мунаққиди осори худ мебошад. Яке аз дӯстони наздик ва ҳамкорони шоир Муҳаммади Зухарӣ менависад, ки ҳар гоҳ мухлисон ва ҳаводорони ашъораш аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки девонашро ба чоп расонад вай дар ҷавоб мегуфт:” ҳанӯз зуд аст, ки ман ба чопи девон бипардозам. Ашъоре, ки гуфтаам хуб ҳам дорад, бад ҳам дорад. Ҳамаи инҳо муҳтоҷи расидагӣ ва мурури муҷаддад аст. Бояд бимонад, бояд он чӣ қобил ва ноқобил аз якдигар тафқиқ шавад. Хеле шеър мегӯянд ва хеле шеър чоп мекунад. Шоир ва нависандае эҳтироми худро медорад, ки барои хонандааш ҳам эҳтироме қоил шавад” [9, с.6].

Ниҳоят соли 1967 бо исрору кӯшишҳои зиёд ба дӯстонаш муяссар мегардад, ки ашъори парокандаи ӯро гирд оварда, куллиёти ӯро дар ду ҷилд ба табъ расонанд. Ин куллиёт, ки бо тасҳеҳи худи шоир ба чоп омода шуда, мавриди истиқболи гарми хонандагон қарор гирифта, чандин маротиба аст, ки такроран интишор меёбад.

Баъзе мунаққидони Эрон Шаҳриёрро “яке аз охирин посдорони шеъри асили форсӣ”ва ё ба қавли шоири муосир Мафтун “охирин султони мулки майфурӯшон” мешуморанд. Дар ҳақиқат ҳам агар мо ҷомаи фохири ғазалиёти зебо, забони суфта ва хушоҳанги осори ӯро дар қолабҳои расмии шеъри қадими форсу тоҷик ба назар гирем,

хоҳем дид, ки устод Шаҳриёр дар ин майдон аз шаҳриёрони воқеъӣ аст. Вале бо вуҷуди ин азамат ва маҳорат дар шеъри куҳан Шаҳриёр аз пайравони мутаассиби ин сабки сухангӯй нест. Агар ҳар гоҳ дар баёни афкораш дар қолабҳои шеъри қадим маҳдудияте ҳис кунад, ки монеъаи парвози хаёлу андешаҳои солим бошад, вай бебокона он садҳоро мешиканад ва марому мақсади худро дар муносибтарин шаклҳои шеърии имрӯз, ки аз қайду банди арӯз озодтар ҳастанд, ҷо медиҳад. Лекин як шоири забардаст ҳаргиз забони латифи шеър, қоидаҳои матлуби назми классикӣ ва оҳангу мусиқии каломро фидои ҳавову ҳаваси "навоварӣ" намекунад ва ё фикру мазмунеро аз адабиёти араб, ки дар 20-25 соли охир дар фарҳанг ва тамаддуни Эрон нуфузи бисёре ҳосил карда буд, намегирад. Балки ба дунё аз дидгоҳи худ нигариста сухан аз муҳити худ, мушоҳидот, эҳсосот ва таҷрибаҳои ҳаёти худ мегӯяд ва ин суханон ҳаргиз аз ҷаҳони хаёлу завқи табиӣ берун намераванд. Бинобар,  ин замоне, ки баъзе аз шоирони ҷавони муосир дар талоши навҷӯйи гоҳо ашъоре месозанд, ки бо табиати шеъри форсу-тоҷик чандон созгорӣ надоранд,  баъзе намунаҳои осори Шаҳриёр нишондиҳандаи роҳу  равиши дурусти шеъри имрӯзи Эрон мебошад.

Чуноне, ки ишора кардем Шаҳриёр тақрибан дар тамоми жанрҳои маъмули классикӣ шеър эҷод кардааст. Вале дар миёни онҳо ғазал мақеи махсусе дорад. Шоир дар ин жанр бисёр тавоно аст . Дар миёни зиёда аз 360 ғазале, ки дар куллиёташ дарҷ гардидааст, ашъори сусту носуфта ниҳоят кам аст. Албатта, ғазалиёти шоир дар солҳои гуногун, зери таъсири шароиту ҳолатҳои мухталиф эҷод гардидаанд ва табъан аз ҷиҳати арзиши адабӣ ва маънавӣ баробар нестанд. Дар миёни онҳо гоҳо ғазале ё абёте низ дучор мешавад, ки ба пояи ашъори зебои вай намерасанд ва худи шоир низ ба он ишора кардааст. Вале миқдори чунин абёт ниҳоят кам аст ва кирои баҳсу гуфтугӯ намекунад.

Гузашт аз пухтагии фикру мазмун ғазалиёти Шаҳриёр аз назари санъати шеърӣ низ комил мебошанд. Ҳеҷ гоҳ дар вазну қофияи ғазалҳояш навоқисе ба назар намерасад ва ё дар парвариши мазмун изҳори нотавонӣ намекунад. Шаҳриёр муддате аз пайравони афкори тасаввуф буда, як силсила ғазалу шеърҳо дар ин замина офаридааст. Вале орифи гушагир ва суфии пуштипо ба ҷаҳонзадае намешавад ва дере нагузашта аз ин роҳ баргашта умри худро ба роҳи шеъру шоирӣ мебахшад. Дар баъзе ғазалҳояш монанди "Рахти сиёҳу бахти сафед", "Русиёҳи ҳиҷоб", "Дам бизан эй зан", "Иди хун" ва "Арбоби зимистон" шоир кӯшиш кардааст, ки дар мавзуъҳои озодии занон, ранҷу дарди камбағалон, ватандӯстӣ  ва аз қабили он сухан гӯяд. Чуноне, ки маълум аст ғунҷонидани мавзуъҳои иҷтимоӣ дар қолаби мавзуни ғазал, ки барои мазмунҳои лирикӣ ва ишқӣ омодатар аст, кори басо мушкил буда, диққат ва маҳорати фаровонеро мехоҳад.

Шаҳриёр дар ғазалсароӣ аз пайравони Ҳофизи Шерозист, тавре ки мегӯяд: "Ҳар чӣ дорам, ҳама аз давлати Ҳофиз дорам" [9, с.8].

Эътиқод ва ихлоси шоир ба ин устоди бузурги сухан ба андозаест, ки даҳҳо шеър дар васфи ӯ суруда, зиёда аз 100 ғазали вайро ҷавоб гуфтааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими ғазалиёти шоир дар он аст, ки онҳо ба ҳаёти вай бисёр вобаста мебошанд. Аксарияти онҳо алоқамандона ба ин ё он лаҳзаҳои зиндагии шахсӣ ё иҷтимоии ӯ суруда шудаанд. Чунон,  ки худи шоир мегӯяд:

Дар шевани ҷунун ғами зодан тааммуле,
Пайдост матни нома зи унвони зиндагӣ.

Бинобар ин, онҳо ҳар тавре, ки таъбир ва тафсир нагарданд, ба зиндагонии шоир наздик ҳастанд. Хулоса, ғазалиёти Шаҳриёр оинаи ҳаёт ва рӯзгори ӯ буда, мероси арзандаест, ки аз вай дар таърихи адабиёти Эрон ҷовидона хоҳад монд.

Дар олами қасидасароӣ Шаҳриёр чандон маъруф нест. Қасида дар осори вай мавқеъи дуюмдараҷа дорад ва бисёре аз он дар мавзуъҳои динӣ интишор гардидаанд. Забони қасидаҳояш равон ва фасеҳ буда, миқдори абёташ нисбатан камтар аст. Зебоии фикр ва бадеият, ба ақидаҳои муҳаққиқон ба андозаи ғазалҳояш дар қасоидаш ҳам мавҷ мезанад.

Яке аз шоҳкориҳои заволнопазири Шаҳриёр достони “Қаҳрамонони Сталинград” мебошад. Албатта дар ин баҳси мухтасар таҳлил ва тавсифи манзарасозиҳо, қудрати таҷассум ва баёни шоир дар ин достон аз имкон берун аст. Бинобар ин дар ин ҷо мо танҳо ба чанд нуқтаи муҳими он ишора карда мегузарем.

Шаҳриёр аз набарди Сталинград як достони афсонавӣ насохтааст. Тамоми ҳодисот ва рӯйдодҳо ҳамон тавре, ки дар амал воқеъ гашта буданд, тасвир шудааст. Қалами муъҷизанигори шоир ин саҳнаро бо чунон маҳорат ва ба андозае ба ҳақиқати таърихӣ наздик таҷассум кардааст, ки хонанда тасаввур мекунад, ки шоир шахсан шоҳид ва иштироккунандаи он воқеъа будааст. Масалан:

Шаҳсаворон селосо дар пайи душман равон,
Ғурриши фармондеҳон ҳар дам фузун, ҳар лаҳза беш.
Тонке аз кор уфтода, тупҳову ҳам чунон
Пеш метозад, ки бошад, истодан куфри кеш,
Чун паланги захмӣ он як дар бронкор ғарқи хун.
Дам ба дам ғуришкунон, худ медиҳад фармон: пеш!
Кист донӣ? Ҳарду поро туп бурда афсаре [3, с. 78].

Зимнан бояд гуфт, ки қудрати тафаккур ва хаёлпардозии шоир бисёр баланд аст. Аз ин рӯй гувоҳии яке аз дӯстонаш вақте, ки Шаҳриёр манзумаи “Тахти Ҷамшед”-и худро дар ҳузури ҷамоате мехонад, ҳама хаёл мекунанд, ки шоир ин сохтмони таърихиро борҳо тамошо кардааст. Зеро мефармояд:

Баъди эй қарн сабоватсимост,
Сангҳо сайқаливу чеҳранамост.

Тасвири ҳақиқии вазъи кунунӣ боқимондаҳои ин биност. Вале чӣ ҷойи тааҷуб ва ҳайрат буд вақте, ки шунавандагон мефаҳманд, ки шоир ҳеҷ вақт тахти Ҷамшедро надидааст. Ҳамин тавр ҳам вақте, ки Шаҳриёр шаҳри Сталинградро тасвир мекунад кас гумон мекунад, ки вай бо ин шаҳр ба хубӣ ошност:

Шаҳри Оҳан, сарзамини қаҳрамонон, бошукуҳ,
Ҳалқасон Волга гирифта дар миёнаш чун нигин
Сабзазорон сар кашида то ба домони уфуқ,
Бешазорон турфа чун маҳди шерон захмгин,
Бурҷу боруҳо ба сони посбонони абус,
Чашм дар раҳ ҳар яке аз гӯшае дорад камин,
Ҳаёт гӯйи интизори фитнаву шуру шаре [3, с. 20].

Шоир нисбат ба Иттифоқи Советӣ ҳисси дӯстона ва эҳтироми бузурге дорад. Ӯ ин “кишвари паҳновари досу чакушро”-ро сарзамини мардуми хушбахт мешуморад ва ба биҳишти афсонавӣ монанд мекунад.

Бар сари амвоҷи тӯфони шабонгаҳ Аҳриман,

Ногаҳон дунёи хокӣ дид хандон чун биҳишт.
Духтарони Украин дар киштзоре дода сар,
Бо суруди досу чаккуш нағмаи урдибиҳишт.

Вале ин“биҳишти дунёи хокӣ” барои душманонаш саҳмгин ва дандоншикан аст. Бинобар ин вақте, ки ғоратгарони гитлерӣ “Европаро фурӯ бурда” ба ин диёр по мениҳанд, дар ҳар қадам бо муқобилияти беназири “мардуми сарзамини озодагон” рӯ ба рӯ мешаванд:

Аждаҳо дар сарзамини саҳмгине мехазид,
В-он чӣ бо ӯ рӯ ба рӯ дандоншикан, пархошҷӯ.
Ӯ Уропоро ба осонӣ фуру балъида буд,
Лек ин ҷо бо чӣ душворӣ барад шаҳре фурӯ
Иштиҳои ҳар дам афзунтар ба худ бинад, вале
Луқмаҳои устухондор асту медаррад гулӯ.
Боз дар ҳар хез дарпечад ба ҳам баҳру баре.

Ҳиссиёти самимонаи шоир ба ҳадди олӣ мерасад, ки ӯ дар бораи халқи советӣ сухан мегӯяд. Ҷонбозӣ ва қаҳрамонии бе мислу монанди одамони советӣ дар муҳорибаи Сталинград ва умуман дар замони ҷанг бо Германияи фашистӣ, Шаҳриёрро ба андозае мутаасир мекунад, ки вай ба иродаи устувор ва рӯҳи шикастнопазири ин халқи қаҳрамон таҳсин мехонад:

Эй фаре, бар инчунин имони пӯлодин, фаре!

Бояд дар назар дошт, ки дар замони  ҳукмронии Паҳлавӣ (1925-1979), ки изҳори ҳар гуна самимият ва муҳаббат нисбат ба “кишвари досу чаккуш) хавфи ҷон дошт, Шаҳриёр чӣ шаҳомати мардонае зоҳир кардааст.

Масъалаи қолаби шеърии ин достон низ тозагиҳои ҷолибе дорад. Чунонки дар мисолҳои боло дидем, ҳар банди достон аз ҳафт мисраъ иборат буда, мисраҳои дуюм, чаҳорум ва шашум ҳамқофия омаданд. Мисраи охир бошад озод ва бо мисраҳои ҳафтуми ҳар яке аз 41 банди достон ҳамқофия шудаанд, ки мислашро мо дар адабиёти классикӣ дучор нашудем.

Чизи дигаре, ки дар ин достон ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, лаҳни тантанавор, каломи бо салобату пурфурӯғест, ки бо мавзуъ таносуби комил ва ҳамоҳангии том дорад. Дар он баландии рӯҳ ва табъи хамосасароии Фирдавсӣ ба хубӣ ошкор аст. Гузашта аз инҳо, дар достон ташбеҳоти тоза байтҳои латифу зебо бисёр аст. Масалан, вақте ки духтарон гранатаҳо ба камар баста, барои гирифтани “тоҷи ифтихор “худро ба зери танкҳои душман мепартоянд” шоир мегӯяд:

Бо сари зулфе, ки дар пойи Ватан мерехтанд,
Оҳанин тадбири душманро табоҳ месохтанд.

Ин мисраъҳо ба ғайр аз маънои баланд, аз назари шоирӣ низ дилангез мебошанд. Хулоса, дар ин асари Шаҳриёр тамоми нозуккориҳо, хаёлпардозиҳои шоирона ва сеҳрофариниҳое, ки ба устодони бузурги адаб нисбат медиҳанд, ба таври олӣ тасвир ёфтаанд. Шоири пуртаҷриба аз ин саҳнаи дурахшони таърихӣ барои моҷароҷӯён дарси ибрат ва барои наслҳои оянда як сабақи диловарӣ ва шуҷоат бунёд кардааст.

Қитъа, рубоӣ ва дигар ашъори мутаффакире, ки Шаҳриёр дар мазмунҳои лирикӣ, фалсафӣ ва ғайра эҷод кардааст, ҳар кадом дар навъи худ хонданӣ ва дилнишин мебошанд. Илова бар ин Шаҳриёр ба лаҳҷаҳои маҳаллии озорбойҷонӣ низ шеърҳо эҷод кардааст. Масалан манзумаи “Салом ба Ҳайдарбобо”, ба шаҳодати донишмандон яке аз

шоҳкориҳои назми муосири туркизабон ба шумор меравад. Ин асарҳо борҳо дар Туркия ва Озорбойҷони Советӣ ба чоп расида, чандин тарҷумаи форсӣ низ доранд [5, с. 148].

Чунон ки гуфтем Шаҳриёр аз гӯяндагонест, ки ба ғайр аз мазмунофариниҳои тоза дар шаклҳои шеърӣ низ ташаббус ва навовариҳое ба вуҷуд овардааст. Ин эҷодкориҳои шоир ду гурӯҳанд.

Гурӯҳи якум шеърҳое мебошанд, ки дар онҳо бо каму зиёд кардани мисраҳо ва ё қофиябандии мисраҳо, монанди достони “Қаҳрамонони Сталинград”, манзумаҳои “Ду мури биҳиштӣ”, ”Ҳазёни дил”ва ғайра шоир тағйироти ҷузъие дохил кардааст. Барои намуна як банд аз манзумаи “Ҳазёни дил” меоварем:

Он беди канори нодаи деҳ,
Оё ки пас аз манаш гузар кард?
Ҳар барге аз он забони дил буд
Бо ман чӣ фасонаҳо, ки сар кард.
Ӯ монду ҷавони ошиқ аз деҳ
Шаб ҳамраҳи корвон сафар кард,
Аз ёру диёр қаҳр карда.

Аз ин сайри мухтасаре, ки дар девони Шаҳриёр  намудем ба хулосаи зерин омадан мумкин аст:

-Шаҳриёр аз шоирони забардастест, ки дар эҷодиёташ анъанаҳои беҳтарини адабиёти гузаштаи форсу тоҷикро давом ва инкишоф дода истодааст.

-Шоир таҳаввули табиӣ ва такомули ногузири таърихиеро, ки имрӯз дар шеъри форсӣ тағйироти ҷиддие ба вуҷуд овардааст, ба хубӣ дарк карда, дар ин ҷода қадамҳои устуворе гузоштааст.

-Дар эҷодиёти шоир оҳангҳои иҷтимоӣ: озодӣ ва ҳуқуқи занон, тарбияи насли ҷавон, кори неку хайрхоҳӣ, ғояи ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, мазаммати беадолативу нобаробарӣ ва амсоли инҳо ҷойи намоёнеро ишғол менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Асозода Худойназар. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ \ муҳаррир Қ. Сатторӣ: вазорати маориф ва илми ҶТ. Душанбе, 2014-671 с.
2. Қодиров Ғиёсиддин. Дар олами фарҳангу адаб. Душанбе: “Дониш”, 2019-249 с.
3. Куллиёти девони Шаҳриёр, китоби 1, Чопи саввум ч.1, Табрез-1349.
4. "Меҳмони эронӣ дар Тоҷикистон" саҳ.3/ Тоҷикистони саветӣ/ Тоҷик ТА./ 20. октябр, 1989 / №189
5. “Муҳаббати Эрон” /К. Насрулло / Адабиёт ва санъат №45 / 8 ноябри соли 1990/ саҳ 3.
6. Муллоаҳмад Мирзо. Суннатҳои пайдоиши даврони пурбори адабиёт: Анъанаҳои осори Рӯдакӣ ва муосиронаш дар адабиёти тоҷику форсӣ. Душанбе: “Дониш”, 2008.-320 с.
7. Робитаҳҳои адабӣ Эрон ва Тоҷикистон ва таъсир он бар шеъри нави Тоҷикистон. Алӣ Асғар Бованди Шаҳрёрӣ. Донишгоҳи Озоди Исломи Воҳиди Рӯдҳан. тобистони 2007 саҳ. 8
8. “Теҳрону Душанбе бародаршаҳр мешаванд” Муҳиддин Олимпур. Адабиёт ва санъат №35. 30 августи соли 1990 саҳ 12.

9. Шаҳриёр “Баргузидаи ашъор”. Гирдоварандагон: Ғ. Қодирӣ., М. Муллоаҳмадов. Душанбе. “Дониш”, 1983,-212 с.

## РОЛЬ МУХАММАДХОССАНА ШАХРИЯРА В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ ИРАНСКОЙ ПОЭЗИИ

**ГУЛОВА ГУЛРЕЗА**

докторант PhD второго курса Института изучения проблемм стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 927525533. E-mail: gulova@bk.ru

*Для литературного региона независимого Таджикистана жизни, творчество и стихи многих современных иранских писателей и поэтов неизвестны, а если и известны, то рассматриваются в узком диапазоне, что считается недастатком персидско-таджикских литературных исследований. К числу таких известных поэтов современного Ирана относится Шахрияр, радостные стихи которого никому не известны, кроме немногочисленных таджикских иранистов. Шахриар – один из современных поэтов, чья поэзия известна не только в Иране, но и за рубежом, например, в Европе и на Востоке. В рассматриваемой статье проведено исследование о жизни, творческой, деятельности и биографии этого поэта.*

***Ключевые слова****: литературные связи, поэзия, поэт, прикладная литература, Иран, современность, литературные направления, газель.*

## THE ROLE OF MUHAMMAD HOSSAIN SHAHRIYAR IN THE DEVELOPMENT OF MODERN IRANIAN POETRY

**GULOVA GULREZA**

second-year PhD student at Institute of Asian and European Studies of NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Tel.: 927525533. E-mail: gulova@bk.ru

*For the literary region of contemporary Tajikistan, the lives, works and poems of many modern Iranian writers and poets are not known. They are seen in a narrow range, which is considered in Persian-Tajik literary research works. Among such famous poets of modern Iran is Shahriyar, whose poems are not known to anyone except a few Tajik Iranologists only. Shahriar is one of the modern poets, whose poetry is famous not only in Iran, but also abroad, such as in Europe and the East region. In the article under consideration, research has been done on the life, activities, poems and biography of this poet.*

***Keywords:*** *literary relations, poetry, poet, applied literature, Iran, modernity, literary areas, ghazal.*

# АВВАЛИН МАҶМУАҲОИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АРАБӢ

**ҒАФУРОВ МАҲМАДСАИД**
докторанти PhD-и ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 003222450;
E-mail: gafurovmuhammad014@gmail.com

*Таҳлилу омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун ганҷинаи мондагор ва фарҳанги ҷовидонаи мардумӣ, солҳо боз дар меҳвари таҳқиқоти забоншиносону адабпажуҳон қарор гирифта, дар робита ба он таълифоти зиёд сурат гирифтааст. Муаллифон бо таҳқиқу таълиф ва корбасти ин арзишҳои адабӣ, фасоҳату балоғат, заминаҳои маъноӣ ва бадеияти пурмӯҳтавои забону адабиёти худро то имрӯз устувор месозанд. Дар ҷамъоварӣ ва тадвини забулмасалу мақолҳои халқҳои ҷаҳон таърихи муайян гуфтан мушкил аст, зеро ин эҷодиёти даҳонии халқ таърихан миёни ҷомеа арзишҳои нав ба нав касб намуда, ҳамеша мавриди истифода қарор мегирифт. Забоншиносон ва адабиётшиносони араб низ, ҳанӯз аз давраи ҷоҳилият ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, зарбулмасалу мақолро ҳамчун арзиши фарҳангии таърихан устувор дар таълифоти худ ҷой додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Зарбулмасал, мақол, таълиф, муаллиф, эҷодиёт, фарҳанг, хусусият, мутобиқат, мутолеа, таҳқиқот, монандӣ,. забоншиносонӣ, адабиётшиносӣ, таърих.*

Зарбулмасалу мақол, эҷодиёти даҳонии халқ, ҷумлаҳои фишурдаи пандомез яке аз жанрҳои хурди таърихан устувору паҳнгашта буда, омили асосии ташаккулдиҳандаи забону адабиёт ва фарҳанги ҳар як халқ ба шумор меравад. Ин жанри хурд зина ба зина дар асоси таҷрибаи чандинсолаи мардум то имрӯз расидааст ва тули чандин асрҳост, ки омӯзишу тадвини он идома дорад. Зарбулмасалу мақолҳо нахуст аз насл ба насл гузашта, сипас дар натиҷаи омӯзиши дақиқи он ҳамчун як санъати адабӣ, тадвин шудаанд.

Муллоҷон Фозилов, ки вобаста ба зарбулмасалу мақолҳои тоҷикию форсӣ таҳқиқотҳои зиёд намудааст, дар муқаддимаи “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ” доир ба навъ ва китобати зарбулмасалҳо овардааст: “Зарбулмасалҳо ду хел мебошанд: зарбулмаслу мақолҳои даҳанакӣ, ки дар байни тамоми мардум вирди забон аст ва зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ, ки дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, сиёсӣ ва матбуоти ҷорӣ истеъмол мешаванд. Зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ, ки зуҳури онҳо ба пайдоиши забони адабӣ алоқаманд аст, асосан аз зарбулмасал ва мақолҳои даҳанакӣ сар зада, бо мурури замон аз ҷиҳати сохт ва мазмун тағйир ёфтаанд ва дар натиҷа байни онҳо тафовут ба вуҷуд омадааст” [10, с.3].

Тадвини зарбулмасалу мақолҳои арабӣ низ, дар натиҷаи дигаргуниҳо дар ҳаёти инсон, инчунин пешрафти илм ва тараққиёти ҳаёт ба амал омадааст. Мақсади ҷамъоварии зарбулмасалу мақолҳои арабӣ дар як чаҳорчӯба ва ё китоби муайян, ҳифзи арзишҳои адабӣ ва таҷрибаи пурмаҳсули гузаштагонашон ба ҳисоб мерафт, зеро бо бархӯрди фарҳанги арабӣ бо дигар фарҳангҳо зарурати ҷудо кардани зарбулмасалу мақолҳои асили арабӣ аз дигар зарбулмасалу мақолҳо пеш омада буд.

Омили дигари тадвини зарбулмасалу мақолҳои арабӣ, дар ҷамъоварии калимаҳои арабӣ дида мешавад, зеро олимоне, ки ба ҷамъоварии ин калимаҳо машғул буданд, ҳангоми китобати онҳо бо зарбулмасалу мақолҳо зиёд рӯбарӯ мешуданд ва бо мақсади

возеҳтар шудани маънои он калимаҳо зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун делел истифода мебурданд.

Тақрибан дар миёнаҳои асри якуми ҳиҷрӣ ҷараёни таълифи китобҳо байни арабҳо авҷ гирифт ва зарбулмасалу мақолҳо низ аз ин ҷараён бо таълифи се китоб аз ҷониби се олими таърихшинос, адабиётшинос ва забоншинос, Суҳор ибни Айёш Ал-Абдӣ, Убайд ибни Шаррия Ал-Ҷурҳумӣ ва Алоқа ибни Куршум Ал-Килобӣ бархӯрдор гашт.

Ибни Надим дар китоби "Ал-Феҳрист" қайд намудааст, ки бо дархости Муовия ибни Абусуфён, ки дӯстдори ҷустуҷӯю огоҳӣ аз сиёсати ҳокимони гузашта буд, Убайд ибни Шаррия барои ӯ чанд китоб таълиф мекунад, ки яке аз онҳо "Китоб-ул-амсол", нахустин китоби зарбулмасалу мақолҳои арабӣ ба шумор рафта, аз 50 варақ иборат буд. Ҳамчунин, Ибни Надим дар баробари "Китоб-ул-амсол"-и Убайд ибни Шаррия китоби "Ал-Амсол"-и Суҳор ибни Айёш Ал-Абдиро аз нахустин китоби зарбулмасалу мақолҳои арабӣ дарҷ намудааст [6, с.132].

Роҷеъ ба таълифи аввалин китоби зарбулмасалу мақолҳои арабӣ пажуҳишгарон андешаҳои гуногун доранд, аммо бо такя ба он, ки ҳукмронии Умавиён нахустин марҳалаи ҷамъоварӣ ва тадвини аксар китобҳои арабӣ ба ҳисоб меравад, метавон хулоса кард, ки аввалин китобҳо оид ба зарбулмасалу мақол дар ин давра пайдо шудааст, ин ҳам бошад, "Китоб-ул-амсол"-и Убайд ибни Шаррия мебошад, зеро Муовия маҳз аз ӯ таълифи чанд китобро талаб карда буд.

Дар ин мақола, доир ба китобҳои зарбулмасал вобаста ба таърихи таълифашон то охири давраи Аббосии аввал маълумот додаем, зеро аз оғози давраи Аббосии дуюм шакл ва таълифи ин китобҳои чунин мазмун дошта, васеътар мешавад ва дар ин давра он мушкилиҳои мавҷудбуда дар китобҳои пешин аз ҷониби муаллифон бартараф мегардад. Ҳамчунин, маълумоти мухтасареро оид ба ҳаёту эҷодиёти муаллифони нахустин китобҳои зарбулмасалу мақолҳои арабӣ  дар ин мақола гирд овардаем.

**Убайд ибни Шаррия Ал-Ҷурҳумӣ** – яке аз ҳокимони араб, суханвари тавоно ва насабшиносест, ки дар давраи ҷоҳилият, Садри ислом ва чанд сол дар давраи ҳукумронии Умавиён умр ба сар бурдааст. Забоншиносону адабиётшиносони машҳури араб, аз қабили Ибни Надим, Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Халликон, Абуфазли Майдонӣ, Убайд Ал-Бакрӣ ва дигар олимон ӯро аз нухустин гирдоваранда ва тадвингари зарбулмасалу мақолҳои арабӣ зикр менамоянд [1, с.36].

**Суҳор ибни Айёш Ал-Абдӣ** –суханвари тавоно ва насабшиносу таърихнигори беҳамто. Таваллудаш дар сарчашмаҳо дарҷ нагардидааст, ӯ дар замони ҳукумронии Муовия ибни Абусуфён умр ба сар бурда, соли 40-и ҳиҷрӣ (660-и мелодӣ) вафот мекунад [1, с.41].

**Алоқа ибни Куршум Ал-Килобӣ** – таърихшиносу насабшиноси араб, ки дар қарни аввали ҳиҷрӣ ва то замони ҳукумронии Язид ибни Муовия умр ба сар бурдааст. Ӯ низ яке аз нахустин нафароне мебошад, ки ба ҷамъоварии зарбулмасалу мақоҳои арабӣ пардохта, онҳоро дар китобе бо номи "Китоб-ул-амсол" гирд овардааст.

Таҳлилгари зарбулмасалу мақолҳои қадимаи араб, Доктор Абдулмаҷид Қатомиш, ин се китоб ва муаллифони мазкурро аз нахустин китобҳои зарбулмасали арабӣ қайд намуда, иброз доштааст, ки мутаассифона ин китобҳо то замони мо нарасидаанд. Аз ин рӯ, мо доир ба ин се китоб сари як андеша омада наметавонем, ки равиши таълифи онҳо чӣ гуна буд ва ё чанд саҳифаро дар бар мегирифтанд. Ҳамчунин, номбурда қайд намудааст, ки дар натиҷаи омӯзиши таърихи ин муаллифон ва зарбулмасалҳои

ривоятнамудаи онҳо гуфтан мумкин, ки онҳо танҳо зарбулмасалҳои давраи ҷоҳилияти арабро нақл кардаанд [1, с.43].

Доир ба ин се китоб ва аз ҳаёти муаллифони онҳо метавон гуфт, ки китобҳои онҳо доираи васеи зарбулмасалҳои арабиро фаро нагирифнаанд, зеро Суҳор ва Убайд насабшинос ва ривоятгар буданд ва аксари зарбулмасалҳояшон аз бархӯрди қабилавии арабҳо ва низои бепоёнашон сарчашма мегирифт.

Ҳарчанд, ки аҳди Умавиён оғози таълифи бешумори китобҳои арабӣ шинохта шуда, ҳокимони ин давра дар тарғибу ташвиқи китобнависон саҳми зиёд мегузоштанд, вале ғайри ин се китоби мазкур вобаста ба зарбулмасалу мақолҳои арабӣ китоби дигаре ишора нашудааст.

**Таълифи китобҳои зарбулмсалу мақол дар давраи аввали Аббосӣ**

Дар қарни дуюми ҳиҷрӣ, ҳукумронӣ аз Умавиён ба Аббосиён гузашта, фаъолияти илмию сиёсӣ аз Димашқ ба Бағдод, пойтахти Аббосиён интиқол ёфт. Дар натиҷа ду мактаб, мактаби забошиносии Басра ва мактаби забоншиносии Куфа ба миён омад. Ба воситаи олимони ин ду мактаб ҷараёнҳои фикрӣ, илмӣ ва адабӣ ташаккул ёфта, дар ҳар як соҳа таълифот зиёд гардид. Тадвини китобҳо доир ба зарбулмасалу мақолҳо низ дар ин давра зиёд шуда, машҳуртарин ва дақиқтарин китобҳои зарбулмасалҳои арабӣ дар ин давра таълиф мегардад. Аз ҷумла, “Амсол-ул-араб”-и Муфаззал ибни Аҳмад Аз-Заббӣ, “Китоб-ул-амсол”-и Абуфайд Муарриҷ ибни Амр Ас-Садусӣ ва “Китоб-ул-амсол”-и Абуубайд Ал-Қосим ибни Саллом, ки то имрӯз дастраси хонандагон аст.

**Абуамр ибни Ало** – машҳуртарин олими забону адабиётшиноси мактаби Басра аст. Ӯ дар Макка ба дунё омада, дар Басра ба воя расидааст. Вафоташ дар Куфа гуфта мешавад. Чандин китобҳо вобаста ба забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ таълиф намуда, шогирдони зиёде аз қабили Халил ибни Аҳмад, Юнус ибни Ҳабиб ва Абумуҳаммади Язидӣ тарбия намудааст. Яке аз маъруфтарин китобҳои ӯ “Китоб-ул-амсол” мебошад.

Китоби зарбулмасалҳои ӯро дигар олимони ҳамаср ва баъдинааш васф намудаанд. Аз ҷумла, Абулфазли Майдонӣ дар муқаддимаи китоби “Маҷма-ул-амсол” қайд намудааст, ки “Аксарияти ровиён дар нақли зарбулмасал ба хатогиҳо роҳ доданд, аммо Абуамр ибни Ало онро дақиқ ривоят кард” [2, с.36].

Китоби таълифнамудаи Абуамр ибни Ало равиши муайянеро дар нақли зарбулмасалҳо дар бар мегирад, ки ин равиш нахустин бор аз ҷониби ӯ дар тадвини зарбулмасалҳо ба назар мерасад. Бо сабаби он, ки зарбулмасалҳо дар ин китоб бо далел аз ҳама паҳлу шарҳ ёфтааст, метавон китоби ӯро нахустин китоби дақиқ дар зарбулмасалшиносии араб арзёбӣ намуд.

**Аш-Шарқӣ ибн Ал-Қутомӣ** – дар Куфа ба дунё омадааст. Ибни Надим дар бораи ӯ овардааст: “Ӯ яке аз насабшиносон ва ровиёни ахбору насабу девонҳо буд” [6, с.90].

Доир ба “Китоб-ул-амсол”-и ӯ олимони маъруф, аз ҷумла Майдонӣ дар муқаддимаи китобаш ишора намудааст. Ибни Қутомӣ дар ин китоби худ, бештар услуб ва сабабҳои ба миён омадани зарбулмасалҳоро маълумот дода, дар аксар маврид ба таърих ва қиссаҳои давраи Ҷоҳилияти араб такя намудааст. Дар китоби таълифнамудаи ӯ равиши нав дар нақли зарбулмасалҳо ба назар намерасад, танҳо ӯ бо сабаби огоҳии хуб доштанаш аз таърихи араб чандин зарбулмасали нав ривоят намудааст.

**Муфаззал ибни Аҳмад Аз-Заббӣ** – яке аз олимони нобиғаи ҷаҳони араб дар Куфа ва беҳтарин донандаи таъриху шеъри араб. Соли 180-и ҳиҷрӣ (796-и мелодӣ) дар Куфа вафот мекунад. Таълифоти зиёд аз ӯ боқӣ мондааст, аз ҷумла китобе бо номи “Амсол-ул-

араб". Ин китоб нисбат ба китобҳои баъдинаи зарбулмасалҳо ҳаҷми хурд дошта, танҳо 170 зарбулмасалро дар бар мегирад ва ҳоло дастраси хонанда аст. Дар ин китоб низ аз қиссаҳои давраи ҷоҳилияти араб, ки дар байни ҳама қабилаҳо машҳур буданд, оварда шудааст. Ҳамчунин, дар он қиссаи чанд шоири машҳури араб, аз ҷумла, Имрулқайс ва Тарафа ибни Абд дарҷ гардидааст. Хусусият ва равиши нави ин китоб дар он аст, ки муаллиф баъди ҳар зарбулмасали овардашуда як байт ё чанд байт аз шоирони араб доир ба он мавзуъ баён месозад.

**Юнус ибни Ҳабиб Аз-Заббӣ** – устоди наҳвшиносон ва адабиётшиносони араб дар Басра мебошад. Дар мактаби ӯ беҳтарин олимони забоншинос ва адабиётшинос ҷамъ омада буданд. 88 сол умр дидааст ва соли 183-и ҳиҷрӣ (799-и милодӣ) вафот кардааст. Таълифоти зиёд дорад, аз ҷумла, "Китоб-ул-луғот", "Китоб-ун-наводир", "Китоб-ул-амсол" ва ғайраҳо [6, с.43]. Китобҳои ӯ имрӯз дастрас нест. Танҳо аз чанд зарбулмасале, ки Абулфазли Майдонӣ аз ӯ ривоят кардааст, ба назар мерасад, ки Юнус ибни Ҳабиб ба ҷанбаи грамматикии зарбулмасалҳо бештар диққат додааст.

**Абуфайд Муарриҷ ибни Амр Ас-Садусӣ** – олими забоншинос, таърихшинос ва насабшиноси араб. Яке аз дӯстони Халил ибни Аҳмад буда, соли 190-и ҳиҷрӣ (806-и милодӣ) вафот мекунад. "Китоб-ул-амсол"-и ӯ то имрӯз дастрас буда, 130 саҳифа ва 140 зарбулмасалу мақолро дар бар мегирад. Доктор Абдулмаҷид Қатомиш қайд намудааст, ки дар китоби Муарриҷ Ас-Садусӣ равиши муайяни тадвини зарбулмасалҳо ба назар намерасад, зеро муаллиф мақолҳоро аз зарбулмасал ҷудо дарҷ накардааст. Ҳамчунин, ҳангоми таълифи ин китоб Муарриҷ ба мавқеъ ва сабаби гуфтори зарбулмасалҳо диққат надодааст [1, с.55].

Дар "Китоб-ул-амсол"-и Муарриҷ байтҳои зиёди шеърӣ ба назар мерасад, ки баъзе онҳоро дар девон ва феҳристҳо пайдо намудан мумкин, аммо аксари байтҳо бидуни зикри сарчашма оварда шудааст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин, ки Муарриҷ ровии моҳир дар шеър ва ҳифзи он буд ва ба масъалаҳои забоншиносӣ диққати амиқ намедод. Бо вуҷуди ин аз китоби ӯ олимони зиёд аз қабили Қосим ибни Саллом, Муфаззал ибни Саллама, Ибни Анборӣ, Абуҳилоли Аскарӣ ва Абулфазли Майдонӣ иқтибос овардаанд.

**Назар ибни Шумайл Ал-Мозинӣ** – забоншинос ва адиби сермаҳсул буда, назди Халил ибни Аҳмад илм омӯхтааст, сипас ба бодия кӯч баста, муддати зиёд он ҷо иқомат мекунад. Вафоти ӯро Ибни Надим соли 204-и ҳиҷрӣ (819-и милодӣ) қайд намудааст [6, с.52].

Китоби зарбулмасалҳои ӯ имрӯз дастрас нест ва чунон ба назар мерасад, ки донишмандон ба он аҳаммияти хосса зоҳир накардаанд, аммо аз ӯ низ олимони чун Ҳамза Ал-Исфаҳонӣ дар китоби "Ал-амсол ало вазни афъал" ва Майдонӣ дар "Маҷмаъ-ул-амсол" се маротиба ба ӯ ишора намудаанд [1, с.61].

**Абуубайда Маъмар ибн Ал-Мусанно** – дар Басра ба дунё омада, яке аз машҳуртарин донандагони забон, насаб ва таърихи араб буд. Олимони замонаш ӯро донандаи тамоми илмҳо ном мебурданд. Ҷоҳиз дар бораи ӯ чунин қайд кардааст: "Дар рӯи замин ягон нафар монанди Абуубайда донандаи тамоми илмҳо набуд" [1, с.62].

Номи Абуубайда дар аксари китобҳои зарбулмасалу мақол ба чашм мерасад ва "Китоб-ул-амсол"-и ӯро Ибни Надим дар "Ал-Феҳрист", Ёқути Ҳамавӣ дар "Муъҷам-ул-удабо", Ҳоҷӣ Халифа дар "Кашф-уз-зунун", Ҳамза Ал-Исфаҳонӣ дар "Ад-Дурра-ул-фохира", Абуубайд Ал-Бакрӣ дар "Фасл-ул-мақол", Майдонӣ дар "Маҷмаъ-ул-амсол" ва Ибни Хайр Ал-Ишбилӣ дар "Феҳрист"-аш қайд намудаанд [1, с.62].

**Абузайд Саид ибни Авс Ал-Ансорӣ** – намоянда ва донишманди маъруфи мактаби Басра буда, бештар доир ба забону адабиёти араб таълифот дорад. Шогирдони зиёд таълим додааст, ки машҳуртаринашон Асмаӣ буд. Асмаӣ чандин маротиба ба ӯ чунин гуфта буд: “Ту панҷоҳ сол аст, ки сарвару устоди мо ҳастӣ” [8, с.122].

Китоби “Ал-Амсол”-и ӯ дастрас нест, танҳо дар бораи он Ёқути Ҳамавӣ, Суютӣ, Майдонӣ, Ибни Манзур ва Ибни Хайр ёдовар шудаанд. Аз иқтибосҳои овардаи ин донишмандон метавон гуфт, ки Китоби “Ал-Амсол”-и Абузайд Ал-Ансорӣ аз нигоҳи нигориш ба китоби Абуубайда ибн Ал-Мусанно монандӣ дошт. Дар ин китоб ҳар як зарбулмасал бо шарҳ ва сабабҳои гуфтораш овардашуда, ҳамчунин, аз ҷиҳати грамматикӣ мавқеи он муайян гардидааст.

**Абусаид Абдулмалик ибни Қариб Ал-Асмаӣ** – бузургтарин шоир ва машҳуртарин забоншиноси араб. Васфаш ҳамеша байни олимон давр мезад. Ал-Мубаррид дар бораи ӯ чунин мегӯяд: “Агар Абузайд Ал-Ансорӣ ва Абуубайда Ал-Мусанно дар илми таъриху насабшиносӣ монанди баҳр буданд, Асмаӣ дар забоншиносӣ баҳри беканори дигар буд [1, с.67].

“Китоб-ул-амсол”-и ӯ низ имрӯз дастрас нест, вале ба он низ аз ҷониби Ибни Надим, Суютӣ, Ибни Халликон, Абуубайд Ал-Бакрӣ, Абуҳилол Ал-Аскарӣ, Ибни Манзур, Ибни Хайр ва Ёқути Ҳамавӣ ишораҳо дида мешавад. Дар зарбулмасалҳое, ки аз ӯ иқтибос шудаанд, дида мешавад, ки Асмаӣ ба онҳо шарҳу тафсири фаровон додааст.

Ҳамза Ал-Исфаҳонӣ қайд намудааст, ки Асмаӣ китобе дар робита бар зарбулмасалҳо дар вазни “афъал” дорад: “Як гурӯҳ забоншиносон, аз ҷумла Асмаӣ пеш аз ман дар ин вазн китоби зарбулмасал доранд, ки китоби ӯ хурд буда, даҳ варақро дар бар мегирад” [11, с.55].

Вобаста ба ҳаҷми китоби Асмаӣ доктор Абдулмаҷид Қатомиш андешаи дигар дорад. Ба қавли ӯ китоби Асмаӣ аз китобҳои Абуубайда Ал-Мусанно ва Абузайд Ал-Ансорӣ ҳаҷми калон дошт ва Ҳамза Ал-Исфаҳонӣ танҳо як боби китоби ӯро даҳ варақ гуфтааст, зеро аксари китобҳо он замон алоҳида ва дар чанд дафтар навишта мешуданд [1, с.68].

Бо назардошти иқтибосҳои аз “Китоб-ул-амсол”-и Асмаӣ овардашуда маълум мешавад, ки китоби ӯ низ аз ҷиҳати баёни зарбулмасал бо сабабу шарҳаш, ба китобҳои Абуубайда Ал-Мусанно ва Абузайд Ал-Ансорӣ монандии зиёд дошт.

**Абулҳасан Алӣ ибни Ҳозим Ал-Лиҳёнӣ** – аз қабилаи Лиҳён буда, назди Кисоӣ, Абузайд Ал-Ансорӣ, Умар Аш-Шайбонӣ ва Асмаӣ илм омӯхтааст. Аз ӯ низ ҳамчун донандаи хуби илми сарфу наҳв ва таъриху адабиёти араб ёд мешавад. Вафоташ дар сарчашмаҳо соли 215-и ҳиҷрӣ (830-и мелодӣ) сабт шудааст.

Ӯ низ вобаста ба зарбулмасалу мақолҳои арабӣ китобе бо номи “Ал-Амсол ва ал-ҳикам” дорад. Ҳамза Ал-Исфаҳонӣ китоби ӯро низ чун китоби Асмаӣ қайд намудааст: “Лиҳёнӣ низ монанди китоби Асмаӣ дар вазни “афъал” китоби зарбулмасал дорад” [11, с.55].

Абулҳасан Ал-Лиҳёнӣ дар баробари зарбулмасал, ҳамчунин панду андарзҳои арабиро дар китоби худ ворид намуда, тавонистааст байни ин ду ҷинси адабӣ тафовутро муайян созад.

**Абуубайд Ал-Қосим ибни Саллом** – дар Ҳироти Хуросон ба дунё омада, соли 224-и ҳиҷрӣ (838-и мелодӣ) вафот мекунад. Падараш низ аз олимони маъруф буда, аз Хуросон ба Басра, сипас ба Куфа кӯч баст ва назди олимони он ҷо илм омӯхтааст. Баъдан ба

Хуросон баргашта, дар Марв зиндагӣ мекунад ва баъди муддате дар шаҳри Тарсус қозӣ таъйин шуда, дар ин вазифа 18 сол фаъолият менамоя [8, с.225].

Абуубайд ибни Саллом яке аз олимони донандаи аксари илмҳои замони худ шинохта мешуд ва таълифоти гароназриши ӯ шаҳодати гуфтаҳои болост. Муҳаммад Марзбонӣ дар бораи ӯ чунин гуфтааст: "Абуубайд аксари илмҳои замони худро омӯхта, баъдан вобаста бар ҳар илм китоб таълиф намуд" [12, с.13].

"Китоб-ул-амсол"-и ӯ яке аз муҳимтарин таълифоташ ба шумор меравад ва то имрӯз намунаи он дар шакли чанд дастхат дастрас аст.

Абуубайд ибни Саллом китобашро бо ҷумлаи " هذا كتاب الأمثال وهي حكمة العرب في الجاهلية والإسلام" (Ин китоби зарбулмасалҳост ва он панду андарзи араб аз замони ҷоҳилият ва ислом аст) оғоз намудааст [1, с.73].

Китоби ӯ 19 фасли калонро дар бар гирифта, дар ҳар як фасл чанд боби дигар зам намудааст, ки дар умум шумораи фаслу бобҳояш ба сӣ адад мерасад. Ибни Дуруставайҳ дар бораи ӯ ва китобаш чунин андеша дорад: "Дар таълифи китоби зарбулмасал чанд олими Куфа ва Басра, аз ҷумла, Асмаӣ, Абузайд, Абуубайда ибн Ал-Мусанно, Назар ибни Шумайл ва Муфаззал Аз-Заббӣ аз ӯ пешдастӣ карданд, аммо Абуубайд тамоми ривоятҳои онҳоро ҷамъ намуда, китоби зебое бо фаслу бобҳо таълиф намуд" [12, с.14].

Доктор Абдулмаҷид Қатомиш китоби "Ал-амсол"-и ӯро таҳқиқ намуда, онро соли 1980 ба чоп месупорад, ки 395 саҳифаро дар бар мегирад.

Аз муқаддима ва мавзуъҳои китоб возеҳ аст, ки Абуубайд ибни Саллом китобашро дар асоси арзишҳо ва мавқеи баланди инсонӣ ва ҷойгоҳи ӯ таълиф намуааст. Ҳамчунин, ӯ бар байни ровиёни зарбулмасал аввалин нафаре буд, ки зарбулмасалҳои мардуми оммаро дар китобаш ҷой дод.

**Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Зиёд Ал-Аъробӣ** – шогирд ва дастпарвари Муфаззал Аз-Заббӣ ва яке аз донандагони машҳури илми наҳви араб буд. Дар сарчашмаҳо таърихи вафоти ӯ байни солҳои 230-232-и (846-и мелодӣ) ҳиҷрӣ қайд шудааст.

Ибни Аъробӣ китобе дошт, бо номи "Тафсир-ул-амсол", ки онро Ибни Надим, Ёқути Ҳамавӣ, Ҷамолиддин Ал-Қифтӣ, Ибни Халликон, Суютӣ ва Ҳоҷӣ Халифа қайд намудаанд [1, с.78].

"Тафсир-ул-амсол"-и Ибни Аъробӣ имрӯз дастрас нест, аммо аз иқтибосҳое, ки аз ӯ оварда шудааст, гуфтан мумкин, ки китоби ӯ ҳаҷми калон дошт, зарбулмасалҳои зиёдро дар бар мегирифт, тамоми ҷанбаҳои зарбулмасалҳо бо шарҳ оварда шуда, абёти шеърии зиёд ҳамчун мисол матраҳ гардида буд. Аз инҷост, ки Доктор Абдулмаҷид Қатомиш китоби ӯро модари китобҳои зарбулмасалҳои арабӣ зикр мекунад [1, с.79].

Дар такя ба китобиҳои зикршуда, ба натиҷае омадан мумкин, ки "Тафсир-ул-амсол"-и Ибни Аъробӣ охирон китоби зарбулмасалу мақол дар давраи Аббосии аввал, вале нахустин роҳи фарохи таълифи китобҳои зарбулмасалу мақолҳои арабист, зеро бо оғози давраи дувуми ҳукумронии Аббосиён дар тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра тағйироти куллӣ ба амал омада, таълифи китобҳо низ шакли дигару васеътар гирифт. Нафароне, ки баъд аз Ибни Аъробӣ вобаста ба зарбулмасал китоб таълиф намуданд, бевосита аз равиши интихобнамудаи Ибни Аъробӣ дар "Тафсир-ул-амсол" истифода кардаанд.

Китобҳои зарбулмасалу мақоле, ки дар мақолаи мазкур зикр шуд, фарогири ҳиссаи ками зарбулмасалу мақолҳои арабӣ буданд. Равишҳои гуногуни ҷамъоварии зарбулмасалу мақолҳо дар онҳо ба назар мерасид ва муаллифон барои интихоби равиши

муайян кӯшиш намекарданд. Чунон ба назар мерасад, ки аксари муаллифони ин китобҳо зарбулмасалу мақолҳоро аз таълифоти дигари хеш, ки ҳамчун намунаи мисол матраҳ намуда буданд, гирд овардаанд. Аз тарафи дигар, метавон хулоса кард, ки қадамҳои нахустин дар ҷамъоварии зарбулмасалу мақолҳо осон набуд, зеро ин навъи санъати адабӣ аз дигар санъатҳо бештар байни мардум паҳн гашта буд, то ҳадде ки ҳар қабилаву маҳал зарбулмасалҳои хосси худро дошт ва омили ҷамъоварии тамоми зарбулмасалу мақолро имконнопазир мекард.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдулмаҷид Қатомиш. Ал-Амсол ал-арабия. / Қатомиш Абдулмаҷид. – Димашқ: Дор-ул-фикр, 1988. – 472 с.
2. Абулфазл Майдонӣ. Маҷмаъ-ул-амсол. Ҷ.1. / Майдонӣ Абулфазл. – Бейрут: Дор-ул-маърифа, 1946. – 520 с.
3. Абулфазл Майдонӣ. Маҷмаъ-ул-амсол. Ҷ.2. / Майдонӣ Абулфазл. – Бейрут: Дор-ул-маърифа, 1946. – 440 с.
4. Абуфайд Муарриҷ ибни Амр Ас-Садусӣ. Китоб-ул-амсол. – Бейрут. 1983.- 130 с.
5. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-удабо. Ҷ. 1-7 / Ҳамавӣ Ёқут. – Бейрут: Муассисат-ул-маъориф, 1999.
6. Ибни Надим. Ал-Феҳрист. Ҷ.1. / Ибни Надим. – Бейрут: Дор-ул маърифа, 1929. – 545 с.
7. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён ва анба абна аз-замон. Ҷ.2. / Ибни Халликон – Бейрут: Дор-ус-содир, 1978. – 557 с.
8. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён ва анба абна аз-замон. Ҷ.3. / Ибни Халликон – Бейрут: Дор-ус-содир, 1978. – 534 с.
9. Рудолф Зелҳайм. Ал-Амсол-ул-арабия ал-қадимия. Тарҷумаи Рамазон Абдуттаввоб. / Зелҳайм Рудолф. – Бейрут: Муассасат-ур-рисола, 1984. – 268с.
10. Фозилов Муллоҷон. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ. 1. / Муллоҷон Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 368 с.
11. Ҳамза ибни Ҳусайн Ал-Исфаҳонӣ. Ад-Дуррат-ул-фохира фи ал-амсол ас-соира. Ҷ.1. / Ал-Исфаҳонӣ Ҳамза ибни Ҳусайн. – Миср: Дор-ул-маориф, 1972. –700с.
12. Ҷамолиддин Ал-Қифтӣ. Инбоҳ-ур-рувот ало анбоъ-ан-нуҳот. Ҷ.3. / Ал-Қифтӣ Ҷамолиддин. – Қоҳира: Дор-ул-фикр, 1986. – 395 с.


## ПЕРВЫЕ КОЛЛЕКЦИИ АРАБСКИХ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК


**ГАФУРОВ МАХМАДСАИД**

докторант PhD ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 003222450

E-mail: gafurovmuhammad014@gmail.com



*Анализ и изучение пословиц и поговорок как сокровищ и вечной народной культуры уже многие годы находится в центре исследований лингвистов и литературоведов. В связи с этим проделано немало работ. Исследуя, записывая и применяя эти литературные ценности, красноречие и зрелость, авторы и по сей день укрепили содержательные основы и художественное содержание своего языка и литературы.*

*Рассказать определенную историю в сборнике и составлении пословиц и поговорок народов мира сложно, поскольку эти устные творения народа постепенно приобретали в обществе новое значение и всегда использовались. Арабские лингвисты и литературоведы еще со времен джахилии уделяли особое внимание изучению этого вопроса и включали в свои труды пословицы и пословицы как исторически устойчивую культурную ценность.*

***Ключевые слова:*** *пословица, поговорка, написание, автор, творчество, культура, своеобразие, соответствие, изучение, исследование, сходство, лингвист, литературовед, история.*

## THE FIRST COLLECTIONS OF ARABIC PROVERBS AND SAYINGS

**GAFUROV MAHMADSAID**
PhD student of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan,
sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 003222450;
E-mail: gafurovmuhammad014@gmail.com

*The analysis and study of proverbs and sayings as a remaining treasure and eternal folk culture has been at the center of research by linguists and literary scholars for many years, and a lot of writings have been made compositions in this regard. By researching, writing and applying these literary values, eloquence and maturity, the authors have strengthened the meaningful foundations and artistic content of their language and literature to this day.*

*It is difficult to tell a certain history in the collection and compilation of proverbs and sayings of the people of the world, because these oral creations of people gradually acquired new values among the society and were always used. Arab linguists and literary scholars, even from the period of Jahiliyyah, have paid special attention to the study of this issue, and have included proverbs and sayings as a historically stable cultural value in their writings.*

***Keywords:*** *proverb, saying, writing, connection, author, creation, culture, originality, correspondence, studying, similarity, linguist, literary critic, story.*

## РАҚАМИКУНОНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

**САЛИМОВ Ю.**
ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.
Тел:(992901034010); Yusufsalimov96@mail.ru

*Дар мақола нақши рақамикунонӣ дар таъмини амнияти иттилооти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Муаллиф мутмаин аст, ки технологияҳои рақамӣ тамоюли муосири ҷаҳонишавӣ мебошанд. Алъон технологияҳои рақамӣ ба яке аз муҳҳарикони асосии рушди инсоният табдил ёфтаанд. Онҳо рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва инчунин ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои байни давлатҳоро муайян мекунанд.*

*Аммо, ба ақидаи муаллиф рақамикунонӣ на танҳо сарчашмаи рушди дарозмуддати давлатҳои муосир, балки омили таъмини сохибихтиёрӣ ва устувории давлат, амнияти*

*миллии вай мебошад. Аз ин ҳар як давлати соҳибистиқолол бояд кушиш кунад, ки аз раванди рақамикунонӣ ақиб намонад.*

***Калидвожаҳо:*** *рақамикунонӣ,шабакаҳои иҷтимоӣ, фазои маҷозӣ, технологияҳои иртиботӣ,киберҷиноятҳо,амнияти миллӣ, амнияти киберӣ,амнияти иттилоотӣ, криптоасъор*

Рақамикунонӣ дар айни замон тамоюли воқеии раванди ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз, маҳсулоти рақамӣ ва амалияи онлайн қисми зиёди фаъолиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии инсониятро ишғол мекунанд. Ҳаҷм ва миқёси қудрати табдилдиҳандаи технологияҳои нави рақамӣ равандҳоро дар иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ вусъат мебахшад. Ба андешаи мо, ҳоло рақамикунонӣ раванди комилан мантиқии рушди иҷтимоӣ буда, дар ҷараёни он тамоми соҳаҳои ҷомеа аз нав танзим карда мешаванд. Рақамикунонӣ омили муҳими эҷоди системаи муосири амнияти киберӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба назари мо, давлатҳои миллиро зарур аст, ки барои ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёт шароит фароҳам оваранд ва ба ин васила амнияти кибериии худро таъмин намоянд. Мо муътақид ҳастем, ки Тоҷикистон ба унвони як давлати соҳибистиқлолу демократӣ, ки дар он тамоми бахшҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба таври муътадил фаъолият мекунанд, дар раванди рақамикунонӣ бояд фаъолона ширкат варзад ва дар ин самт як қатор тадбирҳои муҳимро амалӣ созад.

Технологияҳои рақамӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи муосири ҷаҳон ва тамоюли глобалии рушди он мебошанд. Технологияи рақамӣ дар асри XXI ба яке аз муҳаррикони асосии тараққиёт ва захираҳои рақобати иқтисодӣ табдил ёфт. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ динамикаи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва бисёр ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои байни давлатҳоро муайян мекунанд. Аммо рақамикунонӣ на танҳо манбаи рушди дарозмуддати иқтисодии кишвар ва воситаи рақобати иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад (масалан, тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар бозори мол ва хизматрасонӣ, сатҳи зиндагии мардуми аҳолӣ ва ғайра), балки омили сохибихтиёрӣ ва устувории давлат, амнияти миллии вай мебошад.

Дар баробари ин, рақамикунонӣ на танҳо ба амнияти миллии давлат, балки сиёсати миллии пешгирифта, аз ҷумла, баҳри расидан ба ҳадафҳои таъмини амнияти миллӣ, ба суръат ва миқёси рушди рақамикунонӣ бевосита таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи рақамикунонӣ ва амнияти миллӣ андеша намоем.

Яке аз омилҳои тағйир додани муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар амалияи иқтисодӣ ва низоми ҳамкории иҷтимоӣ мебошад.Технологияҳои рақамӣ «муҳаррик»-и равандҳои инноватсионии давлатӣ мебошанд, ки ба ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва соҳибихтиёрии давлат нигаронида шудаанд. «Иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, иттилоотикунонии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа ба ҳаёти ҷомеаи индустриалӣ ва постиндустриалӣ чунин дигаргуниҳо меоранд, ки он дар ниҳодҳои ташкили мудирият ва ҳуқуқ тағйирот, баъзан кулланро, тақозо мекунанд»[1,10].

Аксар вақт, технологияҳои рақамӣ ба амнияти миллӣ мустақиман таъсир намерасонанд ва ин раванд тавассути таъсир ба динамика ва масири пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ба амал меояд, аз ин рӯ кишварҳое, ки аз ҷиҳати суръат ва миқёси

рақамикунонӣ “ақиб мондаанд” бо як қатор таҳдид ба амнияти миллӣ рӯбарӯ мешаванд. Дар байни чунин таҳдидҳо, масалан, инҳоро метавон ҷудо кард: иҷрои нақши кишвари ақибмонда дар иқтисоди ҷаҳонӣ, маҳдуд гаштани дурнамои рушди инноватсионӣ, паст шудани рақобатпазирии ширкатҳои мллии иқтисодӣ (хусусан дар муқоиса бо корпоратсияҳои трансмиллӣ, ки ба иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикунанда бештар тамаркуз кардаанд), маҳдудияти абзорҳои таъмини амнияти миллӣ ва ғайра.

Технологияҳои рақамӣ дар ҳоле аҳамияти хоса доранд, ки як давлати мушаххас бо мушкилоти бузург рӯ ба рӯ мегардад. Ба монанди бад шудани вазъи санитарию эпидемиологии ҷаҳон дар аввали соли 2020, ки дар натиҷаи паҳншавии пандемияи навъи нави коронавирус ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҳолат маълумоти дақиқ ва фаврӣ, асосан тавассути Интернет, ҳаётан муҳим мегардад.

Чунин ҳолатҳо инчунин вокуниши зуд ва муассири ҷомеаи ҷаҳониро (дар сатҳи давлатҳо, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, созмонҳои алоҳидаи байналмилалӣ ва ғайра) тақозо менамояд, ҳамчунин татбиқ ва рушди иқтидори ҷамъшудаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро вусъат мебахшад.

Мисли ҳама гуна зуҳуроти иҷтимоию иқтисодӣ рақамикунонӣ на танҳо ҷанбаҳои мусбат дорад, балки таҳдидҳои пинҳоние низ дорад, ки метавонанд ба амнияти миллӣ, дар сурати сари вақт таҳти назорат нагирифтан, зарар расонанд. Аз ҳама аёнтаринҳо таҳдид ба суботи иқтисодӣ ин паҳншавии пулҳои беназорат ва инчунин таҳдид ба суботи иҷтимоӣ аз ҳисоби тағйирёбии бозори меҳнат мебошанд.

Дар ин иртибот ҷоиз аст, ки оид ба асъори крипто (cryptocurrency) андеша намоем. Он ҳамчун асъори рақамӣ дар муомилоти мубодилавӣ дар тиҷорати воқеӣ истифода мешавад. Криптовалюта шакли физикӣ надорад, он танҳо дар шабакаи электронӣ дар шакли маълумот мавҷуд аст. Бонкҳо ва аз ин рӯ, давлатҳо амалан наметавонанд мубодилаи онро танзим кунанд ва аз ин рӯ, чунин навовариҳои молиявӣ, аз ҷумла ба ном технологияҳои крипто, ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ баррасӣ мешавад.

Дар ин масъала чор вижагӣ мавҷуд аст. Аввалин ин аст, ки ин асъори крипто аксар вақт барои қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ, маблағгузории созмонҳои террористӣ ва дигар амалиёти ғайриқонунӣ истифода мешавад. Ҷинояткоронро беном будани ҳисоббаробаркуниҳо бо асъори крипто, инчунин қариб ғайриимкон будани пайгирии амалиёти бо асъори крипто анҷомшаванда, ҷалб мекунанд.

Ҷанбаи дуюми мушкилот бо хусусияти идора нашудани гардиши асъори крипто (cryptocurrency), яъне мавҷуд набудани як танзимгари чунин асъор ва дар натиҷа, мавҷуд набудани ҳудуди муайян он ва имконнопазирии тобеият ба ҳама гуна адлия ва қонунгузорӣ, алоқаманд аст. Дар ҳолати зиёд шудани асъори крипто дар муомилоти молиявии ҷаҳон он метавонад ба иқтисодиёти мамлакатҳо бо таври назаррас таъсир расонад ва ҳатто метавонад соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти иқтисодии давлатро ҳамчун субъекти ягонае, ки ҳуқуқи муомилоти пул ва ташкили муомилоти пули миллир дорад, халалдор созад. Ин падида, дар навбати худ, метавонад ба афзоиши таваррум дар иқтисоди миллӣ таъсир расонад.

Ҷанбаи сеюми мушкилот “лоиҳаҳои қаллобӣ”, ки дар эҷоди нақшаҳои сармоягузории қаллобӣ бо истифода аз асъори крипто ифода карда мешаванд, иртибот дорад. Асъори крипто дорои хусусияти хеле хатарнок ва ноустувории баланд буда, ҳангоми истифодаи он ҳамчун воситаи пардохт ва ҷамъоварӣ метавонад боиси аз даст додани маблағҳои шаҳрвандони оддӣ гардад, ки он дар навбати худ ба худи давлат

таъсири манфӣ мерасонад. Дар робита ба ин, давлат бояд нақши танзимкунандаро ба ӯҳда гирад, ки ҳуқуқҳои сармоягузорони оддиро аз чунин ҳолат муҳофизат мекунад[2].

Ҷанбаи чоруми мушкилӣ бо вазифаи фискалии давлат алоқаманд аст, зеро асъори крипто воситаи мусоид барои пешгирӣ аз андозбандӣ мебошад. Асъори крипто, ки механизми босуръат рушдёбанда мебошад, вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки дар он танзими ҳуқуқӣ (аз ҷумла танзими андозбандӣ) аз технологияи рақамӣ хеле ақиб мемонад. Дар натиҷаи амалиёт бо асъори крипто камомади назаррраси андоз ба буҷети давлатӣ ба вуқуъ мепайвандад.

Бо вуҷуди ин, дар воқеияти кунунӣ, маъруфият ва талаботро ба cryptocurrency нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, давлатҳо ҳанӯз танзими салоҳиятноки ин соҳаро таҳия накардаанд, ки дар он бояд байни манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлат мувозинат ба даст оварда шавад.

Дар иртибот бо мавзуи рақамикунонӣ ва амнияти миллӣ бояд ба мавзуи киберамният таваҷҷӯҳ намуд. Истилоҳи “таҳдидҳои киберӣ” барои ифодаи амалҳои эҳтимолии ҷиноӣ алайҳи низоми иттилоотии давлат истифода мешавад, бинобар ин онҳо метавонанд ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам умуман дар ҳамаҳои соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зоҳир шаванд.

Дар баробари ин, ҳам субъектҳо ва ҳам объектҳои кирдорҳои ҷиноятӣ хеле гуногунанд. Субъектҳо метавонанд шахсони воқеӣ бошанд, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ доранд ё онҳо метавонанд давлатҳое бошанд, ки қасдан ба давлати дигар зарар расонанд. Объектҳои ҷиноятҳои киберӣ ҳамеша системаҳои иттилоотӣ мебошанд ва дар баъзе мавридҳо ин объектҳои ҳуҷуми иттилоотӣ метавонанд ба шаҳрвандон тааллуқ дошта бошанд.

Киберҷиноят бо ғоратгарии ибтидоӣ оғоз ёфт, яъне бо роҳи фиреб ё қаллобӣ аз худ кардани молу мулки шахсони алоҳида. Аллакай дар асри XXI ҳамлаҳои ҳакерӣ ҳамчун воситаи таъсири душманона ба давлатҳо истифода мешуданд. Далелҳое вуҷуд доранд, ки бештар аз сӣ давлат барои чунин таъсир иқтидор доранд. Ҳодисаҳои харобшавии «бурҷи дугонаҳо» дар Манҳеттен (ШМА) нишон доданд, ки сохторҳои мураккаби технологӣ метавонанд ба дасти шахсони алоҳида афтода, аз ҷониби онҳо барои амалиёти душманона алайҳи тамоми давлатҳо истифода шаванд[3].

Ҳамаи ин боиси зарур гардидани ҷалби сармояи иловагӣ (ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ) барои таъмини амнияти иттилоотӣ мегардад. Дар шароите, ки корхонаҳои инфиродӣ мустақилона манбаъҳои маблағгузорӣ пайдо карда наметавонанд, таҳдидҳои киберӣ метавонанд на танҳо як омили боздоранда барои рақамикунонии соҳаҳои алоҳида, балки таҳдиди эҳтимолӣ, вобаста ба объекти интихобшуда , ба амнияти миллии давлат гардад.

Зарурати таъмини киберамният як мушкили глобалист, на мушкили ягон давлати ягона, зеро имрӯз, ҳар як давлат метавонад бо таҳдидҳои киберӣ дучор ояд. Таҳлилҳои коршиносон нишон медиҳанд, ки мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ мушкилоти мураккабест ва онро бо воситаҳои оддӣ ҳал кардан мумкин нест.

Масалан, Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) яке аз пешсафон дар бозори технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ мебошад. Хусусиятҳои таъмини амнияти иттилоотӣ (дар ҶМЧ мафҳуми “амнияти иттилоотӣ” истифода мешавад, на “амнияти киберӣ”) аз амнияти иттилооти ғарбӣ хеле фарқ мекунад. Барои пешгирии ифшои иттилооте, ки барои давлат ва амнияти миллӣ муҳим аст ё баръакс, ворид шудани маълумоти номатлуб,

Чин сиёсатеро риоя мекунад, ки мувофиқи он Интернет инфрасохтори муҳими давлат аст ва аз ин рӯ, он бояд таҳти назорати давлатӣ қарор дошта бошад ( то бастани фаъолияти як қатор шабакаҳои иҷтимоӣ). Илова бар ин, фаъолияти ширкатҳое, ки дар фазои маҷозӣ хидмат мерасонанд, бояд дар асоси иҷозатномаи ҳатмӣ сурат гирад. Дар Чин низоми васеи мақомоти давлатӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки вазифаи асосии он таъмини амнияти иттилоотии мамлакат мебошад ва он хеле самаранок амал мекунад.

Сарфи назар аз ҳама таҳдидҳои зикршудаи рақамикунонии васеъ, ба назар чунин менамояд, ки ин раванди ҷаҳонии дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ногузир омили рушди минбаъдаи ҳамаҷониба хоҳад гашт.

Дар кулли ҷаҳон сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамикунонӣ бо роҳи ташаккули стратегияҳои ҳамаҷонибаи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо сурат мегирад. Масъалаҳои рақамикунонӣ асоси барномаҳо ва стратегияҳои миллии давлатҳоро ташкил медиҳанд. Стратегияи охирини ИМА , масалан, ҷазоҳои сахттарро барои ҳамлаҳои ҳакерӣ пешбинӣ мекунад. Иттиҳодияи Аврупо саъй дорад, ки салоҳияти агентии амнияти кибериро тақвият бахшад, инчунин дар шабакаи Интернет низоми умумиевропоии сертификатсияро таъсис диҳад[4] . Дар Россия низоми давлатии ошкор, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳамлаҳои компютерӣ ба захираҳои иттилоотӣ, марказҳои гуногуни киберамният дар иншооти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, инчунин низоми ягонаи муқовимат ба киберҳуҷумҳо таъсис дода мешавад[5].

Барои рушд ва паҳн кардани технологияҳои рақамӣ сатҳи муайяни суботи миллӣ, инчунин эҳтироми ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва соҳибкоронро кафолат додан лозим аст, аз ҷумла: таъмини ҳуқуқи корбарон дар ҷаҳони рақамӣ ва амнияти маълумоти рақамии онҳо (аз ҷумла тавассути ҳифзи иттилооти беруна ва таъсири техникӣ ба инфрасохтори иттилоотӣ), баланд бардоштани сатҳи эътимод ба муҳити рақамӣ, кам кардани шумораи таҳдидҳои киберӣ, таъмини дастрасӣ ба дастовардҳои рақамикунонӣ дар саросари кишвар, ташаккули иқтидори илмӣ дар соҳаи рақамӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар, ҷорӣ намудани коркардҳои ватанӣ бо мақсади коҳиш додани вобастагии рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз содирот ва ғайра.

То замоне ки давлат сиёсати муассир дар соҳаи технологияҳои рақамиро бунёд ва таъмин накунад, технологияҳо вазифаҳои худро дуруст иҷро карда наметавонанд ва ба манфиатҳои миллӣ хизмат намекунанд, зеро равандҳои рақамӣ ва амнияти миллӣ таъсири мустақими мутақобила доранд ва дар робитаи доимӣ қарор доранд.

Рақамикунонии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва рушди шабакаи компютерии интернетӣ ба он оварда расонд, ки иттилоот, телекоммуникатсия ва инфрасохтори кишварҳои саноатӣ ба объектҳои хеле осебпазири таъсири созмонҳои террористӣ табдил ёфтаанд. Хавфҳои кибертерроризми байналмилалӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, аввал, як воқеияти объективии асри XXI ва дуюм омилҳои муҳими геополитикӣ маҳсуб меёбанд , ки масири рушди тамаддуни башариро муайян мекунанд.

Дар айни замон созмонҳои гуногуни террористӣ аз механизмҳои таъсиррасонии иттилоотӣ оид ба шуури инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ бо мақсади пурзӯр намудани ташаннуҷи байни миллатҳо, барангехтани кинаю адовати миллӣ ва динӣ, инчунин ҷалби ҷонибдорони нав ба фаъолияти террористӣ, васеъ истифода мебаранд. Онҳо аз воситаҳои технологии нармафзор ва сахтафзор барои мақсадҳои ғаразноки худ, яъне расонидани таъсири харобиовар ба объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ хеле васеъ истифода мебаранд.

Ба ин муносибат бояд қайд кард, ки бар хилофи террористи оддӣ, ки барои содир кардани амали ҷиноятӣ намудҳои анъанавии силоҳ ва воситаҳои таркандаро истифода мебарад, киберҷинояткор барои ноил шудан ба мақсадҳои худ аз чунин силоҳҳои гуногуни иттилоотӣ, аз қабили барномаҳо ва таҷҳизоти махсуси тарҳрезишуда истифода мебарад. Ин амал барои ба таври махфӣ ба даст овардан, тағйир додан, нобуд кардан ё бастани иттилооте, ки дар васоити электронӣ, дар компютерҳо ва дигар таҷҳизоти компютерӣ, системаҳои иттилоотӣ ё шабакаҳои компютерӣ мавҷуд аст, истифода мешавад.

Дар робита ба ин, ба вазъи амнияти иттилоотӣ афзоиши доимии мураккабӣ, афзоиши миқёс ва ҳамоҳангии ҳамлаҳои террористии киберӣ, инчунин афзоиши таҳдидҳо ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади расонидани зарар ба сохибихтиёрӣ, томияти ҳудудӣ, устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ ва молиявии давлатҳо хос аст.

Шумораи ҷиноятҳое, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳон содир мешаванд, сол то сол босуръат меафзояд. Аммо бо вуҷуди он, ки айни замон ҷиноятҳои иқтисодӣ дар байни ҷиноятҳои киберҷинояткорӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунанд, ҷиноятҳои террористӣ бо истифода аз «технологияҳои рақамӣ» торафт вусъат меёбад.

## АДАБИЁТ:

**1.**Бачило И.Л. Предпосылки укрепления правового регулирования инновационных процессов в публичном управлении на основе информационных технологий // Труды ИГП РАН. - 2009. - № 5/2009. - С. 9-16

**2.** Criminal Compliant // The United States Department of Justice. URL: https://www.justice.gov/ sites/default/files/opa/press-releases/ attachments/2015/03/30/criminal_complaint_force. pdf (санаи муроҷиат: 20.04.2020).

**3**. Hollis D.B. Why States need an International Law for Information Operations // Lewis and Clark Law Review. - 2007. - Vol. 11. - № 4. - P. 1023-1061.

**4.** Regulation (EC) № 2019/881 of the European Parliament and of the Council of 17 April 2019 on ENISA (the European Union Agency for Cybersecurity) and on information and communications technology cybersecurity certification and repealing Regulation (EU) № 526/2013 (Cybersecurity Act) // Official Journal of the European Union L 151 of 7 June 2019.

**5.** Указ Президента РФ «О создании государственной системы обнаружения, предупреждения и ликвидации последствий компьютерных атак на информационные ресурсы Российской Федерации» от 15 января 2013 г. № 31с // СЗ РФ. - 2013. - № 3. - Ст. 178.

6. Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как фактор воспроизводства человеческого капитала в период глобализации // Известия ИФПП НАНТ. - №3- 2021. - *С.* 78-82.

7. Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации// Известия ИФПП НАНТ. -№1. - 2022.-С.98-103

8. Цветкова Н.А. Социальные сети в публичной дипломатии США // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 6. Философия. Культурология. Политология. Право. Международные отношения. 2011. № 2. С. 84-89.

9. Чесноков А. Цифровая дипломатия как элемент влияния на геополитическое пространство // Дипломатическая служба. 2013. № 1. С. 5-6.

10. Талапина Э.В. Право и цифровизация: новые вызовы и перспективы // Журнал российского права. -№ 2(254).-2018 С. 5-17. DOI: 10. 77.

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ И ЕЕ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**САЛИМОВ Ю.**
ассистент кафедры философии и культурологии ДДОТ имени С.Айни.
Тел:(992901034010); Yusufsalimov96@mail.ru

*В статье рассматривается роль цифровизации в обеспечении безопасности информации в Таджикистане.*

*Автор уверен, что цифровые технологии – это современный тренд глобализации. Цифровые технологии стали одним из главных двигателей развития человечества. Они определяют развитие мировой экономики, а также важные аспекты отношений между государствами.*

*Однако, по мнению автора, цифровизация является не только источником долгосрочного развития современных государств, но и фактором обеспечения их суверенитета, стабильности государства, его национальной безопасности. Поэтому каждое суверенное государство должно стараться не отставать от процесса цифровизации.*

***Ключевые слова:*** *цифровизация, социальные сети, виртуальное пространство, коммуникационные технологии, киберпреступления, национальная безопасность, кибербезопасность, информационная безопасность, криптовалюта*

# DIGITALIZATION AND ITS ROLE IN ENSURING INFORMATION SECURITY OF TAJIKISTAN

**SALIMOV Y.**
assistant at the Department of Philosophy and Cultural Studies DDOT named after S. Aini

*The article examines the role of digitalization in ensuring information security in Tajikistan.*

*The author is sure that digital technologies are a modern trend of globalization. Digital technologies have become one of the main engines of human development. They determine the development of the world economy, as well as important aspects of relations between states.*

*However, according to the author, digitalization is not only a source of long-term development of modern states, but also a factor in ensuring their sovereignty and the stability of the state, its national security. Therefore, every sovereign state must try to keep up with the digitalization process.*

***Keywords:*** *digitalization, social networks, virtual space, communication technologies, cybercrime, national security, cybersecurity, information security, cryptocurrency*

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – АСОСГУЗОРИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН

**РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ**
н.и.т., муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33, тел: (+992) 900-18-00-38; mail: raxmonzoda92@bk.ru

**РАИМЗОДА МАДИНА НАЗРШО**
Магистранти Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33,
тел: (+992) 933-30-30-19. Gmail: raimzodamadina@gmail.com

*Дар мақола аҳаммияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи энергетика муайян карда шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи энергетикаро, ки солҳои (АМОҶТ, соли 2000, №11, мод.504; соли 2005, №12, мод.63; с.2007, №6, мод.436; с. 2007, №7, мод.672; с.2009, №9-10, мод..549; с.2011, №6, мод.440, с.2013, №7, мод.527, №12, мод.898) қабул карда шуда ба он 7 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардидааст, ки қонуни мазкур аз 4 боб ва 20 модда иборат мебошад ва он мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Мақсади қабули қонунҳои мазкур асоснок намуда, дар мақола ҷой дода шудааст. Дар замони муосир ҳукумати мамлакат барои пешрафти соҳаи энергетика тavваҷӯҳи зиёд зоҳир менамояд. Зеро дар ин давра рушди соҳаи энергетика метавонад истиқлоли энергетикиро ба даст оварда, ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъсири назарас расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва дигар захираҳои тавлидкунандаи неруи барқ мебошад, ки ҳангоми мавриди истифода қарор додани онҳо мамлакати мо натанҳо эҳтиёҷоти худро бо неруи барқ пурра қонеъ мегардонад, балки имкон пайдо мекунад, ки содироти онро ба хориҷа ба роҳ монда, дар ин замина имконоти мусоидро барои рушди иқтисоди кишвар ба даст орад. Ин аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ рушди соҳаи энергетика тавонист ба рушди иқтисоди миллӣ кумак расонад.*

***Калидвожаҳо:*** *энергетика, замони муосир, ҳукумати мамлакат, рушд, истиқлоли энергетики, захираҳои тавлидкунандаи неруи барқ, иқтисод, захираҳои обии Тоҷикистон, гидроэнергетика.*

Дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳз бо дастгирӣ, азму талош ва ғамхориву ҳидоятҳои неку созандаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ба марҳилаи нави созандагию бунёдкорӣ қадам гузошт ва ба хотири пойдории истиқлолияти воқеии мамлакат ба бунёди як силсила иншоотҳои тақдирсоз ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳамияти умумидавлативу байналмилалӣ идома дода шуд, ки онҳо пешомади кишварро дар дурнамои наздик муайян менамоянд. НБО – и Роғун низ чунин иншоот ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва дигар захираҳои тавлидкунандаи неруи барқ мебошад, ки ҳангоми мавриди истифода қарор додани онҳо натанҳо эҳтиёҷоти худро бо неруи барқ пурра

қонеъ мегардонад, балки имкон пайдо мекунад, ки содироти онро ба хориҷа ба роҳ монда, дар ин замина имконоти мусоидро барои рушди иқтисод ба даст орад.

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Бо истифода аз захираҳои об ва тавассути бунёди иншооти гидроэнергетикӣ истеҳсол намудани қувваи барқ ҳам манфиати иқтисодӣ ва ҳам экологӣ дорад. Дар ин замина бо итминони комил метавон гуфт, ки дарояндаи наздик дар сурати бунёд гардидани НБО – и Роғун ва дигар иншооти гидроэнергетикӣ Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа манфиати зиёд хоҳанд дид».

Пеш аз баррасии масъалаи мазкур бояд ба як нуктаи муҳим назар кард, ки бунёди НБО – и Роғун дар замони Шуравӣ ба нақша гирифта шудааст. Оид ба баррасии масъала ба мақолаи Нозир Ёдгорӣ таҳти унвони «Тоҷикистон сар хам намекунад» рӯ меоварем: “Воқеан ҳамин тавр аст. Вақте энергетика аввалин қадамҳои худро мегузошт ва ҳоло дар қаламрави на танҳо РСС Тоҷикистон, балки тамоми Осиёи Миёна ягон неругоҳи барқи обӣ бунёд наёфта буд, дар харитаи захираҳои обиву энергетикии СССР, ки дар асоси аввалин тадқиқҳои ҷуғрофии олимони Иттиҳоди Шуравӣ соли 1932 аз тарафи И.Караулов таҳия гардид, дар мавзеи Роғун имкони бунёди ин иншоот ба номи «НБО – и Сичароғ» ишора шуда буд. Воқеан аз моҳи марти соли 1931 сар карда, ба ин мавзеъ тадқиқотчиён омада буданд” [1, с360 ].

Давлати абарқудрати Шуравӣ бо иқтидори қиёснопазири иқтисодии хеш ин сохтмони оламшумулро шуруъ карда, нотамом монда буд. Ибтикор дар эҳёи НБО – и Роғун сароғози корномаи нави Президент Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад, ки дар таърихи даврони соҳибистиқлолии кишвар бо ҳарфҳои заррин сабт ёфта, дар фосилаи садсолаҳо ва дар ҷуғрофиёи азим муҳаррики рӯшноӣ ва пешрафтҳои бузурги иқтисодӣ хоҳад гашт. Ин тасмими Пешвои миллат барҳақ ҳамчун тасмими сиёсатмадори хирадманду дурандеш истиқбол гардид, ки дар бунёди иқтисодиёти мамлакат заминаҳои таҳаввули инқилобиро фароҳам меоварад [2, с18].

Ба таъкиди коршиносони байналмилаллӣ, ибтикори Сарвари давлати Тоҷикистон дар бунёди НБО – и «Роғун» паёмади шуҷоати фитрӣ, истеъдоди камназири кишвардорӣ, муҳаббати бепоён ба халқу Ватан ва талошҳои хастанопазир барои зиндагии беҳтару шоистаи мардум мебошад, ки натанҳо истиқлоли энергетикии мамлакатро таъмин мекунад, балки дар иқтисодиёти миллӣ ҷаҳишҳо ва пешрафтҳои беназирро ба амал оварда, ваҳдати халқи Тоҷикистонро аз азамату пойдории бештаре бархурдор мегардонад.

Неругоҳи барқи обии Роғун аҳамияти на танҳо ҷумҳуриявӣ, балки минтақавӣ низ дорад. Баъди бунёди ин иншооти муҳимми гидроэнергетикӣ Тоҷикистон метавонад дар оянда кишварҳои ҳамсоя ва минтақаро бо барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намояд. Обе, ки дар обанбори Роғун ҷамъ мегардад, дар мавсими камобӣ ва хушксолӣ истифода мешавад [3, с8].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 ноябри соли 2018 нахустин агрегати Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ифтитоҳ намуданд, ки он дар таърихи давлатдории тоҷикон чун рӯйдоди муҳим боқӣ хоҳад монд. Ин санаи таърихӣ дар таърихномаи Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин сабт ва боиси ифтихору сарфарозии наслҳои имрӯзу оянда мегардад, - изҳор доштанд зимни суханронӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури иштирокдорон - намояндагони воломақоми кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла

Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Италия, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Белорус, Украина, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, собиқадорон, ва ғайра. [4, с.14].

9 сентябри соли 2019 Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати дуюми НБО «Роғун»-ро ба кор даровраданд. Неруи барқи аз он тавлидшаванда ба системаи умумии энергетикии мамлакат интиқол дода шуд. Дар давраи Истиқлол иқтидори истеҳсолии соҳаи энергетика, бе назардошти НБО «Роғун», ба миқдори 1520 МВт зиёд шуд [5].

Ҳамзамон,дар Паёми солонаи хеш Пешвои миллат иброз доштанд, ки соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода хоҳем дод. Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд.

Бунёди НБО Роғун як иқдоми башардӯстона низ ҳаст. Боз аз он ҷиҳат сохтмони НБО – и «Роғун» амри воқеӣ ва ногузири замони мо гардидааст, ки пешрафти саноативу иқтисодӣ ва зиндагии ҳар яки мо ба рушди энергетика сахт марбут мебошад. Президенти кишвар дар муроҷиатномаи худ ба мардуми Тоҷикистон иброз доштанд, ки: «Мо ба ҷалби маблағу имкониятҳои молиявии давлат ва пеш аз ҳама бо такя ба азму ирода ва дастгириву пуштибонии халқи сарбаланд ва баору номуси тоҷик, аз ҷумла, тоҷирону соҳибкорони баландҳиммату саховатманд, неругоҳи барқи обии Роғунро, ки дар раҳоӣ аз мушкилоти имрӯзаи барқ наҷотбахши ягонаи халқи тоҷик аст, ҳатман бунёд менамоем» [6, с.7].

Дар воқеъ НБО «Роғун» манзилу дилҳои мардуми моро гарму равшан мекунад, чунки дар рӯдҳои нурофари кишвар неругоҳҳои нави барқ бунёд мешаванд, захираҳои азими энергетикӣ ва азму талоши созандагии халқ бо ҳидоятҳои бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро беш аз ин шукуфонтар месозад ва бо бунёди ин иншооти азим мардуми тоҷик саодати зиёд мебинад.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Иҷлосияи 13-уми Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, ки 1 марти соли 2017 дар шаҳри Исломобод баргузор гардида буд, изҳор доштанд: «Таҳкурсии асосии бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз неругоҳҳои барқи обӣ иборат мебошад, ки истеҳсоли 98 фоизи неруи барқро дар кишвар аз манбаи барқароршавандаи тавлиди энергия таъмин менамояд. Аз рӯйи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» Тоҷикистон дар қатори шаш кишвари пешсафи сайёра қарор дорад ва захираҳои умумии гидроэнергетикии он дар ҷаҳон яке аз бузургтаринҳо ба шумор мераванд. Ин захираҳо имкони истеҳсоли солона то 527 миллиард киловатт-соат неруи барқ-и аз лиҳози экологӣ тозаро медиҳанд ва имрӯз танҳо 5 фоизи онҳо истифода мешаваду халос. Ва ин дар ҳолатест, ки талаботи бозори энергетикии минтақаи фарохи созмон ба неруи барқ рӯ ба афзоиш аст [7]».

Дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург ва 1 маркази барқу гармидиҳӣ, 1,5 ҳазор километраи хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмуъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар навсозӣ карда шуда, ҳамчунин, беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои

энергетикии иловагӣ бунёд шудааст. Дар ин давра барои рушди соҳаи энергетикаи кишвар 34 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 57,2 миллиард сомонӣ татбиқ карда шуд, ки 12 миллиард сомонии он танҳо барои таҷдиду рушди инфрасохтори энергетикӣ равона гардидааст. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ аз рушди босуботи соҳа изҳор доштанд, ки соли 2021 бори аввал дар таърихи соҳибистиқлолии кишвар истеҳсоли неруи барқ ба 20,6 миллиард киловатт – соат расонида шуд, ки дастоварди назарраси соҳа мебошад. Аснои суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки чанде қабл дар доираи ҳамсоягии нек ва муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ноҳияи Айнӣ ба татбиқи муштараки лоиҳаи сохтмони ду неругоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 320 мегаватт оғоз бахшида шуд. Баҳри афзоиши истеҳсоли неруи «барқи тоза» ва рушди соҳаи энергетикаи мамлакат дар оянда боз даҳҳо неругоҳи барқи обии бузургу миёна, аз ҷумла, неругоҳи «Шуроб»-ро бо истифодаи ширкатҳо ва таҷрибаву малакаи коргарону мутахассисони дар сохтмони неругоҳи «Роғун» саҳмдошта бунёд карда мешавад [8].

Ин ҳама самараҳои истиқлоли миллӣ мебошад. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият Президенти кишвар рушди соҳаи энергетикаро яке аз соҳаҳои калидӣ ва ҳадафи стратегӣ барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ қарор дод. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олӣ аз ташаккул ва рушди ояндаи энергетикаи кишвар бисёр ёдовар шуданд.

Инчунин, ба ақидаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз муваффақиятҳои ба даст омада ва бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, зарур аст, ки дар солҳои оянда аз ҷониби Ҳукумат ва Вазорати энергетика, захираҳои об ва дигар сохтору мақомотҳои марбута тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

Якум, бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амаликунандаро бомаром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди «энергияи сабз» ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шаванд.

Дуюм, барои беҳтар кардани таъминоти аҳолии кишвар бо барқ ва рушди соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургия суръати корҳои асосноккунии техникӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии «Шуроб» бо иқтидори 1000 мегаватт дар дарёи Вахш, «Санобод» бо иқтидори то 500 мегаватт дар се марҳала дар дарёи Панҷ қисмати ноҳияи Рӯшон ва «Чарсем» дар дарёи Ғунди ноҳияи Шуғнон бо иқтидори 14 мегаватт, бо дарназардошти бунёди хатти интиқол ва тақсимоти барқ тезонида шавад.

Сеюм, дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқи CASA – 1000 ва азнавпапайвастшаввӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт соат афзоиш додани содироти неруи барқ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Чорум, ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 %-и талафот татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ин самт таъмин гардида. Ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳалли ин масъала дар шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъат бахшида шавад.

Панҷум, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то

соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобию бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Шашум, корҳо дар самти гузориш ба таҷҳизоти каммасрафи барқӣ дар иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ва истеҳсоливу коммуникатсионии мамлакат ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ тақвият бахшида шаванд [9].

Нақши калидии Пешвои миллат дар соҳаи обу энергетика, баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои энергетикӣ, ҳифзи захираҳои обӣ бениҳоят муассир аст. Ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаҳои обу энергетика, аз он ҷумла, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бахусус Созмони Миллаи Муттаҳид ҳамовозӣ пайдо намуданд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар баробари дигар самтҳои ҷомеа иқдоми аз ҳама бузурги Пешвои миллат дар замони соҳибистиқлолии мамлакат ин сохтмони бузурги аср Неругоҳи барқи обии Роғун ба ҳисоб меравад. Зеро яке аз самтҳои муҳимми баромадан аз бунбасти камуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар таъмини истиқлоли энергетикӣ мебошад. Ин самт яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ба ҳисоб рафта, ҷиҳати рушди соҳа тадбирҳои мушаххас андешида шудааст. Барномаҳои амиқро дар ин самт қабул ва татбиқи амалисозии онҳо таъмин менамоянд, ки захираҳои энергетикӣ ин таъмини аҳолии кишвар бо энергетикаи сабз мебошад.

Сарвари давлат ба сохтмончиён, бунёдгарони ин кохи бошукуҳи нур, ки дар майдони заҳмати созанда, саҳнаи нангу номуси миллӣ шуҷоату матонат ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ нишон доданд, аз номи тамоми мардуми тоҷик, аз номи худ ва Ҳукумати Тоҷикистон миннатдории самимӣ изҳор намуданд. Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлоли ба хотири таъмини рушди устувор тамоми захираву имкониятҳои мавҷудаpo барои бунёди неругоҳҳо сафарбар намуд. Роҳбарияти давлату ҳукумат амиқан дарк мекарданд, ки «Роғун» омили муҳимтарини пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, зиндагии осудаи мардум, яъне ояндаи ободи Тоҷикистони маҳбубамон мебошад [10, с.28].

Зеро мо амиқан дарк кардаем, ки «Роғун» омили муҳимтарини пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар, зиндагии осудаи мардум, яъне ояндаи ободи Тоҷикистони маҳбубамон мебошад.

Андешаҳои зикргардидаро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки беҳтаргарондии сатҳи зисту зиндагии мардум, рушди бонизоми соҳаҳои мухталифи кишвар дар замони муосир аз соҳаи энергетика вобастагии зич дорад. Танҳо он ҳангом мо бо дастовардҳои назаррасе дар ин соҳа дастёб мегардем, ки мутахассисони баландпоя дар соҳаи мазкур тарбия ёфта, дар рушди устувори он саҳмгузор гарданд.

Бояд зикр кард, ки баъд аз ифтитоҳи НБО – и «Роғун» аҳолии кишвар дар тамоми фасли сол бо барқ таъмин гардида, фаъолияти корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат боз ҳам густариш пайдо хоҳад кард ва инчунин иқтидори истеҳсоли энергетикаи Тоҷикистон дар самти тавлиди маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот равона шуда, боз ҳам афзоиш пайдо мекунад.

## АДАБИЁТ:


1. Коллектив. Наврӯзи Роғун. Баёни назму наср.- Душанбе, “Адиб” 2010, 400 саҳ.
2. Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун.- Душанбе, 2016.- 430 саҳ.
3. Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун.- Душанбе, 2017.- 462 саҳ.
4. Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун.- Душанбе, 2018.-416 саҳ.
5. Маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»//[манбаи электронӣ]// https://www.mfa.tj/tg/washington/view/4780// (санаи муроҷиат15.04.2024).
6. Коллектив. Наврӯзи Роғун.Баёни назму наср.- Душанбе, “Адиб” 2010, 400 саҳ.
7. Аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» Тоҷикистон дар қатори шаш кишвари пешсафи сайёра қарор дорад//[манбаи электронӣ] //www.khovar.tj.//(санаи муроҷиат15.04.2024).
8. Мулоқоти Пешвои миллат бо сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии “Роғун”(тоҷ.)//[манбаи электронӣ]// www.president.tj //(санаи муроҷиат 16.04.2024).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023: «Шарқи озод», 2023. – 64саҳ.
10. Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун.- Душанбе, 2018.- 416 саҳ.


# ЛИДЕР НАЦИИ – ОСНОВАТЕЛЬ РОГУНСКОЙ ГЭС


**РАХМОНЗОДА АЗИМДЖОН ШЕРАЛИ**
**РАХИМЗОДА МАДИНА НАЗРШО**



*В статье определено значение законодательства Республики Таджикистан в сфере энергетики. Автор попытался пересмотреть законодательство Республики Таджикистан об энергетике, принятое в 2000 году, № 11, ст. 2005 г., № 12, ст. 2007 г., № 6, ст. , статья 672, статья 9-10, статья 2011, статья 440, статья 527, статья 2013. 898) принимался и изменялся 7 раз. Этот закон состоит из 4 глав и 20 статей, которые необходимо изучить для обоснования цели принятия этих законов. В современное время правительство страны проявляет большой интерес к развитию энергетической отрасли. Потому что в этот период развитие энергетики может достичь энергетической независимости и оказать существенное влияние на экономическую и социальную сферы. Республика Таджикистан располагает крупными возобновляемыми гидроэнергетическими ресурсами и другими энергогенерирующими ресурсами, при использовании которых наша страна не только полностью удовлетворит свои потребности в электроэнергии, но и получит возможность экспортировать ее за границу, что предоставит благоприятные возможности. для развития экономики страны. Именно поэтому в прошлом развитие энергетического сектора могло помочь странам выйти из коммуникационного тупика и получить возможность развивать национальную экономику. Именно поэтому энергетическая и водная отрасль Таджикистана присутствует не только в Центральной Азии, но и на международной арене.*



***Ключевые слова***: *энергетика, современность, правительство страны, развитие, энергетическая независимость, энергетические ресурсы, экономическое развитие страны, водные ресурсы Таджикистана, гидроэнергетика.*

# THE LEADER OF THE NATION IS THE FOUNDER OF THE ROGUN HYDROPOWER PLANT

**RAKHMONZODA AZIMJON SHERALI**
**RAIMZODA MADINA NAZRSHO**

*The importance of the legislation of the Republic of Tajikistan on energy is defined in the article. The author tried to revise the legislation of the Republic of Tajikistan on energy, which was adopted in 2000, No. 11, Art. 504; 2005, No. 12, Art. 63; p. 2007, No. 6, Art. 2007, article 672, article 9-10, article 2011, article 440, article 527, article 2013. 898) was adopted and amended 7 times. This law consists of 4 chapters and 20 articles, which should be studied to justify the purpose of adopting these laws. In modern times, the government of the country shows great interest in the development of the energy industry. Because in this period, the development of the energy sector can achieve energy independence and have a significant impact on the economic and social spheres. The Republic of Tajikistan has large renewable hydropower resources and other energy-generating resources, which, when used, our country will not only fully satisfy its needs with electricity, but will also have the opportunity to export it abroad. this background provides favorable opportunities for the development of the country's economy. This is why in the past the development of the energy sector was able to help countries to get rid of the communication deadlock and the opportunity to develop the national economy. That is why Tajikistan's energy and water resources industry is not only in Central Asia, but also in the international arena.*

***Keywords:*** *energy, modern times, government of the country, development of the energy industry, energy independence, power generating resources, economic development of the country, water resources of Tajikistan, hydropower.*

***ИҚТИСОДЁТИ ҶАҲОНӢ***

# МОДЕЛИ МУОСИРИ РУШДИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

**ҲАБИБОВ АБДУРАҲМОН**
н.и.и., котиби илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.
Тел. 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**РАҲМОНОВ УМЕД**
Магистранти Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо. Тел. 900033886

*Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, махсусан Сингапур, Малайзия, Индонезия, Таиланд, Вйетнам, ки онҳоро ҳамчун кишварҳои нави саноатӣ мешиносанд, дар таърихи нави худ ба натиҷаҳои назарраси рушди иқтисодӣ расидаанд, ки ин боиси таваҷҷуҳи кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад. Бо мақсади таҳқиқи моделҳои рушди ин кишварҳо омилҳои асосии ин дастовард, сиёсати иқтисодии онҳо ва татбиқи он баррасӣ шудаанд.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, модел, иқтисод, рушд, постиндустриалӣ, инноватсия.*

Дар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар тӯли якчанд даҳсолаҳо назарияҳо ва консепсияҳои гуногун истифода шуданд. Дар асоси симбиози онҳо, дар ниҳоят, ҳукуматҳо платформаҳои иқтисодиро таҳия карданд ва нақшаҳоеро таҳия карданд, ки бомуваффақият амалӣ карда шуданд.

Яке аз маъмултарин назарияҳо дар чоряки охири асри 20 назарияи постиндустриалӣ буд. Ҳарчанд истилоҳи «ҷомеаи постиндустриалӣ» бори нахуст соли 1958 аз ҷониби ҷомеашиноси амрикоӣ Д.Рисман ба гардиш ворид шуда бошад ҳам, вале баъдтар ҳамватани ӯ Д.Белл ин мафҳумро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кард. Ӯ консепсияи таҳлили ҷамъияти тараққикардаи худро ба миён гузошта, ҷараёни ташаккули сохти нави ҷамъиятиро дар шароити пешрафти босуръати илм ва дастовардҳои технология тавсиф намуд. Дар монографияи худ «Ҷамъияти оянда постиндустриалӣ. Таҷрибаи пешгӯии иҷтимоӣ» (соли 1973) олим пешниҳод кард, ки дар навбати аввал ба инкишофи илм, технологияи нав, ташкили истеҳсолот, баланд бардоштани нақш ва сифати маориф диққати калон дода шавад. Д.Белл ба мақсад мувофиқ будани банақшагирии пурра ё қисманро рад накард. Ӯ чунин меҳисобид, ки бо туфайли демократияи рушдёбанда ва навсозии сохторҳои сиёсӣ ангезаи боэътимоди фаъолияти меҳнатӣ метавонад пайдо шавад [1, С. 123, 483].

Асоси методологии назарияи Белл афзалияти технологияи информатсионӣ дар ташкили истеҳсолоти ҷамъиятии муосир мебошад. Оқибати мантиқии ин болоравии меритократия, яъне ташаккули элитаи илмӣ ва мутахассисони дорои донишҳои навтарин мебошад, ки ҳам идоракунии иқтисод ва ҳам қудрати воқеӣ ба дасти онҳо мегузаранд. Аммо Белл ин идеяро дар китоби навбатии худ «Тазодҳои фарҳангии капитализм» (1976) рушд надодааст. Ҳарчанд, ки муаллиф дигар иддао намекард, ки зиёиён қудрати воқеӣ хоҳанд дошт, вале ӯ онҳоро даъват мекард, ки бо дарки масъулияти худ фаро гирифта

шаванд ва ба нақши имконпазир дар ҷомеа омода шаванд. Белл дар тавсифи ҷамъияти постиндустриалӣ қайд кардааст, ки «тамоюлҳои постиндустриалӣ шаклҳои пештараи ҷамъиятиро ҳамчун «марҳила»-и таҳаввулоти иҷтимоӣ иваз намекунанд. Онҳо аксар вақт бо ҳам зиндагӣ карда, мураккабии ҷамъият ва табиати сохти ҷамъиятиро амиқтар мегардонанд». Худи ҷамъияти постиндустриалӣ, ба ақидаи Белл, ҷамъияте мебошад, ки дар иқтисодиёташ афзалияти он аз истеҳсолоти бартаридоштаи мол ба истеҳсоли хизматрасонӣ, тадқиқот, ташкили системаи маориф ва баланд бардоштани сифати ҳаёт гузаштааст, ки дар он синфи мутахассисони техникӣ ба гурӯҳи асосии касбӣ табдил ёфта, мухимтар дар он ҷорӣ намудани навоварӣ ба дараҷаи торафт бештар ба комёбиҳои донишҳои назариявӣ вобаста гардид. Ҷамъияти постиндустриалӣ ба вучуд омадани синфи наверо дар назар дорад, ки намояндагони он дар сатҳи сиёсӣ ҳамчун машваратчӣ, коршинос ё технократ баромад мекунанд.

В.Л. Иноземтсев натиҷаи таҳлили назарияи постиндустриалиро ҷамъбаст намуда, таъкид мекунад, ки «асоси консепсияи ҷомеаи постиндустриалӣ баҳодиҳии ҷомеаи нави ба куллӣ фарқкунанда аз ҷомеае, ки дар садсолаҳои гузашта ҳукмрон буд, мемонад: пеш аз ҳама паст шудани нақши истеҳсолоти моддӣ ва рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ва иттилоот, характери дигаргуни фаъолияти инсон, тағйир ёфтани навъҳои захираҳои дар истеҳсолот ҷалбшуда, инчунин тағйироти куллӣ дар сохти анъанавии ҷамъиятӣ дида мешавад». [6, С. 19].

Дар баробари назарияи рушди постиндустриалии ҷаҳони оянда консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ, ки муаллифии он ба олимони амрикоиву японӣ (М. Порат, Й. Масуда, Т. Стоунйер ва ғ.) тааллуқ дорад, инчунин пешниҳоди ҷомеашиноси ҷопонӣ Т.Сакая оид ба таълимоти «knowledge society» (ҷомеаи дониш) ё «knowledge-value society» (ҷомеаи арзишаш бо дониш эҷодшуда) маъруфият пайдо кардааст. Дар асари худ «Арзише, ки аз дониш офарида шудааст, ё таърихи оянда» (1990) қайд кардааст, ки дар шароити муосир омилҳои анъанавии истеҳсолот дигар арзишеро, ки истеъмолкунандагон барои ин ё он маҳсулот эътироф мекунанд, муайян намекунанд; маҳз дар ҳамин, ба афкори ӯ, яке аз тағйироти асосии дар иқтисодиёти ҳозира ба амалоянда мушоҳида мешавад. Маълумот ва дониш худашон ҳамчун "арзиши дониш" ҳисобида мешаванд, яъне арзишҳое, ки аз дониш тавлидшуда, дар истеҳсолот ҷорӣ карда шуданд. Ин арзишҳо ба ташаккули соҳаҳои дониш («knowledge industries») мусоидат мекунанд ва дар кишварҳои пешрафта саҳми онҳо дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ босуръат меафзоянд. Т.Сакая чунин мешуморад, ки хусусияти хоси ҷамъияти муосир на худи далели васеъ паҳншавии дониш, балки онҳо бевосита дар аксарияти неъматҳои дар ҷамъият ба вуҷуд омада таҷассум ёфтаанд ва ба ҳамин тариқ иқтисодиёт ба системае табдил меёбад, ки дар асоси мубодилаи дониш ва мукаммалгардонии онҳо амал мекунад [9].

Дар луғати Оксфорд инноватсия маънои ҳама гуна равиши нав ба тарҳрезӣ, истеҳсол ё маркетинги маҳсулотро дорад, ки боиси бартарии навовар ё ширкати ӯ нисбат ба рақибон мегардад. Ин ногузир ба зудтар дар амал истифода бурдани комёбиҳои илму техника водор мекунад. Навсозӣ на танҳо ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ аст, балки он хусусияти ҳам раванди истеҳсолот ва ҳам ба фурӯш баровардани маҳсулотро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Дар даҳсолаҳои охир маҳз навовариҳо дар ҳама гуна намуди соҳибкорӣ имконият медиҳанд, ки аз рақибон дар бозори ҷаҳонӣ пеш гузаранд ва илова бар ин, суръати рушди иқтисодиёти кишварро то андозае пешакӣ муайян мекунанд.

Аммо, ба назар гирифтан лозим аст, ки тайёрӣ ба марҳилаи навбатии навоварӣ вақти муайянеро талаб мекунад, ки дар давоми он суръати афзоиш метавонад паст шавад.

Хусусияти хоси иқтисодиёти нав мавҷуд будани шабакаи зичи муносибатҳои байниҳамдигарӣ мебошад. Баланд бардоштани дараҷаи истеҳсолот дар як корхона аввал ба натиҷаҳои фаъолияти онҳо таъсир мерасонад, аммо баъд дар натиҷаи вобастагии ҳамдигари воҳидҳои иқтисодӣ ба ин ҷараён тамоми шабака ҷалб карда мешавад. Мисоли равшан ин интернет аст, ки ба шарофати рушди технология дар саноати компютерӣ аввал дар соҳаи алоқа ва сипас дар аксари намудҳои фаъолияти иқтисодӣ паҳн мешавад.

Модели худии ташаккули ояндаи постиндустриалӣ дар баъзе кишварҳои ОҶШ ва дигар мамлакатҳо кор карда мешавад. Вай ҳамчун рушди аз ҷиҳати илмӣ санҷидашудаи ҷомеа ҳисобида мешавад, ки маънои бунёди ҷомеаи мутаносибро дорад.

Муҳаққиқони рус типи иқтисодиёт, ки ба истифодаи васеи донишҳои нав асос ёфтааст, бо истилоҳҳои гуногун ба монанди иқтисодиёти нав, иқтисодиёти дониш ё иқтисодиёти ба дониш асосёфта, иқтисоди доништалаб номгузорӣ карда, онҳоро ҳамчун синонимҳо истифода мебаранд. Дар ҳақиқат, ин мафҳумҳо дар назари аввал басо ба ҳам наздиканд ва ҳарчанд онҳо тобишҳои семантикии худро доранд, дар мавриди эътирофи хислатҳои умумии ба хислатҳои модели нави иҷтимоӣ хос, ки дар ҳамаи истилоҳҳои боло ифода ёфтаанд, якдилона ҳамфикрӣ вуҷуд дорад.

Пеш аз ҳама хоҷагии халқ бояд қобилияти доимии навовариро дарк намуда, ба ҷараёни истеҳсолот дохил кардан, моҳирона истифода бурдани онҳо, инчунин ба вуҷуд овардани донишҳои навро дошта бошад. Ба ғайр аз ин, суръати баланди афзоиши иқтисодиро бе афзоиши таваррум нигоҳ доштан, маблағгузориро ба фондҳои асосии истеҳсолӣ зиёд кардан лозим аст, ки ин имкон медиҳад, ҳосилнокии меҳнат зиёд карда шавад. Мисоли боварибахши иқтисодиёти навро ИМА дар солҳои 90-ум нишон додааст. Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ки ба ин ҷараён ҳамроҳ шудаанд, низ ба бисёр дастовардҳо ноил гардиданд. Соли 2000-ум дар Лиссабон «Эъломияи Иттиҳоди Аврупо» қабул карда шуд, ки ҳадафи стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳои аъзои иттиҳодияро дар даҳсолаи оянда: рушди иқтисод дар асоси дониш муайян кард. Хусусиятҳои чунин иқтисодиёт рақобатпазирии баланд, рушди устувор, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ ва ҷиҳози муосири онҳо, мусоидат ба ҳамгироии иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Бо ин ҳама бояд сиёсати бунёди "ҷомеаи иттилоотӣ" тавассути ислоҳоти босуръати сохторӣ такмил дода шавад. Муҳимтарин ҷузъи сиёсати инноватсионии ИА, чунон ки муҳаққиқи рус Л.Баас қайд кардааст, навсозии блоки иҷтимоӣ дар асоси сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ ва ташкили давлати фаъоли некӯаҳволӣ мебошад.

В.Михеев таъкид мекунад, ки аз ҷиҳати назариявӣ иқтисоди дониш ҳамчун илова ба омилҳои анъанавӣ — воситаҳои меҳнат, предмети меҳнат ва худи меҳнат омили нави истеҳсолот мебошад. Падидаҳои нав низ пайдо шуданд — савдои дониш, патент, литсензия, ноу-хау, ноу-уай. Ин муаллиф шарҳ медиҳад, ки «ғоя»-и меҳнат на танҳо дар дигар омилҳои истеҳсолот мавҷуд аст, балки ҳамчун моли мустақил дар бозор пайдо мешавад. Моли «ғояи илмии маҳсулот» омили иловагии истеҳсолот мегардад, ки истифодаи он рушди иқтисодиро метезонад [5, С. 138-139].

Ин ва бисёр дигар консепсияҳои илмии ҷамъияти постиндустриалӣ ҷараёни мураккаби таҳаввулоти ҷаҳони ҳозираро инъикос мекунанд. Дар таҳлил на танҳо

иқтисодчиён ва ҷомеашиносон, балки сиёсатмадорони ҳақиқӣ низ иштирок мекунанд, ки ба ташаккули ҷамъияти типи нав, ё ақаллан ба унсурони онҳо таъсир мерасонанд.

Асоси ин унсурҳо таъсиси истеҳсолоти зичтехнологӣ ва миёнатехнологӣ; ташаккули муҳити соҳибкорӣ, ки қодир ба таъмини маркетинг, аудит, машварат, коммуникатсия; институти кафолатҳо ва ҳифзи ҳуқуқи моликияти сармоягузор мебошанд. Нававарии калидии консептуалӣ тиҷорат бо кам кардани хатар барои ҳарду ҷониб мебошад. Дар баробари рушди ин муассисаҳо ва баъзе муассисаҳои дигар, дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шабакаи хизматрасониҳои постиндустриалӣ ба вуҷуд меояд.

Дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ консепсияи рушди пешқадами саноатро, ки баъзе унсурҳои моделҳои постиндустриалиро низ дар бар мегирифт, идома доданд. Муаллифони ин консепсия аҳамияти пешрафти илму техника ва зарурати фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба иқтисодиёти хизматрасониро дарк намуданд; ҳангоми он сохтори шуғл тағйир ёфта, ҷамъияти нав ташаккул меёбад.

Ин хусусиятҳои тараққиёти мамлакатҳои ОҶШ ба онҳо имконият дод, ки дурнамои устувори иқтисодиро ба вуҷуд оваранд. Ҳамин тариқ, тибқи пешгӯиҳо, дар солҳои наздик онҳо суръати баланди рушди иқтисодиро нигоҳ медоранд, вале вобастагии онҳо аз содирот, пеш аз ҳама ашёи хом ва молҳои дорои арзиши иловагии паст суст мегардад. Дар баробари ин, афзоиши ҳаҷми содирот, асосан маҳсулоти дорои технологияҳои баланд идома хоҳад ёфт.

## АДАБИЁТ:


1. Белл, Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования. М., 1973. С. 123, 483.
2. Володин А. Г., Широков Г. К. Глобализация: начала тенденций, перспективы. М., 2002. С. 8, 9, 14, 38.
3. Канаев Е.А. Пятидесятилетний юбилей АСЕАН: «истории успеха» и их ресурсы. – М.: ИМЭМО РАН, 2017. – 39 с.
4. Михеев В. Страны Восточной Азии и степень овладения ими «новой экономики». М., 2004. С. 138-139.
5. Новая индустриальная волна на Западе. Антология. Под редакцией В. Л. Иноземцева. Academia. М., 1999. С. 19.
6. Осипова М.Г. Особенности инновационной системы в Сингапуре. Юго-Восточная Азия: актуальные проблемы развития, 2020, Том I, № 1 (46). С. 183-193.
7. Пахомова Л. Ф. Модели процветания (Сингапур, Малайзия, Таиланд, Индонезия). - М.: Институт востоковедения РАН, 2007. - 256 с.
8. Ҳабибов А.Ҳ. Таҳқиқи модели рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Чанубу Шарқӣ. – Маҷаллаи илмии “Осиё ва Аврупо”, 2022, №3 (11), с.116-122.
9. Sakaya, T. The Knowledge – Value Revolution or A History of the Future. Tokyo–N. Y., 1991.


## СОВРЕМЕННАЯ МОДЕЛЬ РАЗВИТИЯ СТРАН ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ

**ХАБИБОВ АБДУРАХМОН**

К.э.н., ученый секретарь Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Тел. 901080144. E-mail: habibov@bk.ru.

**РАХМОНОВ УМЕД**
магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы. Тел. 900033886

*Страны Юго-Восточной Азии, особенно Сингапур, Малайзия, Индонезия, Таиланд, Вьетнам, известные как новые индустриальные страны, добились в своей новейшей истории значительных результатов экономического развития, что привлекло внимание развивающихся стран, в том числе Таджикистана. С целью исследования моделей развития этих стран обсуждаются основные факторы этого достижения, их экономическая политика.*

***Ключевые слова****: Юго-Восточная Азия, модель, экономика, развитие, постиндустриальный, инновации.*

## MODERN MODEL OF DEVELOPMENT OF SOUTH-EAST ASIAN COUNTRIES

**HABIBOV ABDURAHMON**
c.e. s., scientific secretary of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries. Tel. 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**RAHMONOV UMED**
Graduate student of the Institute of Asian and European Studies. Tel. 900033886

*South-East Asian countries, especially Singapore, Malaysia, Indonesia, Thailand, Vietnam, which are known as new industrial countries, have achieved significant economic development results in their recent history, which has attracted the attention of developing countries, including Tajikistan. In order to investigate the development models of these countries, the main factors of this achievement, their economic policy and its implementation are discussed.*

***Keywords****: Southeast Asia, model, economy, development, post-industrial, innovation.*

## ИНДИКАТОРҲОИ МУҲИТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ҶОЙГОҲИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ШАРҚӢ ДАР ОНҲО

**БАРОТОВ ЛУТФУЛЛО**
Ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел. 918780555, email: mehr1981@ mail.ru

*Кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ тавонистаанд ба рушди иқтисодии босуръат даст ёфта, ба гурӯҳи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид гарданд. Омӯзиши таҷрибаи онҳо ва муҳити сармоягузорие, ки сохтанд, барои ҳар кишвари рӯ ба рушд манфиатовар мебошад. Дар ин мақола маълумот доир ба интикаторҳои асосии муҳити сармоягузорӣ оварда шуда, ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Тоҷикистон дар онҳо муайян карда шудааст. Муаллиф хулоса мекунад, ки барои такрори муваффақияти ин кишварҳо дар баробари боло бурдани имтиёзҳои худ дар ҳар як нишондиҳандаи истифодашуда дар*

*индикаторҳои муҳити сармоягузорӣ, дар амал дуруст татбиқ кардани қонуну қоидаҳо шарт ва зарур мебошад. Яъне як кишвар метавонад ба қонуну қоидаҳои худислоҳоти дуруст ворид карда, дар индикаторҳои мазкур ҷойгоҳи худро боло барад, вале дар амал татбиқи дуруст накардани онҳо расидан ба ҳадафро номумкин мегардонад.*

***Калидвожаҳо***: *сармоягузорӣ, рушди иқтисод, муҳити сармоягузорӣ, индикаторҳо, Doing Bussiness, Enterprise Surveys, Осиёи Шарқӣ, Тоҷикистон.*

Дар чанд даҳсолаи охир раванди ҷаҳонишавӣ дар соҳаи иқтисод, махсусан молияву сармоягузорӣ, суръати баландеро касб карда, тамоми ҷаҳонро дар бар гирифтааст. Дар воқеъ, ҳеҷ як кишваре наметавонад худро аз ин раванд канор гирифта, рушду пешрафти устувор дошта бошад. Сармоя, воситаҳои молиявӣ ва донишҳои нави технологӣ ҳамеша майл ба кишварҳое доштанд, ки дар онҳо муҳити мувофиқи сармоягузориву фаъолияти соҳибкорӣ вуҷуд дошта бошад. Дар рақобат барои дастрас кардани сармоя ва технологияҳои нав давлатҳои муосир иштироки фаъол дошта, мекӯшанд, ки дар дохили худ як муҳити бартаре созанд ва бо ҷалби сармояву технологияҳо аз саросари ҷаҳон худро обод ва аҳолиро дорову хушбахт созанд.

Албатта, ҳар як ҳукумат бо тарзу усули хос муҳити сармоягузории худро арзёбӣ мекунад. Онҳо метавонанд пешдоварӣ карда, то дараҷае дар арзёбиҳои худ ба инҳироф роҳ диҳанд. Ин аст, ки аксари давлатҳои сарватманд, созмону ширкатҳои бузурги байналмилалӣ ва сармоягузорони инфиродӣ ба чунин арзёбиҳои худи давлатҳо таваҷҷуҳи кам доранд. Онҳо бештар ба тадқиқотҳои созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ муроҷиат мекунанд, то маълумоти ба ҳақиқат наздиктареро оид ба вазъи муҳити сармоягузорӣ дар кишварҳои гуногун ба даст биёранд. Дар асоси ин маълумоти дастрасшуда онҳо тасмим мегиранд, ки дар куҷо сармоягузорӣ кунанд ва аз сармоягузорӣ дар кадом кишвар худдорӣ намоянд.

Дар миқёси байналмилалӣ чандин индикаторҳои муҳити сармоягузорӣ вуҷуд доранд. Бонки ҷаҳонӣ яке аз ташкилотҳои асосие мебошад, ки муҳити сармоягузории кишварҳои ҷаҳонро бо роҳу усулҳои гуногун меомӯзад. Ду индикатори ин бонк аз ҳама бештар муаррифӣ шуда, кишварҳои зиёдеро дар бар мегиранд. Яке аз онҳо Doing Bussiness (Соҳибкорӣ кардан) буда, таҷаҷҷуҳи худро рӯйи масъалаҳои қонунгузорӣ ва талаботи кушодан, фаъолият ва бастани бизнес дар кишварҳои ҷаҳон мутамарказ мекунад. Дуюмин, Enterprise Survey (Тадқиқоти корхонаҳо) буда, маълумот дар бораи муҳити сармоягузорӣ аз худи ширкату корхонаҳо, тариқи назарпурсиҳои махсус ҷамъоварӣ шуда, дар асоси он муҳити сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад. Яъне индикатори Doing Bussiness ҷойгоҳи як кишварро дар ин арзёбии худ аз рӯйи омӯзиши қонуну қоидаҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян мекунад ва интикатори Enterprise Survey бештар сари таҷрибаи амалии худи ширкату корхонаҳо дар дохили як кишвар таваҷҷуҳ намуда, дар асоси назарпурсиҳо ва маълумоти гирдоварда тавассути онҳо, муҳити сармоягузории кишварҳоро меомӯзад. Бонки Ҷаҳонӣ дигар индикаторҳо низ дорад, ки бо ҳадафҳо ва усулҳои дигар муҳити сармоягузориву соҳибкориро дар кишварҳои гуногун арзёбӣ мекунад. Ба монанди Investing Across Borders (Сармоягузории фаромарзӣ) ва Business Environment Snapshots (Тасовири муҳити касбу кор). Вале чуноне ки қайд карда шуд, ду индикаторҳои аввалӣ нисбат ба инҳо хеле васеътар истифода мешаванд.

Дигар созмону ташкилотҳое ҳастанд, ки муҳити сармоягузорӣ дар кишварҳои ҷаҳонро арзёбӣ мекуунанд. Масалан, индикатори Global Competitiveness Index (Шохиси

рақобатпазирии ҷаҳонӣ), ки аз ҷониби Маркази ҷаҳонии форуми иқтисодии рақобатпазирӣ ва самаранокии байналмилалӣ (The World Economic Forum"s Centre for Global Competitiveness and Performance) роҳандозӣ шудааст, ки муҳити сармоягузорӣ дар як кишварро аз рӯйи 12 сутуни рақобатпазирӣ муайян мекунад. Онҳо ниҳодҳо, инфрасохтор, муҳити макроиқтисодӣ, тандурустӣ ва маориф, макотиби олӣ ва таҷрибаомӯзӣ, самаранокии бозори маҳсулот, самаранокии меҳнат, рушди бозори молиявӣ, омодагии технологӣ, андозаи бозор, печидагии соҳибкорӣ ва навоварӣ мебошанд. Дигаре индикатори BizClim мебошад, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо роҳандозӣ шуда, муҳити сармоягузориро дар кишварҳои маҳдуд тавассути он арзёбӣ карда, бо расонидани кумакҳои техникӣ вазъияти онро беҳтар месозад. Дар ин ҷустор мо ба ду индикатори асосии Бонки Ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ карда, ҷойгоҳи кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ ва Тоҷикистонро дар он муайян хоҳем кард.

**Doing Business (Соҳибкорӣ кардан)**

Индикатори Doing Business соли 2002 роҳандозӣ шуда, ҳадафи он андозагирии таъсири қонуну қоидаҳо ва иҷроиши онҳо ба воҳидҳои соҳибкорӣ буд. Ҳисоботи аввалини индикатори Doing Business соли 2003 мунташир шуда, он 5 нишондиҳандаро барои 133 кишвар дарбар мегирифт. Охирин тадқиқот дар ин самт соли 2020 гузаронида шуда буд, ки дар он 12 нишондиҳанда барои 190 кишвари ҷаҳон ҷой дода шуда буд. Тариқи ин пажуҳишҳо ва маълумотрасониҳо Бонки Ҷаҳонӣ ба давлатмардон барои тасмимгириҳои огоҳона ва саманок кумак карда, ба сармоягузорон раҳнамоӣ кардааст, то ки як бардошти умумӣ дар бораи вазъи муҳити сармоягузории кишварҳои алоҳидаро дошта бошанд ва дар сармоягузориҳои худ хатари камтар дошта бошанд. Инчунин, ин тадқиқотҳо барои доираҳои васеъ дар бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимону пажуҳишгарон ва таҳлилгарону рӯзноманигорон муфид арзёбӣ мегарданд.

"Индикатори Doing Business абзори арзишманде аст, ки давлатҳо метавонанд аз он барои тарроҳии сиёсатҳои назоратии худ истифода баранд. Бо ироаи меъёрҳои пешрафт ба давлатмардон ҳам тариқи муайян кардани чолишҳои дарпешистода ва ҳам тариқи пешкаш кардани роҳҳои беҳтарини бартараф сохтани онҳо, ки дар таҷрибаи кишварҳои муваффақ санҷида шудаанд, дар тасмимгириҳо кумак мекунанд. Қайд кардан зарур аст, ки индикатори Doing Business як роҳнамои мушаххаси сармоягузорӣ нест, балки як арзёбии умумии осонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад" [6-p.vii]. Албатта, сармоягузорон аз ин индикатор дар тасмимгириҳои худ истифода мекунанд, лекин илова бар он "сармоягузорони эҳтимолӣ омилҳои зиёди дигарро низ ба назар мегиранд, аз ҷумла сифати куллии муҳити соҳибкорӣ дар иқтисод ва рақобатпазирии миллӣ, суботи макроиқтисодӣ, рушди низоми молиявӣ, ҳаҷми бозор, ҳокимияти қонун ва сатҳу сифати неруи корӣ" [6-p.vii].

Ҳадафи асосии Бонки Ҷаҳонӣ ба пайроҳаи рушди устувор ворид кардани кишварҳои ҳамкор мебошад ва новобаста аз он ки тавсияҳои он ҳамчун раҳнамои асосӣ аз ҷониби сармоягузорони эҳтимолӣ истифода намешаванд, дар доираи лоиҳаи Doing Business кӯшиш карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳо маҳз барои соҳибкорону сармоягузорон шароити мусоидро барои фаъолият ба вуҷуд оварад. "Бо дар даст доштани ин ҳадафҳо Doing Business равандҳоеро, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ пайвастагӣ доранд мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аз ҷумла кушодани бизнес, дарёфти иҷозат барои сохтмон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ, бақайдгирии молу мулк, дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ, ҳифзи сармоягузорон, андозбандӣ, тиҷорати хориҷӣ, иҷроиши

қарордодҳо ва ҳаллу фасли варшикастагӣ” [6-p.2]. Ин даҳ нишондиҳанда дар муайян кардани осонии фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, ки дар асоси он имтиёзҳои ҳар кишвар муайян мегарданд ва дар асоси ин имтиёз ҷойгоҳи ҳар як кишвар дар радабандии индикатори Doing Business мушаххас карда мешавад. Илова бар ин ду нишондиҳандаи дигар ҳам дар солҳои охир ворид карда шудаанд, ки дар муайянсозии осонии фаъолияти соҳибкорӣ то ҳол истифода нашудаанд ва онҳо истихдоми коргарон ва қарордодҳо бо давлат мебошанд. Рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳои истифодашуда дар индикатори Doing Business ва тағйирёбандаҳои истифодашуда дар онҳо дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

| | **Нишондиҳанда** | **Тағйирёбандаҳо** |
|---|---|---|
| 1. | Кушодан (пушидан)-и бизнес | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (рӯзҳо),<br>Хароҷот (фоизи даромади сарона)<br>Сармояи минималӣ (фоизи даромади сарона) |
| 2. | Дарёфти иҷозат барои сохтмон | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (рӯзҳо),<br>Хароҷот (фоизи даромади сарона) |
| 3. | **И**стихдоми коргарон | Ҳуҷҷатгузорӣ,<br>Соатҳои корӣ,<br>Мавҷудияти кофии коргарон |
| 4. | **П**айвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (рӯзҳо),<br>Хароҷот (фоизи даромади сарона) |
| 5. | **Б**ақайдгирии молу мулк | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (рӯзҳо),<br>Хароҷот (фоизи даромади сарона) |
| 6. | Дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ | Индекси ҳифзи ҳуқуқҳо,<br>Индекси умқи иттилооти қарзӣ |
| 7. | **Ҳ**ифзи сармоягузорон | Мизони шаффофият дар амалиётҳо,<br>Дараҷаи дахолати сармоягузор ба фаъолияти мудирон<br>Дараҷаи дастрасии сармоягузорони хурд ба ҳуҷҷатҳои корхона |
| 8. | **А**ндозбандӣ | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (соатҳо),<br>Меъёри умумии андозҳо (фоизи фоида) |
| 9. | Тиҷорати хориҷӣ | Ҳуҷҷатҳо барои содирот (шумора),<br>Вақт барои содирот (рӯзҳо),<br>Хароҷот барои содирот (долл. ИМА/контейнер),<br>Ҳуҷҷатҳо барои воридот (шумора),<br>Вақт барои воридот (рӯзҳо),<br>Хароҷот барои воридот (долл. ИМА/контейнер) |
| 10. | Қарордодҳо бо давлат | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (рӯзҳо) |

| | | |
|---|---|---|
| 11. | Иҷроиши қарордодҳо | Шумораи амалиётҳои зарурӣ,<br>Вақти сарфшуда (рӯзҳо),<br>Хароҷот (фоизи қарз) |
| 12. | Ҳаллу фасли варшикастагӣ | Вақти сарфшуда (рӯзҳо),<br>Хароҷот (фоизи қарз),<br>Натиҷа (барҳам хурд ё наҷот ёфт) |

Барои ҳар як нишондиҳанда имтиёз муайян карда мешавад. Бо ин ҳадаф миёни коршиносони ҳар соҳаи дахлдор пурсишномаҳо гузаронида мешавад ва барои ҳар як тағйирёбанда имтиёз муқаррар мегардад. Дар навбати худ аз рӯйи ин имтиёзҳои нишондиҳандаҳо имтиёзи умумӣ барои як кишвар бароварда мешавад. Маҳз ҳамин имтиёзи умумӣ дар раддабандии осонии фаъолияти соҳибкорӣ ҷойгоҳи ҳамон кишварро муайян месозад. Онҳо дар ҳисоботҳои худ ин равандро чунин муаррифӣ мекунанд: “Doing Business натиҷаҳоро барои ду арзёбии куллӣ ироа месозад: имтиёзи осонии фаъолияти соҳибкорӣ ва раддабандии осонии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар асоси имтиёзи осонии фаъолияти соҳибкорӣ муайян мегардад. Раддабандии осонии фаъолияти соҳибкорӣ кишварҳоро бо ҳамдигар муқоиса мекунад. Имтиёзи осонии фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи дараҷаи наздикии қонуну қоидаҳои онҳо ба меъёрҳои беҳтарини ҷаҳонӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда мешавад, ки дар он 10 нишондиҳанда мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ҳангоми муқоисаи замонӣ имтиёзи осонии фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки муҳити соҳибкорӣ то чӣ андоза дар солҳои гузашта дар як кишвар тағйир ёфтааст, дар ҳоле ки раддабандии осонии фаъолияти соҳибкорӣ мавқеи як кишварро нисбати кишварҳои дигар нишон медиҳад” [6-p.77].

Тариқи муайян кардани таҷрибаҳои беҳтарин дар ҷаҳон ва ошкор сохтани камбудиҳо дар қонуну қоидаҳои вобаста ба сармоягузориву соҳибкорӣ дар кишварҳои муайян, дастандаркорони интикатори Doing Business кӯшиш мекунанд, ки дар кишварҳои муайян ислоҳот роҳандозӣ шуда, вазъият беҳтар гардад. Ҳамасола дар ҳисоботҳои худ кишварҳое, ки тайи як соли охир ислоҳоти назаррас кардаанд, муаррифӣ мегарданд. Барои мисол, дар ҳисоботи охирини онҳо Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое, ки вазъи худро беҳтар кардаанд, ворид шудааст. Дар ҳисоботи мазкур омадааст, ки “кишварҳои Арабистони Саудӣ, Урдун, Того, Тоҷикистон, Покистон, Кувейт, Чин, Ҳиндустон ва Нигерия дар як соли сипаришуда бештарин пешрафтро дар шохисҳои Doing Business доштанд” [6-p.1]. Албатта, ин маъно надорад, ки ин кишварҳо дар радабанди кишварҳои ҷаҳон ҷойҳои аввалро касб карданд. Ин ба он маъност, ки онҳо нисбат ба як соли гузаштаи худ муҳити сармоягузориро дар дохилашон беҳтар сохтаанд. Он ҳам бошад на дар ҳамаи нишондиҳандаҳои зикршуда, балки дар баъзе нишондиҳандаҳо пешравӣ доштаанд ва дар баъзеи онҳо тағйирот нест ва ё вазъ бадтар шудааст. Масалан, Тоҷикистон дар ҳамон ҳисоботи соли 2020-уми онҳо танҳо дар се нишондиҳанда пешравӣ доштааст (кушодани бизнес, дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ, тиҷорати хориҷӣ). Ин дар ҳолест, ки аз ҳамин рӯйхат Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳашт нишондиҳанда пешравӣ доштааст (кушодани бизнес, дарёфти иҷозат барои сохтмон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ, тиҷорати хориҷӣ, андозбандӣ, ҳифзи сармоягузорон, иҷроиши қарордодҳо, ҳаллу фасли варшикастагӣ).

Ҳамин тариқ, Бонки Ҷаҳонӣ муҳити сармоягузории кишварҳои ҷаҳонро пайваста мавриди омӯзиш қарор дода, бо меъёрҳои муайян ва бо истифодаи нишондиҳандаҳову тағйирёбандаҳои вобаста ба онҳо ду нишондиҳандаи умумиро барои ҳар як кишвар муайян месозад, яке имтиёзи осонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигаре ҷойгоҳи кишварҳо дар раддабандии осонии фаъолияти соҳибкорӣ. "Индикатори Doing Business меъёрҳои худро аз рӯйи ҷанбаҳои махсуси танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва таҷрибаҳои муваффақи ҷаҳонӣ дар ин ҷода, муайян менамояд. Сатҳу сифати муҳити соҳибкорӣ дар асоси амалкарди як давлат дар 10 самте, ки дар меъёрҳои муайянсозии дараҷаи осонии фаъолияти соҳибкорӣ ворид шудаанд, муайян карда мешавад. Ин тарзи кор муқоисаи муқарратору қонунҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ миёни кишварҳоро осон месозад. Имтиёз дар осонии фаъолияти соҳибкорӣ асосест барои муайян кардани ҷойгоҳи кишварҳо дар радабандии муҳити сармоягузорӣ. Ин радабандӣ бо роҳи ба тартиб даровардани кишварҳо аз рӯйи имтиёзҳои онҳо сохта мешавад. Имтиёзи осонии фаъолияти соҳибкорӣ, мавқеи қонуну қоидаҳои вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ дар як кишварро нисбат ба таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ дар ин самт нишон медиҳад, дар ҳоле ки радабандии осонии фаъолияти соҳибкорӣ нишондиҳандаи ҷойгоҳи як кишвар нисбат ба кишварҳои дигар мебошад" [6-p.3].

Раванди кор камбудиву бартарии ҳар як фаъолиятро муайян месозад ва зарурати тақвият додан ва дигаргун кардани роҳу равиши корӣ ба миён меояд. Аз ҷумла, индикатори Doing Business низ дар ин ду даҳсола тағйироти зиёде доштааст ва беҳтар гардидааст. Бо вуҷуди ин, соли 2021 Бонки Ҷаҳонӣ ба хулосае омад, ки индикатори нав зери унвони Business Ready (B-READY)-ро, бо ҳадафи арзёбии муҳити сармоягузориву соҳибкорӣ дар кишварҳои ҷаҳон роҳандозӣ карда, онро ҷойгузини Doing Business гардонад. Мусаллам аст, ки ин индикатори нав ҳам нишондиҳандаҳои истифодашудаи қаблиро дар бар хоҳад гирифт ва беҳтар сохтани онҳо барои ҳар як кишвар аҳамияти худро нигоҳ медорад. Дар воқеъ, беҳтар гардонидани муҳити сармоягузорӣ дар ҳама ҳолат барои як ҳукумати солим яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Дар ин ҷода беҳтар гардонидани ҳамаи нишондиҳандаҳои овардашуда дар индикатори Doing Business як амри зарурӣ аст.

**Enterprise Surveys (Тадқиқоти корхонаҳо)**

Индикатори Enterprise Surveys низ лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ буда, барои муайян кардани муҳити сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар кишварҳои ҷаҳон равона шудааст. Ба фарқ аз индикатори Doing Business ин индикатор бештар ба корхонаҳо таваҷҷуҳ дошта, миёни корхонаҳои хусусӣ пурсишҳои оморӣ мегузаронад. Агар индикатори Doing Business ба қонуну қоидаҳо таваҷҷуҳ дошта бошад ва ба коршиносону донишмандони соҳаҳои муайян такя кунад, индикатори Enterprise Surveys маълумоти лозимаи худро аз раҳбарони сатҳи болои корхонаҳо ва соҳибони бизнес ҷамъоварӣ мекунад. Ин тадқиқотҳо миёни тақрибан 130 000 корхона дар 135 давлати дунё гузаронида мешаванд. "Маъмулан дар кишварҳои бузург 1200-1800 мусоҳиба, дар кишварҳои миёнаҳаҷм (аз ҷумла Тоҷикистон) 360 мусоҳиба ва дар кишварҳои хурд 150 гузаронида мешавад" [5-p.5]. Бо усулҳои оморӣ дар ҳар як кишвар аз миёни ҳамаи корхонаҳои мавҷуда як қисмро бо таври тасоддуфӣ интихоб карда, бо раҳбарони онҳо мусоҳиба мероянд ва пурсишномаҳои худро пур мекунанд. Ҷавобҳои аз ин корҳонаҳо ҷамъшударо ҳамчун намунаи оморӣ истифода бурда, вазъи соҳибкориро аз забони худи соҳибкорон дар як кишвар муайян месозанд.

Бонки Ҷаҳонӣ ташкилотҳои хусусии муайянро интихоб менамояд, ки онҳо назарпурсиҳоро миёни корхонаҳо мегузоранд. Бо назардошти ин ки муносибати давлат ва бахши хусусӣ ва фасодкорӣ масъалаҳои ҳассос мебошанд, онҳо тарҷеҳ медиҳанд, ки ин корро ташкилотҳои мустақили хусусӣ анҷом диҳанд. Махфияти ин маълумоти ҷамъшуда нигаҳ дошта мешавад. Бонки ҷаҳонӣ ба хотири ҷалби корхонаву ширкатҳои гуногун дар пажуҳишҳои худ махфиятро ҷиддӣ мегирад ва аз шарикони худ ҳам махфиятро ба таври қатъӣ талаб менамояд [10].

Enterprise Surveys секторҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ ва тиҷоратро асоси пажуҳишҳои худ қарор додааст. Соҳаи кишоварзӣ ба он ворид намешавад. Корхонаҳое, ки 5 ва ё зиёда аз он коргар доранд, ба рӯйхати онҳо ворид мегарданд. Аз рӯйи меъёрҳои ин индикатор, корхонаҳое, ки 5-19 коргар доранд, хурд, бо 20-99 коргар миёна ва бо 100 ва зиёда аз он коргар бузург шуморида мешаванд. Агар корхона 100 дарсад моликияти давлат бошад, ба назар гирифта намешавад. Дар ин индикатор маълумот барои кишварҳо барои ҳар сол дастрас нест. Одатан дар як кишвар дар се ё чор сол як маротиба омӯзиш гузаронида мешавад. Барои як қатор кишварҳо аслан маълумот нест, ба монанди Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ. Барои баъзеи дигар як сол тадқиқот гузаронида шудааст, масалан Чин ва он ҳам 11 сол пеш, яъне соли 2012-ум. Барои як қисми калони кишварҳои рӯ ба рушд бештар маълумот дарёфт кардан мумкин, масалан дар Тоҷикистон се маротиба (солҳои 2008, 2013 ва 2019) тадқиқотҳои омории индикатори Enterprise Surveys гузаронида шудаанд.

Корхонаҳо дар ин индикатор ба се бахш тақсим мешаванд - истеҳсолот, хизматрасонӣ ва тиҷорат. Саволномаҳо барои ин бахшҳо каме аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан аз корхонае, ки ба бахши тиҷорат дохил мешавад дар бораи коргарони иловагие, ки дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот бевосита иштирок намекунанд пурсида намешавад, аммо аз корхонаҳои бахши истеҳсолӣ пурсида мешавад. Бо вуҷуди ин, мавзуъҳои меъёрие вуҷуд доранд, ки тақрибан аз ҳамаи корхонаҳо доир ба онҳо маълумот ҷамъоварӣ мешавад. Онҳо вижагиҳои корхона, мушорикати гендерӣ, дастрасӣ ба манобеи молиявӣ, фурӯши солона, арзиши қувваи корӣ, таркиби неруи кор, ришвахорӣ, иҷозатномагирӣ, зерсохтор, тиҷорат, рақобати солим, истифода аз зарфиятҳо, замин ва иҷозатномаҳо, андозу андозбандӣ, фаъолиятҳои ғайрирасмӣ, муносибати давлат ва соҳибкорон, навоварӣ ва технологияҳо, андозагирии самаранокӣ мебошанд. Дар доираи ҳар як мавзуъ чандин савол омода карда шудааст. Масалан, дар бахши андозу андозбандӣ 9 савол меоянд, ки пурсишҳои зерин аз ҷумлаи онҳо мебошанд:

- ҳиссаи корхонаҳое, ки фоизи андозҳоро маҳдудияти вазнин арёбӣ мекунанд;
- ҳиссаи корхонаҳое, ки равиши андозбандиро маҳдудияти вазнин мешуморанд;
- шумораи рӯзҳои сипаришуда барои дарёфти иҷозати фаъолият...

Дар индикатори Enterprise Surveys имтиёздиҳии муайян ва ё радабандии давлатҳо вуҷуд надорад. Мавҷуд набудани додаҳо барои ҳар сол шояд монеи чунин радабандиҳо шуда бошад. Чуноне ки қайд карда шуд барои кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин танҳо соли 2012 тадқиқот гузаронида маълумот ҷамъоаварӣ шудааст ва барои Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аслан маълумот нест. Ҳарчанд дар Тоҷикистон се маротиба, солҳои 2008, 2013 ва 2019, чунин тадқиқотҳо гузаронида шудаанд ва маълумот дастрас аст, вале наметавон онҳоро барои муқоисаи байни кишварҳои мавриди назари мо истифода кард. Бинобар ин, муқоиса танҳо аз рӯйи индикатори Doing Business имконпазир ба назар мерасад.

**Ҷойгоҳи кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Тоҷикистон дар раддабандии индикатори Doing Business**

Дар индикатори Doing Business додаҳо барои ҳар сол вуҷуд доранд. Дар баробари ин, имтиёзи ҳар кишвар ва ҷойгоҳи онҳо дар радабандӣ дақиқан муайян карда шудааст. Бо истифода аз додаҳои дастрас аз сомонаи “archive.doingbusiness.org/en/data” метавон ҷойгоҳи кишварҳои мавриди назарро дар ин радабандиҳо муайян сохт. Дар ин индикатор имтиёзи ҳар як кишвар муайян мегардад, ки доманаи он аз 1 то 100 мебошад. Чи қадар имтиёзи як кишвар бештар бошад ҷойгоҳи он дар радабандӣ болотар аст. Дар ду намунаи зерин имтиёзҳои кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ ва Тоҷикистон, барои соли 2016 ва соли 2020, оварда шудааст.







Аз намояҳои боло маълум аст, ки се иқтисоди пешрафтаи осиёӣ (Ҳонг Конги Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва Тайвани Чин) дар тули ин панҷ сол тағйиротҳои ҷиддӣ дар имтиёзҳои худ надоштаанд. Ҳонг Конги Чин имтиёзи худро аз 84.32 ба 85.32 баровардааст, Кореяи Ҷанубӣ аз 83.09 бо 84.00 боло рафтааст ва дар Тайвани Чин ин нишондиҳанда аз 81.31 ба 80.92 поён фаромадааст, ки хеле ночиз ба назар мерасад. Аммо Ҷумҳурии Мардумии Чин

ва Тоҷикистон дар ин нишондиҳанда пешравиҳои назаррасеро дар тули ин панҷ сол касб кардаанд ва дар боло оварда шудааст, ки ҳар ду ин кишвар дар кадом самт вазъияти худро беҳтар сохтаанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соли 2016-ум 62.28 имтиёз доштааст, ки бо ҷорӣ кардани ислоҳоти муайян тавонистааст ин нишондиҳандаро то ба 77.28 дар соли 2020-ум расонад. Тоҷикистон низ имтиёзи худро дар ин индикатор аз 51.84 дар соли 2016-ум то ба 61.27 дар соли 2020-ум боло бурдааст. Бо вуҷуди ин пешравиҳо ҳоло ҳам ин ду иқтисод нисбат ба се иқтисоди дигари мавриди назари мо имтиёзи камтар доранд ва дар радабандӣ ҷойгоҳи поёнтарро касб мекунанд. Бинобар ин, онҳоро зарур аст, ки ба ислоҳот идома диҳанд ва муҳити сармоягузории хешро боз ҳам беҳтар созанд. Махсусан Тоҷикистон имтиёзи камтаринро миёни ин шаш иқтисод дорад, ки барои пешравиҳо имконоти зиёд мавҷуд аст.

Дар асоси имтиёзҳои номбаршуда ҷойгоҳи ин шаш иқтисоди мавриди назари мо дар радабандии индикатори Doing Business дар соли 2020-ум муайян карда шудааст, ки ба таври зер мебошад:

| Иқтисод | Ҷойгоҳ дар раддабандии ҷаҳонӣ | Ҷойгоҳ дар минтақа | Имтиёз |
|---|---|---|---|
| Ҳонг Конги Чин | 3 | 1 | 85,3 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 5 | 2 | 84,0 |
| Тайвани Чин | 15 | 3 | 80,9 |
| Ҷопон | 30 | 4 | 78,0 |
| Чин | 32 | 5 | 77,3 |
| Тоҷикистон | 106 | 6 | 61,3 |

Аз маълумоти дар ҷадвали боло овардашуда, ки охирин пажуҳиши индикатори Doing Business мебошад, маълум аст, ки кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ, Чин (бо ду иқтисоди дигари мустақили худ Ҳонг Конг ва Тайван), Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи баландеро касб кардаанд. Ҳонг Конги Чин ва Кореяи Ҷанубӣ ба даҳгонаи аввал ворид мешаванд. Тайвани Чин ҳам аз онҳо дур набуда дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷойи 15-умро аз худ кардааст. Ҷопон ва Чин мутаносибан дар ҷойҳои 30-юм ва 32-юм қарор доранд. Тоҷикистон нисбат ба ин кишварҳо ҷойгоҳи хеле пойинтареро касб кардааст. Ҳарчанд дар чанд соли охир кишвари мо низ дар ин радабандӣ пешравиҳо дорад ва агар дар соли 2016-ум бо 51.84 имтиёз дар ҷойи 132-юм бошад дар соли 2020-ум бо 61.27 имтиёз аллакай ҷойи 106-умро ишғол менамояд. Маълум аст, ки агар кишвари мо тавонад ин суръати болоравиро нигаҳ дорад, дарояндаи наздик ҷойгоҳи аз ин ҳам хубтарро касб карда метавонад. Бо пешравӣ дар се нишондиҳанда тавонист 26 зина боло равад ва агар ба 7 нишондиҳандаи дигар таваҷҷуҳ шавад ва ислоҳоти ҷиддӣ дар он бахшҳо ҷорӣ гардад, муҳити сармоягузорӣ дар кишвари мо ба маротиб беҳтар хоҳад шуд.

**Хулоса**

Масъалаи муайян кардани сатҳу сифати муҳити сармоягузорӣ хеле печида буда, раванди омӯзиши он садҳо тағйирёбандаро дар бар мегирад. Маълум аст, ки дар ин раванд ба хатоиҳо роҳ додан мумкин аст ва дақиқан муайян сохтани он ғайриимкон мебошад. Аммо тақрибан арзёбӣ кардани ин муҳит имкон дорад. Ду индикатори асосии Бонки ҷаҳонӣ, ки дар мақолаи мазкур баррасӣ карда шудаанд, чунин баҳогузориро кардаанд ва метавон аз хулосаҳои он истифода кард. Индикатори Enterprise Surveys ба

мо маълумоти камтар медиҳад ва имкони муқоисаи дурусти кишварҳо дар доираи он вуҷуд надорад. Ҳарчанд давлатҳои алоҳида метавонанд додаҳои онро истифода бурда, бо бардошти қишри соҳибкору раҳбарони корхонаҳо аз муҳити сармоягузорӣ ва касбу кор дар кишвари худ ошно шаванд ва то ҷойе имкон вуҷуд дорад ба он масоил расидагӣ намоянд. Дар ин тадқиқотҳо шахсияти раҳбароне, ки мушкилотро ба миён мегузоранд ошкор намешавад ва онҳо то дараҷае бардошти худро, чуноне ки ҳаст, баён мекунанд. Ин ба он маъно нест, ки ҳамаи назарҳои онҳо дуруст ҳастанд, вале баррасӣ ва тафтиши нигарониҳои онҳо шарт ва зарур аст ва агар он нигарониҳо тасдиқи худро ёфтанд, бояд саривақт бартараф карда шаванд.

Индикатори Doing Business барои муқоисаи кишварҳои гуногун мувофиқ мебошад. Дар доираи ин индикатор маълумот аз донишмандону коршиносони соҳаҳои гуогун ҷамъоварӣ мегардад. Барои аксари кишварҳои ҷаҳон ҳамасола додаҳо илова мегарданд. Ин индикатор қонуну қоидаҳои кору фаъолияти соҳибкориро мавриди омӯзиши худ қарор дода, бо таҷрибаҳои беҳтарин дар ин ҷода муқоиса мекунад ва барои ҳар кишвар имтиёз муайян менамояд. Аз рӯйи ин имтиёз ҷойгоҳи ҳар кишвар дар радабандии онҳо муайян мегардад. Муқоисаи кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Тоҷикистон аз рӯйи додаҳои ин индикатор имконпазир аст. Баррасии додаҳо барои ин кишварҳо нишон дод, ки кишварҳои Осиёи Шарқи дар миқёси ҷаҳонӣ ҷойгоҳи арзандаеро касб кардаанд ва намунаи ибрати ҳар кишвари рӯ ба рушд буда метавонанд. Тоҷикистон бо вуҷуди ҷойгоҳи пасттар доштан дар раддабандии мазкур, босуръат мавқеи худро боло бурда истодааст. Маълум аст, ки бо идома додан ба ислоҳот ҷиҳати беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ, кишвари мо метавонад дар солҳои оянда ба кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ наздик шавад.

Як масъалаи ҷиддии дигар ин дар амал дуруст иҷро шудани қонуну қоидаҳои вобаста ба муҳити сармоягузорӣ мебошад. Кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ тавонистаанд, ки волоияти қонунро дар сатҳи нисбатан баланд таъмин намоянд ва натиҷаҳои мусбатро ба даст оваранд. Мушкили кишварҳои рӯ ба рушд ин аст, ки дар онҳо қонуншиканӣ бештар аст. Мумкин аст қонуну қоидаҳои хуберо қабул кунанд, вале дар амал онҳоро дуруст риоя насозанд. Маълум аст, ки дар чунин шароит муҳити сармоягузорӣ номувофиқ хоҳад буд. Масалан, имтиёзҳои расмиву ғайрирасмӣ додан ба ширкатҳои муайян метавонад вазъиятро ба таври манфӣ дигар созад. Ё ин ки монеаҳои сунъӣ эҷод кардан дар ҳуҷҷатгузорӣ, андозбандӣ, раванди додрасӣ ва воридоту содирот барои корхонаҳо, бо мақсадҳои шуми ришвахорӣ, боиси он мегардад, ки бо доштани ҷойгоҳи хуб дар радабандии индикатори Doing Business, муҳити сармоягузории як кишвар барои ҷалби сармоягузорон номувафиқ бошад.

Бо назардошти ин воқеият, кишварҳои рӯ ба рушд маҷбур ҳастанд, барои расидан ба ҳадафи беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорони дохиливу хориҷӣ, дар баробари ислоҳот дар қонуну қоидаҳои марбут ба ин соҳа, дуруст дар амал татбиқ кардани онҳоро низ зери назорати қатъӣ гиранд. Барои Тоҷикистон низ ин масъала аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Чуноне ки дида шуд, кишвари мо бо ислоҳоти қонуну қоидаҳои марбут ба сармоягузорӣ дар ин ҷода пешравиҳо дорад. Акнун дуруст амалӣ шудани онҳо низ набояд аз мадди назари раҳбарияти мамлакат берун монад. Дар якҷоягӣ таҳким додани қонуну қонунгузорӣ ва татбиқи амалии онҳо муҳити сармоягузорӣ дар кишвари моро бо суръати баланд беҳтар месозад. Дар баробари беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ дар кишвар ҷалби сармоягузорони хурду бузурги дохиливу

хориҷӣ осонтар мегардад. Бо зиёд шудани сармоягузорӣ ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ ва манбаъҳои нави андозбандӣ барои давлат зиёд мегарданд, ки ин боиси рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистони азизи мо мегардад. Кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ дар таҷрибаи худ чунин рушди босуръатро доштаанд ва мо, ки меҳани худро дар баробари онҳо пешрафтаву дорои технологияҳои баландсифат дидан мехоҳем, метавонем аз таҷрибаи онҳо васеъ истифода кунем.

## АДАБИЁТ:


1. Mary Hallward-Driemeier, Lant Pritchett, How Business Is Done and the ‘Doing Business’ Indicators, https://openknowledge.worldbank.org/server/api/core/bitstreams/0652be8b-7a0e-5c05-818b-53e10eef104d/content
2. David Dollar , Mary Hallward-Driemeier, and Taye Mengistae, Investment Climate and International Integration, https://openknowledge.worldbank.org/server/api/core/bitstreams/6350a032-0325-5cc4-9f18-6932157c617c/content
3. David Dollar, Mary Hallward-Driemeier, and Taye Mengistae, Investment Climate and Firm Performance in Developing Economies https://sticerd.lse.ac.uk/dps/eid2003/Dollar.pdf
4. Marek Hanusch, The Doing Business Indicators, Economic Growth and Regulatory Reform, https://openknowledge.worldbank.org/server/api/core/bitstreams/aaf978d2-45e1-5091-af3d-ca804a64a0bf/content
5. Sumedh Rao, Indicators for investment and business climate, University of Birmingham, https://www.researchgate.net/publication/303389261_Indicators_for_investment_and_business_climate/link/57400d4d08ae9f741b322fa2/download
6. The World Bank Group, Doing Business 2020, Comparing Business Regulation in 190 Economies, 1818 H Street NW, Washington, DC 20433, https://openknowledge.worldbank.org/server/api/core/bitstreams/75ea67f9-4bcb-5766-ada6-6963a992d64c/content
7. The World Bank Group, Getting Credit methodology, https://archive.doingbusiness.org/en/methodology/getting-credit
8. The World Bank Group, Resolving Insolvency methodology, https://archive.doingbusiness.org/en/methodology/resolving-insolvency
9. The World Bank Group, Protecting Minority Investors methodology, https://archive.doingbusiness.org/en/methodology/protecting-minority-investors
10. The World Bank Group, Survey Methodology, https://www.enterprisesurveys.org/en/methodology


## ИНДИКАТОРЫ ИНВЕСТИЦИОННОЙ СРЕДЫ И МЕСТО СТРАН ВОСТОЧНОЙ АЗИИ В НИХ


**ЛУТФУЛЛО БАРОТОВ**

Старший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, тел. 918780555, email: mehr1981@ mail.ru

*Успешные страны Восточной Азии смогли добиться быстрого экономического развития и войти в группу развитых стран мира. Изучение их опыта и созданной ими инвестиционной среды выгодно любой развивающейся стране. В данной статье представлена информация об основных показателях инвестиционной среды и определено положение в них стран Восточной Азии и Таджикистана. Автор приходит к выводу, что для повторения успеха этих стран наряду с повышением их привилегий по каждому показателю, используемому в индикаторах инвестиционной среды, необходимо правильно и своевременно применять на практике новые нормативно-правовые акты. То есть страна может внести правильные поправки в свои законы и нормативные акты и повысить свои позиции по этим показателям, но на практике их неправильная реализация делает невозможным достижение цели.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, экономическое развитие, инвестиционная среда, индикаторы, Doing Bussiness, Enterprise Surveys, Восточная Азия, Таджикистан.*

## THE INVESTMENT CLIMATE INDICATORS AND THE PLACE OF EAST ASIAN COUNTRIES IN THEIR RANKINGS

**BAROTOV LUTFULLO**

Senior Research Fellow, Institute of Studying of the Problems of Asian and European Countries, NAST. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki avenue 33, tel. 918780555, email: mehr1981@mail.ru

Successful countries in East Asia were able to achieve rapid economic development and enter the group of developed countries in the world. Learning from their experiences and the investment climate they have created is beneficial to any developing country. This article provides information on the main indicators of the investment climate and determines the position of the countries of East Asia and Tajikistan in them. The author comes to the conclusion that in order to repeat the success of these countries, along with increasing their position in each variable used in the investment climate indicators, it is necessary to correctly and timely apply new regulations in practice. A country can make the right amendments to its laws and regulations and improve its position on these indicators, but in practice their incorrect implementation makes it impossible to achieve the goal.

**Keywords**: investment, economic development, investment climate, indicators, Doing Business, Enterprise Surveys, East Asia, Tajikistan.

## ДЕДОЛЛАРИЗАЦИЯ. ЦИФРОВАЯ ВАЛЮТА – БУДУЩЕЕ МИРОВОЙ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**КУРБОНЗОДА Ф.**

Научный сотрудника отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В данной статье анализируются процессы дедолларизации мировой экономики. По мнению автора, в результате обострения геополитический и геоэкономической ситуации в мире в 2022 году наметились две тенденции: формирование многополярного мира и начала процесса дедолларизации мировой экономики.*

*Автор убежден в том, что мировой финансовый кризис 2008-2009 годов девальвировал надежность доллара США как резервной валюты, и сегодня и многие страны мира, осознав опасность возникшей ситуации, стараются уйти от долларовой зависимости, которая сохранялась десятилетиями.*

*По мнению автора, на замену доллару США как средству взаиморасчетов в сфере международной торговли придут национальные цифровые валюты, которые, в свою очередь будут играть более важную роль в мировой цифровой экономике. Таким образом дедодалларизация будет способствовать развитию международной торговли на основ национальных цифровых валют и развитию мировой цифровой экономики.*

*Автор в своей статье подчеркивает, что цифровая экономика- это экономическая деятельность, основанная на внедрении и использовании цифровых технологий в производстве, управлении и других сферах в целях обеспечения национальных интересов, повышения уровня и качества жизни населения, а также повышения конкурентоспособности национальной экономики на внешних рынках. Цифровая экономика – это переход к новому образу жизни, новым моделям ведения бизнеса и организации новых производственных процессов.*

***Ключевые слова**: мировая экономика, глобализация, дедолларизация, многополярным мир, цифровая экономика, национальная цифровая валюта, финансовая система*

Мировая экономика на данный момент находится на стадии трансформации, в которой интеграционные объединения начинают играть все более главенствующую роль. Основу таких объединений составляют межторговые отношения, единые таможенные тарифы, логистика и наличие конструктивных переговорных площадок. В большинстве из интеграционных объединений важным фактором является наличие согласованности по использованию общей валюты для внешнеторговых операций. Как известно несколько десятилетий в качестве мировой валютой для проведения финансовых операций в мировой экономике и торговле выступает доллар США.

1 июня 1944 года на американском курорте Бреттон-Вуд[1] собрались представители 44 стран мира (включая СССР) на конференцию для решения вопроса послевоенного финансового устройства мира. Американцы предложили систему: доллар привязан к золоту по курсу 35 долларов за унцию, а все остальные валюты фиксировали курсы к доллару и не могли их менять на более, чем 0,75% в любую сторону. Обменять на золото ни одну валюту, кроме доллара США и английского фунта было нельзя. Чтобы купить золото, нужно было сначала купить доллар США или английский фунт.

В обмен на ратификацию соглашения, США предлагали огромные кредиты на восстановление Европы после войны, но при одном условии: печатать можно было только такое количество своей валюты, сколько у них было долларов – мировой резервной валюты. Таким образом, США контролировали почти всю экономику Земли[2].

Мировой финансовый кризис 2008-2009 годов поставил под сомнение надежность доллара США как резервной валюты, и сегодня многие страны мира, осознав опасность возникшей ситуации, стараются уйти от долларовой зависимости, которая сохранялась десятилетиями.

«Согласно мнению ООН, отличительной особенностью данного кризиса является то, что в силу высокой степени глобализации и интеграции национальных экономик, кризис затронул в равной степени, как развитые, так и развивающиеся страны. Однако,

самыми уязвимыми в условиях экономического спада оказались беднейшие страны, чья экономика зависит от внешнего финансирования и международной торговли» [3].

И если раньше господство доллара сохранялось, не тая в себе смертельной угрозы, то в последнее время ситуация резко изменилась к худшему.

“Согласно данным МВФ, доля доллара США в мировых резервных валютах упала с 79% до 59% с 1999 по 2021 год. Согласно более поздним статистическим данным МВФ, доля доллара США по-прежнему колеблется в районе 59%. Однако, согласно альтернативным источникам (по данным Eurizon SLJ Asset Management), статус доллара как резервной валюты в 2022 году ухудшился в десять раз быстрее, чем за последние два десятилетия. Стратеги компании по управлению активами обнаружили, что доля доллара в общих мировых резервах упала до 47% в прошлом году с 55% в 2021 году”[4].

И у этого явления даже есть зловещее название - “дедолларизация”. В течение нескольких последних лет как Россия, так и Китай, Индия и ряд других стран скупают огромные объемы золота, в основном чтобы пополнить валютные резервы своих ЦБ, которые до этого момента содержались, по большей части, в долларах и евро. Таким образом, как нам видится, Китай и Россия, присоединившиеся к своим основным торговым партнерам в странах БРИКС (Бразилия, Россия, Индия, Китай, Южная Африка) и странам-партнерам евразийских стран Шанхайской организации сотрудничества (ШОС), собираются завершить создание новой денежной альтернативы доллару[5].

В конце 2013 г. разразился украинский кризис, после чего с подачи США западные страны начали вводить санкции против России. После начала украинского кризиса западные страны во главе с США последовательно ввели 128 санкций против России в различных областях. Со своей стороны, Россия приняла определенные антисанкционные меры, среди которых «дедолларизация» носит фундаментальный характер. В глобальном тренде дедолларизации действия России являются наиболее радикальными со значительным демонстрационным эффектом. 15 апреля 2021 г. президент США Байден подписал указ о начале нового раунда санкций против России, требующих, чтобы с 14 июня американским компаниям было запрещено покупать российские гособлигации, номинированные в рублях и евро, выпущенные впервые. Россия быстро отреагировала, заявив, что с 20 мая доллар США больше не будет приниматься в валютную корзину российского Фонда национального благосостояния.

3 июня 2021 г. на Петербургском международном экономическом форуме Минфин России объявил, что в течение месяца скорректирует структуру активов Российского национального Фонда национального благосостояния, чтобы свести долю долларовых активов к нулю. 5 июля Министерство финансов отчиталось, что задача выполнена, а долларовые активы полностью удалены. В то же время Россия практически распродала долгосрочные казначейские облигации США, что показывает, что с углублением санкционного американо-российского противостояния дедолларизация страны начинает новый этап[6].

В контексте дедолларизации, например, Китай, Россия, Индия и ряд других стран сегодня поэтапно начали заключать соглашения, которые позволяют принимать валюты друг друга в рамках двусторонней торговли.

Здесь важно понят, что дедолларизация подразумевает, что доллар США ни куда не исчезнет, но эта денежная единица все  меньше и меньше будет использоваться государствами мирового сообщества для взаимной торговли и других финансовых операций. По мнению известного американского экономиста, директора Центра

устойчивого развития Колумбийского университета, Джеффри Сакса «доминирование доллара в мировой финансовой системе подходит к концу. Отчасти это связано с сокращением роли США в мировой экономике: если к концу Второй мировой войны на них приходилось 30 процентов мирового ВВП, то сегодня – только 15 процентов, и это снижение продолжится…США используют финансовую систему для достижения своих геополитических целей. Вашингтон злоупотребляет своим привилегированным положением в мировой финансовой системе, что толкает страны мира к дедолларизации. Разрабатываются цифровые платёжные средства, которые позволят центробанкам обходиться без посредников в лице коммерческих банков» [7].

Национальная цифровая валюта является следующим шагом для развития экономики каждой страны и ее цифровизации. Современная мировая экономика цифровизируеться. Цифровая экономика определяется как экономическая деятельность, которая возникает в результате миллиардов ежедневных онлайн-соединений между людьми, предприятиями, устройствами, данными и процессами. Другими словами, можно сказать, что это экономика, ориентированная на цифровые технологии, основанные на цифровых и вычислительных технологиях, таких как ИТ-поддержка в Сиднее. Однако конкретного определения цифровой экономики не существует. Таким образом, сюда входят виды деятельности, которые поддерживаются Интернетом и другими цифровыми коммуникационными технологиями, а именно деловая, экономическая, социальная и культурная деятельность.

Выделяют три основных компонента цифровой экономики:

-электронный бизнес

-инфраструктура электронного бизнеса

-электронная коммерция

Произошел огромный рост цифровых платформ и их влияния в нашей повседневной жизни. Большинство потребителей находятся под влиянием социальных сетей, включая Facebook, Twitter, Instagram и другие популярные веб-сайты, такие как YouTube и т. д.

С появлением цифровой экономики начали появляться многие новые тенденции и идеи для стартапов. Если мы посмотрим вокруг, почти каждая компания вовлечена в цифровой мир. И наиболее яркими примерами являются компании Google, Apple, Microsoft, Amazon.

По мнению ведущего таджикского ученного Хайдарова Р.Дж. «сегодня для перехода на качественно новый уровень развития для любой страны мирового сообщества необходимо переходить на цифровую экономику и создавать электронное правительство. Цифровизация хозяйственной жизнедеятельности человечества становиться жизненной необходимостью в 21 веке»[10,101].

Сегодня большая часть работы выполняется в Интернете и с помощью Интернета. Поэтому наблюдается резкий рост инвестиций в технологии. Таким образом, существует более высокий спрос на оборудование, технологические исследования, программное обеспечение, услуги, цифровую связь и т. д., что косвенно влияет как на импорт, так и на экспорт в мире.

С развитием цифровой экономики электронная коммерция также приобрела важное значение и все больше завоевывает рынок. Благодаря цифровой экономике каждая задача, связанная с покупкой, распространением, маркетингом, созданием и продажей, теперь выполняется одним щелчком мыши.

Сегодня товары доступны нам в цифровом виде. Нам не нужно идти на рынок и покупать товары, даже услуги теперь доступны в Интернете. Если вы хотите посмотреть фильм, вы можете купить его на веб-сайте или загрузить, а в случае с услугами по выпечке, если вы хотите посетить свой банк, чтобы произвести оплату кому-либо, вы также можете сделать это с помощью Интернета. Итак, товары и услуги теперь стали цифровыми.

Все транзакции в цифровой экономике происходят онлайн. Следовательно, нет необходимости в наличных деньгах, что косвенно уменьшило количество теневых денег и коррупции на рынке, придав нашей экономике больше прозрачности.

На сегодняшней день большинство стран стремятся к созданию национальной цифровой валюты, который будет способствовать цифровизации национальных экономик.

Например сегодня цифровой юань – это официальная и национальная цифровая валюта Китая, позволяющая проводить электронные платежи. О ее внедрении начали думать в середине 2019 года, а уже через несколько месяцев обсуждений и разработки китайская цифровая валюта была готова к тестированию.

В мае 2020 года Народный банк Китая ввел в четырех городах страны национальную криптовалюту DCEP, дав гражданам возможность осуществлять оплату покупок в е-юанях. Примечательно, что основные криптовалюты подорожали на фоне тестирования цифрового юаня. Туристы-иностранцы могут воспользоваться цифровым кошельком, загруженным из магазина приложений. По данным Народного банка КНР, по состоянию на конец 2022 года в обращении находилось цифровых юаней на общую сумму 13,61 млрд. (т.е. 2,01 млрд. долларов). Китайские эксперты отмечают, что е-юань может стать настоящим конкурентом доллара благодаря своей оперативности и дешевизне расчетов.

В апреле 2021 года Банк Англии приступил к обсуждению создания цифрового фунта. Британские финансисты уверены – е-фунт способен на сокращение расходов, усиление влиятельности британского рынка капиталов в мире после Brexit, оперативное регулирование финансового рынка, контроль за оборотом валюты и возможность собирать и распределять налоги в режиме реального времени.

В декабре 2020 года в Японии заявили, что внедряют цифровую иену, чтобы ускорить развитие экономики и обеспечить переход на безналичные платежи. В целях продвижения цифровизации при создании цифровой иены и проведении экспериментов с ней привлечено более 30 крупных банков, брокерских и телекоммуникационных компаний, коммунальных служб и розничных торговцев Японии. Это первый шаг по реализации планов центрального банка по переходу на цифровую валюту. Кстати, Япония – одна из тех стран, где граждане обычно пользуются наличными. Вместо этого безналичные расчеты здесь составляют 20% от общего объема.

В Европейском союзе говорят о внедрении цифрового евро уже более трех лет. В 2021 году глава Европейского Центробанка (ЕЦБ) Кристин Лагард заявила, что ЕС может выпустить собственную Central Bank Digital Currency (CBDC – цифровая валюта центробанка) только через четыре года. Уже в апреле 2022 года дискуссии по этому финансовому инструменту активизировались. В Европейском центробанке говорят о трех вариантах использования цифровой евровалюты:

- Одноранговые платежи, с помощью которых люди будут делать личные переводы друг другу;

▪ Платежи между покупателем и продавцом в реальных и виртуальных магазинах;

▪ Платежи в интересах государства или между государственными организациями[8].

Кроме того, ЕЦБ рассматривает пути разработки мобильного приложения для е-евро, которое позволит потребителям использовать цифровую валюту центрального банка (CBDC) для осуществления бесконтактных платежей и платежей с использованием QR-кода, а также способно облегчить подход к подключению пользователей со стороны финансовых посредников, включая банки и платежные системы.

В середине 2022 году президент США Джо Байден поручил Министерству финансов изучить вопрос создания цифрового доллара. Собственно, е-доллар останется долларом, выпущенным Федеральным резервом (ФРС или Центробанком США), и будет доступен всем, а не только финансовым учреждениям. К тому же в прошлом году глава Федеральной резервной системы США Джером Пауэлл заявил, что цифровая валютная система быстро меняется, поэтому Штатам нужно закрепить международную роль доллара и объявил 2023 год годом запуска CBDC доллара США. CBDC (Central Bank Digital Currency) – это не криптовалюта, потому что крипта предполагает децентрализованный реестр, а в контексте CBDC централизованный реестр будет полностью контролироваться Центральным Банком. Появление цифрового доллара снизит или уберет транзакционные расходы, потому что биржи больше не будут просто проходить через банки, банковские карты или приложения, взимающие комиссию по каждому платежу. Однако есть и риски: сбой системы или кибератаки, пробелы в конфиденциальности из-за полного доступа государства ко всем транзакциям граждан[8].

24 июля 2023 президент Российской Федерации В.В.Путин подписал закон о цифровом рубле, которая вступила в силу 1 августа 2023 года. Россияне смогут начать пользоваться только в 2025—2027 годах. Пока же ведется его тестирование[9].

Таким образом, можно констатировать, что процесс дедолларизации мировой экономики набирает обороты. Большинство стран мирового сообщества договариваются между собой относительно выбора альтернативных способов взаиморасчетов в сфере торговли и финансов. Доллар США стремительно теряет свои позиции в мире. Это связано со снижением уровня доверия, прежде всего к США, как к сверхдержаве. Многополярный мир сегодня не будет терпеть гегемонию одной державы и тем более её валюты.

## ЛИТЕРАТУРА:

**1.**Что такое Бреттон-Вудская система//https://finance.rambler.ru/markets/48725255/?utm_content=finance_media&utm_medium=read_more&utm_source=copylink

**2.**История доллара: от мусорной валюты до главной резервной, и о том, как сломалась Бреттон-Вудская система//5 апр 2022//https:// vc.ru/money/395203-istoriya-dollara-ot-musornoy-valyuty-do-glavnoy-rezervnoy-i-o-tom-kak-slomalas-bretton-vudskaya-sistema

**3.Бабаева Э.Э.**Мировой финансовый кризис 2008-2009 годов: причины и последствия для мировой экономики?//https://cyberleninka.ru/article/n/mirovoy-finansovyy-krizis-2008-2009-godov-prichiny-i-posledstviya-dlya-mirovoy-ekonomiki#:~:text=Мировой%20 финансовый%20кризис%202008-2009%20годов%20 принято%20 считать %20самым%20глубоким,на%20 развитие%20всего%20мирового%20хозяйства

**4.** Дедолларизация: Роль доллара в многополярном мире// https://interaffairs.ru /news/show/41639

**5.**Киевич А.В. Дедолларизация мировой экономики как объективная реальность / А.В. Киевич // Вопросы экономики и права : научно-информационный журнал. – 2017. – № 6 (108). – С. 33-37. //https:// rep.polessu.by/handle/123456789/15645

**6.**Суй Вейхун Дедолларизация как направление финансовой политики России в современных условиях//https://institutiones.com/strategies/ 4447-dedollarizaciya-kak-napravlenie-finansovoi-politiki-rossii.html

**7.** Сакс Д. Выступление на XX Ежегодном заседании клуба «Валдай».04 октября 2023.г.Сочи(Россия) //https:// ru.valdaiclub.com/events/ posts/articles/rossiyskaya-ekonomika-ot-rezistentnosti-k-dolgosrochnoy-ustoychivosti-/?sphrase_id=686395

**8.** Цифровая валюта как шаг в будущее: Перспективы электронных денег в мире//https:// https://www.banker.kz/news/tsifrovaya-valyuta-kak-shag-v-budushchee-perspekti/

**9.** В России приняли закон о цифровом рубле: тестирование с клиентами банков начнут уже в августе//Как это будет работать// **04.08.23 //** https://journal.tinkoff.ru/news/digital-ruble-law-2023/

10.Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации// Известия ИФПП НАНТ.- №1-2022. -С. 98-103.

## ДЕДОЛЛАРИЗАТСИЯ. АСЪОРИ РАҚАМӢ- ОЯНДАИ ИҚТИСОДИ РАҚАМИИ ҶАҲОНӢ

**ҚУРБОНЗОДА Ф.**
Унвонҷӯи Институти иқтисод ва демографияи АМИТ

*Дар ин мақола равандҳои де-долларизатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ таҳлил карда мешаванд. Ба гуфтаи муаллиф, дар натиҷаи тезутунд шудани вазъи геополитикӣ ва геоиқтисодии ҷаҳон дар соли 2022 ду тамоюл ба вуҷуд омадааст: ташаккули ҷаҳони бисёрқутбӣ ва оғози раванди де-долларизатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ.*

*Муаллиф муътақид аст, ки бӯҳрони ҷаҳонии молии солҳои 2008-2009 эътимоднокии доллари амрикоиро ҳамчун пули захиравӣ беқурб сохт ва имрӯз бисёре аз кишварҳои ҷаҳон хатари вазъияти ба миёномадаро дарк карда, талош доранд, ки аз вобастагӣ ба доллар, ки даҳсолаҳо идома дорад, дур шаванд.*

*Ба ақидаи муаллиф, бар ивази мақоми доллари амрикоӣ ҳамчун василаи ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила дар тиҷорати байналмилалӣ пули миллии рақамӣ меояд, ки он дар навбати худ, дар иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ нақши муҳимтар хоҳад дошт. Ҳамин тариқ, де-долларизатсия ба рушди тиҷорати байналмилалӣ дар асоси асъорҳои миллии рақамӣ ва рушди иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ мусоидат хоҳад кард.*

*Муаллиф дар мақолаи худ таъкид мекунад, ки иқтисоди рақамӣ ин як фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот, идоракунӣ ва дигар соҳаҳо бо мақсади таъмини манфиатҳои миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, инчунин эҷоди рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозорҳои хориҷӣ асос ёфтааст. Иқтисоди рақамӣ гузариш ба тарзи нави зиндагӣ, моделҳои нави тиҷорат ва ташкили равандҳои нави истеҳсолӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо**: иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷаҳонишавӣ, дедолларизатсия, ҷаҳони бисёрқутбӣ, иқтисоди рақамӣ, пули миллии рақамӣ, низоми молиявӣ*

## DEDOLLARIZATION. DIGITAL CURRENCY IS THE FUTURE OF THE GLOBAL DIGITAL ECONOMY

**KURBONZODA F.**
applicant at the Institute of Economics and Demography of NAST

*This article analyzes the processes of de-dollarization of the world economy. According to the author, as a result of the aggravation of the geopolitical and geo-economic situation in the world in 2022, two trends have emerged: the formation of a multipolar world and the beginning of the process of de-dollarization of the world economy.*

*The author is convinced that the Global Financial Crisis of 2008-2009 devalued the reliability of the US dollar as a reserve currency, and today many countries of the world, realizing the danger of the situation that has arisen, are trying to get away from dollar dependence, which has persisted for decades.*

*According to the author, the US dollar as a means of mutual settlements in international trade will be replaced by national digital currencies, which, in turn, will play a more important role in the global digital economy. Thus, de-dollarization will contribute to the development of international trade based on national digital currencies and the development of the global digital economy.*

*The author in his article emphasizes that the digital economy is an economic activity based on the introduction and use of digital technologies in production, management and other areas in order to ensure national interests, improve the level and quality of life of the people, as well as create the competitiveness of the national economy in foreign markets. The digital economy is a transition to a new way of life, new business models and the organization of new production processes.*

***Keywords**: world economy, globalization, dedollarization, multipolar world, digital economy, national digital currency, financial system*

## ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ РАВОБИТИ ИҚТИСОДӢ-ИНВЕСТИТСИОНӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН

**РАҲМОНЗОДА М.Б.**
докторанти PhD-и соли сеюми ихтисоси (08.00.14) Иқтисоди ҷаҳони Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

*Заминаҳои пайдоиши равобити иқтисодӣ-инвеститсионӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон*

*Дар ин мақола бо мақсади муайян намудани самтҳои таърихӣ – иқтисодии пайдоиш ва ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҳиндустон омӯзиш шудааст.*

*Таҳлилу омӯзиши иқтисод ва рушди иқтисодиёти ду кишвар дар шароити тағйирёбии тартиботи иқтисоди ҷаҳонӣ таҳқиқоти наверо тақозо менамояд, ки усулҳо ва*

*моделҳои ченкунии муносибро таҳия намуда, имкон медиҳад муносибатҳои иқтисодӣ хусусияти ҳамаҷониба ва системавӣ касб намоянд. Аҳамият ва зарурати ин тадқиқот аз таҷрибаи илмию амалии Ҳиндустон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши масъалаҳоиислоҳоти институтсионалӣ, дар робита ба ин, омӯзиши шаклҳо, усулҳо ва моделҳои муосири ҳамкориҳои иқтисодӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷӣ, ки ба пешбурди манфиатҳои иқтисодии миллӣ, ҳифзи амнияти иқтисодӣ, мусоидат ба рушди савдои байналмилалӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва кумакҳои байналмилалӣ равона шудааст, муҳим аст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ, Осиёи Ҷанубӣ, дипломат, тиҷоратӣ – иқтисодии, Ҳиндустон, эъломия, виза, туризм, шуро, сулҳ, демократия, созишнома, ҳамкорӣ.*

Дар шароити раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва рушди илмию–техникӣ бе дарназардошти ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодию инвеститсионӣ наметавон сиёсати иқтисодии ҳеҷ кадом як кишвари соҳибихтиёри дунёро мустақил номид. Талаботи беинтиҳои инсоният ба захираҳои маҳдуди табии[11] одамон ва давлатҳои сайёраи Заминро[12] ба он водор сохтааст, ки таҳти мафҳуми мустақилияти иқтисоди: бехатарии иқтисодӣ, рақобатпазирӣ ва дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувор доштанро дар назар бигиранд. Зимнан, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои пуртазоди сиёсиву иқтисодӣ ҳамон миллате манфиатҳои худро ҳимоя карда метавонад, ки дуруст арзёбӣ намудан ва тавони истеҳсоли молу хизматрасониҳои ба рақобат тобоварро дошта бошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ новобаста аз авзои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии солҳои 1991-1992, ки ба нобасомониҳои баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ рост меомад, ба самти ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва инвеститсионӣ таваҷҷуҳи беандоза дошта, дар заминаи созишномаҳои тарафайн сатҳи ҳамкориҳоро пурзур ва доираи онро васеътар менамуд. Пойдорсозии робитаҳои беруна ва муаррифии Тоҷикистон дар симои кишвари мустақил яке аз вазифаҳои аввалияи роҳбарияти ҷумҳурӣ ва дар айни ҳол мушкилтарин масъалаи кишвар дар солҳои аввали мустақилият буд. Бино бар маълумотҳои пешина, дар ин марҳилаи муҳими таърихӣ кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ барои пайдо кардани бозорҳои муҳими савдои берунӣ кӯшиши беандоза доштанд [1]. Ҳиндустон аз зумраи он кишварҳое маҳсуб меёфт, ки пас аз барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ, 28-уми августи соли 1992 муносибатҳои тиҷоратиро бо Тоҷикистон вусъат бахшид [2, 5].

Агар ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ – иқтисодии Ҳиндустону Тоҷикистон пеш аз истқлолият нигоҳ кунем, чунин мушоҳида карда мешавад, ки муносибатҳо таърихи қадима дошта, аз сабаби дар мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ қарор гирифтани давлатҳои қадимаи тоҷикон корвонҳои тиҷоратчии ҳиндӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар корвонҳои тоҷирони давлатҳои Чин, Россия, Византия ва Рум дар шаҳрҳои тоҷикнишини Самарқанду Бухоро ва мавзеи Хатлони имрӯза бо ҳам доду гирифт мекарданд. Бо

